ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 372.8+37.02: 802.0+373
ТКБ: 74.261.7+74.202: 81.2 Анг+74.2
З - 62

ЗИКРУЛЛОҲЗОДА ФАРҲОД ЗИКРУЛЛОҲ

НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ВА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои
педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва
методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ))

Душанбе – 2026

М У Н Д А Р И Ҷ А

МУҚАДДИМА 4-21
БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ 22
1.1. Ҷанбаҳои назариявии истифодаи бозиҳои дидактикӣ, ҳамчун воситаи таълим, дар дарсҳои забони хориҷӣ..... 22-43
1.2. Технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар масъалаи дузабонӣ 43-63
1.3. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ 63-78
Хулосаи боби якӯм..... 79-87
БОБИ 2. ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАРҲИЛАИ ИБТИДОӢ 86
2.1. Имконияти бозиҳои дидактикӣ, ҳамчун намуди фаъолияти таълим, дар давраи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ .....…… 86-109
2.2. Вижагиҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ..... 109-122
2.3. Бартарияти истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун методи фаъол дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ..... 123-138
Хулосаи боби дуюм..... 139-145
БОБИ 3. ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ 146
3.1. Методология, барномаҳо ва равияҳои муосири омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ 146-161
3.2. Вижагиҳои омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ 161-191
Хулосаи боби сеюм..... 191-196
БОБИ 4. БОЗИҲОИ ЗАБОНӢ, ДАРАҶАИ АЗХУДКУНИИ ЗАБОНҲО ВА МАХСУСИЯТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ 197

4.1. Бозиҳои забонӣ ва дараҷаи истифодабарии онҳо..... 197-212
4.2. Махсусиятҳои омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ 212-224
4.3. Нақши кори мустақилона, мушкилиҳо, роҳҳои бартараф намудани онҳо ва истифодаи технологияи муосир дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ 224-256
Хулосаи боби чорум..... 256-261
БОБИ 5. ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ 262
5.1. Технологияи муосири таълими инноватсионии забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ……..……... 262-280
5.2. Таҷрибаи истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ 280-305
5.3. Таъсиси озмоиши педагогӣ ва ҷамъбасту хулосабарорӣ аз он. 305-324
Хулосаи боби панҷум ……..…….…… 324-331
Хулосаи умумӣ ва тавсияҳо 332-347
Рӯйхати адабиёти истифодашуда 348-384

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Истиқлолияти кишвар дигаргуниҳои азими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангиро ба миён овард.

Акнун омода сохтани мутахассисони баландсавия, ки тавонанд дар бозори меҳнат рақобат намоянд ва ҷумҳуриро муаррифӣ кунанд, тақозои ҷомеа аст. Ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо ин ҳодисаи азими асри XXI буда, мушкилиҳои зиёдеро барои ҳамаи кишварҳо ба миён меорад. Омода намудани мутахассисони баландихтисос ба уҳдаи Вазорати маориф аст ва маорифчиён дар замони кунунӣ бояд барои ҳал намудани мушкилиҳо омода бошанд. Дар ин масир омӯзиши забони англисӣ дар арсаи байналмилалӣ, ҳамчун забони сиёсат, иқтисод, илму фарҳанг, барои ҳамаи мутахассисон муҳим мебошад. Аниқаш бе омӯзиши забони англисӣ мутахассисон дорои салоҳияти касбӣ намегарданд. Зеро дар ҷаҳони иттилоотӣ забони англисӣ забони асосӣ ба шумор рафта, тавассути он илм, шуғл ва иттилоот аз худ карда мешавад. Маорифчиёнро лозим меояд дар замони душвор ба омӯзиши забони англисӣ муносибати ҷиддӣ намоянд ва кӯшиши ҳал намудани ин талаботро амалӣ созанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ низ ба ин масъала муносибати ҷиддӣ дорад ва пайваста доир ба ҳалли ин масъалаи муҳим ҷидду ҷаҳд менамояд. Бояд зикр намуд, ки дар сиёсати ҳукумат дар самти омӯзиши забони англисӣ ва русӣ саъю кӯшиши бештаре ҳам шуда истодааст.

Ба андешаи мо, забони англисӣ роҳро барои ҳамкорӣ бо ҷаҳони мутамаддин мекушояд. Забони англисӣ ҳам сарчашмаи иттилоот ва ҳам донишу илм буда, бо омӯхтани он уфуқҳои нави ҳамкорӣ ва фаъолият кушода мешаванд.

Дар воқеъ, дар иртибот ба инкишофи технология ва ҷаҳони иттилоотӣ соҳаҳои сиёсӣ, иқтисод ва илму фарҳанг ба донандагони

забони англисӣ, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд, ниёз доранд. Бинобар ин, Вазорати маориф ва илмро лозим меояд, ки метод, усул ва роҳҳои беҳтарину ба замона мувофиқро дар раванди таълим ҷорӣ намоянд. Зеро усулҳои анъанавии таълим бо методҳои худ дар омӯзиши забони англисӣ имрӯз чандон самарабахш нестанд. Аниқаш, усулҳои анъанавии таълим бо методи «Триадаи машҳур» фаъолият мекард, ки дар раванди он омӯзгор, хонанда ва фанни таълимӣ ширкат меварзиданд. Аз ин рӯ, истифодаи усули анъанавии таълим ба сабаби зиёд шудани сарчашмаҳои иттилоотӣ ва рушди босуръати технолоҷӣ дар замони муосир номусоид буда, зарурияти ҷустуҷӯ ва истифодаи методу усулҳои нави инноватсиониро барои омӯзиши босуръати забони англисӣ тақозо мекунад. Ин аст, ки мутахассисони соҳаҳои психологияву педагогика ва дидактикаро бояд, ки пайваста роҳу усулҳои ҷадиди омӯзиши забони англисиро ҷустуҷӯ намуда, технологияҳои инноватсионӣ ё худ роҳу усулҳои ҷадиди таълими онро пешкаши омӯзгорон намоянд.

Пӯшида нест, ки ҳоло методҳои инноватсионӣ бо истифодаи аудио, видео, мултимедия, компютер ва интернет дар омӯзиши забони англисӣ пайваста нақши назаррасро доро мебошанд. Тибқи онҳо таълим ва омӯзиш босифат гардида, самаранокӣ ва натиҷаи матлуб ба даст меояд. Методҳои инноватсионӣ, пеш аз ҳама, ба баланд шудани ҳисси шавқмандии хонандагон равона гардида, дар омӯзиши забони англисӣ натиҷаҳои дилхоҳ ҳам дода истодааст.

Мебояд таъкид намуд, ки дар иртибот ба инкишофи илмҳои педагогика психология ва дидактика раванди таълим низ рушд мекунад. Ҳамчунин, роҳу усулҳо ва методҳои нави инноватсионӣ пешниҳод гардида, дар ҷаҳони иттилоотӣ, рушди босуръати илму технология, дар

маҷмуъ, раванди таълимро ҳам дигар карда, онро ҷавобгӯйи талаботи замона месозанд.

Ҳамзамон, дар ин радиф бозиҳои дидактикӣ низ ба яке аз методҳои инноватсионӣ марбут буда, он вазифаҳои хосро дар раванди таълим иҷро карда метавонад.

Бале бозӣ як намуди фаъолияти инсон буда, дар зиндагии инсон нақши муайян ва махсусро мебозад. Мутахассисон нақши бозиҳоро дар раванди таълим хеле барвақт муайян намуда, роҷеъ ба усулҳо ва роҳҳои тарзи таъсиси онҳо дар раванди таълим тавсияҳо доданд. Аз ин лиҳоз, самарабахшии истифодаи бозиҳои дидактикӣ имрӯз дар раванди таълим этироф гардидаанду ба таври васеъ низ мавриди истифода қарор доранд.

Маълум аст, ки омӯзиши забон кори пурмашаққат буда, аз хонанда заҳмати зиёд, вақти зиёд ва саъю кӯшиши беандозаро тақозо мекунад. Дар ин ҷода вазифаи дидактика, аз ҷумла, омӯзгор дар он аст, ки ба хонандагон кумак намояд, то кӯшиш кунанд, ки ба натиҷаи ниҳоӣ бирасанд ва забонро то дараҷаи зарурӣ аз худ созанд.

Бозӣ, ҳамчун методи таълим, бо принсипи «Бозӣ карда, ёд мегирем» ҷамъбаст мешавад. Хусусиятҳои мусбати он дилхушкунанда кардани раванди таълим ва зиёд намудани шавқмандии хонандагон ба омӯзиш мебошад. Инчунин, дар раванди бозӣ вақт сарфа мегардад, вале маводи таълимӣ ба зудӣ аз худ карда мешавад. Яъне, бозӣ каммасраф буда, аммо натиҷаи самарабахш ва матлуб медиҳад. Чуноне ки мо дар таҷриба санҷидем, бозӣ ҳамчунин дар раванди омӯзиши забони англисӣ натиҷаи таълимро бо усули бозӣ – омӯзиш ба воқеияти ҳаётӣ наздик мекунад ва хонандагон худро дар вазъияти воқеӣ дида, маҳорату малака ва донишашон зиёд гардида, азхудкунии забон осону имконпазир мегардид.

Яке аз талаботе, ки хонандагонро барои азхудкунии маводи таълимӣ водор менамояд, шавқмандӣ ва майлу хоҳиши онҳо мебошад. Маҳз бозиҳо ҳисси шавқмандии хонандагонро афзоиш дода, қобилияти зеҳнӣ, истеъдод ва рағбати онҳоро ба омӯзиши забони хориҷӣ, аз ҷумла, ба забони англисӣ ҳидоят менамудааст. Аз ин лиҳоз, дилгиркунанда, хастакунанда ва якхела будани раванди таълим яке аз омилҳои манфӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошанд. Аз ин рӯ, талаботи замони муосир маорифчиёнро водор месозад, ки зимни ҳалли ин гуна омилҳои манфӣ дар доираи истифода аз имкониятҳо чораандешӣ намоянд.

Мебояд тазаккур дод, ки бозиҳои дидактикиро дар раванди таълим ва ё омӯзиши забони англисӣ ҳам дар марҳилаи ибтидоӣ ва ҳам минбаъд муттасил истифода намудан мумкин аст. Таҷрибаи шахсии мо дар донишгоҳ нишон дод, ки бозиҳо дар азхудкунии забони англисӣ натиҷабахш мебошанд. Бо ҳисси шавқмандӣ ва таваҷҷуҳи зиёд донишҷӯён ба рафти бозӣ ворид шуда маводи таълимиро аз худ намуда дониши забонии худро зиёд менамояд.

Азхудкунии забони англисӣ тақазои замон аст ва ҳамагуна усул ва методҳо, ки барои омӯзиши забони англисӣ мусоидат менамояд, мубрам мебошад.

Бозиҳои дидактикӣ, ки яке аз методҳои инноватсионӣ буда, таҳти таҳқиқу истифода қарор додани онҳо яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Паҳлуҳои назарияи умумӣ ва назариявию соҳавии мавзуъ мавриди таҳқиқ дар асарҳои бунёдии таҳқиқоти олимони рус ва аврупоӣ ҳамчун масъалаи муҳим шуморида мешавад. Дар таҳқиқоти бунёдии муҳаққиқон Абрамов А.В., Аксенова Н.В., Шепетовский Д.В., Баграмянс М.Л., Василевитская И.И., Гомза С.Х., Киселёва З.А., Божик С.Л., Кузнецова Е.П., Девятова С.А., Ханина

Е.Е., Солонова А.В., Кук В., Коил Д., Кренер Л., Елис Р. ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Масъалаи роҳҳо, методҳо ва усулҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ баррасӣ гаштаанд. Муҳаққиқон бозиҳои дидактикиро ҳамчун методи иноватсионӣ ёдовар шуда, нақши бозиҳоро дар омӯзиши забони англисӣ махсус қайд намудаанд.

Дар илми ватанӣ бозиҳои дидактикӣ як мавзуи муҳим дар соҳаи педагогика ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ буда, дар Тоҷикистон ҳам якчанд олимони маъруфи педагогӣ ва методистҳо ба таҳқиқи ин мавзуъ пардохтаанд. Дар мавриди омӯзиши бозиҳои дидактикӣ таҳқиқоти олимони тоҷик доир ба мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла усулҳои таълим, рушди малакаи забонӣ, ва истифодаи бозиҳо барои ҳавасманд кардани донишҷӯён ва кумак барои беҳтар фаҳмидани маводи омӯзишӣ равона шудааст. Муҳаққиқон: М. Лутфуллозода., И.Х. Каримова., П. Ҷамшедов., Х.Зиёӣ., Х.Г. Сайфуллоев., Ф. Шарифзода., С.З. Негматов., Ш. Додхудоев,, М.Қурбонов., Н. Абдураҳмонов., Ҳ. Маҷидова., Ҷ. Содирова., Р.Ҷумъаев., П. Лутфуллоева., Ф. Ҳасанов., М. Саидова., М.М. Исаева., Н.Ш. Каримова., М. Зоҳидов.,Ҷ. Назаров ва ғайра доир ба ин мавзуъ таҳқиқотҳо анҷом додаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии як қатор олимон ба масъалами методикаи таълими забони англисӣ бахшида шудааст: Дар таҳққиқоти диссертатсионии Авганов С.С. дар мавзуи “Масъалаҳои омодасозии омӯзгорони забони хориҷӣ дар асоси технологияи компютерӣ” таҳқиқ намудааст; Мирзоев Ш.С. дар мавзуи “Хусусиятми истифодаи технологиями компютери дар таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ” баррасӣ кардааст; Насурдинзода А.Н. “Ташаккули фарҳнги муошират дар раванди дарсҳои забони англисӣ” мавриди омузиш қарор додааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки гарчанде масъалаи гуногуни методикаи таълими забони англисӣ дар сатҳи диссертатсионӣ таҳқиқ шуда бошад ҳам, аммо, масъалаи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан камтар омӯхта шудааст ва тадқиқот доир ба ин мавзуъ то ҳол анҷом дода нашудааст. Кори мо таҷрибаи навин дар омӯзиши мавзуи мазкур мебошад.

Аз ин ру, зарурати омузиши амиқи имкониятҳои педагогии бозиҳои дидактикӣ, таҳияи методии истифодаи онҳо ва санҷиши самаранокии онҳо дар раванди таълими забони англисӣ мубрам ва асоснок мебошад.

Мавриди зикр аст, ки Леонид Семенович Виготский психологи маъруфи рус, яке аз аввалин олимон буд, ки дар таҳқиқоти педагогӣ ба аҳамияти интераксия ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар раванди омӯзиш диққат дода буд. Л.С. Виготский ба муносибатҳои иҷтимоии забон ва нақши онон дар рушд ва таълим аҳамияти хос дод. Ба гуфтаи Л.С. Виготский, амал кардани забон ва истифодаи он дар муҳити иҷтимоии муосир, ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки тафаккур ва суханронии худро рушд диҳад. Муҳаққиқ ба воситаи бозӣ ҳамчун як воситаи интегратсионӣ дар омӯзиш ишора мекунад, ки дар он донишҷӯён метавонанд бо кумаки дигарон (устодон ё ҳамкурсҳо) омӯзишро ба шакли иҷтимоии дилхоҳ ба даст оранд.

Аҳамияти раванди мувофиқати психологии маърифат дар бозӣ дар асарҳои педагогҳо ва психологҳои маъруфи солҳои гуногун инъикос гардидааст. Дар ин ҷода саҳми олимони Аврупоӣ ба мисли Дюм, Пиансе, Фром ва дигарон калон аст. Дар педагогика ва психологияи рус ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муҳаққиқони варзида ба

мисли П. П. Блонский., Д. Б. Элконин., О. С. Гасман., С. А. Шманов ва дигарон дар ин мавзуъ нақши назаррас гузоштаанд.

Муҳаққиқи соҳаи педагогика Исаак Яковлевич Лернер, дар омӯзишҳои худ ба аҳамияти муносибат ва ҳамоҳангии методологияи таълимӣ ба махсусиятҳои шахсияти донишҷӯён аҳамият додааст. Лернер тарзи муайян кардани вазифаҳоро дар муколамаҳои таълимӣ баррасӣ карда, таъкид ба амал меорад, ки бозиҳо на танҳо як воситаи эҷодӣ, балки як воситае барои фаҳмидани мушкилот ва мавзуъҳои грамматикӣ ҳастанд. Ба гуфтаи Лернер: Таълими забонҳои хориҷӣ бояд бо истифодаи методҳое, ки донишҷӯёнро дар муҳити хушҳолона ва интерактивӣ ба омӯзиши забон ва фарҳанг фаро мегиранд, ба роҳ монда шаванд.

Муҳаққиқ Д.В. Шепетовский зикр ба амал овардааст, ки «бозии дидактикӣ фаъолияти дастҷамъонаи таълимӣ аст, ки дар он ҳар як иштирокчӣ барои ҳал кардани супориши асосӣ ва ғолибият ба даст овардан сайъ мекунад. Бозиҳои дидактикӣ на танҳо ба ташаккули фаъолияти фикриву нутқии хонандагон муосидат мекунад, балки воситаи муҳимест барои ташкили муҳити муоширатӣ. Омӯзгор тавассути чунин бозиҳо фазоеро эҷод мекунад, ки ба муошират воқеӣ наздик аст. Чунки дар шароити муассисаҳои таълимӣ вақт барои таҷрибаи амалии забон маҳдуд аст. Аз ин хотир ба омӯзгор лозим меояд фазои мусоидеро барпо кунад, ки раванди таълимро шавқовару таъсирбахш намояд, то ки ба ангеза ва ҳолати эмотсионалии хонандагон таъсири мусбат бахшад».

Дар илми педагогикаи муосир то ҳол таснифоти бозиҳо дар омӯзиши забони англисӣ аниқ нагардидааст.

Асарҳои муҳаққиқон (Ж. Пиаже., П. П. Болонский., Н. П. Аникиева., Л. С. Виготский., Д. Б. Элконин., С. А. Рубинштейн., ва А. В.

Усова)-ро таҳлил намуда, чунин намудҳои таснифоти бозиҳоро муайян намудан мумкин аст:

– аз рӯйи намуди фаъолияти шифоҳӣ барои таълими шунавоӣ, гуфтор, навиштан ва хондан;

– аз рӯйи фаъолияти серҳаракатӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, таълимӣ, тамринӣ, назариявӣ, ҷамъбастнамоӣ, тарбиявӣ, эҷодӣ, муоширатӣ, муколамавӣ, рушддиҳанда, касбинтихобкунӣ;

– аз рӯйи хусусияти методикаи бозӣ, ашёӣ, сужетӣ, нақшофарӣ, расмӣ, тақлидӣ, драмавӣ. Яке аз ҷанбаҳои асосии бозиҳои дидактикӣ нақшбозӣ ва тақлид кардан ба фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, яъне фаъолияти бозиро тибқи амсила ба роҳ мондан. Ин гуна бозиҳо на танҳо дорои ҳадафҳои маърифатианд, балки дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон нақши назаррас бозида, дар онҳо ҳиссиёти мусбатро нисбат ба таълим бедор мекунанд.

Бояд махсус қайд намоем, ки бозиҳои дидактикӣ ва супоришҳои ба бозӣ алоқаманд усули самарабахши таълим маҳсуб меёбанд. Хонандагон маводи азхудкардаи худро дар вазъияти ба воқеият наздик истифода менамоянд ва хоҳ-нохоҳ ба инкишофи ташаббуси нутқӣ мусоидат намуда, майлу рағбати табиии коммуникативиро афзоиш медиҳад.

Таҳқиқот нишон дод, ки омӯзиши забони англисӣ аз донишҷӯён талоши зиёд ва аз омӯзогорон заҳмати фаровон дар истифодаи технологияи инноватсионӣ ва равишҳои эҷодӣ дар таълимро талаб мекунад, Ин равишҳо барои ҷустуҷӯйи усулҳои нав, ошно намудани хонандагон бо унсурҳои салоҳиятнокӣ ва омӯхтани эҷоди лоиҳаҳои мақсаднок ва рӯнамоиҳои касбӣ, ки барои рушди тафаккури мантиқиву интиқодии донишандӯзон мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, рисолаи илми таҳти унвони “Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ ва муссисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ” муайян карда шуд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраҳои забонҳои хориҷӣ, педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара барои солҳои 2023-2026 таҳия гардидааст. Мавзуи таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки рушди таҳсилоти олии касбӣ мутобиқ буда, бо ҳадафу ваҳифаҳои барномаҳои илмӣ ва стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг мебошад. Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот ба муқаррароти “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки ба баланд бардоштани сифати таҳсилот равона шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба ҳадафҳои “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” мутобиқат дошта, масъалаҳои такмили таълими озӯзиши забони англисӣ ва рушди қобилияти коммуникативии донишҷӯёнро дар бар мегирад.

Натиҷаҳои таҳқиқот бо барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, консепсияи такмили таълими забонҳои хориҷӣ ва мавзуъҳои илмии кафедра оид ба такмили методикаи таълими забони англисӣ алоқаманд буда, метавонанд дар таҳияи тавсияҳои методӣ, такмили раванди таълим ва баланд бардоштани сифати омӯзиши забони англисӣ гарданд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот дар омӯзиш ва нишон додани аҳамияти бозиҳои дидактикӣ, муайян намудани роҳу усулҳои самарабахши истифодаи онҳо дар дар раванди омӯзиши забони англисӣ ифода ёфтааст.

Вазифаҳои таҳқиқот иборатанд аз:

– омӯзиши назариявии нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ;

– таҳлили назариявӣ ва амалии роҳҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ;

– ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва таҳлили маводҳои лозимӣ оид ба нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ;

– интихоби усулҳои дидактикӣ барои истифодаи бозиҳо дар таълими забони англисӣ;

– таҳқиқ ва таҳлили натиҷаҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқотро муайян кардани роҳҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ ташкил мекунад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот таҳлил ва омӯзиши нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муссисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ муқаррар шудааст.

Фарзияи таҳқиқот. Таҳқиқи масоили пажӯҳишгардида имкон дод, ки фарзияҳои зерини таҳқиқотро пешниҳод намоем. Бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ чунин нақш мебозанд:

– бозиҳои дидактикӣ дар таълим ба таври васеъ истифода мегарданд;

– бозиҳо дар раванди таълим нақши мусбат гузошта вазифаҳои таълимиро иҷро менамоянд;

– бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълим вазифаҳои муҳимро иҷро менамоянд ва дар омӯзиши забони англисӣ низ нақши бориз доранд;

– вобаста ба синну сол ва марҳилаҳо омӯзиши забони англисӣ дар бозиҳо мавриди истифода қарор гирифта метавонад;

– муносибати дуруст, оқилона ва бомаҳорат аз тарафи омӯзгор дар мавриди истифодаи бозиҳо дар омӯзиши забони англисӣ ба натиҷаи назаррас меорад;

интихоб ва истифодаи босамари бозиҳо зимни таълими забони аглисӣ натиҷаи матлуб хоҳад дод:

– эътироф намудани бозиҳои дидактикӣ ҳамчун усули нави таълим ва истифодаи онҳо дар раванди таълим;

– истифодаи бамаврид ва бамавқеи бозиҳои дидактикӣ вобаста ба синну сол ва дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи хонанда омӯзиши забони англисиро имконпазир мегардонад.

Марҳилаҳои асосии таҳқиқот. Таҳқиқот дар се марҳилаи ба ҳам алоқаманд, ки мазмун ва муҳтавои худро дорад, сурат гирифтааст.

Марҳилаи якум (2023-2024) ҷамъоварии маводи назариявӣ, омӯзиши амалӣ ва қиёси маводи назариявиро дар бар мегирад.

Дар **марҳилаи дуюм** (2024-2025) таҳқиқи ҳаматарафа бурда шуд ва натиҷаи он имкон дод, ки консепсияи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намоем. Ҳамчунин, асоси методологии кор дар ин раванд муайян карда шуд. Дар марҳилаи мазкур озмоишҳо ба нақша гирифта шуда, ҳамоно иҷро гардиданд, интихоби методҳои таҳқиқотӣ анҷом дода шуд.

Дар **марҳилаи сеюм** (2025-2026) таҳқиқоти озмоишӣ иҷро гардид, марҳилаи маводҳои озмоишӣ ва назариявӣ анҷом дода шуд. Ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омадаро ба итмом расонида, тавсияҳо, пешниҳодҳо доир ба роҳҳо, усулҳо, методҳои истифодабарии бозиҳои дидакикӣ дар омӯзиши забони англисӣ пешниҳод гардидаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори педагогҳо, психологҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди давлатҳои мутақил (ИДМ) доир ба назария, методҳо, технологияҳо, роҳҳо ва усулҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ ташкил доданд. Матолиби мунташиршуда, хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия оварда шуданд, бо муносибати системавӣ, консепсияи ташхиси психологиву педагогӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунад. Онҳо, инчунин, бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллифи диссертатсия тасдиқ карда шуданд.

Асосҳои методологии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки назария ва амалияи таълими забонҳои хориҷӣ, равиши коммуникативӣ, равиши фаъолияти таълимӣ ва истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ такя менамоянд. Дар таҳқиқот принсипҳои илмият, низомнокӣ, пайдарпайӣ, фаъолиятнокӣ, дастрасӣ ва ба шахсияти хонанда нигаронидашуда ҳамчун асоси методологӣ истифода мешаванд.

Ҳангоми анҷом додани таҳқиқот аз усулҳои зерин истифода бурда мешавад:

– таҳлили адабиёти илмӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи истифодаи бозиҳои дидактикӣ;

– таҳлил ва муқоисаи таҷрибаи омӯзгорон дар таълимӣ забони англисӣ;

– мушоҳидаҳои ҷараёни таълим;

– суҳбат ва пурсиш бо омӯзгорон ва хонандагон;

– таҷрибаи педагогӣ (эксперимент);

– таҳлили натиҷаҳои таълим ва коркарди омории маълумоти бадастомада.

Хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар рисола тавсия дода шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ-психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунанд. Онҳо инчунин бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии кори муаллифи рисола тасдиқ шудаанд.

Сарчашмаҳои таҳқиқот. Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқот хизмат карданд:

1. Омӯзиши адабиёти илмӣ, педагогиву психологӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ғояҳо ва ақидаҳои олимони тоҷик, рус, Аврупо ва тамоми Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) дар соҳаи педагогика, психология оид ба нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ.

3. Асарҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони муосири Тоҷикистон, Аврупо, Русия ва мамлакатҳои ИДМ вобаста ба мавзуъ, ақидаҳои дар рӯзномаву маҷаллаҳо, маърузаи конференсияҳо, захираи электронӣ ва сайтҳои интернетӣ, ки ба масъалаи таҳқиқоти мо бахшида шудаанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси се хусусияти таҳқиқоти диссертатсионӣ – аксуламалӣ, назариявӣ, монографии мутобиқ ба ин хусусиятҳо ва усули мантиқии таҳлили мафҳумҳо, таърифи мафҳумҳои бунёдӣ, методҳои мантиқию гносеологии таносуби ҳаҷм ва мундариҷаи мафҳумҳо, категорияҳо, усулҳои умуминазариявии таҳлил ва синтез, мушаххаскунӣ, ҷамъбасткунӣ, умумикунонию ҳамоҳангсозӣ, шакливазкунию тағйирдиҳӣ, усули гузариш аз мафҳумҳои умумӣ ба мафҳуми мушаххас, усулҳои таҷрибаи фикрӣ ва таҳқиқоти монографӣ ташаккул ёфтаанд.

Дар баробари заминаҳои эмпирикии мазкур ҳангоми ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот унсурҳои таҳлили мундариҷаи матн (контент-анализ), методи арзёбии коршиносон, маводҳои ба нақшагирии самаранокии таҷрибаҳо, назарпурсӣ, суҳбат, таҳлили натиҷаи таҷрибаҳо, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз ҷумла санҷиши хулосаҳои таҳқиқоти монографӣ дар амал мавриди истифода қарор дода шуданд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди факултетҳои филология ва рӯзноманигорӣ ва идораи давват ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара дар давоми солҳои 2023 – 2026 иҷро шудааст. Дар раванди корҳои таҷрибавию озмоишӣ 160 нафар донишҷӯён ширкат доштанд, ки аз инҳо 80 нафар донишҷӯёни тахассусӣ ва 80 нафар донишҷӯёни ғайритахасусиро дар бар гирифт.

Навгонии илмии таҳқиқот дар бандҳои зайл ифода меёбад:

✓ аввалин маротиба аз диди назариявӣ ва амалӣ роҳҳо, усулҳо, методҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар ҳамаи марҳилаҳои омӯзиши забони англисӣ таҳқиқ гардида, тавсияҳои муфид баррасӣ мешаванд;

✓ салоҳиятҳои муоширатии донишҷӯйн дар такя ба технологияи истифодашуда бозиҳои дидактикӣ, усулҳои мубоҳисаву муколама, сӯҳбатҳо, фаъолиятҳои гурӯҳӣ ташаккул ёфт;

✓ бозиҳо ба хонандагон имконият дод, ки онҳо малакаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикиро дар шароити воқеӣ, бо истифода аз таълимоти амалии забон аз худ кунанд;

✓ зимни омӯзиши забони англисӣ дар марҳилаи ибтидоӣ тавсияҳо ва усулҳои истифодаи бозиҳо барои ташаккули қобилиятҳои коммуникативии хонандагон муайян гардидаанд;

✓ роҳҳо ва методҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд;

✓ Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар шароити муасстсаҳои таҳсилоти олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд;

✓ роҳҳои бартараф кардани мушкилоти омӯзиши забони англисӣ зимни истифодабарии бозиҳои дидактикӣ бо такя ба натиҷаи таҳқиқот пешниҳод карда шуд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. асосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ таҳлил гардида, ҷойгоҳ ва нақши онҳо ҳамчун воситаи муассири ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон муайян карда шудааст;

2. муайян карда шудааст, ки истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳавасмандии таълимӣ, фаъолияти маърифатӣ ва иштироки фаъоли хонандагонро дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ ба таври назаррас баланд мебардорад;

3. модели педагогии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои забони англисӣ таҳия гардидааст, ки мақсад, мазмун, принсипҳо, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои татбиқи онҳоро дар бар мегирад;

4. шаклҳои педагогии самаранокии истифодаи бозиҳои дидактикӣ муайян гардидаанд, аз ҷумла мутобиқати бозиҳо ба сину сол ва сатҳи забондонии хонандагон, мақсади дарс ва муҳити таълимӣ;

5. маҷмӯи бозиҳои дидактикӣ барои рушди малакаҳои шунидан, гуфтор, хондан, навиштан, инчунин азхудкунии луғат ва сохторҳои грамматикӣ таҳия ва аз ҷиҳати таҷрибавӣ санҷида шудааст;

6. дар асоси натиҷаҳои озмоиши педагогӣ исбот кардидааст, ки истифодаи мунтазами бозиҳои дидактикӣ ба баланд гардидани сатҳи дониш, ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва рушди тафаккури эҷодии хонандагон мусоидат мекунад;

7. салоҳиятнокии технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ таввасути таҳлили муқоисавии натиҷаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ асоснок гардида, бартарии он нисбат ба усулҳои анъанавии таълим собит шудааст;

8. тавсияҳои илмию методӣ оид ба истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ таҳия шудаанд, ки метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии омӯзгорӣ, инчунин дар тактили ихтисоси омӯзгорон татбиқ гарданд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки асосу тавсияҳои назариявӣ-методии коркардшуда оид ба роҳҳо, усулҳо, технологияю методҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ фазои мусоиди омӯзиши забони англисиро дар муассисаҳои таълимӣ, дар ҳама марҳилаҳои омӯзиши забони англисӣ муҳайё менамояд.

Хулоса ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия дода мешавад, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи педагогию психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя намуда, ҳамчунин, бо корҳои озмоишӣ-таҷрибавии муаллифи риола тасдиқи худро ёфтанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Қоидаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсият ёфтаанд, бо методологияи муносибати системавии консепсияи илмии ташхисӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунад. Онҳо, инчунин, бо кори озмоишии таҷрибаи шахсии кори муаллифи диссертатсия тасдиқ карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои дисертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби унвон дар таҳлили ҳамҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурустии натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ: дар истифодаи маҷмуи усулҳо, роҳҳо, методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳияи, нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷа, дар таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ зуҳур меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти моро дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муссисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» масоили зикршуда муайян мекунад. Коркарди назариявӣ ва амалии истифодабарии роҳҳо, усулҳо ва методҳои истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар ҳама марҳилаҳо тақозои замон мебошад.

Натиҷаи таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавриди зерин дар рафти гузориши корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи роҳҳо, методҳо ва технологияи истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ, дар ҷаласаҳо, семинарҳои илмӣ-амалии кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлаии Данғара, зимни баромадҳою суханрониҳо дар конференсияҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ,

байналмилалӣ ба даст оварда шудаанд. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлаии Данғара якчанд маротиба баррасӣ гашта, дар семинарҳо, мизҳои мудаввар ба таври васеъ пешниҳод шуданд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 20 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 17 номгӯйи онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат намуда, аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, феҳристи адабиёт, ҷадвал иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 384 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

1.1. Ҷанбаҳои назариявии истифодаи бозиҳои дидактикӣ, ҳамчун воситаи таълим, дар дарсҳои забони хориҷӣ

Бозӣ як раванди табииест, ки инсонро дар тамоми марҳилаҳои ҳаёт ҳамроҳӣ мекунад. Дар кӯдакӣ инсон бозӣ мекунад, дар мактаб бозиҳоро омӯхта, бо ёрии бозӣ дониш ва маҳорати худро такмил медиҳад. Воқеан, дар илми умумибашарӣ, мавзуи бозӣ ҳамчун масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки солҳои зиёд дар атрофи бозиҳо муҳаққиқон таҳқиқот бурда истодаанд.

Бозӣ як усули фаъол барои аз худ кардани мақсадҳо ва вазифаҳои таълимӣ аст. Он роҳи шавқовар ва ҳавасмандкунандаи хонандагон ба фаъолият дар раванди таълим ба шумор меравад. Бо ёрии бозӣ хонандагон дониш ва малакаҳои заруриро ба даст оварда, қобилиятҳои муоширатии худро инкишоф медиҳанд ва дар раванди омӯзиш маводи навро аз худ мекунанд, дар вазъияти ғайримуқаррарӣ фаъолият бурда, фонди луғавии худро бой мегардонанд, қобилиятҳои эҷодии худро ташакул медиҳанд. Бозӣ ба дар хотир ҳифз намудани иттилоот, ислоҳи хатоиҳо ва афзоиш додани ҳавасмандии хонандагон мусоидат мекунад. Ҳатто хонандаи камфаъол низ саргарми бозӣ мешавад ва донишу маҳоратро соҳиб мегардад.

Дар вақти бозӣ хонандагон диққатнокӣ, мустақилона фикр карданро омӯхта, ҳавасмандиашон нисбат ба омӯзиш меафзояд Бозӣ, инчунин, ба хонандагон шароит фароҳам меорад, то ки шиддатнокии эҳсосиро коҳиш дода, дар омӯхтани забонҳои хориҷӣ, қобилияти муоширатии худро ба маротиб инкишоф диҳанд.

Дар дарси забони хориҷӣ бозӣ вазифаҳои: фориғболӣ, муоширатӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, психологӣ, инкишофдиҳанда ва ғайраро иҷро менамояд.

Фаъолияти бозӣ дар дарсҳо метавонад дар шакли муқаддима, шарҳдиҳӣ, машқ, мустаҳкамкунӣ, назорати маводи таълимӣ ва лаҳзаи фориғболӣ ба роҳ монда шавад. Он ҳамчунин барои мустақилона коркард намудани маводи таълимӣ усули беҳтарин ба шумор меравад. Бозӣ ҳам дар дарс ва ҳам дар чорабиниҳои беруназдарсӣ ба кор бурда мешавад.

Чӣ гуна нақш доштани бозӣ аз чӣ қадар ҷудо кардани вақт барои он, аз омодагирии хонандагон барои азхудкунии маводи таълимӣ, мақсад ва шароити дарс вобаста аст.

Бозӣ дар раванди дарс барои иҷрои вазифаҳои зерини методӣ истифода мегардад:

– хонандагонро барои муошират омода месозад;

– муҳайё намудани муҳити воқеӣ барои такрори маводи забонӣ;

– ба хонандагон барои таҷриба ҳосил кардан дар интихоби сохторҳои нутқӣ ва омӯхтани нутқи равону таъсирбахш мусоидат менамояд.

Ҳар як шахс «вожаи бозӣ»-ро ҳамчун сарчашмаи мускат, шавқу ҳавас ва муошират осон қабул мекунад. Дар рафти бозӣ қобилияти идрок рушд ёфта, фаҳмиши иттилооти нав осон мегардад ва рағбати маърифатии кӯдакон меафзояд.

Бозии дидактикӣ ба мисли дигар намудҳои бозӣ фаъолияти мустақилона буда, мақсади таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Он ҳамчун технологияи таълим хусусиятҳои фаъолияти хонандагон, иштироки фаъоли онҳоро ифода менамояд. Ба воситаи бозии дидактикӣ донишандӯзон иттилооти навро дар шакли бозӣ, ки дорои эҳсосоти

мусбат аст, ба таври самаранок аз худ мекунанд ва ҳавасмандии маърифатии онҳо инкишоф меёбад.

Бар зами ин, бозии дидактикӣ як навъи таълимест, ки дар он хонанда дар як вақт ҳам меомӯзад ва ҳам бозӣ мекунад. Он яке аз усулҳои муассири педагогӣ ба шумор рафта, ба густариш, дарк ва таҳкими донишҳо равона карда мешавад. Ба ақидаи олимон, бозии дидактикӣ: «Ин намудҳои гуногуни бозӣ бо қоидаҳои махсусе мебошад, ки бо мақсади таълиму тарбия барои иҷрои фаъолияти педагогӣ татбиқ карда мешавад» [68, с. 81].

Бозии дидактикӣ, агарчанде барои ҳалли вазифаҳои таълимӣ истифода шавад ҳам, вале дар худ мақсади тарбия намудани хонанда ва ташаккул додани шахсияти ӯро бархӯрдор мебошад.

Моҳияти бозиҳои дидактикӣ дар он ифода меёбад, ки: «дар ҷараёни бозӣ вазифаҳои зеҳнии ба шакли ҷолиб ва шавқовар пешниҳод гардидаро мустақилона ҳал менамояд. Дар раванди бозӣ онҳо на танҳо роҳҳои ҳали супоришҳоро меҷӯянд, балки мушкилиҳои пешомадаро низ бартараф месозанд ва маҳорати фикрронии худро инкишоф медиҳанд» [353, с. 15].

Қобили зикр аст: «истифодаи бозиҳои дидактикӣ ба хонандагон имкон медиҳад маълумоти гирифтаашонро ба таври осон аз худ намоянд, зеро дар ҷараёни бозӣ онҳо худро озод эҳсос мекунанд, ки ин ба баланд шудани фаъолнокӣ ва қобилияти фаъолияти зеҳниашон мусоидат менамояд» [374, с. 22].

Муҳаққиқ Д.В. Шепетовский зикр ба амал овардааст, ки «бозии дидактикӣ фаъолияти дастҷамъонаи таълимӣ аст, ки дар он ҳар як иштирокчӣ барои ҳал кардани супориши асосӣ ва ғолибият ба даст овардан сайъ мекунад.

Бозиҳои дидактикӣ на танҳо ба ташаккули фаъолияти фикриву нутқии хонандагон муосидат мекунад, балки воситаи муҳимест барои ташкили муҳити муоширатӣ. Омӯзгор тавассути чунин бозиҳо фазоеро эҷод мекунад, ки ба муошират воқеӣ наздик аст. Чунки дар шароити муассисаҳои таълимӣ вақт барои таҷрибаи амалии забон маҳдуд аст. Аз ин хотир ба омӯзгор лозим меояд фазои мусоидеро барпо кунад, ки раванди таълимро шавқовару таъсирбахш намояд, то ки ба ангеза ва ҳолати эмотсионалии хонандагон таъсири мусбат бахшад» [4, с. 481].

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолияти таълими хонандагонро гуногунранг ва диққатҷалбкунанда гардонад, сатҳи ҳавасмандии онҳоро ба забономӯзӣ баланд намояд.

Гузаронидани чунин бозиҳо боиси ҳамоҳангии рушди зеҳнӣ, ахлоқи ва эмотсионалии кӯдакон мегардад, зеро онҳо дар ҷараёни бозӣ на танҳо малакаҳои забонӣ, балки қобилиятҳои шахсии худро низ рушд медиҳанд.

Бозиҳои дидактикӣ дар раванди омӯзиш ба ҳалли супоришҳои таълимӣ нигаронида шуда, ба мавзуъҳои мушаххаси барномаи таълимӣ пайванд мегардад. Ин гуна бозиҳо на танҳо вазифаҳои методӣ, балки проблемаҳои психологиро низ ҳал менамоянд. Аз ҷумла:

- хонандагонро барои фаъолияти нутқӣ ва муошират омода месозанд;
- барои такрори чандинкаратаи маводи забонӣ ва таҳкикми он дар фазои муоширати воқеӣ имкон фароҳам меоранд;
- ба хонандагон имкон медиҳад, ки намунаҳои муносиб ва мақсадноки нутқро интихоб намоянд;
- ба омодагии хонандагон барои ташаккули нутқи равонӣ дар ҳолатҳои воқеӣ мусоидат мекунанд;

фазои мусоиди психологиеро, ки дар он хасташавӣ ва шиддатнокии равонӣ коҳиш меёбад, фароҳам меоваранд [254, с. 214].

Ба ақидаи олимон: «Фаъолияти бозӣ ба донишу малакаи азхудкардаи хонандагон такя намуда, ин донишҳоро барои ҳалли оқилона ва самараноки масъалаҳо равона мекунад. Илова бар ин, чунин фаъолият ба рушду такомули маҳорати хударзёбии интиқодӣ ва арзёбии дигарон мусоидат менамояд» [5, с. 133].

Зимни корбарии бозиҳои дидактикӣ омӯзгор ба хотири фаъол намудани раванди омӯзиш ва маърифатнокии хонандагон, баланд бардоштан ҳавасмандии онҳо ба таълим шартҳои зеринро ба эътибор мегирад:

– бархӯрдор будани хонандагон бо теъдоде аз донишҳои забони хориҷӣ;

– доштани малакаи фаъолияти таълимии бозӣ;

– дарк намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои бозиҳои дидактикӣ;

– мувофиқати ҷузъҳои бозӣ ба синну соли хонандагон;

– дарки моҳияти таълимии бозии дидактикӣ аз тарафи хонандагон;

– мавҷудияти рефлексия;

– пас аз анҷоми бозӣ ба дарки донишҳои аз худкарда сарфаҳм рафтани хонанда [12, с. 51].

Технологияи бозӣ бештар дар байни хонандагони хурдсол мавриди истифода қарор мегирад. Лекин истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсил натиҷабахшанд.

Дар муассисаҳои таҳсилотӣ бозиҳо вобаста ба синну соли хонандагон аз якдигар фарқ мекунанд. Хусусиятҳои фарққунандаи онҳо инҳоянд:

– мақсаднокӣ;

– ахборотӣ;

– муоширатӣ;

– муаррифии натиҷа;

– рақобатнокӣ;

– эҷодкорӣ;

– хоҳишмандӣ

– фаъолияти дидактикӣ;

– қоидаҳо;

– натиҷаи ниҳоӣ [366, с. 24].

Вобаста ба хусусиятҳои бозиҳои дидактикӣ метавон гуфт, ки «бозиҳо яке аз усулҳои муассири шавқманд кардани хонандагон дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ маҳсуб меёбанд. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ омодагии хонандагонро нисбат ба муошират бештар менамояд, ҳамчунин дар хонандагон фарҳанги муошират ва маҳорату малакаи кор кардан дар коллективро ташаккул медиҳад» [17, с. 21].

А.И. Соркина қайд менамояд, ки: «Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун яке аз усулҳои самарабахши таълими фаъол ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки раванди фаҳмонидани маводи таълимиро ба таври натиҷабахш ба роҳ монанд, вақти зиёдеро, ки барои шарҳи мустақими мавод харҷ мешуд, сарфа намоянд. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар васеъ гардонидани ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти маърифатии хонандагон нигаронида шуда, барои ташаккули маҳорату малакаи умумитаълимӣ ва тафаккури маърифатии онҳо нақши калидӣ мебозад» [217, с. 20].

Маҳорату малакаҳои ташаккулёфта дар раванди бозиҳои дидактикӣ на танҳо барои иҷрои супоришҳои таълимии амалӣ муҳим мебошанд, балки дар рушду инкишофи қобилиятҳои умумитаълимӣ ва меҳнатӣ низ саҳми назаррас доранд. Аз ин лиҳоз, бозиҳои дидактикӣ

танҳо унсури ёрирасонӣ таълимӣ набуда, балки хонандагонро фаъол намуда, фароҳам овардани муҳити фаъоли таълимро таъмин менамояд.

Ба андешаи коршиносони соҳа, бозиҳои дидактикӣ дорои хусусиятҳое мебошанд, ки онҳоро аз дигар шаклҳои фаъолиятҳо фарқ мекунонад. Чунончи:

а) бозиҳои дидактикӣ озод ва кушодаанд, натиҷаи онҳо пешгӯйӣ карда намешавад;

б) бозиҳои дидактикӣ хусусияти такроршавандагӣ доранд ва шуруи онҳо дар ягони вақти мувофиқ имконпазир мебошад;

в) раванди бозиҳои мазкур тавассути қоидаҳои муайян танзим карда мешаванд ва ширкаткунандагон ин қоидаҳоро тағйирот дода метавонанд;

г) бозиҳои дидактикӣ дар хонандагон ҳиссиёти қаноатмандӣ, шавқу завқро бедор менамоянд.

Ба ақидаи А.И. Соркина: «Бозиҳои дидактикӣ дар муҳити фаъоли таълим на танҳо ҳамчун унсури ёрирасони педагогӣ, балки ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълими инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Хусусияти фарққунандаи чунин бозиҳо дар он аст, ки онҳо бомақсад, тибқи нақша ва бо ҳадафҳои таълимӣ барпо карда мешаванд. Умуман, онҳо ҳамчун бозиҳои махсуси таълимӣ ба роҳ монда шуда, дорои натиҷаҳои интизории муайян мебошанд» [217, с. 31]

Чуноне ки дар боло қайд кардем, бозиҳои дидактикӣ аз ҷиҳати давомнокии вақт маҳдудият доранд. Бо вуҷуди маҳдудияти вақти баргузорӣ самаранокии бозиҳои дидактикӣ ба сифати маводи барои бозӣ тартибдодашуда вобаста аст, он бояд ба самти таълимии фаъолияти бозӣ равона бошад. Дар доираи чунин бозиҳо фаъолияти гуногунҷабҳаи хонандагон мушоҳида мегардад. Масалан: андешаронӣ, ҳиссиёт, изтироб, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли супоришҳо, мутобиқшавӣ ба шароит

ва фишорҳои бозӣ. Ҳамаи ин ҳолатҳо дар маҷмуъ муҳити таълимии пурмазмунро эҷод менамоянд.

Қобил ба зикр аст, ки А.И. Соркина, «истифодаи бозиҳои дидактикиро ба ҷалби бештари хонандагон ба раванди таълим, махсусан, хонандагони камфаъол мусоидат менамояд. Дар марҳиалаи аввали тавассути ҷалб шудан ба бозӣ шавқу завқи хонандагон ба фаъолият бедор мешавад ва тадриҷан таваҷҷуҳи онҳо ба омӯзиш, бахусус омӯзиши забони англисӣ афзоиш меёбад. Дар натиҷа қобилияти дар амалия татбиқ намудани донишҳои андӯхтаашон ташаккул меёбад, яъне фаъолияти таълимии бо бозӣ ташкилкардашуда барои хонандагон маърифатӣ ва таъсирбахшу хотирмон мегардад» [217, с. 57].

Дар илми педагогикаи муосир то ҳол таснифоти бозиҳо дар омӯзиши забони англисӣ аниқ нагардидааст.

Асарҳои муҳаққиқон (Ж. Пиаже., П. П. Болонский., Н. П. Аникиева., Л. С. Виготский., Д. Б. Элконин., С. А. Рубинштейн., ва А. В. Усова)-ро таҳлил намуда, чунин намудҳои таснифоти бозиҳоро муайян намудан мумкин аст:

– аз рӯйи намуди фаъолияти шифоҳӣ барои таълими шунавоӣ, гуфтор, навиштан ва хондан;

– аз рӯйи фаъолияти серҳаракатӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, таълимӣ, тамринӣ, назариявӣ, ҷамъбастнамоӣ, тарбиявӣ, эҷодӣ, муоширатӣ, муколамавӣ, рушддиҳанда, касбинтихобкунӣ;

– аз рӯйи хусусияти методикаи бозӣ, ашёӣ, сужетӣ, нақшофарӣ, расмӣ, тақлидӣ, драмавӣ.

Яке аз ҷанбаҳои асосии бозиҳои дидактикӣ нақшбозӣ ва тақлид кардан ба фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, яъне фаъолияти бозиро тибқи амсила ба роҳ мондан. Ин гуна бозиҳо на танҳо дорои ҳадафҳои маърифатианд, балки дар ташаккули ҷаҳонбинии

хонандагон нақши назаррас бозида, дар онҳо ҳиссиёти мусбатро нисбат ба таълим бедор мекунанд.

Зоҳиран, барои гузаронидани бозиҳои тақлидӣ ва амсилавӣ вақти зиёд, омодагирӣ ва таҳлили муфассали натиҷаҳо лозим мешавад. Бозиҳои дидактикӣ бо хусусиятҳои худ аз дигар намудҳои фаъолияти таълимӣ фарқ мекунанд. Ин фарқият на танҳо дар мазмуни фаъолият, балки дар ҷиҳати ташкилу идораи бозӣ, инчунин ҳамкориҳои байни хонандагон ва омӯзгорон ва нақши онҳо дар ин ҳамкорӣ низ зоҳир меёбад.

Тибқи силсилаи бозиҳои муосири таълимӣ зиёда аз 500 намуд бозиҳои дидактикӣ ёдоварӣ мешаванд. Бо вуҷуди он, то ба ҳол системаи аниқи таснифи бозиҳои мазкур таҳия нашудааст. Дар бештари маврид онҳоро аз рӯйи супоришҳои таълимӣ ва тарбиявӣ гурӯҳбандӣ мекунанд. Зери ин таснифот намудҳои зерин ҷой дода шудаанд:

– бозиҳои шифоҳӣ;

– бозиҳои тарбиявии эмотсионалӣ;

– бозиҳо бо мақсади шиносоӣ бо табиат ва ашёҳо;

– бо бозичаҳои таълимӣ;

– бозиҳои рӯйимизӣ;

– бозии ҷобаҷокунии ҳарфҳо;

– бозиҳои сужетӣ [372, с. 32].

Ин таснифот самти таълимии бозиҳоро фаро гирифта, онҳоро шартан ба гурӯҳҳое, ки самтҳои гуногуни фаъолияти хонандагонро ташаккул медиҳанд, ҷудо кардан мумкин аст. Чунончи:

– бозӣ – сайёҳат;

– бозӣ – супориш;

– бозӣ – чистон;

– бозӣ - муколлама;

– бозӣ – мусоҳиба;

– бозии пешгӯйикунӣ.

Бозӣ – сайёҳат ҳодисаву рӯйдодҳои воқеиро ба таври шавқовару ғайримуқаррарӣ инъикос мекунад. Дар ин бозӣ хонандагон тавассути саволҳои ҳаяҷоновар ва инкишофдиҳанда донишҳои навро аз худ мекунанд. Мақсади ташкил намудан ичунин бозӣ ҷалби хонандагон ба муҳити атроф, пайдо кардани таассурот ва иҷро намудани супоришҳои таълимӣ мебошад. Иштирок дар бозии сайёҳат на танҳо шавқу завқи иштирокчиёнро зиёд мекунад, балки дар ҳаллу фасли проблемаҳои таълимӣ, кумак мерасонад, роҳҳои ноил гаштан ба муваффақиятҳоро меомӯзад [258, с. 300].

Бозӣ-супориш низ хусусиятҳои бозии сайёҳатро бархӯрдор аст, вале он бештар кор бо ашёҳо, бозичаҳои дидактикӣ, супоришҳои шифоҳиро дар бар мегирад. Ин намуди бозӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки донишашро ба шароити воқеӣ мутобиқ намуда, робитаҳо ва пайвандҳоро дарк кунад.

Бозӣ – чистон таърихи қадима дорад ва то имрӯз моҳияти худро гум накарда, ҳамчун воситаи дидактикӣ истифода мешавад. Хусусияти муҳими ин бозиҳо дар мантиқи онҳо аст ва он ба рушди тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил ва хулосабарорӣ мусоидат менамояд [256, с. 222].

Бозӣ-муколама (сӯҳбат) усули хеле фаъолу самарабахши таълим ба шумор меравад. Муколама шакли махсуси муошират мебошад, ки дар он ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда фаъолона иштирок меварзанд.

Сӯҳбат метавонад аз номи қаҳрамонҳои афсонаҳо, дар бораи муъҷизаҳои табиат, ҳодисаҳои муҳити атроф ва ғайра оғоз гардида, муҳити дӯстона ва созандаро ба вуҷуд оварад. Мазмуни бозии сӯҳбат

бояд дорои арзиши маърифатӣ бошад, яъне он набояд рӯякӣ бошад ва ба омӯзиши донишҳои нав равона карда шавад.

Омӯзгор дар раванди бозӣ нақши калидӣ дорад. Ӯ бо хонандагон ҳамкории фаъол дошта дар робита зич қарор мегирад. Илова бар ин омӯзгор бояд барои идора кардани раванд ва посух додан ба саволҳои иштрокчиёни раванди бозӣ донишу малака ва таҷрибаи кофӣ дошта бошад.

Бо назардошти имконот ва аз рӯйи супоришҳо бозии дидактикӣ аксаран аз доираи усуслҳои анъанавии таълим берун меояд, ҷузъи муҳими фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии омӯзгор қарор мегирад. Ҳадафи омӯзгор дар ташкили ин бозӣ эҷоди шароити мусоиди педагогӣ барои бедор кардани шавқу рағбат ва фаъолгардонии хонандагон дар раванди таълим мебошад. Ин ҳолат барои дар ҳадди зарурӣ аз худ кардани барномаи таълимӣ кумак мекунад.

«Бозиҳои дидактикӣ ба хонандагон барои ташаккули малака ва маҳорати аз худ кардани донишҳои нав ва муошрати озод, баланд бардоштани интизом, фаъолият, хударзёбӣ, масъулиятшиносӣ ва ҳисси мушоҳидакорӣ мусоидат мекунанд» [217, с. 62].

Талаботи асосӣ нисбат ба бозиҳои дидактикӣ чунинанд:

1. Ҳар як бозӣ бояд супоришҳои рушддиҳандаи қобилияти зеҳнӣ ва тарбиявиро бархӯрдор бошад.

2. Мавҷудияти супориши диққатҷалбкунанда ҳатмист, зеро ҳалли он фикрронӣ ва тафаккури мантиқии хонандаро рушд медиҳад.

3. Мақсади таълимии бозӣ бояд ба шавқу ҳавас ва фориғболӣ равона карда шавад. Он бояд иҷрои супришҳоро осон гардонад.

4. Бозиҳо бояд дар хонандагон ҳиссиёти ҳавасмандиро бедор кунад, то ки иҷрои ҳалли супоришҳоро осон ва бидуни маҷбуркунӣ анҷом диҳад.

5. Бозӣ бояд аз ҷониби омӯзгор пешакӣ омодагирӣ ва барномарезӣ карда шавад.

6. Бозиҳои гурӯҳӣ бояд дар муҳити дӯстона ва эҷодӣ барпо карда шуда, ҳисси ҳаловат ва қаноатмандиро ба вуҷуд оварад.

7. Тавассути бозиҳо хонандагон бояд мақсади маърифтии бозиро дарк кунанд ва фаъол гарданд [257, с. 293].

Ба ҳамин тариқ, М. Монтессори қайд менамояд, ки: «бозиҳои дидактикӣ шакли фаъоли омӯзиши забони англисӣ буда, имконотҳои васеъро барои таҳкими донишу маҳорат, ташаккули шахсият, фаъол гардонидани равандҳои таълим муҳайё месозад. Он на танҳо барои таълими муосир, балки ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти педагогӣ низ арзиш дорад» [364, с. 28].

Бозиҳои дидактикӣ ашёҳои махсус, шароити муайянеро тақозо намекунанд, танҳо дониши кофиро аз омӯзгор талаб менамоянд.

Дар раванди бозӣ хонандагон на танҳо бо муҳити зист ва олами атроф шинос мешаванд, балки супоришҳои муҳими таълимиро низ иҷро менамоянд. Амалҳои муҳими таълимӣ, аз қабили: «хондан, шумурдан, дар хотир нигоҳ доштани мавод, ки хонандагон дар ҷараёни дарсҳои муқаррарӣ барои аз худ кардани онҳо таваҷҷуҳ надоранд, дар шароити бозӣ бо шавқу ҳавас ва руҳбаландӣ анҷом медиҳанд. Маҳз ҳамин ҳолат, дар хонандагон хоҳиши такроран бозӣ карданро ба вуҷуд меорад, барои омӯзиши амиқ ва мустаҳакамкунии донишҳо ташаккули маҳорату малакаҳои таълимӣ шароит фароҳам меорад» [258, с. 301].

Ин аст, ки фаъолияти бозӣ дар раванди дарс натанҳо моҳияти равонии худро ҳамчун фаъолияти худихтиёрӣ ва шавқовар нигоҳ медорад, балки барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва равонии хонандагон замина мегузорад, онҳоро ба омӯзиши фаъол сафарбар менамояд. Барои ташаккули тахайюл, малакаҳои муошират бо иҷрои қоидаҳои бозӣ дар

бозиҳои зеҳнӣ замина муҳайё мегардад. Хонандагон дар раванди бозӣ аз фаъолияти худ ҳаловат бурда, вазифаю супоришҳои таълимиро иҷро менамоянд.

Бозиҳои дидактикӣ худ ин фаъолгардонии раванди таълим маҳсуб меёбад.

“Ҳамаи зиндагии мо бозӣ аст” – гуфтааст хирадманде. Ба гуфтаи Е.Н. Соловова: «Албатта, чунин суханҳоро бо таври гуногун шарҳ додан мумкин аст, аммо он чиз равшан аст, ки бозӣ дар ҳаёти инсон ва дигар махлуқоти зинда нақши муҳим мебозад. Тавассути бозӣ мо иҷрои фаъолияти муҳими ҳаётиро меомӯзем, қоидаҳои гуногуни рафторро дар ҳаёти маишии ҳаррӯза азхуд мекунем, муошират и ҷтимоиро меомӯзем, дар худ нақшҳои касбиро чен мекунем» [216, с. 110].

Аслан бозӣ чист ва ба он чӣ гуна баҳо дод? Муҳаққиқон нисбати бозӣ нуқтаи назари гуногун доранд, аммо он чиз аниқ аст, ки ҳар як бозӣ мақсади муайян, қоида ва ҳамчунин ҷузъиёти ҳаловатро дорост.

Хусусияти таълимиро доштани бозӣ аз қадимулайём маълум аст. Имрӯзҳо проблемаи нақши истифодаи бозии шифоҳӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ мавриди баҳси васеи муҳаққиқон гардидааст [259, с. 206].

Бозӣ ба хурдсолон кумак менамояд, ки шахсияти эҷодкор шаванд ва ба ҳар кор эҷодкорона муносибат намоянд. Ба гуфтаҳои И.В. Винникова муносибати эҷодкорона чунин маъно дорад, ки: «кор босифат, дар дараҷаи олӣ иҷро мегардад. Эҷодкорӣ ин мукаммалгардонӣ ва пешравӣ дар ҳама гуна фаъолият маҳсуб меёбад. Бозӣ ҳам ба калонсолон ва ҳам ба хурдсолон хушҳолии эҷодӣ фароҳам меорад. Кӯдакон ҳамеша машғули бозӣ ба пеш ҳаракат мекунанд. Бозӣ ҳамеша роҳи ҳалли проблема, яъне чӣ тавр ғолиб омадан, чӣ гуфтан, чӣ тавр амал карданро ёд медиҳад. Хоҳиши ин ҳама масъала суръати тафаккури бозингаронро афзоиш медиҳад. Аммо, агар хонанда ба

забони хориҷӣ фикр кунад, он гоҳ имконияти васеи таълимии бозӣ ошкор мегардад. Аммо хурдсолон дар ин ҷо фикр намекунанд, зеро барои онҳо бозӣ машғулияти форам аст. Дар бозӣ ҳама баробаранд. Ҳатто хонандагони сустхон дар бозӣ фаъоланд. Эҳсоси баробарӣ, фазои хушҳолӣ ва машғул будан, эҳсоси аз уҳдаи ҳалли масъала бармадан имкон медиҳад, ки хонанда шармгиниро дар истифодаи нутқи бегона бартараф намояд ва бомуваффақият ба омӯзиш машғул шавад. Бо таври шифоҳӣ маводи забонӣ аз худ карда мешавад ва дар як вақт эҳсоси қаноатмандӣ дар хонандагон пайдо мегардад» [36, с. 26].

Бозӣ дар дарс ба иҷрои вазифаи методӣ мусоидат менамояд, омода сохтани хонандагонро аз нукоти равонӣ барои аз худ кардани муошират нутқӣ ҳал мекунад, тамрини намунаи зарурии нутқӣ иҷро мегардад, ки ин ба нутқи равон бо забони хориҷӣ меорад. Ба ғайр аз ин ба ақидаи Е.Н. Соловова: «ҳар як бозии ашёӣ ё нақошофарӣ имкон медиҳад, ки масъулиятро дар содир намудани хато пинҳон намоӣ ва ин барои дур кардани шиддатнокии психологӣ мусоидат менамояд» [216, с. 105].

Ҳамаи ин омилҳо водор менамояд, ки самарабахшии бозиро ҳамчун зарурати фаъолияти таълимӣ дар раванди таълим истифода барем.

Вазифаи асосии фаъолияти педагогӣ ин танҳо омӯзонидани дониш нест, балки ташкили вазъияти проблемавӣ-маърифатӣ мебошад ва ҳамеша бояд махсусияти инфиродии хонандагон ба инобат гирифта шавад [10, с.94].

Агар мо дар бораи фаъолияти бозӣ дар раванди таълим сухан кунем, чунин вазифаҳои бозӣ муайян карда мешавад:

– таълимӣ;

– тарбиявӣ;

– хушҳолкунанда;

– коммуникативӣ;

– психологӣ;

– рушддиҳанда [196, с. 50].

Акнун дар идомаи кори худ ин вазифаҳоро дида мебароем.

Вазифаи таълимӣ дар инкишофи хотира, диққат, идроки иттилоот, инкишофи маҳорат ва малакаи умумитаълимӣ, ҳамчунин, муошират малакаи азхудкунии забони хориҷӣ зуҳур меёбад. Ин чунин маъно дорад, ки бозӣ машғулияти хуб ташкилкарда буда, шиддатнокии эмотсионалӣ ва нерӯи зеҳниро талаб карда, маҷбур менамояд, ки ҳалли зарурироқабул намоем. Хоҳиши ҳал кардин масъалаҳо суръати фикронии хонандагонро зиёд менамояд. Яъне бозӣ дар худ имконияти зиёди таълимиро фаро мегирад.

Вазифаи тарбиявӣ дар он зуҳур меёбад, ки хонандагон муносибати инсондӯстиро нисбати шарики худ меомӯзанд, ҳамдигарфаҳмӣ ва ба якдигар кумак карданро аз худ менамоянд. Ба хонандагон муносибати муошират шифоҳӣ омӯзонида мешавад, то ки иттилооти муошират расмиро аз худ намоянд.

Вазифаи хушҳолкунанда барои фароҳам овардани фазои мувофиқ дар дарс ва шавқовар кардани дарс муосидат менамояд.

Вазифаи коммуникативӣ барои ташкили фазои муошират бо забони бегона, муттаҳидкунии хонандагон, ҷорӣ кардани муносибати эмотсионалӣ-коммуникативӣ, ки дар ҳамкорӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ иҷро мегардад, мусоидат менамояд.

Вазифаи психологӣ барои ташаккули малакаи омодагии ҳолати равонӣ барои азхудкунии ҳаҷми зиёди иттилоот равона мегардад. Ин ҷо истифодаи амалҳои ба ҳаёти воқеӣ наздик кардашуда барои иҷрои масъалаҳои равонӣ кумак карда метавонанд.

Вазифаи рушддиҳанда барои инкишофи сифатҳои шахсӣ дар фаъолкунии имкониятҳои шахсӣ зуҳур меёбад [237, с. 17].

Мавқеъ ва нақши методи бозӣ дар равнди таълимӣ, мувофиқати ҷузъиёти бозӣ бо таълим дар бисёр ҳолатҳо аз дониши омӯзгор дар масъалаи вазифаҳо ва таснифи намудҳои гуногуни бозӣ вобаста аст.

Бозии таълимӣ ин вазифаи махсус ташкилкарда буда, воқеан шиддатнокии эмотсионалӣ ва нерӯи зеҳниро тақозо дорад. Он дар худ вазъиятеро таҷассум менамояд, ки дар вақти бозӣ ҳар як шахс нақши махсус ва мушахасро дорост. Муҳаққиқ М.Ф. Стронин дар таҳқиқоти худ «Обучающие игры на уроках английского языка» бозии таълимиро дар дарси забони хориҷӣ таҳлил намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки: «дар рафти бозӣ имконияти такроркунии намунаи шифоҳӣ ба вазъияти воқеӣ наздик кардашуда иҷро мегардад, ки он проблемаи эмотсионилиро ҳал намуда, барои нутқи фасеҳ ва равон замина фароҳам меорад» [218, с. 103].

Дар ташкили бозӣ дар синфхона омӯзгор нақши муҳим мебозад. Омӯзгор бояд сад фисад дар самарабахшӣ ва натиҷабахшии бозӣ эътимод дошта бошад, таъмини нозукиҳои рафти бозиро оқилона тарҳрезӣ намуда, онро моҳирона идрок намояд. Содагӣ ё мураккабии намуди бозӣ аз шакли бозӣ, аз шароити синфхона, аз муносибат ва муошарати хонандагон бо омӯзгор, яъне агар муъҷаз бигӯем, аз бисёр омилҳо вобаста аст.

М.Ф. Стронин дар таҳқиқоти худ қайд намудааст, ки: «Бозӣ дар дарси забони хориҷӣ хеле муфид бошад ҳам, ҳамон вақт натиҷа медиҳад, ки агар талаботҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

– дар раванди бозӣ истифодаи вақт сарфакорона бошад ва барои ҳалли супоришҳои таълимӣ нигаронида шавад;

– бозӣ ҳама вақт дорои хусусияти идорашавандагӣ ва танзимшавандагӣ дошта бошад, то ки он аз назорат дур нашуда, раванди дарсро вайрон насозад;

– ҳолати шиддатнокӣ коҳиш ёфта, фаъолнокии донишандӯзон афзоиш ёбад;

– манфиати таълимӣ дар мадди дуюм қарор гирифта, дар мадди аввал лаҳзаҳои бозӣ аввалиндараҷа гузошта шавад, то ки бозӣ ҳам таълимӣ ва ҳам дилхушкунанда гардад;

– ба бозӣ ҳамаи хонандагон ҷалб карда шаванд» [216, с. 126].

Дар мавриди таснифи бозиҳо муносибати гуногуни муҳаққиқон мавҷуд аст. Аммо бояд зикр намоем, ки ҳамаи таснифоти баррасигашта шартӣ мебошанд ва дар ҳар яки онҳо андешаи мухталиф ва нофаҳморо пайдо кардан мумкин аст.

Муҳаққиқони Ғарб, аз қабили: Andrew Wrright., David Betteridge., Michace Buckby., Jill Hadfield ва дигарон бозиҳои таълимиро ба забонӣ ва коммуникативӣ тасниф мекунанд. Ба андешаи онҳо: «ба бозиҳои забон он бозиҳоро нисбат додан мумкин аст, ки дар вақти иҷрои он коркарди маводи забонӣ дар дараҷаи грамматикӣ ё лексикӣ амалӣ карда мешавад. Ба бозиҳои коммуникативӣ бозиҳое нисбат дода мешаванд, ки дар вақти гузаронидани онҳо омӯзгор ба хусусият, мазмун ва усули ҳакмории нутқӣ дахолат карда наметавонад ва хонандагон намунаи нутқиро худ интихоб намуда, баён менамоянд» [260, с. 131].

Ба қисмати дуюм ҳамаи муаллифони дар боло ёдрасшуда бозиҳои ҳамкории тарафайн ва бозиҳои мусобиқавиро дохил мекунанд. Яъне ба гурӯҳи аввал бозиҳое дохил мешаванд, ки дар ташкили онҳо барои ҳалли дар пеш гузошта кӯшиши гурӯҳӣ зарур аст.

Дар гурӯҳи дуюм мусобиқа байни ширкаткунандагон хусусияти асосии бозиро ташкил медиҳад. Аммо бояд онро махсус қайд намуд, ки:

«ҳамаи намудҳои бозиҳои гурӯҳӣ хусусияти мусобиқавиро доро мебошанд, зеро бозӣ ин худ хусусияти мусобиқа ё худ рақобатро дошта, дар он бартарии инфиродии ҳар як иштироккунанда ошкор карда мешавад» [222, с. 114].

Муҳаққиқ М.Ф. Стронин, ки ба омӯзиши нақши бозиҳо дар омӯзиши забони англисӣ машғул аст, низ таснифоти махсусро дар ин маврид ирсол доштааст: «Гурӯҳи якуми таснифот *бозиҳои грамматикӣ*, овозӣ, орфографиро дар бар гирифта, барои ташаккул додани малакаҳои забонӣ нигаронида шудааст. Муҳаққиқ ин гурӯҳи бозиҳоро «Бозиҳои омодагирӣ» унвон гузоштааст. Тибқи андешаи муаллиф, азхудкунии маводи грамматикӣ ин гузариш ба нутқи фаъол мебошад. Маълум аст, ки машқи хонандагон дар мавриди сохторҳои грамматикӣ, ки такрори зиёдро талаб мекунад, бо дилгиркунандагӣ хонандагонро зуд хаста менамояд ва ҳаловат намеорад. Бозӣ бошад, дар навбати худ кори дилгиркунандаро шавқовар ва дилхушкунанда мебошад» [219, с. 62].

Аз паси бозиҳои грамматикӣ *бозиҳои лексикӣ* меоянд, ки мантиқи таҳкурсии нутқиро бунёд месозанд.

Бозиҳои фонетикӣ барои ислоҳкунии талаффуз дар давраи ташаккули малакаву маҳорати забонӣ истифода мешаванд.

Барои маҳорату малакаи нутқи хаттӣ *бозиҳои орфографӣ* пешниҳод гардида, асоси мушкилоти нутқи хаттиро ҳал менамоянд. Аксари бозиҳоро ҳамчун машқ дар марҳилаи ибтидоӣ ва минбаъд дар мустаҳкамкунии малакаву маҳорати забонию нутқӣ истифода намудан ҷоиз аст [246, с. 159].

Қисмати дуюм номи «**Бозиҳои эҷодӣ»**-ро гирифтааст. Мақсади асосии ин бозиҳо минбаъд ташаккул додани малакаву маҳорати нутқӣ мебошад. Имконияти нишон додани мустақилият дар ҳалли супоришҳои нутқию фикрӣ маҳз дар *бозиҳои нутқӣ* амалӣ мегарданд.

Имрӯзҳо яке аз шаклҳои ташкили раванди таълиму тарбия, ки ба болоравии шавқмандии хонандагон ва волидони онҳо мусоидат менамояд, ин ҷалб кардани хонандагон ба фарҳанги бегона ва истифодаи технологияи бозӣ дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

Аҳамияти раванди мувофиқати психологии маърифат дар бозӣ дар асарҳои педагогҳо ва психологҳои маъруфи солҳои гуногун инъикос гардидааст. Дар ин ҷода саҳми олимони Аврупоӣ ба мисли Дюм, Пиансе, Фром ва дигарон калон аст. Дар педагогика ва психологияи рус ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муҳаққиқони варзида ба мисли П. П. Блонский., Д. Б. Элконин., О. С. Гасман., С. А. Шманов ва дигарон дар ин мавзуъ нақши назаррас гузоштаанд.

Таҳлили адабиёти муосир оид ба омӯзиши забони хориҷӣ нишон дод, ки талбот ба истифодаи технологияи бозӣ имрӯз низ яке аз масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.

Маълум аст, ки бозиҳо дар омӯзиши забони хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифта, намуди махсуси маводи дидактикӣ ба шумор рафта, барои афзун намудани шавқмандии маърифатии хонандагон истифода мешаванд. Илова бар ин, бояд махсус қайд намоем, ки бозиҳои забонӣ на танҳо иттилооти дилхушкунандаро доро мебошад. Азхудкунии донишҳо ва маҳорати лингвистӣ-кишваршиносӣ дар шакли бозӣ ниҳонанд, ки ин имкон медиҳад хонандагон хотираи худро мустаҳкам намоянд тахаюлоти эҷодии худро инкишоф диҳанд, малакаҳои муоширатиро устувор намоянд. Ба муҳити забон ғута зада, технологияи бозиро истифода бурдан имкон медиҳад, ки бо ҳаҷми зиёд иттилооти лингвистӣ-кишваршиносиро дар муҳлати кӯтоҳ хонандагон аз худ намоянд.

Азбаски вазифаи асосии фанни забон ин ташаккули маҳорати коммуникативӣ мебошад, дар мадди аввал ҳавасмандӣ ва натиҷабахшии

бозӣ гузошта мешавад. Бозӣ ин машғулияти хоҳишмандона мебошад, ба бозӣ маҷбур кардан имконнопазир мебошад, ба бозӣ танҳо бо хушнудӣ машғул шудан мумкин аст. Хонандагон меъёрҳои баҳо ва вологузории маърифатии худро доранд. Чӣ хел бояд кард, ки бозии пешниҳод шуда дар хонандагон ҳавасмандиро ба омӯзиши забони англисӣ бедор намояд ва фаъолияти хонандагон аз бозӣ ба таълим гузарад.

Бозӣ чун дигар шаклҳои фаъолият бояд тибқи принсипҳои муайян ба роҳ монда шавад. Мувофиқи донистани асоси ташкили фаъолият бозиро натиҷабахшии он муайян менамояд. Якчанд талаботҳоро дар гузаронидани бозиҳои лингвистӣ меорем, ки ба андешаи мо, ба инобат гирифтани онҳо хеле муҳим мебошад. Аз ҷумла:

– дастрасии бозӣ барои ҳамаи ширкаткунандагон;

– тафтишкунии зебоипарастии бозӣ;

– ҳуқук доштан ба хато кардан ва интихоби фаъолият;

– хусусияти мусобиқа доштани бозӣ [252, с. 141].

Гузориши мақсаднок дар бозиҳои лингвистӣ бояд кушод озод ва мафтункунанда бошад. Дар дастурамали бозӣ дар мадди аввал бояд мафтункунандагӣ ва диққатҷалбкунандагиро дар фаъолияти дар пеш истода муҳим донист. Натиҷаи ниҳоӣ низ мафтункунанда бошад, зеро натиҷа муҳим аст. Шавқмандии сунъӣ ҳавасмандиро афзоиш медиҳад, машғулиятҳоро ҳолати эмотсионалӣ мебахшад.

Бозиҳои лингвистӣ бояд барои ҳамаи хонандагон дастрас бошад ва ширкати ҳама ва ҳар кас муҳим мебошад. Инро ташкил кардан он қадар кори мушкил нест ва танҳо хонандагонро пешакӣ ба бозӣ омода намудан ва фаъолияти гуногунро дар вақти бозӣ ба хонандагон пешниҳод намудан зарур аст. Дар вақти бозӣ имкониятҳои инфиродии ҳар як хонанда ошкор мегардад ва ҳар як ширкаткунанда қобилият, маҳорат, малака ва дониши худро нишон медиҳад. Агар хонанда дар бозӣ комёбӣ

нишон диҳад ва таҳсин шунавад, дар ӯ хоҳиши идома додани бозӣ боз ҳам бештар мегардад.

Бозиҳои лингвистӣ бояд “зебо” бошанд ва таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб намоянд. Ин танҳо на аз рӯйи мазмуну мундариҷа, балки аз рӯйи шаклу намуд бояд ба талаботи мақсади дидактикии бозӣ мувофиқат намояд. Чунончи, истифодаи матнҳо дар мисоли ҳикояҳо, чистонҳо, зарбулмасалҳо, тезгӯякҳо ва нақшаҳо, яъне расми растаниҳо меваҷот, сабзавот ба бозӣ шукӯҳ мебахшад ва хонандагонро ба худ ҷалб менамояд. Ҳамаи синфхона ва дигар ашёҳо вобаста ба вазъияти бозӣ шиддатнокии эмотсионалиро паст намуда, хонандагон ба бозӣ бо шавқу ҳавас машғул шуда, вазифаҳои таълимиро аз худ менамояд.

Ислоҳи хатоҳо дар бозиҳои лингвистӣ кори махсус мебошад. Набояд барои ислоҳи хатоҳо шитоб намуд ва бозиро манъ карда, ин корро анҷом дод. Ин ба рафти бозӣ халал ворид менамояд ва эътимоднокиро дар байни хонандагон аз байн мебарад. Хеле хуб мешуд, ки хатоиро дар вақти ҷамъбасти намудани натиҷаи бозӣ ислоҳ намуд ва ба хонандагон холҳояшонро эълон намуда, камӣ ё зиёдии холҳоро вобаста ба комёбӣ ва нокомии хонандагон дар рафти бозӣ эълон намудан кори муҳими педагогӣ мебошад. Аз нукоти таълими коммуникативӣ барои лингвист ҳамчунин, машқи нутқ дар дарси забони хориҷӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Бояд эътироф намуд, ки хонандагон ҳуқуқи хато кардан ва интихоби фаъолиятро доранд. Имконияти худро ислоҳ кардан, ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли беҳтар ба хонандагон бовариро ба худ зиёд менамояд ва онҳо худро дар фазои озоди психологии бозӣ ва таълим ҳис менамоянд.

«Мусобиқа ҳамчун шакли гузаронидани бозӣ дараҷаи баланди қобилияти зеҳнӣ ва донистани иттилооти зиёди лингвистӣ-кишваршиносиро нишон медиҳад. Истифодаи зиёди зарбулмасалҳо,

тезгӯякҳо, шеъру суруд, номҳои ҷуғрофӣ, намунаҳои матнҳо ба натиҷаи дидактикии бозиҳо таъсири зиёд мебахшанд. Бештари бозиҳо, ки хусусияти мусобиқаи гурӯҳиро доранд, барои нишон додани қобилияти эҷодии инфиродии хонандагон мусоидат менамояд, ҳисси масъулиятро дар ширкаткугнандагони бозӣ боло мебардоранд ва онҳо ба натиҷаи бозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд» [263, с. 278].

Бозии мусобиқавӣ ин худро бо дониш, маҳорат ва малака нишон додан аст ва ин ҷо таваҷҷуҳ ба бозиҳои хусусияти мусобиқа доштаро меафзояд.

Меъёри баҳо додан ба фаъолияти бозӣ умумӣ мебошад, яъне орфоэпикӣ, грамматикӣ, амалӣ буда, суръати иҷро, сифати иҷро ва саҳеҳияти иттилоот муҳим мебошад.

Агар аз навиштаҳои боло натиҷагирӣ намоем, онро зикр кардан ҷоиз аст, ки мақсади ҳар як бозии лингвистӣ ба ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ, ки зинаи олии аз худ кардани забони хориҷӣ маҳсуб меёбад, равона карда шудааст.

1.2. Технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар масъалаи дузабонӣ

Ҳадафи ҳар як педагог ҷолибу шавқовар ташкил намудани раванди дарс мебошад. Дар чашмони хонанда шуъла афрӯхта, омӯзишро шавқовар намудан барои ҳар як омӯзгор вазифаи осон нест. Курси пурраи забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти миёна вазифадор аст, ки аз худ кардани ин фанро таъмин намояд ва вазифаи омӯзгор дар ин росто дар дараҷаи лозимӣ ба роҳ мондани муошарати фаъол ва гузоштани замина барои фаъолияти коммуникативӣ маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи олимон: «Яке аз усулҳои хеле муфиди омӯзонидани муошират бо забони англисӣ ин бозиҳои дидактикӣ ба шумор мераванд,

зеро онҳо таълимро ба фаъолияти нутқ наздик менамоянд ва ба меъёрҳои табиӣ мувофиқ менамоянд. Ҳамчунин, малакаи муоширатро ташаккул дода, ба азхудкунии забон мусоидат намуда, самти амалии таълимро таъмин менамоянд. Бозиҳои дидактикӣ барои сохтани муносибати гуногун, ки одамон дар ҳаёти воқеӣ рӯ ба рӯ мешаванд, мусоидат менамоянд» [352].

Дар синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳи бештар ба ташаккули малакаҳои фонетикии хонандагон дода мешавад. Аммо оҳиста-оҳиста шавқи хонандагон нисбати ин кор коҳиш меёбад. Бинобар ин хуб мебуд, ки: «ба хонандагони хурдсол пешниҳод гардад, ки худро дар мавқеи омӯзгор тасаввур кунанд. Ба синф қаҳрамони дӯстдоштаи хонандагон омада дар якҷоягӣ бо хонандагон ба омӯзиши забони англисӣ шуруъ менамояд. Акнун хонандагон аҳлона ва бо самимият дар якҷоягӣ бо қаҳрамони дӯстдошта ба омӯзиши забони англисӣ бо ҳавас шуруъ менамоянд. Қаҳрамон ба хонандагон аломатҳои талаффузро нишон медиҳад ва хонанда онро номбар мекунад. Барои маълум гардидани он, ки хонандагон мавзуъро дуруст аз худ намудаанд, қаҳрамон баъзан қасдан ба хатоӣ роҳ медиҳад. Агар овоз дуруст талаффуз шуда бошад, хонанда хомӯш меистад, агар хато бошад, онҳо қарсак мезананд» [253, с. 134].

Кор барои ташаккули малакаҳои лексикӣ, албатта бо истифодаи машқҳои шартӣ, ки шавқмандии хонандагонро нисбати фан зиёд менамояд, омӯзонида мешавад. Масалан: «барои омӯзиши мавзуи “Fruit” дар синф “shop”, яъне мағозаи шартӣ кушода мешавад. Дар рафи мағоза маҳсулоти гуногун гузошта шудааст ва хонанда аз мағоза чизе харид карда, номи маҳсулотро ба забони англисӣ номбар менамояд» [264, с. 39].

Дар вақти гузаронидани бозиҳои дидактикӣ аёният хеле муҳим аст, расме, ки вазъияти муайянро ифода менамояд, ҳамчун аёният хизмат

мекунад. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки нақши қаҳрамонҳои дар акс бударо бозӣ намоянд. Хонандагони хурдсол ҳамеша ба кори хусусияти бозиро дошта бештар шавқ доранд ва онҳо омода ҳастанд нақши шахсони гуногунро тақлид намоянд. Ширкат дар бозӣ бо ҳиссиёти баланд, саъю кӯшиш иҷро мегардад ва хонандагон аз рафти омӯзиш бо ҳамсинфон муошират намуда, аз дарс ҳаловат мебаранд.

Чуноне ки маълум аст, дар раванди таълим ҳавасмандӣ шарти хеле ҳалкунанда ва муҳим ба шумор меравад. Бозиҳои дидактикӣ ҳавасмандӣ ба фаъолияти нутқиро афзоиш медиҳанд, зеро хонандагон ҳангоми бозӣ ҳамеша дар пурсидан, муошират намудан, собит намудан қарор доранд. Хонандагон дар ин вазъият дарк менамоянд, ки забонро ҳамчун воситаи муошират истифода бурдан имкон дорад.

Бозӣ кӯшиши хонандагонро ба робитаи мутақобила бо омӯзгор фаъол менамояд, монеаи анъанавии дар байни омӯзгор ва хонанда вуҷуд доштаро барҳам медиҳад. Дар ин вақт бозӣ ба хонандагон ҳисси боварӣ ба худро таъмин менамояд. Дар ин бозиҳо ҳар як хонанда мавқеи худро дошта, дар вақти муошират ҳамсӯҳбати фаъол аст.

Бояд махсус қайд намоем, ки: «бозиҳои дидактикӣ ва супоришҳои ба бозӣ алоқаманд усули самарабахши таълим маҳсуб меёбанд. Хонандагон маводи азхудкардаи худро дар вазъияти ба воқеият наздик истифода менамоянд ва хоҳ-нохоҳ ба инкишофи ташаббуси нутқӣ мусоидат намуда, майлу рағбати табиии коммуникативиро афзоиш медиҳад. Бе шубҳа дар вақти бозӣ дар дараҷаи зиёд ба хотиргирии беихтиёр сурат мегирад» [268, с. 200].

Бозиҳои дидактикӣ, супоришҳо фаъолияти нутқӣ ва фикрронии хонандагонро ташаккул медиҳанд. Онҳо дар як вақт ҳавасмандии хонандагонро зиёд менамоянд ва дар хонандагон хоҳиши муоширатро бо забони англисӣ дар синф ва берун аз синф пайдо мешавад. Ба таври

дигар И. А. Малинина иброз медорад, ки: «он аз ҳавасмандии дохилии омӯзиши забони англисӣ ба вуҷуд меояд. Ба ғайр аз мақсади таълимӣ доштан бозиҳо вазифаҳои тарибиявиро низ иҷро менамоянд. Чунончи, дар бозии истифодаи телефон ба хонандагон омӯзонида мешавад, ки бо илтифот тавассути телефон муошират намоянд. Ба ғайр аз ин, тавассути бозиҳо, нақшофарӣ ва супоришҳо дар хонандагон чунин сифатҳо ба мисили хушмуомилагӣ, малакаи муошират, рафоқат, ҳисси масъулият нисбати рафиқ ташаккул меёбад» [362, с. 167].

Дарсҳои таълимӣ бо истифодаи бозиҳои дидактикии хеле зинда, бо эҳсосот, бо фаъолнокии зиёди хонандагон дар фазои хубу озоди психологӣ гузаронида мешаванд.

Самаранокии омӯзиши забони англисӣ дар ҷаҳони муосир ин, пеш аз ҳама, азхудкунии малакаҳои лексикӣ-грамматикӣ ба шумор меравад. Зеро чунин малакаҳо асоси муошират бомуваффақиятро таъмин менамоянд.

Барои ба ҳадафи натиҷабахш дар ташаккули малакаҳои лексикӣ-грамматикӣ расидан бояд бозиҳои дидактикиро бомақсад истифода намуд. Онҳо дар омӯхтани овозҳо ва имло, инчунин аз худ кардани маводи таълимӣ кумак мерасонанад. Ин аст, ки тавассути бозиҳои дидактикӣ салоҳияти забониву муоширатии хонандагон ташаккул меёбад.

Барои он ки бозиҳои дидактикӣ дар дарс натиҷаи мусбат диҳанд, бояд чунин талабот иҷро карда шавад:

– омодагии хонандагон ба бозии дидактикӣ (ҳар як хонанда бояд қоидаи бозиро аз худ кунад, мақсади онро аниқ дарк намояд, натиҷаи ниҳоӣ, мунтазамии фаъолиятро дарк намояд ва дониши кофӣ барои гузаронидани бозӣ дошта бошад);

– таъмин намудани ҳар як хонанда бо маводи дидактикӣ;

– гузориши аниқи вазифаҳои бозии дидактикӣ;

– фаҳмиши аниқи бозӣ;

– бозиҳои мураккаби дидактикиро бояд марҳила ба марҳила гузаронид то вақте ки хонандагон фаъолияти алоҳидаро аз худ намоянд ва минбаъд тамоми бозиро бо намунаҳояшон пешниҳод намуд;

– назорати ҷиддии фаъолияти хонандагон, бозиҳоро бояд дар вақташ иҷро намуд;

– ба таҳқири хонандагон роҳ дода нашавад(муқоисаи таҳқирона, баҳо барои нокомӣ, масхара бояд комилан ҷой надошта бошад) [374, с. 29].

Муваффақияти бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълим ҳамчунин, дар маҳорати омӯзгор дар муайянкунии дараҷаи зарурати бозиҳо ва эътимод доштан ба он, ки хонандаҳо ҳатман ба мақсад мерасанд, инъикос меёбад. В.И. Козлова: «бозиҳои дидактикиро ба синну соли хонанда мутобиқ мекунад ва дар хонандагон хоҳиши мусбат ва омодагӣ ба фаъолияти нутқиро муҳайё менамояд. Бозиҳои дидактикиро мунтазам ва мақсаднок дар ҳар як дарс аз вазъияти одӣ шуруъ намуда, оҳиста-оҳиста онҳоро гуногун ва мураккаб намудан шарти асосии комёб шудан аст» [361, с. 20].

Ба намудҳои асосии бозиҳои дидактикие, ки дар омӯзиши забони англисӣ истифода мешаванд, бозиҳои грамматикӣ, лексикӣ, фонетикӣ ва орфографӣ дохил мешаванд. Ҳамчунин, бозиҳо метавонанд хусусияти эҷодӣ дошта бошанд. Ба ин пеш аз ҳама, бозиҳои нақшофарӣ дохил мешаванд. Вазифаи асосии омӯзгор дар он аст, ки хонандагон бояд ба муҳити забонӣ ғӯта зананд ва дар онҳо маҳорати эҷодкорӣ, истифодаи малакаи нутқиро омӯзонад.

Мақсади асосии бозиҳои дидактикӣ инҳоянд:

– омӯзиши истифодаи намунаҳои нутқӣ;

– омӯзонидани истифодаи дониши грамматикӣ дар амалия;

– муҳайё намудани вазъият барои истифодаи сохторҳои грамматикӣ дар вазъияти воқеии ҳаётӣ [353].

Дар идомаи кори худ намунаҳо ва гузаронидани бозиҳои дидактикиро дар омӯзиши забони англисӣ меорем:

“**What is in my bag**?”. Коркарди ибораи there is/there are, have got/ has got.

Барои гузаронидани бозӣ бояд пешакӣ ашёҳоро омода намуд. Яъне ашёҳое, ки дар ҷузвдон ҷойгиранд. Як хонанда бо ашёҳои дохили он шинос мешавад ва ба синф муроҷиат менамояд:”What have/ got in my bag today?/” Хонандагон номбар мекунанд: “There is an orange in your bag /You have got an orange in your bag.

Агар ягон хонанда дуруст ашёро муайян намояд, саркор аз ҷузвдон як ашёро гирифта мегӯяд: “Yes, there`s an orange in my bag.” Агар нодуруст бошад, саркор мегӯяд: “No, there is not an orange in my bag”. Барои ҳар як ҷавоби дуруст як хол дода мешвад. Саркор то пурра муайян гардидани ашёи ҷузвдон бозиро идома медиҳад.

“Write a story”

Дар рафти соли хониш хонандагон ҳикоя менависанд. Ҳар як ҳикоя дар охири маводи мавзуи омӯзиш навишта мешавад. Рафти бозӣ чунин аст:

Хонандагони синф ба гурӯҳҳои сенафарӣ ҷудо мешаванд. Ҳар як гурӯҳ аз варақаҳои суратдошта, ки пешакӣ омӯзгор омода сохтааст мегиранд. Ба ҳар як гурӯҳ супориш дода мешавад, ки ҳикояро оид ба замонҳо бо истифода аз сохтори грамматикӣ ва лексикӣ нависанд. Пеш аз оғози кор омӯзгор дар тахтаи синф нақшаи ҳикояро менависад ва шарту ҳаҷми ҳикояро барои хонандагон муайян менамояд. Аввал хонандагон сиёҳнавис мекунанд. Омӯзгор кори хонандагонро тафтиш

намуда, ислоҳ менамояд. Ҳикояҳои навиштаи хонандагон ҷамъ карда шуда, дар намоиш ба шакли китоби эҷоди хонандагон гузошта мешавад.

Мақсади асосии бозиҳои дар боло номбаршуда инҳоянд:

– омӯхтани калимаҳо ва ибораҳои нав;

– омӯзонидани хонандагон дар истифодаи малака дар вазъияти табиӣ.

Бозии дидактикии "Викторинаи лексикӣ"

Намунаҳои гузаронидани бозии "Викторинаи лексикӣ" хеле зиёд аст. Пешакӣ омӯзгор расмеро бо калимаҳои мавзуи интихобшуда омода месозад. Хонанда бояд калима, ибора ё ибораи феълиро ёбад. Ба ҳар як ҷавоби дуруст 1 хол дода мешавад. Барои мисол барои шарҳи тайёр бештар супоришро мураккабтар кардан мумкин аст. Чунончи, ёфтани калима, антоними он, ибораи феълӣ бо антоними он. Ҳамчунин, викторинаро бо навиштани калимаҳо бо забони англисӣ гузаронидан мумкин аст. Чунин намуна душвор бошад ҳам, барои дар хотир гирифтани калимаҳо, ибораҳо, ибораҳои феълӣ кумак менамояд. Сипас холи хонанда ҳисоб карда шуда, натиҷаи бозӣ арзёбӣ мегардад.

Бозии дидактикии "Ball" бо мақсади фаъол гардонидани малакаҳои лексикӣ гузаронида мешавад. Хонандагон давра мегиранд. Хонандае акнун калимаеро ба забони тоҷикӣ меёбад ва тӯбро ба ҳамсинфаш медиҳад. Ӯ бояд калимаро ба забони англисӣ гӯяд. Сипас хонанда калимаро номбар карда, тӯбро ба дигар кас медиҳад. Ҳар як хонанда бояд калимаро бо тоҷикӣ ва англисӣ номбар кунад. Мақсади асосии ин бозӣ ташаккули малакаи лексикӣ мебошад.

Дар байни бозиҳои дидактикӣ бозиҳои фонетикӣ низ нақши муҳим дорад. Мақсади аосии бозиҳои фонетикӣ коркарди тарзи дурусти талаффуз машқи талаффузи овоз ва ҳиҷои англисӣ мебошад.

Бозии “Tonguc twisters”. Дар тахтаи синф тезгӯякҳо навишта мешаванд. Синф ба ду даста тақсим мешавад. Ҳар як хонанда бояд имконияти гуфтани тезгӯяки омӯзгор пешниҳод кардаро дониста бошад. Тезгӯяк бояд зуд ва дуруст хонад шавад. Ҳар як талаффузи дуруст бо 1 хол арзёбӣ карда мешавад. Вақте ки хонанда хато кард, бозиро намояндагони дигар даста идома медиҳад.

Намунаҳои тезгӯяк.

– She sells sea-shells by the seashore.

– Red leather, yellow leather.

– Thirty thousand feathers on a thirsty thrush’s throat.

– Peter Piper picked a peck of pickled peppers.

– Around the rugged rocks the ragged rascal ran.

– The Leith police dismisses us.

Бозии **“Қофияро бо калима ёб**”. Омӯзгор калимаро мегӯяд, хонандагон ба он қофия меёбанд. Бояд дар ин бозӣ расми ашёҳоро интихоб намуд, ки қофия дониста бошанд.

Бозии орфографӣ бо мақсади дуруст навиштани калимаҳои англисӣ истифода мешавад.

How many words can you make up up from the letters of the word”.

Дар тахтаи синф омӯзгор калимаи англисиро, ки аз ҳарфҳои зиёд иборатанд, менависад. Вазифаи хонанда аз он иборат аст, ки ба ҳар як ҳарф калима созад. Касе, ки аз ҳарфҳои калимаи додашуда калима месозад, ғолиб меояд.

Бозии **What is missing**? (Чӣ гум шуд?).

Мақсади бозӣ мустаҳкам кардани мазмуни лексикии калимаҳо, инкишофи диққат ва хотира мебошад.

Дар тахтаи синф шаш расм аз рӯйи мавзуи идрок овехта мешавад. Аз хонандаҳо хоҳиш карда мешавад, ки расмҳоро ба хотир гиранд Сипас бо фармони “Shut your eyes” хонанда чашмони худро мепӯшад. Омӯзгор

як расмро аз тахтаи синф мегирад ва фармон медиҳад: “Open your eyes”. Хонанда бояд расми гирифтаи омӯзгорро гӯяд. Мисол:

– Shut your eyes/

– Open your eyes. What is missing?

– apple (red apple).

Бозии “Эхо” Мақсади бозӣ инкишоф додани маҳорати шунавоӣ мебошад. Омӯзгор ба дигар тараф нигоҳ карда бо овози паст овоз ва калимаро мегӯяд. Хонандагон бояд бо диққат гӯш кунанд ва овоз ё калимаро муайян намояд.

Бозии “**Show me and check**”. Мақсади бозӣ мустаҳкам кардани воҳидҳои дониши лексикии дарс мебошад.

Дар миз варақаҳои дуқабата бо тасвири калимаҳо аз рӯйи мавзуъ навишта мешавад. Омӯзгор мегӯяд: “Please, show me a cat” хонанда меёбад. Ҳамин тавр бозӣ идома меёбад. Ғолиб касе, ки расмҳоро дуруст ёфта тафтиш менамояд, бо арзёбии омӯзгор сазовор мегардад.

Бозии “**What can you do”.** Мақсади бозӣ мустаҳкам кардани намунаи нутқӣ I can (ман метавонам) мебошад.

Ба хонандагон пешниҳод меагардад, ки худро хирс, шер, рӯбоҳ ва ғайра тасаввур кунанд. Ба саволи “What can you do” ҷавоб дода мешавад.

“I can jump”, “I can run”, I can swim like a fish”, I can run like a fox”

Бозии “**Clever parrot**”. Мақсади бозӣ мустаҳкам кардани номҳои сифатҳое, ки рангҳоро ифода менамояд.

Ба хонандагон пешниҳод мегардад, ки дониши оид ба сифат доштаашонро нишон диҳанд. Ба яке аз хонандаҳо тӯбро дода мегӯем “red snow”. Хонанда тӯбро баргардонда мегӯяд: “White snow”.

Бозӣ то ҳамон вақте ки ҳамаи хонандаҳо бо бозӣ ҷалб карда шаванд, идома меёбад.

Намунаҳо:

Yellow sky-blue sky green cat-green grass;

Orange cloud- white cloud.

Бозии “**London Bridge**”. Мақсади бозӣ навиштани савол ва ҷавоб ба он мебошад. Омӯзгор хонандаҳоро ба дастаҳо ҷудо намуда, қатор менамояд. Ӯ суол медиҳад:

What is your name? Хонанда ҷавб медиҳад ва бо ҳамин савол хонандаи дигар муроҷиат менамояд. Саволҳо метавонанд гуногун бошанд ва мавзуъҳои ҳархеларо дар бар гиранд. Дастае, ки зуд саволу ҷавобро ба итмом мерасонад, ғолиб дониста мешавад.

Бозии “**Shopping**”. Мақсади бозӣ инкишофи малакаҳои муколимавӣ мебошад. Ба хонандагон пешниҳод мегардад: “Let us play shops”. Як хонанда фурӯшанда мешавад ва ашёи мактабӣ ба фурӯш гузошта мешавад.

Харидор: knock, knock, knock. May I come in.

Фурӯшанда: Come in please!

Харидор: Good morning!

Фурӯшанда: Good morning!

Харидор: Please, give me two pens and three pencils.

Фурӯшанда: Thank you. Good bye.

Харидор: Good bye.

Ин бозӣ ба ташаккули нутқи муколамавӣ мусоидат менамояд ва хонандагон дар вазъияти ба воқеият наздик бозӣ карда, нутқи шифоҳии худро инкишоф медиҳанд.

Бозии I have no / I have … too. Мақсади бозӣ истифодаи зарфи too (ҳамчунин) мебошад. Ду хонанда ба тахтаи синф даъват карда мешавад. Иштирокчии якум ҷумларо мегӯяд, ки сохтори нутқии I have, I have no-ро дорад. Иштирокчии дуюм ҷумлаҳоро такрор карда, ба онҳо зарфи “too”-ро зам менамояд. Чунончи:

Хонандаи якум: I have no tail

Хонандаи дуюм: I have no tail too.

Бозӣ ҳамин тавр сурат гирифта, намунаҳои гуногуни нутқӣ коркард мешавад.

Умуман, ҳар як намуди бозии дидактикӣ вобаста ба мақсади худ вазифаҳои муайянро ҳал менамояд. Истифодаи дуруст ва оқилонаи онҳо раванди таълимро шавқовар намуда, фазои хуби таълимиро фароҳам менамояд.

Е.А. Борисов, қайд мекунад, ки «Бо кумаки бозиҳои дидактикӣ шавқмандӣ ба омӯзиши лексика ва грамматикаи забони англисӣ афзоиш меёбад. Бояд бозиҳои дидактикиро дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули малакаҳои лексикӣ-грамматикӣ истифода намуда, то самарабахшии он муайян гардад. Такрори чандинкаратаи маводи нутқӣ, грамматикӣ дар шакли бозӣ ба таври мусбат ба ташаккули малакаҳои лексикӣ-грамматикии хонандагон таъсир мебахшад. Хонандагон мушкилиҳоро эҳсос наменамоянд, баръакс дониши аз худ кардаашонро дар амалия дар вазъияти ғайритаълимӣ истифода мебаранд. Хонандагон ҳамеша бо шавқ ба корҳои хусусияти бозидошта муносибат менамоянд» [25, с. 30].

Ширкат дар бозӣ бо эҳсосоти пурзӯр, бо истифодаи нерӯи худ сурат мегирад. Дар натиҷа хонандагон аз муошират бо ҳамсинфон аз иҷрои фаъолияти бозӣ ҳаловат мебаранд.

Қобил ба зикр аст, ки: «ҳавасмандкунӣ дар таълим нақши асосиро иҷро мекунад ва маҳз бозиҳои дидактикӣ дар ин ҷода умдаанд, зеро дар вақти бозӣ хонандагон дар вазъияте қарор доранд, ки зарурати гап задан, пурсидан, фаҳмидан, собит намудан, муошират ба ҳамсӯҳбат ба пеш меояд. Хонандагон эътимод пайдо мекунанд, ки ин забон воситаи муҳими муошират маҳсуб меёбад. Бинобар вазифаи асосии омӯзгори забони англисӣ – ин ба хонандагон омӯзонидани муоширати одӣ

мебошад, ки он таҳкурсиро барои мукаммал омӯхтани забон мегузорад» [362, с. 161].

Дузабонӣ ё билингвизм ин дар як вақт истифодаи амалии ду забон ё зиёда аз он мебошад. Дараҷаи сифати истифодаи забонҳо гуногун аст ва дар бораи он дар байни муҳаққиқон ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Чунончи забоншиноси амрикоӣ Л. Блумфилд ақида баён кардааст, ки «дар зери мафҳуми билингвизм ин истифодаи забони хориҷӣ то дараҷаи забони модарӣ мебошад. Тибқи ақидаи муҳаққиқ дар байни аҳолии Канада, Шветсария ва минтақаҳои ҳамсарҳади Франсияи Белгия билингвизм ҳукмфармост» [274]. Муҳаққиқи дигар У. Вайнрайх чунин мешуморад, ки «салоҳияти нутқӣ дар истифодаи забони модарӣ ва хориҷӣ дар билингвизм фарқ мекунад» [349].

Раванди гузариш аз як забон ба забони дигар ва истифодаи дигар забон дар байни мардум, таваҷҷуҳи мутахассисони равоншинос, психолингвистҳо, сотсиолингвистҳо ба худ ҷалб намудааст. Албатта, ин масъала таваҷҷуҳи забоншиносон ва педагогҳоро низ ба худ ҷалб менамояд, зеро таъсири забони хориҷӣ ба забони модарӣ зуҳуроти мураккаб аст. Муҳаққиқи фаронсавӣ А. Буало, «билингвизмро ба табиӣ (бешуурона) ва сунъӣ (бошуурона) ҷудо намудааст. Билингвизми табиӣ дар натиҷаи дар як муддат истиқомати халқҳои гунонгунзабон дар ягон минтақа буда, байни аҳолӣ истифодаи баробари чанд забон ҳукмфармо мебошад. Дузабонии табиӣ дар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ ҳукмфармо буд ва дар ҳар як ҷумҳурӣ аз тарафи аҳолӣ истифодаи баробари ду ё зиёда забон ҳукмфармо буд.

Билингвизми сунъӣ дар натиҷаи омӯзиши махсуси мақсаднок ба вуҷуд меояд, ки дар он шахс қобилияти забонӣ ва маърифатии худро барои азхудкунии забони нав истифода мекунад. Зимни омӯхтани забони хориҷӣ шахс аз дониш ва малакаҳои нутқии забони модарии худ ҳамчун

заминаи асосӣ кор мегирад, то сохторҳо ва қоидаҳои забони бегонаро фаҳмад» [275]. Дар ин раванд вожаҳо ва ибораҳои забони хориҷӣ, одатан, тавассути тарҷума аз забони модарӣ омӯхта ва татбиқ карда мешавад, ки ин ба шахс имкон медиҳад робитаи байни забонҳоро дарёфта, малакаҳои забонии худро тадриҷан густариш диҳад. Бояд таъкид кард, ки ин усул на танҳо барои аз худ кардани лексикаи нав кумак мекунад, балки дар фаҳмиши нозукиҳои имлоӣ ва фарҳангии забони хориҷӣ низ нақши муҳим мебзад [30, с. 111].

Чунончи барои мисол вожаи англисии “house”-ро русҳо дом ва тоҷикҳо хона мегӯянд. Чунин истифода на танҳо дар мавриди истифодаи вожаи алоҳида, балки дар тарҷумаи ҷумлаҳо низ вомехӯранд.

Гузариши забонӣ мувофиқи қоида ва имконият сурат мегирад. Барои мисол дар забони англисӣ ва забони тоҷикӣ шумораи исмҳо, бахусус исмҳои танҳо ва ҷамъ, дигар ҳиссаҳои нутқ фаровон истифода мешаванд, дар ҳар ду забон ҳам замонҳои феълӣ вуҷуд доранд. Лекин дар аксар мавридҳо зуҳуроти лингвистии як забон дар забони дигар вуҷуд надорад. Масалан, дар забони англисӣ масдар, герундия, шаклҳои перфектии феъл вуҷуд дорад, вале дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ он дида намешавад. Дар ҳолати аломорфизм, яъне мавҷуд набудани зуҳуроти забони хориҷӣ дар забони модарӣ, гузариши нобаробари зуҳуроти забони модарӣ ба забони хориҷӣ мушоҳида мегардад.

Муҳаққиқи олмонӣ Г. Шухард мешуморад, ки: «муошират и шифоҳии байни ду забон дар байни ду халқ ба гузариши осонкардаи ин забонҳо оварда мерасонад» [334]. Аз ин хотир олимони британӣ аз он ташвиш доранд, ки вобаста ба мавҷудияти идиомӣ ва ғанигии вожаҳо забони англисӣ ба воситаи маъмули муошират и байналмилалӣ табдил ёфта истодааст. Онҳо кӯшиш доранд дар ин мавриди истифодаи дузабонӣ изоморфизмро нигоҳ доранд. Чунончи дар ин маврид

истифодаи ибора ё ҷумлаи англисӣ аз тарафи дигар мардум бо истифодаи муродифи сохтори забонии худ ба ҷойи сохтори идиоматии англисӣ истифода мешаванд ва ин ба забони аслии англисӣ халал мерасонад. Дар ҷадвали поин мо мисоли равшанеро аз таҳқиқот ва таҷрибаи худ дар омӯзиши забони англисӣ дар ҷумҳурии мо ва барандагони аслии забон меорем:

Ибора дар забони тоҷикӣ	Тарҷумаи тоҷикзабонҳо	Ибора дар забони аслӣ
Ин хунукӣ ба дилам зад	I'm sick and tired of this cold	I've had it with this cold
Чизи аҷоибе дар ин ҷо ҳаст	There is something funny in it	There's a funny side to it
Ӯ ин шӯхиро нафаҳмид	He didn't understand the joke	The joke was lost on him
Ба ягон чиз дигар маънӣ додан	To give a new sense to something	To read a new meaning into somethig

Дар ин маврид бо назардошти сарфи кӯшиш дар интихоби сохтори забон истифодаи мантиқии забони тоҷикӣ мушоҳида мегардад. Аслан се дараҷаи истифодаи забони хориҷӣ мавҷуд аст. Дараҷаи якум ин истифодаи забони хориҷӣ дар вазифаи иттилоотӣ ва муошрати одӣ қарор дорад. Дараҷаи дуюм ин гузариш бо истифодаи баробари забони хориҷӣ дар як вақт бо забони модарӣ мебошад. Дараҷаи сеюм ин билингвизми табиӣ аст, яъне истифодаи баробар ва дурусти ду забон мебошад. Дар мавриди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ дар Тоҷикистон гуфтан мумкин аст, ки дузабонӣ дар дараҷаи ибтидоӣ қарор дорад. Сафарҳои хидматӣ, муҳоҷират ва табодули хидматӣ метавонанд, омӯзиши забони англисиро ба дараҷаи дуюм баранд, аммо дар ин маврид ба фарҳанг ва ҷомеаи миллӣ таъсири бегона зиёд мешавад ва ин ба ҳуввияти миллӣ халал ворид менамояд.

Ивазшавии шахсияти забонӣ проблемаи мубрами омӯзишии сотсиолингвистҳо, этнолингвистҳо ва лингвофарҳангшиносон мебошад [62, с. 111].

Ақидае ҷой дорад, ки тибқи он таълими натиҷабахши забони хориҷӣ аз овони хурдсолӣ оғоз меёбад. Чунончи инро дар хонаводаҳои муҳоҷироне, ки дар хориҷа қарор доранд, мушоҳида менамоем. Аммо дар таҳқиқоти сершумори муҳаққиқони ба ин масъала машғул буда, хотиррасон карда мешавад, ки муҳоҷират ва интегратсия на танҳо тарафи мусбат дорад, балки тарафҳои манфии он низ ҷой доранд. Муҳаққиқ Н.Ш. Александрова дар таҳқиқоти худ «нуқтаи назари муҳаққиқони зиёдеро ҷамъбаст намуда, натиҷаҳои мусбат ва манфии билингвизмро нишон додааст» [362; 305; 336; 365; 382]. Дар маводи бисёр забонҳо (кореягӣ-фаронсавӣ, олмонӣ-русӣ, итолиявӣ-олмонӣ, юнонӣ-русӣ, форсӣ-олмонӣ) таҳқиқот бурда шуда, муҳаққиқ хотиррасон менамояд, ки: «хавфи аз байн рафтани забони модарӣ проблемаи ташавишовар мебошад» [6, с. 90].

Аз рӯйи ақидаи мо, омӯзиши ду забон дар синни хурдсолӣ ба салоҳияти забон таъсири манфӣ мерасонад, зеро омӯзиши фаъоли забони хориҷӣ ба забони модарӣ таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, дар оилаҳое, ки бо забони хориҷӣ муошират мекунанд, кӯдакон малакаи муошират бо забони модариро аз даст медиҳанд. Ин ҳолат то ба дараҷае оварда мерасонад, ки барои ислоҳи он омӯзиши забони модариро аз сифр шуруъ кардан лозим меояд.

Мушоҳидаҳо муҳаққиқонро ба хулосае овардааст, ки синну соли 10 -11 солагӣ давраи беҳтаринест барои шомил намудани хурдсолон ба муҳити нави лингвофарҳангист. Чунки дар ин синну сол хурдсол маҳорат ва малакаи муоширатии забони модарии худро дорад ва омӯзиши забони хориҷӣ ба забони модарӣ хатар эҷод намекунад. Дар вақти бошуурона

азхудкунии забони хориҷӣ натиҷаҳои манфиро бартараф кардан мумкин аст. Чунончи таъсири пурзӯри забони модарӣ ба хориҷӣ ва баръакси он яке аз натиҷаҳои манфӣ ба шумор мераванд. Омӯзгори кордон дар чунин ҳолатҳо хатоҳоро пешакӣ муайян карда, ислоҳ мекунад ва соҳибзабонро ҳам дар истифодаи забони модарӣ ва ҳам забони хориҷӣ дстгирӣ менамояд. Омӯзгори ботаҷрибаро барои ҳалли чунин вазифа лозим аст, ки дар вақти таълим зуҳуроти интерференсияро дар мадди назар қарор диҳад, зеро он дар тамоми забонҳо мавҷуд аст.

1) Интерференсияи фонетикӣ камбудии устувор ба шумор рафта, бартараф кардани он ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ хеле мушкил аст. Дар ҳолати хуб донистани грамматика ва лексика ҳам талаффузи овозҳо мушкилиҳо эҷод менамоянд. Чунончи англисҳое, ки забони русиро меомӯзанд, дар талаффуз бо хеле мушкилиҳо дучор меоянд. Барои русҳо низ ҳангоми омӯхтани забони англисӣ дар мавриди талаффуз мушкилиҳои зиёде ҷой доранд. Дар мавриди забони тоҷикӣ ва англисӣ ин мушкилиҳо камтар ҷой доранд ва тоҷикон ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар талаффуз қариб ба соҳибзабонон наздик мешаванд.

2) Дар дараҷаи лексикӣ низ мушкилиҳо ҷой доранд. Чунончи дар мавриди феълҳои англисӣ do ва make мушкилиҳои зиёде ҷой доранд. Ҳар ду вожа ба забони тоҷикӣ “кардан” тарҷума мешаванд ва тибқи нозукии забони англисӣ истифодаи ин ду феъл хеле мушкил аст. Чунки ибораҳои устувори бо феъли to make дар забони англисӣ ҷой доранд, ки истифодаи феъли to do-ро сарфи назар мекунанд. Чунончи: to make a mistake, to make a face, to make a mess ва ғайра. Баръакс истифодаи феъли to do низ чунин мушкилиҳоро дорад ва он махсус мебошад. Чунончи: to do the job, to do one’s hair, to do one’s duty, to do one’s best ва ғайра. Дар ин маврид тарҷумаи ин феълҳо бештар вақт ба иштибоҳ ва ғалат меорад [35, с. 26].

Дар зери таъсири забони хориҷӣ дар истифодаи семантикии вожаҳо дигаргуниҳо ба миён меоянд. Чунончи, дар забони англисӣ вожаи science танҳо ба илмҳои дақиқ марбут аст. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми илм васеъ буда, ҳамаи намудҳои илмҳо, ҳам гуманитарӣ ва ҳам дақиқро дар бар мегирад. Бо нодурустии услубӣ истифодаи зиёди сленгҳо дар забони англисӣ ҳангоми тарҷума меорад. Дар мавриди тарҷумаи сленг ба забони тоҷикӣ хеле эҳтиёткорона муносибат намудан лозим аст, зеро тарҷумаи таҳтуллафзии он дар аксар маврид ғалат аст. Чунончи вожаи “joint” то нимаи асри XX ба маънои манзил истифода мешуд. Ҳозир ин вожа дар забони англисӣ ба маънои нашъа (маводи мухаддир) истифода мешавад. Вожаи “broad” то солҳои 50-уми асри гузашта дар забони англисӣ ба маънои зани дилрабо ва мафтункунанда истифода мешуд. Айни ҳол ин вожа бо тобишҳои нави маъноӣ зуҳур дорад ва он маънои “зани зишт”-ро ифода мекунад. Боиси таассуф аст, ки чунин ивазшавии маъноии вожаҳо дар бештар маврид зимни тартиб додани луғатҳо ба назар гирифта намешавад. Ин ивазшавии семантикӣ танҳо дар нутқи шифоҳӣ мушоҳида мегарданд ва албатта, муошират зиндаро душвор менамоянд. Зеро истифодаи сленг дар забони англисӣ барои намояндагони дигар забонҳо мушкилиҳо эҷод менамоянд. Ин ҳам дар мавриди истифодаи сленг дар нутқӣ шифоҳӣ ва хаттӣ аксар вақт ба душвориҳои тарҷума ва муошират меорад.

Дигар душворӣ дар мавриди омӯзиши забони англисӣ ин мавҷуд набудани муродифи вожаҳои англисӣ дар забони модарӣ мебошад. Яъне, аксаран калимаву ибораҳое дар забони англисӣ ба чашм мерасанд, ки фарҳангӣ илми забони англисиро тақвият бахшидаанд, дар як вақт онҳо ба забонҳои дигар дохил гардида, ба ҳайси вожаҳои байналмилалӣ дар истифодаанд. Чунончи, вожаҳои имиҷпейкер, интернет, пиар, айпад, смартфон, флешмод, блогер ва ғайраҳо ба таври маъмулӣ ва васеъ дар

забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд. Барои бештари онҳо барои дар забони тоҷикӣ муродиф мавҷуд нест. Ин албатта, ба рушди технология, илм ва фарҳангӣ англисзабонҳо вобаста аст. Дар бисёр мавридҳо дар натиҷаи инкишофи технология муродифҳои забони модарӣ аз байн мераванд. Чунончи вожаи МЭҲ (мошинҳои электронии ҳисоббарорӣ) ҳозир дар забони тоҷикӣ истифода намешавад ва ба вожаи архаистӣ табдил ёфтааст. Ба ҷойи он вожаи компютер мавриди истифода қарор дорад. Дигар масъала ин мавҷудияти муродиф ба хотири тозагии забони модарӣ мебошад. Чунончи, вожаи live journal англисиро беиштибоҳ маҷаллаи зинда тарҷума карда мумкин аст. Албатта, ба забони хориҷӣ таъсир гузоштан ва вожаи номақбулро ба муродифи номақбули забони модарӣ иваз намудан амали нохуб аст. Аз ин ҷо вазифаи омӯзгори забони англисӣ на танҳо ба саводнокии донишҷӯён таваҷҷуҳ намояд, балки дар вақти омӯзиши забони англисӣ омӯзгор бояд на танҳо махсусияти забони англисӣ, балки вижагиҳои забони модариро низ ба инобат гирад.

3) Мушкилиҳои грамматикӣ. Бояд махсус қайд намоем, ки дар мавриди грамматика низ мушкилиҳо ҷой доранд, аммо на ба дараҷаи мушкилиҳои фонетикӣ ва лексикӣ мебошанд, зеро дар ин ҷо қоидаҳои аниқ мавҷуданд ва нисбат ба дигар бахшҳои забономӯзӣ нисбатан осонтаранд. Аммо дар ин бахши забономӯзӣ низ махсусиятҳои грамматикӣ ҷой доранд ва аз рӯйи махсусиятҳои грамматикӣ ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ ба мушкилиҳо дучор меоем. Чунончи, дар истифодаи замони гузашта дар забони тоҷикӣ бештар бартарӣ ба past indefinite дода мешавад. Замони англисии present perfect дар тарҷума ба забони тоҷикӣ мушкилиҳо эҷод менамояд. Дар мавриди замонҳои англисии continues ва present perfect continues дар вақти тарҷума ба забони тоҷикӣ мушкилиҳо пеш меоянд ва ин ба вижагии грамматикии

забони англисӣ тааллуқ дорад. Дар мавриди истифодаи артиклҳо,ки дар грамматикаи забони тоҷикӣ мавҷуд нестанд, ҳангоми омӯзиши забони англисӣ хонандагон ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд [44, с. 81].

Дар мавриди истифодаи таҳтуллафзии бисёр вожаҳо ва тарҷумаи онҳо аз забони модарӣ ба забони англисӣ душвориҳо пеш меоянд. Инчунин, дар мавриди вожаҳои дониш – knowledges, пул – money are, маслиҳат – advices душвориҳо пеш меоянд. Ин мушкилиҳо ба махсусияти забони англисӣ дар мавриди шумораи ҷамъу танҳои исмҳо вобаста аст. Дар вожаи the news are дар ин маврид мисоли равшан аст.

4) Мушкилиҳои услубӣ. Дар ин маврид ҳангоми омӯзиш ва тарҷумаи забони англисӣ намояндаи дигар забон дар аксар ҳолат ба ғалату иштибоҳ роҳ медиҳад. Нутқи англисӣ ва тоҷикиро қиёс намуда дар мавриди муошират махсусиятҳои миллиро мушоҳида менамоем ва истифодаи забони модарӣ ва англисиро душвор менамояд ва ба ғалату иштибоҳ роҳ дода мешавад.

Инчунин савол додан дар забони тоҷикӣ мувофиқтар ва осон аст. Барои мисол мо бо тоҷикӣ мепурсем, ки “соат чанд аст?”. Дар забони англисӣ истифодаи хеле мураккаби саволдиҳӣ мавҷуд аст. Масалан: *could you tell me the time, please?* Would you know the time?, Do you happen to know what time it is?.

Ба андешаи забоншинос В. Г. Гак: «Дар забони англисӣ мавҷуд будан унсури *проксемика*, яъне нигоҳ доштани фосилаи равонӣ ва ҷисмонӣ дар байни муколимакунандагон, ба ҳайси омили таъсиррасон дар муошират нақши муҳим мебозад» [47].

Мардуми англис зимни савол додан шаклҳои грамматикиро дуруст истифода мебаранд, то ки вақти пурсидан ба ҳасмсӯҳбати худ фишор наоранд. Ин ба этикаи муошират англисҳо хос аст. Масалан, барои фаҳмидани он, ки истгоҳ ё бонк дар куҷо ҷойгир аст, англисҳо аз шахсе

чунин пурсон мешаванд: «*I am looking for a bus stop* ё *I wonder it there is a bank nearby*». Дар ин маврид шахс дар интихоб қарор мегирад ҷавоб диҳад ё не. Ин ба ахлоқи муошират, ки хосси англисҳо мебошад вобаста аст. Одоби муоширати англисҳо дар мавриди маслиҳат додан низ вижагиҳои худро дорад, ки дар вақти тарҷума мушкилиҳо эҷод менамоянд. Дар мавриди истифодаи тоҷикии “Ба фикри ман. Ман чунин мешуморам” англисҳо нисбат ба дигар миллатҳо маслиҳатро ба шакли савол истифода мекунанд, ки ин хосси ахлоқи муошират онҳо мебошад. Чунончи *Do you think a change would do you good?*

Дар забони англисӣ бо истифодаи меъёрҳои маъмули муоширатӣ нисбати соҳаҳои гуногун ба мисли низомӣ, маъмурӣ ва ғайра таҳаммулпазирӣ ҳукмфармо мебошад. Дар ин маврид сохторҳои гуногуни услубӣ истифода мешаванд, ки хосси одоби муоширатии англисҳо мебошанд. Чунончи *Why don’t you. How about you. What would you say to. What do you think of. Wouldn’t be a good idea* ва ғайра. Ин вижагиҳои одоби муошират англисҳоро ифода менамояд. Дар ин маврид ба ҳамсӯҳбатҳо фишор оварда намешавад. Ӯ интихоб дорад ба савол ҷавоб диҳад ё ба сӯҳбат ворид нашавад. Дар забони тоҷикӣ хоҳиш, маслиҳат, пурсиш хусусияти фармонро дорад.

Дигар вижагии услуби забони англисӣ ин стереотип мебошад. Махсусияти хосро дар одоби муошират англисӣ ин такрор ҳам дар пурсиш ва ҳам дар посух мебошад. Ба ақидаи Н.Ш. Александрова: «фарҳангӣ муошират ин бахши ҷудонашавандаи фарҳангӣ миллӣ дар шакли умум мебошад» [6, с. 92].

Муколимаи англисӣ дар фарқият аз забони тоҷикӣ ҳам дар ҳолат тасдиқ кардан ҳам дар ҳолати пурсидан бо савол-такрор истифода мешавад. Масалан: I arrived yesterday - did you? You called him back, didn’t you? I am your mother, aren’t I?

Ҷавоб додан ба саволи бевосита дар забони англисӣ ҳамеша бо такрори шакли феълӣ меояд, масалан: Yes, I did ва No I didn’t.

Дар аксар мавридҳо, аз нуқтаи назари иттилоотӣ, ин такрорҳо фасоҳати муошират дониста шавад ҳам, бо вуҷуди он вижагии муколимаи забони англисиро ифода мекунад ва дар дигар забонҳо мавҷуд нест. Чунончи истифодаи ҳа ё не барои англисҳо дағал буда, таҳқир ба ҳисоб меравад.

Умуман, агар хулоса намоем, услуби миллии англисҳо дар забон дар одоби муошират, хусусияти равонӣ, таҳаммулпазирӣ зоҳир мегардад. Ин махсусиятҳо омӯзгор ва хонандаро водор менамоянд, ки дар вақти омӯзиши забони англисӣ вижагиҳои забон ва фарҳангӣ миллиро ба инобат гиранд. Ҳалли ин проблема танҳо дар сурати коркарди назарияи забоншиносӣ ва методикаи омӯзиши забони хориҷӣ амали мегардад. Чунин муносибати муштарак имкон медиҳад, ки таҳкурсиро барои салоҳияти дузабонӣ бунёд созем. Ин, албатта, ба муошират байнизабонӣ ва байнифарҳангӣ мусоидат менамояд.

1.3. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ

Имрӯзҳо омӯзиши забони хориҷӣ, бешак, як омили муҳими рушди шахсӣ ва касбӣ маҳсуб меёбад. Раванди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши муошират байналмилалӣ, дар ин росто донистани забонҳои хориҷӣ барои муваффақ гардидан дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла, тиҷорат маориф ва фарҳанг, зарур гардидааст. Забонҳо на танҳо воситаи муошират, балки калиди ворид шудан ба фарҳангҳо, васеъ кардани ҷаҳонбинӣ ва барпо намудани муносибатҳои нав мебошанд. Дар ин раванд, усулҳои инноватсионӣ ва ҷолиб барои таълим, аз қабили: бозиҳои дидактикӣ, нақши муҳим доранд. Онҳо имкон медиҳанд, ки

забономӯзон салоҳиятҳои забониро дар муҳити фаъолу ҷолиб ташаккул диҳанд, инчунин барои омӯзиш ҳавасманд гарданд.

Дар таҳқиқоти худ мо тасмим гирифтем, ки бозиҳои дидактикиро дар омӯзиши забони хориҷӣ таҳлил карда, нақши онҳоро нишон диҳем, афзалият ва мушкилоти истифодаи онҳоро муайян созем, оид ба татбиқи ин технология дар муассисаҳои таълимӣ ба омӯзгорон тавсияҳои методӣ пешниҳод намоем. Ба ин хотир мо мафҳумҳоро оид ба бозиҳои дидактикӣ, намудҳои онҳо, мусоидати онҳо ба дигар малакаҳои забономӯзӣ, аз қабили: хондан, навиштан, шунидан, нутқ ва ҷамъбасти тадқиқоти илмиро мавриди баррасӣ қарор додем.

Бозиҳои дидактикӣ фаъолиятҳои таълимие мебошанд, ки бо мақсади омӯзонидани мавзуъ ё малакаи мушаххас дар шакли бозӣ ташкил карда мешаванд. Онҳо унсурҳои рақобат, ҳамкорӣ ва эҷодиётро дар бар мегиранд ва барои ҷалби таваҷҷуҳи донишҷӯён ва афзоиши ангезаи онҳо хизмат мекунанд. Дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бозиҳои дидактикӣ ба рушди малакаҳои гуногун, аз қабили: суханронӣ, гӯш кардан, хониш ва навиштан нигаронида шудаанд.

Виготский Л. иброз доштааст, ки: «Бозӣ як воситаи муҳими рушди маърифатӣ аст, зеро он ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар муҳити тақлидшуда малакаҳои худро озмоиш кунанд ва тафаккури эҷодиро тақвият бахшанд» [45, с. 66]. Дар ин замина, бозиҳои дидактикӣ на танҳо воситаи таълим, балки як муҳити иҷтимоӣ барои рушди малакаҳои муошират мебошанд.

Назарияи омӯзиши тавассути бозӣ аз корҳои муҳаққиқони барҷастаи соҳаи психологияи таълим, аз ҷумла, Лев Виготский ва Жан Пиаже, сарчашма мегирад. Виготский дар назарияи худ: «дар бораи "минтақаи рушди наздик" таъкид мекунад, ки бозӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки аз сатҳи кунунии дониш ва малакаҳояшон боло равад.

Пиаже бошад, бозиро ҳамчун воситаи ассимилятсия ва аккомодатсияи донишҳои нав муайян мекунад, ки дар он донишҷӯён тавассути таҷрибаи амалӣ донишро аз худ мекунанд» [45, с. 66].

Ғайр аз ин, назарияи "равонӣ" (flow)-и Чиксентмихайи нишон медиҳад, ки бозиҳо метавонанд донишҷӯёнро ба ҳолати ғарқшавии пурра дар фаъолият ворид кунанд, ки ин ба афзоиши самаранокии омӯзиш мусоидат мекунад. Ин асосҳои назариявӣ заминаи илмиро барои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълим фароҳам меоранд.

Бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ якчанд афзалиятҳои муҳим доранд:

Афзоиши ангеза: Бозиҳо муҳити шавқовар ва озодро эҷод мекунанд, ки донишҷӯёнро ба иштирок ва омӯзиш ҳавасманд мекунад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки муҳити бозӣ сатҳи стрессро коҳиш дода, иштироки фаъолро афзоиш медиҳад.

Такмили малакаҳои муошират: Бозиҳои нақшофарӣ ва гурӯҳӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки малакаҳои суханронӣ ва гӯш кардани худро такмил диҳанд. Масалан, бозии "Debate Club" донишҷӯёнро водор мекунад, ки нуқтаи назари худро бо истифода аз забони хориҷӣ дифоъ кунанд.

Рушди малакаҳои иҷтимоӣ: Фаъолиятҳои гурӯҳӣ дар бозиҳо ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки малакаҳои ҳамкорӣ ва кор дар дастаҳоро рушд диҳанд.

Ҳифзи беҳтари мавод: Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки омӯзиш тавассути бозӣ ба хотираи дарозмуддат мусоидат мекунад. Масалан, донишҷӯёне, ки калимаҳои навро тавассути бозии "Flashcards" меомӯзанд, онҳоро нисбат ба усулҳои анъанавӣ беҳтар ба ёд меоранд.

Таъсири бозиҳо ба рафтори забонӣ. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи бозиҳо дар донишгоҳи забонӣ метавонад нақши муҳим дар фаҳмидани масъалаҳои грамматикӣ дошта бошанд.

Кунҷкобӣ ва таҷриба дар заминаи равандҳои гуфтушунид. Ба ёд овардан: Бозиҳо метавонанд бар хилофи роҳҳои анъанавии таълим имкониятҳои нав барои ҷорӣ кардани равандҳои коммуникатсионӣ ва маводи забонӣ эҷод кунанд [51, с. 67].

Рафъи мушкилот ва сохтани муҳити таълимӣ: Бо истифодаи бозиҳо, метавон ба ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим имконият диҳем, то ки на фақат ҳамкорӣ, балки муҳити озод ва эҷодӣ пайдо шавад.

Таъсири тарҳрезии бозиҳо: Тарҳрезии бозиҳо бояд бо таҷрибаҳо ва усулҳои машҳури таълим ҳамоҳанг бошад, то ки ба талабот ва эҳтиёҷоти гурӯҳҳои гуногуни хонандагон ҷавобгӯ гардад. Омӯзгорон бояд ҷиҳати танзими бозиҳо ва тайёр кардани маводҳои муфид барои ҳар як нишондоди таълимӣ фаъол бошанд.

Дар таълимот бозиҳо метавонанд барои навоварӣ, табодули ақида дар муҳити раванде, ки иҷрои мақсади таълим осонтар мешавад, истифода мешаванд. Масалан, бозиҳо метавонанд ба кам кардани таваққуф (пауза) дар равандҳои суханронӣ кумак кунанд. Бозиҳо фаҳмидани мафҳумҳои грамматикӣ ва лексикиро бо истифода аз роҳҳои эҷодӣ ва ҳавасмандкунӣ осон мегардонанд. Ба таври мисол, бозиҳо метавонанд талаботро барои омӯзиши калимаҳое, ки дар зиндагӣ истифода мешаванд, осон намоянд.

Унсури муҳим дар истифодаи бозиҳо дар таълим ин аст, ки онҳо метавонанд муҳити таълимиро ба як муҳити интерактивӣ ва динамикӣ табдил диҳанд. Вақте ки хонанда забони хориҷиро меомӯзад, натиҷаи комилан таъсирбахш ё қобили қабул танҳо дар муҳити осон ва дастрас

рух медиҳад. Масалан, иҷрои супоришҳои иҷтимоии грамматикӣ ва сохтани ҷумларо метавон бо истифодаи таълими бозиҳо осонтар кард. Дар шеваи бозикунӣ, ширкаткунандагон метавонанд мустақиман дар масъалаи сохтани таркиби ҷумлаҳо иштирок намоянд, ба гуфтугӯҳои ҳаҷвӣ ҳатто санҷишҳои назоратшавндаро бо ба назар гирифтани қоидаҳои грамматикӣ ва ҷумлаҳои гуногун дуруст иҷро намоянд. Ин дастоварди фаъоли бозиҳо на танҳо талаботро қонеъ мегардонад, балки муҳити баробарсозии имконотро барои иштироккунандагон таъмин месозад [66, с. 81].

Бозиҳо барои тартиб додани мантиқи «навори сухан» ё раванди нақл кардани ишораҳои грамматикӣ ва лексикӣ мусоидат мекунанд. Масалан, онҳо метавонанд дар маҷмуъ тақсимотҳои сохтории калимаҳоро ба мисли номи амал, раванди ҷудо кардани номҳо ва номгузории ҷабҳаҳо осон кунанд.

Супоришҳои грамматикӣ метавонанд бо шеваи бозикунӣ осон ва мақбул иҷро шаванд. Масалан, бо бозии “Баробар кардан”, донишҷӯён метавонанд муҳтавои грамматикаро бо таъсири визуалӣ ва амалӣ бештар такмил диҳанд. Дар ин бозии навъи сохтан дар суханрониҳо ва тартиб додани ҷумлаҳо ё шарҳи маъноҳои гуногуни калимаҳо эҷодкорӣ ва фаъолнокӣ эҳсос карда мешавад.

Бозиҳо манзараи эҷодии фарқкунандаи сӯҳбат ва ишораҳоеро дороанд, ки якҷоя бо саҳнаҳои воқеии рӯзмарра корбарӣ ва тақвият бахшидани мавзуъҳои калифшудаи хонандагонро таъмин мекунанд. Масалан, бозиҳо метавонанд омӯзиши калимаҳоеро, ки дар зиндагиҳои рӯзмарра истифода мешаванд, осон кунанд.

Таҷрибаҳои амалии дар донишгоҳҳои забонӣ ва муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳанд, ки бозиҳо метавонанд дар рафтор ва муносибат бо забон таъсири амиқ гузоранд. Аз таҳқиқот ва пажуҳишҳо

бармеояд, ки донишҷӯён бештар дар муҳити бозии равшан ва ғайрирасмии таълимӣ фаъолият мекунанд, ки ин боиси рафъи монеаҳои табиии психоэмотсионалӣ, монанди таъриф накардани аз ҳад зиёд, шодмонӣ аз ташвиқот шуда метавонанд.

Н.В. Елухина иброз медорад, ки: «Бозиҳои дидактикӣ ин маҷмуи фаъолиятҳои ҷолибу шавқоваре мебошанд, ки бо мақсади дастгирӣ кардани омӯзиш ва такмили мафҳумҳо дар ҳар як фан ё мавзуи таълимӣ истифода мешаванд. Мафҳуми «Дидактикӣ», ки аз калимаи лотинии didacticus гирифта шуда, маънояш таълим буда, дар мавриди бозиҳо мақсади интиқоли дониш ва омӯзишро бо роҳи шавқовару осон дар таълим нишон медиҳад» [73, с. 109].

Хусусиятҳои асосии бозиҳои дидактикӣ дар интерактивӣ, яъне фаъол, ҷолибу шавқовар, таъсирбахш, ҳаяҷоновар, эҷодкорона ва таҷрибанок будани онҳост.

Мақсади аслӣ дар истифодаи бозиҳо, ки дар раванди таълим пайдо мешаванд, ин аст, ки муҳассилон дар бораи маълумоти забониву фарҳангӣ беҳтар фикру андеша карданро меомӯзанд, бо шеваи эҷодкорӣ ва зудбартарафкунӣ мубодлаи афкор мекунанд, баробари аз худ кардани унсурҳои забони тафсири мавзуъ ва хулосабарориро ба таври осон ёд мегиранд.

Бо вуҷуди афзалиятҳо, истифодаи бозиҳои дидактикӣ бо баъзе мушкилот рӯбарӯ мешавад, аз ҷумла:

Маҳдудияти вақт: Ташкили бозиҳо вақти зиёдро талаб мекунад, ки дар барномаҳои пуршиддати таълимӣ мушкил эҷод мекунад.

Захираҳои моддӣ: Барои баъзе бозиҳо, ба монанди бозиҳои рақамӣ ё кортҳои махсус, захираҳои молиявӣ лозиманд, ки дар баъзе муассисаҳои Тоҷикистон маҳдуданд.

Омодагии омӯзгорон: На ҳама омӯзгорон малакаи кофӣ барои ташкили бозиҳои дидактикӣ доранд, ки ин ба самаранокии онҳо таъсир мерасонад.

Барои татбиқи бомуваффақияти бозиҳо, омӯзгорон бояд омодагии касбӣ дошта бошанд ва муассисаҳои таълимӣ бояд шароити муносиб фароҳам оранд.

Бозиҳо муҳити шавқовар ва озодро эҷод мекунанд, ки донишҷӯёнро ба иштирок ва омӯзиш ҳавасманд мекунад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки муҳити бозӣ сатҳи стрессро коҳиш дода, иштироки фаъолро афзоиш медиҳад.

Фаъолиятҳои гурӯҳӣ дар бозиҳо ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки малакаҳои ҳамкорӣ ва кор дар дастаҳоро рушд диҳанд.

Дар таҳқиқотҳои С.Т. Занко зикр мегардад, ки: «Назарияҳои методологӣ, хусусан конструктивизм ва психологияи амалӣ, ба истифодаи бозиҳо дар таълим таъсири амиқ мерасонанд. Бозиҳо дар муҳити конструктивистӣ кумак мекунанд, ки донишҷӯён фаҳмидани масъалаҳо ва дар амал ҷорӣ кардани онҳоро дар муҳити шодмон ва ғоясозӣ бо назари бевосита ва фаъол пеш мебаранд. Аз тарафи дигар, психологияи амалӣ нишон медиҳад, ки бозиҳо ҳамчун воситаи таълимӣ на танҳо барои такмили маҳоратҳои забонӣ, балки барои таҳкими рафтори эҳсосӣ ва ҷамъиятии донишҷӯён низ муфид мебошанд» [79, с. 81].

Тадқиқоти илмии мо дар ин бахш ба таҳлили нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, дар осон кардани равандҳои омӯзиш ва таҳсил тавассути амалҳои бозикунии конструктивӣ, равона шудааст. Мақсади он нишон додани аҳамияти бозиҳо барои таҳкими таҷрибаи забонӣ ва инноватсия дар техникаҳои таълимӣ мебошад.

«Конструктивизм як назарияи маъруфи педагогӣ мебошад, ки ба таври мухтасар донишро ҳамчун як раванди фаъол ва ба шахс нигаронидашуда шарҳ медиҳад. Ин назария асосан ба ғояи «истифодаи дониш тавассути таҷриба» равона гаштааст. Вақте ки донишҷӯён бо муҳити омӯзишии интерактивӣ ва фаъол рӯбарӯ мешаванд, онҳо на танҳо маълумотро қабул мекунанд, балки онро ба таҷриба ва амал табдил медиҳанд. Ба маънои дигар, дониш ба таври «сохта» (конструктсия) тавассути амал ва муҳити созгор ва мантиқӣ эҷод мешавад» [85, с. 701].

Дар равиши конструктивистӣ бозиҳо дар таълим донишҷӯёнро ба фаъолияти фаъолона ва таҷриба дар ҳолатҳои гуногун равона мекунанд. Бозиҳо на танҳо барои тасаввури назарҳо ё фаҳмидани ғояҳо кумак мекунанд, балки ба онҳо имкон медиҳад, ки маълумтро аз нигоҳ худ ва дуруст тартиб диҳанд

Масалан, бозиҳо метавонанд ба донишҷӯён фурсат диҳанд, ки муҳимтарин эҷодиёти грамматикӣ ё лексикаро бо истифодаи креатив ва назари шахсӣ пайгирӣ кунанд. Ҳамин гуна амалҳо дар муҳити бозӣ онҳоро маҷбур мекунад, ки донишро на танҳо ёд гиранд, балки онро «созанд».

Вақте ки бозиҳо дар муҳити конструктивистӣ истифода мешаванд, онҳо донишҷӯёнро бо муҳити эҷодии худашон саргарм мекунанд. Бо иштирок дар бозӣ талабот барои хушҳолӣ ва ҷалб шудан ба бозӣ дар мадди аввал меистад. Донишҷӯҳо метавонад мустақиман дар таъсирот ва раванди омӯзишӣ иштирок кунанд, ки ин ба такмил ё сохтмони мавзуъ ё идомаи муносибат бо предмети омӯзиш кумак мекунад. Мисол, бо истифодаи бозиҳо барои сохтани ҳолатҳои воқеӣ донишҷӯён метавонанд дар муошират ва таҳқиқи матнҳо ё нақшаҳо кӯшиш кунанд, то ки маводҳои грамматикӣ ва лексикӣ дар мавқеи худ ба таври шахсӣ

истифода шаванд. Масалан, дар бозии «Равшан кардани пардохт», донишҷӯён бояд калимаҳо ва имлои дурустро барои муваффақияти бозӣ ёд гиранд ва дуруст истифода кунанд.

Конструктивизм ба нақши муҳити ҷолиб ва созгор барои эҷоди шодмонӣ ва таҷрибаи таъсирбахш таъкид мекунад. Бо бозиҳо, муҳити таълим осонтар ва табиӣ мегардад, зеро донишҷӯён дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва муштарак бештар шод мешаванд ва эҳсос мекунанд, ки дар донишгоҳҳои гуногуни забонҳои хориҷӣ фаъолият карда истодаанд.

Шумори қарорҳое, ки донишҷӯён бояд дар муҳити таълимии дақиқ ва эҷодӣ гиранд, ба рушди мустақили онҳо кумак мекунад.

«Психологияи амалӣ назарияи психологӣ мебошад, ки ба рафтори инсон ва ҷараёни амалиёти ҳаррӯзаи онҳо нигаронида шудааст. Он асосан ба он, ки инсон чӣ гуна бо муҳити худаш ҳамоҳанг мешавад, бармегардад. Ин назария ба мо кумак мекунад, ки бо истифодаи бозиҳо дар таълим, рафтори одамон ва эҳсосоти онҳо бо ёрии амал ва таҷриба тағйир ёбад» [98, с. 81].

Бозиҳо на танҳо як шеваи механикӣ ё усули маълумотдиҳӣ ҳастанд, балки онҳо имконият медиҳанд, ки инсон ҳиссиёти худро тавассути амал бо хушҳолӣ таҳким кунад. Аз сабаби истифодаи бозиҳо дар муҳити таълимӣ, донишҷӯён эҳсос мекунанд, ки фаъолият дар муҳити бозӣ барои онҳо осон ва интиқолпазир аст.

Масалан, вақте ки донишҷӯён дар як муҳити бозӣ қарор мегиранд, онҳо маҷбур мешаванд, ки хоҳишҳои ҷорӣ ва муҳити худро бо гурӯҳ созанд. Ин раванди тасаввуркунанда ва дастоварди ҳар як иштирокчӣ кумак мекунад, ки ҳалли гурӯҳӣ ва омӯзишро бештар фаҳманд.

Психологияи амалӣ таъкид мекунад, ки «омӯзиш бо эҳсосоти бевосита ва амалан ба он рабт дорад. Дар бозии дидактикӣ, рафтор ва таҷрибаҳои талабот бо амал ва истифодаи ғояҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ, ки

дар муҳити бозӣ ба амал меоянд, ба омӯзиш таъсир мерасонад» [313, с. 15]. Мисол: Вақте ки донишҷӯён дар як бозии дуҷониба ва ё рақобатӣ ширкат мекунанд, онҳо на танҳо мехоҳанд, ки дастовардҳоро бинанд, балки бо рафтори худ кӯшиш мекунанд, ки ба муҳити таълимӣ хушҳолӣ ва самара бахшанд. Истифодаи бозиҳо дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии забон барои рафъи ин шиддатҳо ва шодмонӣ дар раванди таълим кумак мекунад.

Бо афзоиши талабот барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми ҷаҳон, муҳим аст, ки методҳои нав ва ҷолиб барои баланд бардоштани сатҳи омӯзиш пешниҳод мешаванд. Бозиҳои дидактикӣ на танҳо воситаи шавқовар ва интерактивӣ мебошанд, балки ба омӯзгорон барои беҳтар фаҳмидани муҳимтарин мафҳумҳои забон ва фарҳанг ва талаботи забономузӣ тавассути фаъолиятҳои ҷолиб кумак мерасонанд.

Бозиҳо ва амалҳои бозикунӣ воситаҳои муҳими таълиманд, ки мақсади аслии онҳо якҷоя кардани таълим бо рӯҳияи фаъолият ва шодмонӣ мебошад. Дар ҳолати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бозиҳо метавонанд мукаммалӣ, муодил ва ё кумаккунанда барои омӯзиши лексика, грамматика ва муҳтавои забон бошанд.

Вобаста ба мақсади таълимӣ, шеваи истифода ва хусусияти амалиётӣ бозиҳо гурӯҳбандӣ мешавнд. Ин кумак мекунад, ки омӯзгорон бозиҳоро мувофиқ ба вазифаҳои омӯзиш ва мақсадҳои таълим интихоб кунанд.

1. Бозиҳое, ки ба омӯзиши лексика ва грамматика бахшида мешаванд. Онҳо забономӯзонро ба муҳити воқеӣ ва амалишавии навъҳои лексикӣ ва грамматикӣ ворид мекунанд. Онҳо дар шароити воқеӣ ва созгор хеле самарабахш мебошанд.

Дар зер бозиҳоеро меорем, ки барои омӯзиши лексика нигаронида шудаанд:

Бозии “Меҳмонони калима”: Дар ин бозӣ донишҷӯён калимаҳоро бо истифода аз синонимҳо ва муҳити таълимӣ ба шеваи эҷодӣ шарҳ медиҳанд. Он кумак мекунад, ки маънои калимаро дар матни дуруст фаҳманд. Ба гуфтаи Пауэлл: «Бозиҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки лексикаи навро дар муҳити табиӣ ва ҳаяҷонбахш таҷриба кунанд» [297].

Бозии "Бонки калимаҳое, ки ман намефаҳмам": Донишандӯзон якҷоя бо омӯзгор калимаҳоеро, ки маънои онҳоро намедонанд, ёд гиранд ва аз кумак ё таълимоти бозӣ барои фаҳмидани калима истифода баранд.

Бозии "Лексикони хушҳолкунанда": «Вақте ки донишҷӯён бо аниматсияҳо ё шарикӣ нақшаи грамматикӣ ва лексикӣ эҷод мекунанд, онҳо метавонанд калимаҳоро дар шакли дуруст ва табиӣ омӯзанд» [313].

Бозиҳо барои омӯзиши грамматика:

Бозии "Грамматикаи дақиқ": Донишҷӯён дар бозӣ кӯшиш мекунанд, ки грамматикаи дурустро бо истифодаи матни муносиб ба ёд гиранд. Дар яке аз таҳқиқот дар бораи бозиҳо омадааст, ки: «таълими грамматика дар бозиҳо лаҳзаҳои шодмонӣ ва муносибатро баланд мебардорад» [315].

Бозии "Ҳақиқат ва сана": Дар ин бозӣ, ки номи дигараш “Ҳақиқат ё ҷасорат” (ҳақиқат ба хотири саволҳои дуруст ва ҷасорат барои иҷрои вазифаҳои далерона) мебошад. ба донишҷӯён имконият дода мешавад, ки хатоиҳои грамматикӣ ва лексикиро, ки зимни ёдгирӣ пайдо мешаванд, ислоҳ кунанд. Дар ин маврид, бозиҳо самаранокии шодмонӣ ва таълими грамматикаро бештар мекунанд [319].

Бозии мазкур ба рушди ҷанбаҳои зерини омӯзиш тасъир мерасонад:

– барои беҳтар шудани малакаи нутқӣ замина мегузорад. Яъне, вақте ки иштирокчиён ба саволҳои "ҳақиқат" ҷавоб медиҳанд, онҳо

маҷбуранд фикрҳои худро ба таври равон ва дақиқ баён кунанд, ки ин ба рушди малакаи гуфтугӯ кумак мекунад;

– омӯзиши луғат ва ибораҳои нав. Саволҳо ва супоришҳои бозӣ хонандагонро бо калимаҳо ва сохторҳои нави грамматикии забони мавриди омӯзиш шинос мекунад;

– ташаккули боварӣ ба худ. Иҷрои супоришҳои “ҷасорат” ё худ ҷавоб додан ба саволҳо ба донишҷӯён кумак мекунад, ки шармро аз худ дур кунанд бо боварию эътимод аз калимаҳои ба забони хориҷӣ марбутбуда истифода баранд;

– шиносоӣ бо фарҳангӣ бегона. Саволҳои марбути "ҳақиқат" аксар вақт мавзуъҳои фарҳангӣ, одатҳо ва арзишҳоро дар бар гирифта, ба забономӯзон имкон медиҳад фарҳангӣ забони омӯхташударо беҳтар дарк кунанд;

– муошират гурӯҳӣ. Бозӣ, ки дар муҳити гурӯҳӣ баргузор мешавад, забономӯзонро ба гӯш кардан, фаҳмидан ва аксуламал ба суханони дигарон водор мекунад, инчунин малакаи муошират иҷтимоиро тақвият медиҳад;

– омӯзиши шавқовар. Дар ин бозӣ фазои хушҳолона ва ғайрирасмӣ ҳукмфармо мегардад, ки он омӯзиши забонро ҷолиб ва камтар фишоровар мекунад.

Бозии номбурда аз ҷиҳати психологӣ хеле манфиатовар аст ва раванди омӯзишро осон менамояд.

2. Бозиҳое, ки ба маҳорати гуфтугӯ ва шиносоии фарҳангӣ робита доранд.

Забономӯзон дар муҳити чунин бозӣ метавонанд шахсияти худро нишон диҳанд ва қобилиятҳои нутқии худро дар муҳити табиӣ ва воқеӣ эҷод кунанд.

Бозиҳо барои шиносоии фарҳангӣ:

Бозии "Кумак": Дар ин бозӣ, донишҷӯён ба гурӯҳҳо тақсим шуда, дар бораи фарҳангҳо ва дастовардҳои таълимии гуногун нақл мекунанд. Бозиҳо на танҳо ба омӯзиши забон кумак мекунанд, балки шиносоии фарҳангиро низ пеш мебаранд. Мошер таъкид мекунад, ки: «Бозиҳо ҳамчун воситаи таълим метавонанд шиносоии фарҳангӣ донишҷӯёнро зиёд кунанд» [318].

Бозии “Таъсири фарҳангӣ”: Дар ин бозӣ донишандӯзон бо шеваҳои гуногуни фарҳангӣ ошно мегарданд ва кӯшиш мекунанд, ки онро бо тавассути креатив (эҷодкорӣ) ва таълим фориғ гардонанд. Ҳамин гуна бозиҳо дар муҳит ба шиносоии фарҳанг мусоидат мекунад.

Бозиҳо барои маҳорати гуфтугӯйи хушҳолона:

Бозии "Шарикони дурусти ман": Донишҷӯён бо истифодаи бозии дунафара ё сенафара барои гуфтугӯйи хушҳолона дар муҳити гурӯҳӣ қарор гирифта, маҳорат нишон медиҳанд.

Бозии "Муқобилаҳои дуруст": Вақте ки донишҷӯён дар бозии гуфтугӯ бо ҳам рақобат мекунанд, онҳо мехоҳанд, ки на танҳо дурустии забонро, балки натиҷаи нутқ ва хушҳолӣ аз гуфтугӯйро дар гурӯҳ эҷод кунанд.

Бозиҳо барои омӯзиши машғулоти рафтори забонӣ

Бозиҳо метавонанд ҳамчун воситаи амиқ ва муассир барои таҳкими рафтори забонӣ ва истифодаи дурустии грамматикӣ ва лексикӣ дар ҳоли зиндагии воқеӣ истифода шаванд.

Бозиҳои мавзуъӣ:

Бозии "Бесарҳад": Донишҷӯён бо иштироки фаъол дар ин бозӣ кӯшиш мекунанд, ки грамматика ва лексикаро дар муҳити табиӣ ва фориғбол дуруст ёд гирифта, амалӣ кунанд.

Бозии "Тақсимот": Вақте ки донишҷӯён дар бозии тақсимот ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд, онҳо метавонанд супоришҳои забониро хушҳолона иҷро кунанд.

Бозиҳои рафтори иҷтимоӣ

Бозии "Ҳамоҳангсозӣ": Донишҷӯён дар бозии тасвиркунӣ ва эҷод метавонанд муносибатҳо ва рафтори забонии худро бо кумак дар муштаракӣ самарабахштар кунанд. Моҳияти бозӣ дар он аст, ки онҳо дар як фазои хушҳоливу эҷодӣ бо ҳам муносибат мекунанд.

Бозиҳо дар таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба донишндӯзон имкон медиҳад, ки супоришҳоро мувофиқи мақсад ва хусусиятҳои таълим интихоб кунанд. Воситаҳои бозии дидактикӣ, ки дар таълим барои фаҳмидани лексика, грамматика ва маҳорати гуфтугӯ истифода мешаванд, метавонанд омӯзишро ба як таҷрибаи ҷолиб ва самарабахш табдил диҳанд. Ин методи ҷолибу муфид бар асоси назарияҳои педагогӣ ва психологияи амалӣ метавонад дар созгор кардани муҳити омӯзишӣ ва рушди забономӯзон мусоидат намояд.

Дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бозиҳо ҳамчун як воситаи муассир ва ҷолиб барои рушд ва такмили маҳорати забонӣ истифода мешаванд. Махсусан, назарияҳои методологӣ дар истифодаи бозиҳо ҳамчун таҷрибаи таълимии амалӣ ё асоси назариявӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Олимони рус ва ҷаҳонӣ дар самти педагогика ва психология барои таҳлили таъсири бозиҳо ба раванди омӯзиш назарияҳои мухталифро пешниҳод кардаанд.

Леонид Семенович Виготский психологи маъруфи рус, яке аз аввалин олимон буд, ки дар таҳқиқоти педагогӣ ба аҳамияти интераксия ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар раванди омӯзиш диққат дода буд. Л.С. Виготский ба муносибатҳои иҷтимоии забон ва нақши онон дар рушд ва таълим аҳамияти хос дод. Ба гуфтаи Л.С. Виготский, «Амал кардани

забон ва истифодаи он дар муҳити иҷтимоии муосир, ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки тафаккур ва суханронии худро рушд диҳад. Муҳаққиқ ба воситаи бозӣ ҳамчун як воситаи интегратсионӣ дар омӯзиш ишора мекунад, ки дар он донишҷӯён метавонанд бо кумаки дигарон (устодон ё ҳамкурсҳо) омӯзишро ба шакли иҷтимоии дилхоҳ ба даст оранд» [45].

Л.С. Виготский инчунин дар таълимоти худ: «ба «минтақаи наздики рушд» таъкид мекунад, ки дар он донишҷӯ ба кумаки омӯзгор ё дигар одамон метавонад супоришҳоеро, иҷро кунад, ки дар танҳоӣ иҷрои онҳо ғайриимкон аст. Бозиҳо метавонанд дар минтақаи наздики рушд кумак кунанд ва муҳити иҷтимоиро барои рушди маҳорати забонӣ пешниҳод намоянд» [45].

Александр Николаевич Леонтьев психологи маъруфи рус, таҳқиқоти амиқро дар самти ташаккули забон ва ёдгирии он дар матни фарҳанг ва иҷтимоият анҷом додааст. Мавсуф ба аҳамияти муҳити таълимӣ ва амалҳо барои фаҳмидани забон дар якҷоягӣ бо фарҳанг ва иҷтимоиёт ишора мекунад. Ӯ бозиҳоро ҳамчун воситаи такмили мавзуъҳои рафторӣ ва ҷустуҷӯи маъно дар забон муаррифӣ кардаст. Ба гуфтаи Леонтьев: «Технологияи шаклҳои мухталифи омӯзиш, аз ҷумла, бозиҳо имкониятест барои омӯзиши забон ва кумак кардан ба шахс барои оғози рушди иҷтимоӣ ва муносибатҳои маънавии ӯ» [138].

Исаак Яковлевич Лернер, муҳаққиқи соҳаи педагогика, дар омӯзишҳои худ ба аҳамияти муносибат ва ҳамоҳангии методологияи таълимӣ ба махсусиятҳои шахсияти донишҷӯён аҳамият додааст. Лернер тарзи муайян кардани вазифаҳоро дар муколамаҳои таълимӣ баррасӣ карда, таъкид ба амал меорад, ки бозиҳо на танҳо як воситаи эҷодӣ, балки як воситае барои фаҳмидани мушкилот ва мавзуъҳои грамматикӣ ҳастанд. Ба гуфтаи Лернер: «Таълими забонҳои хориҷӣ бояд бо истифодаи методҳое, ки донишҷӯёнро дар муҳити хушҳолона ва

интерактивӣ ба омӯзиши забон ва фарҳанг фаро мегиранд, ба роҳ монда шаванд» [140].

Марина Петровна Шарова педагог ва олим, ба таҳлили истифодаи бозиҳо дар таълими забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, нақши онҳоро дар рушд ва омӯзиши маҳорати гуфтугӯ ва шунидан таъкид кардааст. Вай боварӣ дорад, ки бозиҳо бо эҷод ва малакаи хаттӣ донишандӯзонро барои истифодаи забон дар муҳити воқеӣ омода мекунанд. Ба гуфтаи Шарова: «Бозиҳо метавонанд ҳамчун воситаи калидӣ дар рушди маҳорати коммуникативии хонандагон ва ташаккули муносибатҳои забонии онҳо дар муҳити табиӣ хизмат кунанд» [238].

Ба ҷуз назарияҳои русӣ, олимони ҷаҳонӣ низ назарияҳои ҷолибу муфидро дар истифодаи бозиҳо дар таълим пешниҳод мекунанд. Аз ҷумла Ҷонатан Мартин - педагоги маъруфи англис - бо таъкид ба истифодаи бозиҳо дар таълим ва таъсири онҳо бар мавзуъҳои дарсӣ ва муҳити фориғбол изҳор мекунад, ки: «Бозиҳо як воситаи муассир барои рафъи хастагӣ ва эҷоди муҳити созгор ва фаъол дар ҷараёни таълим мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун унсури қувватбахш барои татбиқи усули эҷодӣ дар таълим истифода шуда, муҳити рафтори хушҳолонаро барои омӯзиш эҷод кунанд» [316].

Чуноне ки зикр намудем, бозиҳои дидактикӣ, ки ба таълим ва омӯзиш дахл доранд, бо мақсади омӯзиши мафҳумҳои хосси таълимӣ, роҳҳои омӯзиш ва иштирок дар вазифаҳои фаҳмидан ва ё аниматсия кардани мундариҷаи ёдгирӣ сохта мешаванд. Ҳамзамон, бозиҳо метавонанд барои фаҳмидани равандҳои психологӣ ва когнитивии инсон дар матни омӯхтани забонҳо кумак кунанд.

Бозиҳо дар таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба хонандагон ва донишҷӯён имкон медиҳад, ки машғулиятҳоро мувофиқи мақсад ва хусусиятҳои таълим интихоб кунанд. Воситаҳои бозии дидактикӣ, ки дар

таълим барои фаҳмидани лексика, грамматика ва маҳорати гуфтугӯ истифода мешаванд, метавонанд омӯзишро ба як таҷрибаи ҷолиб ва самарабахш табдил диҳанд. Ин методи ҷолибу муфид бар асоси назарияҳои педагогӣ ва психологияи амалӣ метавонад дар шодмон кардани муҳити омӯзишӣ ва ба рушди донишҷӯён кумак кунад.

Хулосаи боби якум

Бозӣ табиатан инсонро дар тӯли ҳаёташ ҳамроҳӣ мекунад. Дар айёми хурдсолӣ он ҳамчун абзори омӯзиш хизмт мекунад, дар ҳоле ки дар мактаб барои касби дониш ва рушди маҳорату малакаҳо истифода бурда мешавад. Ин раванди таълимӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки дониш ва маҳоратро тавассути фаъолияти зеҳнӣ, муошират ва фаъолияти иҷтимоӣ дар шакли бозӣ ташаккул диҳанд. Бо кумаки бозӣ хонандагон метавонанд вожаҳоро ёд гиранд, ҳалли мушкилотро биёбанд, шиддатнокии эмотсионалӣ ва асабнокиро кам кунанд.

Бозиҳои дидактикӣ дар таълим вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд:

– **Дилхушкунанда:** ба хонандагон шодиву раҳи ҳавасмандӣ ва хушҳолӣ мебахшанд.

– **Муоширатӣ:** ба хонандагон кумак мекунанд, ки малакаҳои муоширатии худро беҳтар кунанд.

– **Иҷтимоӣ:** ба инкишоф додани қобилияти кор дар гурӯҳ ва иштироки фаъол дар муҳити коллективӣ мусоидат мекунанд.

– **Тарбиявӣ:** ба тарбияи ҳусни муносибат ва ба ҳамкориҳои коллективӣ кумак мерасонанд.

Бозии дидактикӣ ҷиҳатҳои равонии зиёдро дар бар мегирад. Ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар рафти бозӣ ба таҳлил ва муайян кардани дурустии амалҳо машғул шаванд, ки ин ба такрори таҷриба ва тасаввури зеҳнӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз он, бозӣ ба инкишофи

қобилиятҳои маърифатию ахлоқӣ ва психологияи шахсият мусоидат мекунад.

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълим бо мақсадҳои маишию иҷтимоии муайян сурат мегирад. Маҳз тавассути бозӣ, хонандагон кӯшиш мекунанд, ки мушкилотро ҳал кунанд ва ба истифодаи донишҳои худ дар амалҳои мусбат даст ёбанд.

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони хориҷӣ як воситаи муассир барои афзоиши фаъолнокии хонандагон ва беҳтар кардани ҷараёни омӯзиш аст. Бо кумаки бозӣ, хонандагон на танҳо маълумотро ба осонӣ аз худ мекунанд, балки малакаҳои равонии, иҷтимоӣ ва муоширатии худро низ инкишоф медиҳанд.

Мақсади бозӣ дар раванди таълимӣ, ки ба ҳиссаи муҳими ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ ва иҷтимоии хонандагон ишора мекунад, дар чанд ҷабҳа хулоса мешавад:

1. Вазифаи таълимӣ: Бозӣ барои рушд ва такмил додани хотира, диққат, идроки иттилоот, ва малакаҳои забон кумак мекунад. Он барои шиддатнокии эмотсионалии бозӣ кардан ва хулосаи зарурӣ бароврдан имкон фароҳам меорад, ки ин суръати фикрронии хонандагонро баланд мебардорад.

2. Вазифаи тарбиявӣ: Ба донишандӯзон хусусиятҳои инсондӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиро омӯхта, муошрати дуруст бо дигаронро дар пояи забони адабӣ ташаккул медиҳад.

3. Вазифаи хушҳолкунанда: Бозӣ муҳити шавқовар ва мувофиқ барои дарсро эҷод мекунад, ки хонандагонро ҷалб мекунад.

4. Вазифаи коммуникативӣ: Дар бозӣ муносибати коммуникативӣ бо забони хориҷӣ шакл мегирад ва барои ҳамкорӣ дар муҳити таълим кумак мекунад.

Вазифаи психологӣ: Бозӣ кумак мекунад, ки хонандагон барои

азхудкунии иттилоот ва таҳаммул кардани иқтидори зеҳнӣ омодагӣ пайдо кунанд.

5. Вазифаи рушддиҳанда: Бозӣ ба рушди сифатҳои шахсият ва фаъолиятҳои шахсӣ мусоидат мекунад.

Ҷойгаҳ ва нақши бозӣ дар таълим ба дониши омӯзгор ва ташкили шаклҳои мухталифи бозӣ вобаста буда, барои таҳкими забон ва нутқ мусоидат мекунанд.

Дар омӯзиши забони англисӣ истифодаи бозиҳои дидактикӣ як усули муассир ва шавқовар мебошад, ки барои ташаккули малакаҳои коммуникативии хонандагон кумак мекунад. Бозиҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки онҳо малакаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикиро дар шароити воқеӣ, бо истифода аз таълимоти амалии забон, аз худ кунанд. Истифодаи бозиҳои гуногун, аз қабили: "What is in my bag?", "Write a story", "Tongue Twisters" ва дигар бозиҳо ба ташаккули малакаи нутқӣ, хаттӣ ва фикрии хонандагон кумак мерасонад.

Бо ёрии бозиҳои дидактикӣ хонандагон на танҳо малакаи грамматикӣ ва лексикӣ, балки рафторҳои муоширатиро ҳам омӯхта метавонанд. Бозиҳо муҳити таълимиро шавқовар ва интерактивӣ мекунанд, ки дар он хонандагон ҳисси боварӣ ба худро ба даст меоранд ва бо муҳити омӯзиш ҷалб мешаванд. Аз ин рӯ, бозиҳои дидактикӣ самаранокии омӯзиши забони англисиро дар таҳсилот баланд мебаранд.

Барои ба ҳадаф расидан ва самаранокии бозии дидактикӣ омӯзгор бояд онҳоро вобаста ба синну сол ва имкониятҳои донишандӯзон интихоб намояд ва барои ширкаткунандагон муҳити созгор фароҳам оварад.

1. Дузабонӣ (билингвизм) ба истифодаи ду ё якчанд забон ишора мекунад, ки метавонад ба таври табиӣ ё сунъӣ ва бо дараҷаҳои мухталифи дониш ва истифода сурат гирад:

– **билингвизм табиӣ** – вақте ки мардум дар муҳити забонии гуногун зиндагӣ мекунанд ва ду ё зиёда забон ба таври табиӣ ва баробар истифода мешаванд.

– **билингвизми сунъӣ** – вақте ки одамон забони хориҷиро барои мақсадҳои махсус (маърифатӣ, омӯзиш, муошират) омӯхта, ба забони модарии худ таъсир мерасонанд.

2. **Мушкилоти лингвистикӣ** – омӯзиши ду забон метавонад боиси мушкилоти зерин шаванд:

– **фонетикӣ:** Мушкилоти талаффуз байни забонҳо, дар мисоли забони англисӣ ва русӣ;

– **лексикӣ:** Мушкилот дар истифодаи ду вожаи яксон, масалан феълҳо ба забонҳои гуногун;

– **грамматикӣ:** Мушкилоти тарҷума ва истифодаи замонҳо, артиклҳо ва дигар структураҳои грамматикӣ;

– **услубӣ:** Мушкилиҳо дар ифодаи маъно, талаботҳо дар забони модарӣ ва забони хориҷӣ ва як қатор фарқиятҳои фарҳангӣ, ки ба ғалатҳо дар муошират оварда мерасанд.

3. Нақши омӯзгор: Омӯзгор бояд ба фарқияти забонҳо ва фарҳангҳо таваҷҷуҳ зоҳир намояд, кӯшиш ба харҷ диҳад, ки натиҷаҳои манфии таъсиррасониро кам кунад.

1. **Тасаввуроти фарҳангӣ:** Забон ва фарҳанг якҷоя мераванд. Масалан, омӯзиши забони англисӣ дар Тоҷикистон бо мушкилот рӯбарӯ мешавад, ки дар он истифодаи сленг, ибораҳои идиоматикӣ ва калимаҳое, ки маънои воқеии худро гум мекунанд, метавонад ба забони модарӣ таъсир гузорад.

2. **Таъсири билингвизм ба ҳувияти миллӣ:** Омӯзиш ва муоширати ду забонҳо бо таъсири фарҳангӣ ҷиддӣ низ ҳамроҳ аст, ки метавонад ба

ҳувияти миллӣ таъсири манфӣ расонад. Ҳамчунин, кӯшиши ба таври дуруст нигоҳ доштани истифодаи ду забон муҳим аст.

Дар муҳити дузабонӣ, вақте ки одамон як забонро ба манфиати омӯзиш ва муошират меомӯзанд, мушкилоти зиёде дар интихоби дурустии ибораҳо, грамматика ва маъниҳо ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин, зарур аст, ки омӯзиш ва истифодаи ду забон бо эҳтиёт ва бо назардошти фарҳанг ва хусусиятҳои забонҳои гуногун ба роҳ монда шаванд.

Бозиҳои дидактикӣ, аз ҷумла, бозиҳои лексикӣ, нақшофарӣ, рақобатӣ ва эҷодӣ, ба рушди малакаҳои муошират ва ҳамкории гурӯҳӣ кумак мерасонанд ва инчунин ба хотираи дарозмуддат мусоидат мекунанд.

Назарияҳои педагогӣ ва психологӣ, ба монанди назарияи Л.С. Виготский ва Пиаже, ба таври илмӣ асосноккунии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълимро дастгирӣ мекунанд. Аз ҷумла, Л. Виготский нишон медиҳад, ки: «бозӣ ба донишҷӯён кумак мекунад, ки дар «минтақаи наздики рушд» қарор гиранд ва донишҳоро тавассути таҷрибаи амалӣ омӯзанд. Ҳамзамон, назарияи «равонӣ» (flow) нишон медиҳад, ки бозиҳо метавонанд дар донишҷӯён ҳолати ғарқшавии пурра ва муттамарказияти баланди диққатро ба вуҷуд оранд ва он ба беҳтар шудани самаранокии омӯзиш мусоидат мекунад. Барои муваффақияти ин усул, бояд ба омӯзгорон омодагии касбӣ дода шавад ва муассисаҳои таълимӣ шароити зарурӣ барои татбиқи бозиҳои дидактикӣ фароҳам оранд» [45].

Ҳарчанд истифодаи бозиҳои дидактикӣ бо баъзе мушкилот, ба монанди вақти зиёд ва захираҳои молиявӣ, рӯ ба рӯ мешавад, натиҷаҳои тадқиқоти зиёде нишон медиҳанд, ки онҳо дар беҳтар кардани натиҷаҳои омӯзиш, боло бурдани ангезаи донишҷӯён ва рушд додани малакаҳои забони мусоидат мекунанд.

Умуман, бозиҳои дидактикӣ як воситаи муассир ва шавқовар барои ҷалби донишҷӯён ба омӯзиш ва такмили малакаҳои муошират, хониш, навиштан ва гӯш кардан мебошанд. Онҳо ба афзоиши ангеза, тақвияти хотираи дарозмуддат ва равшан кардани муҳити таълим кумак мерасонанд.

Дар назарияи Л. Виготский ва Пиаже: «бозӣ як воситаи муҳими рушди маърифатӣ ва ассимилятсияи донишҳои нав аст, ки бо тарзи эҷодӣ ва амалӣ анҷом мешавад. Бозиҳои дидактикӣ дар таълим кумак мекунанд, ки донишҷӯён малакаҳои иҷтимоӣ, ҳамкории гурӯҳӣ ва маҳорати забонро рушд диҳанд» [45].

Тавсияҳо барои омӯзгорон ин аст, ки бозиҳои одӣ ва осонро истифода кунанд, инчунин омодагии касбии худро такмил диҳанд. Бозиҳои дидактикӣ як воситаи самарабахш ва муассир барои такмили малакаҳои забон ва беҳтар кардани сифати таълим мебошанд.

Бозиҳои дидактикӣ як воситаи муассир барои омӯзиш ва рушд дар таълим мебошанд, ки бо мақсади такмили мафҳумҳо ва забон истифода мешаванд. Мақсади асосии бозиҳои дидактикӣ ин дастгирии омӯзиш дар муҳити шодмон ва эҷодкорона мебошад, ки тавассути таҷриба ва амал раванди ёдгириро самарабахш мекунад. Онҳо хусусиятҳои асосии интерактивӣ, шавқовар ва таъсирбахш доранд, ки донишҷӯёнро барои фаъолона иштирок кардан ва маълумотро ба таври табиӣ ва осон дарк кардан роҳнамоӣ мекунанд.

Дар назарияҳои методологӣ, конструктивизм ва психологияи амалӣ бозиҳо нақши муҳим доранд. Конструктивизм таъкид мекунад, ки дониш дар муҳити эҷодӣ ва иҷтимоии дастҷамъӣ «сохта» мешавад, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад бо истифодаи бозиҳо таҷриба кунанд ва донишро ба амал табдил диҳанд. Психологияи амалӣ инчунин

истифодаи бозиҳоро барои таҳкими рафтор ва эҳсосот, ки ба раванди омӯзиш таъсир мерасонад, тасдиқ мекунад.

Бозиҳо дар таълим на танҳо барои омӯзиши лексика ва грамматика, балки барои рушди маҳорати гуфтугӯ ва шиносоии фарҳангӣ низ муҳим мебошанд. Бо истифода аз бозиҳо донишҷӯён метавонанд забон ва фарҳангро дар муҳити воқеӣ ва шодмон биомӯзанд.

Назарияҳои методологӣ, ки бозиҳо дар асоси онҳо таҳия мешаванд, ба омӯзгорон кумак мекунанд, ки бозиҳоро мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таълим интихоб кунанд, ки ин самаранокии раванди таълимро зиёд мекунад. Ин назарияҳо накши муҳити иҷтимоии муҳити таълимро дар рушд ва таҳкими маҳорати забонӣ таъкид менамояд.

БОБИ 2. ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАРҲИЛАИ ИБТИДОӢ

2.1. Имконияти бозиҳои дидактикӣ, ҳамчун намуди фаъолияти таълим, дар давраи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ

«Бозӣ ҳамчун намуди фаъолият дар вазъияти шартӣ барои азхудкунии таҷриба равона гашта, идораи рафторро инкишоф медиҳад» [210, с. 49].

Ба сохтори бозӣ ҳамчун фаъолияти шахсият чунин марҳилаҳо дохил мешаванд:

– мақсадгузорӣ;

– банақшагирӣ;

– амсиласозии мақсад;

– таҳлили натиҷаҳо, ки шахс худро ҳамчун субъект татбиқ менамояд.

Ҳавасмандии фаъолияти бозӣ бо хоҳишмандӣ, имконияти интихоб, ҷузъиёти мусобиқа, қаноатмандии талабот, худамалкунӣ таъмин карда мешавад [243, с. 96].

Ба сохтори бозӣ ҳамчун раванд чунин ҷузъиёт дохил мешавад:

– нақшҳое, ки бозигарон барои худ интихоб намудаанд;

– фаъолияти бозӣ ҳамчун воситаи амсиласозии ин нақшҳо;

– истифодаи ашёҳо барои бозӣ, яъне ивазкунии ашёи воқеӣ бо бозӣ ва шартӣ;

– муносибати ҳақиқӣ байни бозингарон;

– суҷет, яъне мазмуни воқеият дар бозӣ шартан барқарор карда мешавад.

Хусусиятҳои асосиро дар бештари бозиҳо инҳо дар бар мегиранд:

– инкишофёбӣ, яъне фаъолияте, ки бо хоҳиши хонанда, ба таври озод бо мақсади шодмон гаштан аз раванди фаъолият рушд мекунад;

– фаъолияти эҷодӣ;

– руҳбаландкунии эмотсионалӣ, рақобат, муносибат, ҳиссиёт;

– қоидаҳои бавосита ва бевоситаи ифодакунандаи мазмуни бозӣ, низомнокии мантиқӣ ва муддатнокии инкишофи он.

Муайян кардани вазифаи асосии бозӣ хеле душвор аст. Муҳаққиқ А.Н. Леонтев қайд мекунад, ки: «дар фаъолияти кӯдак талабот ба ашёҳо пайдо мешавад. Кӯдак мехоҳад худаш мошин ронад, қаиқ ронад, киштиро идора намояд, ҳавопайморо идора намояд ва албатта, ҳамаи ин барои ӯ имконнопазиранд, аз ин ҷо бозӣ ягона фаъолияти ивазкунанда ва қаноаткунанда барои кӯдак мегардад» [139, с. 23].

Муҳаққиқ В.Н. Дружинин чунин мешуморад, ки: «вазифаи асосии зеҳн ин сохтани амсилаҳои пешгӯйикунанда, сохтани намунаҳои воқеии оянда мебошад. Аз ин ҷо бозӣ ҳамчун нишондиҳандаи зеҳн, хосияти зеҳн шуда метавонад. Ин хосият аз синну сол вобаста нест. Амсилаи дунёи калонсолон санъат ва фалсафа мебошад» [58].

Л.С. Виготский роҷеъ ба ивазшавии мазмуни бозии кӯдакон зикр ба амал меорад, ки: «бозӣ масрафшавии оқилона, бомақсад, тарроҳшудаи нерӯи кӯдакон мебошад. Нерӯи сарфшудаи меҳнати калонсолон ба аломатҳои бозии кӯдакон шабоҳат дорад. Аз ин ҷост, ки бар фарқияти байни бозӣ ва меҳнат табиати равонии онҳо ба ҳам мутобиқанд. Ин нишон медиҳад, ки бозӣ шакли табии меҳнати кӯдак буда, ҳамчун фаъолият барои омодасозии онҳо барои оянда хизмат менамояд.

Кӯдак ҳамеша ба бозӣ машғул аст, аммо бозии ӯ мазмуни аслӣ дорад. Бозӣ ба синну сол ва шавқмандии кӯдак вобаста буда, дар худ ҷузъиётеро дар бар мегирад, ки барои азхудкунии маҳорат ва малака равона аст» [46, с. 38]. Л.С. Виготский ивазшавии мазмуни бозии

кӯдаконро зикр намуда қайд менамояд, ки: «бозӣ масрафшавии оқилона, бомақсад, тарроҳишудаи нерӯи кӯдакон мебошанд» [46, с. 38].

Вазифаи бозӣ он қадар васеъ нест, сарҳадҳои он хеле васеъ буда, муайянкунии он хеле душвор мебошад. Агар боадолатона баҳо диҳем, то ҳол муҳаққиқон назари баҳои сазоворро ба бозӣ надодаанд.

Бозӣ ҳамчун вазифаи фарҳанг дар якҷоягӣ бо меҳнат ва омӯзиш яке аз фаъолияти асосии инсон маҳсуб меёбад. Муҳаққиқ Г.К. Селевко: «бозиро ҳамчун намуди махсуси фаъолият шуморидааст. Аз рӯйи табиати худ бозӣ ба зиндагии воқеӣ наздик аст ва дар бисёр ҳолатҳо ҷудонашаванда мебошад» [210, с. 61].

Бозӣ ба фаъолияти гурӯҳӣ равона карда мешавад, ки ба методикаи муосир ҷавобгӯ мебошад. Вобаста ба аломатҳои табиӣ, бозӣ имконияти фаровонро барои бунёди вазъият, проблема, низоъҳои шартӣ доро буда, барои азхудкунии малакаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ замина мегузорад.

«Табиати муоширатӣ доштани бозӣ барои инкишофи малакаи коммуникативӣ мусоидат менамояд. Зарурати шарҳ додани фаъолият худ ва дигарон, ҳамкорӣ дар фаъолияти гурӯҳӣ, муқобилият нишон додан, изҳори андеша, барои ташаккули салоҳиятҳои нутқӣ ва муоширатии хонандагон мусоидат мекунад» [137, с. 47]. Татбиқи чунин бозиҳо муоширатро дар фаъолияти таълимӣ фаъолтар намуда, дар рушди тафаккури зеҳниву нутқӣ бо истифодаи забони омӯташаванда замина мегузорад. Возеҳ аст, ки ташаккули маҳорат ва малакаи нутқӣ дар шароити ба муоширати воқеӣ наздикбуда, амалӣ мегардад [115, с. 56].

Боз бартарияти бозӣ дар он зуҳур меёбад, ки он на танҳо шаклҳои кори инфиродӣ, гурӯҳӣ, ҷуфтиро муҳайё месозад, балки имконият

фароҳам меорад, ки ҳар як хонанда вақти таълимиро ба таври муфид истифода намояд.

Бозӣ имкон медиҳад, ки фаъолиятро ба вазъияти воқеии ҳаётӣ равона намоем. Ҳамчунин, устувории психологиро ба ширкаткунандагон омӯзонида, дараҷаи ҳаяҷону ташвишро паст менамояд. Муносибати фаъолро ба ҳаёт коркард карда, мақсаднокиро барои иҷрои вазифаи гузошташуда ба хонандагон меомӯзонад.

«Технологияи методҳои таълимии бозӣ ба он равона карда шудааст, ки хонанда бояд мақсади таълимро дарк намояд. Ҳамчунин, ба рафтори худ дар ҳаёт сарфаҳм равад, яъне мақсад ва барномаи фаъолияти мустақилонаи худро тартиб дода, натиҷаи ниҳоии ин мақсад ва барномаро дида тавонад» [219, с. 63].

Муносибати коммуникативӣ дар таълими забони хориҷӣ хусусияти ҷузъиёти зеринро дар бар мегирад:

– таваҷҷуҳи асосӣ-салоҳияти коммуникативӣ;

– барономаи таълимӣ шавқмандии хонандагонро баъд ба эътибор гирад;

– масъулияти таълим ҳам ба уҳдаи омӯзгор ва ҳам хонанда вогузор аст;

– алоқаи биноӣ дар вақти муошират;

– мустақилият ва ҳамкорӣ дар рафти омӯзиш;

– кӯшиш барои комёбӣ [179, с. 83].

Дар натиҷаи ҷорикунии чунин муносибат ҳавасмандии хонанда барои комёбӣ афзоиш меёбад ва ба нерӯи худаш боварӣ ҳосил мекунад.

Вазифаи фаъолият барои таълими забони хориҷӣ дар асоси муошират дар вақти бозӣ, тақлид ва муошират озод ҳал мешавад.

Чунин намудҳои вазифаҳои бозӣ муайян карда шудааст:

– бозиҳои коммуникативӣ (communicative games);

– тақлиди коммуникативӣ (communicative simulation in Cole plays and problem solving);

– муошират озод (socialisation) [179, с. 83].

Бозӣ фаъолияти коммуникативии тибқи қоидаҳои махсус мебошад. Бозӣ кӯдакро ба дунёи муносибати мураккаби инсонӣ ворид менамояд. «Барои кӯдак мутлақо орзу ва хоҳиши умумии якҷоя будан, таҷрибаи бартараф кардани ташвишҳои коллективӣ зарур аст. Ҳар як бозӣ ин коллектив буда барои аъзоёни он алоқаи комуникативиро муҳайё месозад. Ба бозӣ ворид шудани кӯдак барои худ масъуляти ахлоқиро нисбат ба шарикони худ меомӯзад» [179, с. 85]. Муоширатро ҳамчун сарчашмаи асосии нерӯбахшандаи бозӣ шуморидан мумкин аст. Дар бозиҳои шариконаи коммуникативӣ афзоиши нерӯи ҳаётӣ дар натиҷаи ҳамкорӣ дар бозӣ, муносибатҳо мушоҳида мегардад. «Бештари бозиҳои кӯдакона характери коллективӣ доранд ва аз насл ба насл таҷрибаи иҷтимоии коллективӣ, анъана, арзиш ва ғояҳоро интиқол медиҳад. Дар фаъолияти бозии бачагона мутлақо муносибати воқеии ҷамъиятӣ, ки дар байни иштироккунандагони бозӣ ҷой дорад, мушоҳида мегардад» [86, с. 32].

Асосан ду намуди бозиҳо мавҷуданд:

– мусобиқавӣ. Бозиҳое, ки бозингарон ё дастаҳо мусобиқа мекунанд, ки аввал шуда ба мақсад расанд;

– бозиҳои кооперативӣ- бозиҳое, ки ширкаткунандагон ва дастаҳо барои мақсади умумӣ кӯшиш менамоянд [180, с. 41].

Бозиҳои коммуникативӣ ба намуди бозиҳои кооперативӣ дохил мешаванд. Бозиҳои коммуникативӣ бояд дар асоси мавводи хуб коркардшудаи забонӣ ташкил карда шаванд. Дар давраи ибтидои омӯзиши забони хориҷӣ ин шарти ҳатмист зеро дар дигар ҳолат бозии коммуникативӣ беҳадаф хоҳад шуд. Аз ин ҷост, ки дар системаи таълими

муосир шакли сегонаи бозиҳои коммуникативӣ дар истифода аст. Амалан ҳар як вазифа дар се марҳила иҷро мегардад:

– омодагӣ (pre-active);

– иҷроиш (while- activity);

– ҷамъбастӣ (post activety) [115, с. 72].

Бозиро бояд ҳамчун барномаи забонӣ шуморид, зеро он ҳамчун асбоби машғулкунанда барои омӯзгор дар муайян кардани дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ ва бартараф кардани душвориҳо кумак менамояд. Дар асоси бозиҳои коммуникативӣ технологияи зер, ба монанди ҷустуҷӯ, пур кардани ҷойи холӣ, боиҳои қартагӣ, чистонҳо, бозиҳои нақшофарӣ қарор доранд.

Бозиҳои коммуникативӣ барои амалиёти босифати забонӣ муоидат намуда, муошират ширкаткунандагонро муҳайё менамояд ва дар ин ҳолат забон ба таври мантиқӣ азхуд карда мешавад [25, с. 30].

Дар марҳилаи аввали омӯзиши забони англисӣ ташаккули қобилияти муошират на фақат ба дарки сохторҳои фонетикиву лексикӣ ва грамматикӣ вобаста аст, балки бо фаъолияти амалӣ ва истифодаи ашёҳои воқеӣ низ, ки мустақиман ба талаффузи дуруст бо забони англисӣ дар гуфтор рабт доранд, алоқаманд мебошад.

Дар марҳилаи асосӣ хусусияти синнусолии ташаккули қобилияти забонии хонандагонро ба назар гирифта, ба дараҷаи фаҳмо ба хонандагони хурдсол фаҳмонидан зарур аст, ки одамони бо дигар забон гуфтугӯкунанда мавҷуданд. Ин чунин маъно дорад, ки зиндагии ин одамон дигар аст, инҳо дигар хел гуфтугӯ мекунанд, бо дигар тарз зиндагӣ мекунанд.

Салоҳияти забонӣ дар доираи чунин хусусиятҳои асосӣ ташаккул меёбанд:

– дар ҷараёни омӯзиши забон дар зинаи аввал фарқгузорӣ байни забонҳо, бахусус байни забони модарӣ ва хориҷӣ зоҳир мешавад;

– қобилияти фарқгузорӣ дар байни забонҳо, ҷудо кардани ибораву ҷумлаҳо бояд аз ҷониби хонандагон ба таври алоҳида ташаккул ёбад ва ин амалро онҳо бояд мақсаднок истифода баранд;

– дар хонандагон на фақат қобилияти ҷудо карда тавонистани ибораву ҷумла, балки муайян кардани мантиқи мазмун низ бояд ташаккул ёбад, то ки ин ибораву ҷумлаҳои ҷудо кардаашонро вобаста ба мазмун истифода бурда тавонанд [85, с. 72].

– хонандагон бояд дарк намоянд, ки одамон, агарчанде бо забонҳои дигар гуфтугӯ кунанд ҳам, вале зиндагиаашон ба ҳамдигар монанд аст;

«Кори азхудкунии забон аз тарафи хурдсолон бояд бо дарккунии забон оғоз ёфта, ба инкишофи умумии хурдсолон алоқаманд бошад, зеро онҳо ҳоло бо душворӣ сухан мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ истифодаи шеърҳо, сурудҳо, тезгӯякҳо, чистонҳо хеле натиҷабахш мебошад» [50, с. 67].

Дар технологияи муосири таълими забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ, ба барномаи омӯзишӣ аз тарафи муаллифон бо ҳадафи мустаҳкамкунии сохторҳои лексикиву грамматикӣ ва ташаккули малакаҳои талаффузи бехато шеъру сурудҳо дохил карда шудаанд. Чунин муносибат боиси он мегардад, ки фаъолият ва эҳсосоти хурдсолон ба гуфтор ба забони англисӣ меорад [77, с. 69].

Шавқмандӣ яке аз шартҳои муваффақияти асосии азхудкунии забон аз тарафи хурдсол ба шумор меравад. Бинобар ин омӯзгорон кӯшиш менамоянд, ки дарси забони хориҷӣ шавқовар гардад. Дарси шавқовар ин: «албатта, дар интихоби маводи шавқовар, маҳорати омӯзгорон дар истифодаи методикаи махсус зуҳур меёбад. Ҳамчунин,

дигар омилҳое мавҷуданд, ки шавқмандии хурдсолон дар омӯзиши забони хориҷӣ зиёд меоянд. Дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ технологияи бозӣ, бешубҳа, хеле омили муҳим ба шумор меравад. Дар ибтидои омӯзиши забони хориҷӣ ҳисси шавқмандии хурдсолон зиёд аст, зеро онҳо гумон мекунанд, ки забонро ба осонӣ аз худ менамоянд. Аммо шаклҳои шифоҳии кор, ҷараёни дарси 45 дақиқа хонандагонро зуд хаста мекунад, диққати онҳоро суст мекунад, тадриҷан онҳо таваҷҷуҳро ба азхудкунии забон гум мекунанд. Дар ин ҳолат технологияи бозӣ ягона роҳи аз душворӣ баровардан ба шумор меравад» [28, с. 54].

Бозиҳо имконияти васеи таълимӣ доранд. Бозӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ фаъолияти дилхушкунанда буда, дар як вақт кори таълимии ҷиддӣ ба шумор меравад. Бозӣ на танҳо бо мақсади дилхушӣ, истироҳат, хушҳолӣ гузаронида мешавад, мақсади асосии он бояд таълим бошад. Дар омӯзиши забони хориҷӣ низ мақсад бояд азхудкунии фаъолияти нутқӣ ҳамчун воситаи таълим ба шумор равад [219, с. 73].

Муҳаққиқ Пучкова Ю.Я. оид ба истифодаи бозӣ зикр менамояд, ки бозӣ ин машғулияти махсус ташкил карда маҳсуб меёбад, ки: «шиддатнокии эмотсионалӣ ва зеҳниро талаб мекунад.Дар бозӣ ҳамеша имконияти қарор қабул кардан, чӣ хел рафтор кардан, чӣ гуфтан, чӣ хел ғолиб омадан мавҷуданд, ки фаъолияти фикрронии хонандагонро афзоиш медиҳад.

Хонандагон тавассути бозӣ чунин имкониятҳоро ба даст меоранд:

– дар бораи худ сухан кардан (ман);

– дар бораи дигар хонанда сухан кардан (ту);

– дар бораи ашёҳо, зуҳурот сухан кардан (олам);

– тасвири фаъолияти асосӣ;

– тарҳрезии фаъолият (дуруст, хуб бад);

– кӯшиши кумак кардан. Кумак талаб кардан (деҳ, кумак кун)» [196, с. 53].

Бозӣ ин машғулияти ҷолиб аст. Аз ин ҷо омӯзгорони забони хориҷӣ ба онҳо бештар таваҷҷуҳ доранд ва дар фаъолияти худ дар вақти омӯзонидани забони хориҷӣ бозиро бештар мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар бозӣ ҳамаи хонандагон баробаранд. Хонандаи аз ҳама сухандон дар бозӣ дар мавқеи боло қарор мегирад, зеро дар бозӣ сарфаҳм рафтан нисбат ба донистани фан муҳимтар ба шумор меравад. Эҳсоси баробарӣ, фазои боварӣ ба азхудкунии вазифа ба хурдсолон имкон медиҳад, ки шармгиниро бартараф намояд, фаъолона нутқи забони бегонаро истифода намояд. Ин ба натиҷаи таълим таъсири назаррас мегузарад, маводи забон аз худ карда мешавад ва қаноатмандӣ ҳам аз бозӣ ва ҳам аз ибтидои он ба даст меояд [202, с. 47].

Ба ҳамин сурат, Л.Т. Фатоҳова иброз медорад, ки: «усулҳои асосии таълими хонандагон дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ бозӣ ва азхудкунии суруд ва шеърҳо, ки дар шакли бозӣ мегузаранд, ба шумор меравад. Ҳамаи ин ба муошират чунин вазифаҳои методӣ равона карда шудаанд:

– муҳайё намудани шароити омодагирии равонии навомӯзон ба муошират нутқӣ;

– зарурат барои такрор кардани маводи забонӣ;

– интихоби намунаи зарурии нутқро, ки омодагии истифодаи муошират нутқиро осон менамояд, машқ кардани хонандагон.

Комёбии истифодаи бозӣ, пеш аз ҳама, аз муошират нутқие вобаста аст, ки омӯзгор дар синф фароҳам меорад. Муҳим аст, ки хонандагон ба чунин муошират мутобиқ шаванд ва ҳамроҳи омӯзгор ширкаткунандагони ин раванд гарданд» [229, с. 75].

Воқеан, дарси забони англсиӣ на танҳо бозӣ аст. Боварӣ ва зарурати муошират омӯзгор бо хонандагон, ки тавассути фазои бозӣ ва худи бозӣ бунёд мегардад, хонандагонро ба сӯҳбати ҷиддӣ, муҳокимаи вазъиятҳои воқеӣ омода месозад.

Бозӣ барои инкишофи фаъолияти маърифатии хонандагон дар омӯзиши забон мусоидат менамояд. Он дар худ ибтидои ахлоқиро доро мебошад ва азхудкунии забони хориҷӣ хушҳолона, эҷодкорона ва ба таври дастҷамъона сурат мегирад.

Мақсади таълими забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ ба самти тарбия ва инкишофи хонандагон дар раванди азхудкунии амалии забон ҳамчун воситаи муошират ба шумор меравад [35, с. 28].

«Курси таълими забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ вазифаи ташаккули шахсияти хонандаро низ иҷро менамояд. Яке аз амалҳое, ки ба ин мусоидат менамояд, ин тарбияи эҳсоси коллективизм мебошад ва он дар рафти ҳалли иҷрои вазъияти бозӣ амалӣ мегардад» [55, с. 42].

Дар таҳқиқотҳои Г.В.Рогова: «Афзалиятҳое, ки хонандагони хурдсол дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ бояд доро бошанд, инҳоянд:

– фавран дар хотир ҳифз намудан дар ин синну сол назар ба солҷои баъдӣ;

– ҳавасмандӣ ба муошират бояд табииӣ бошад;

– вуҷуд надоштани монеаи забонӣ, яъне хавфи хато ба хатоӣ роҳ додан, нодуруст талаффӯз кардан, ки дар вақти муносибат бо хонандагони калонсол муоширатро халалдор менамояд;

– нисбатан таҷрибаи кам дар муошират бо забони модарӣ» [203, с. 91].

Бозӣ фаъолияти асосӣ барои хурдсолон ба шумор меравад ва имкон медиҳад, ки амалан ҳамаи вазифаҳои забон пуразриш ва коммуникативӣ гарданд.

Ҷузъиёти бозӣ бо хусусияти хушҳолкунанда имкон медиҳад, ки бештари душвориҳо ба муошират бо забони бегонаро бартраф намоем. Ин имкон медиҳад, ки дар синну соли барвақт талаботи коллективӣ ва истифодаи онро дар забони хориҷӣ амалӣ намоем.

Ин яке тазодҳоро, ки дар синну соли калонтар, яъне байни талаботи коммуникативӣ ва таҷрибаи маҳдуди забонӣ ба амал меояд, бартараф намоем [202, с. 53].

«Махсусияти иҷрои таълими забони англисӣ дар марҳилаи ибтидоӣ ин дарк кардани хурдсолон зарурати азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират мебошад. Гарчанде дар ин синну сол хурдсолон хотираи мустаҳкам доранд ва маводи забониро зуд ба хотир мегиранд ба хотиргирии механикии мавод шарти асосӣ ба шумор меравад. Хурдсолон дар ягонагии вазифа ва шакли он, ба дарки сухангӯйии худ аз нуқтаи маънӣ сарфаҳм раванд. Дарккунии воситаҳои забонӣ, ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ бояд бо истифодаи таҷрибаи нутқи забони модарӣ сурат гирад» [230, с. 122].

Раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ ин фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда ба шумор меравад. Хурдсол омӯзиши забони хориҷиро бо хоҳиши маърифатӣ оғоз менамояд. Вазфаи омӯзгор дар он зуҳур меёбад, ки шавқмандии хурдсолро бештар намояд, фаъолияти ӯро афзоиш диҳад. Омӯзгор бояд шарики нутқии хонанда, ёрдамчии ӯ гардад. Дар ин вақт ҳавасмандкунӣ ин таърифу таҳсин ба шумор меравад.

Азхудкунии нутқи шифоҳӣ бо истифодаи фаъоли бозиҳо ҳамчун усули методӣ амалӣ карда мешавад. Аммо бояд ба инобат гирифт, ки

вазъияти бозиро на ҳама вақт такрор намудан лозим аст. Ҳар як лаҳзаи он бояд ҷузъиёти навро дошта бошад [127, с. 31].

Бозӣ бояд ба самти ба даст овардани натиҷаи бозӣ равона бошад. Вазифаҳои бозӣ дар бештари ҳолатҳо хусусияти инфиродӣ надорад. Вазифаро гурӯҳ ҳал намуда, душвориҳоро дастҷамъона бартараф менамоянд. Барои он ки омӯзиши забони англисӣ ба тарбияи ахлоқии хонандагон таъсири мусбат расонад, зимни бозӣ онҳо бояд намудҳои муошират дар чорчӯбаи ахлоқ, муколама, табодули назар, бо таваҷҷуҳ шунидани якдигарро ёд гиранд.

Омӯзиши ҷанбаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикии нутқи шифоҳӣ бояд дар алоқамандии якдигар сурат бигирад. Мақсади асосии он дар хонандагон бедор кардани шавқмандӣ барои азхудкунии забони хориҷӣ мебошад.

Омӯзиши тарафи лексикии нутқ дар пояи аёният, яъне истифодаи бозиҷаҳо, расмҳо ба роҳ монда мешавад. Интихоби мавод барои ин омӯзиши синну сол хусусияти аниқ дошта, шавқмандӣ ва талаботи хонандагонро қонеъ менамояд.

«Азхудкунии малакаи грамматикӣ дар пояи намунаҳои нутқӣ бо истифодаи мисолҳо аз нутқи забони модарӣ карда мешавад. Бояд ба хонанда қонуният ва қоидаҳои грамматикӣ фаҳмонида шавад. Хонанда бояд дарк намояд, ки ҳар як забон дар асоси қоидаҳои махсус бунёд меёбад ва онро бояд ба инобат гирифт, зеро гуфтор бояд фаҳмо ва дуруст бошад» [180, с. 39].

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки талаботҳои зерин барои ташкили фаъолияти бозӣ муҳиманд:

– фазои эътимоднок (бидуни маҷбуркунӣ);

– фаъолияти амалҳои якҷояи омӯзгор бо хонандагон;

– гузаронидани бозӣ дар пояи маводи аз ҷониби хонандагон пешакӣ азбаркардашуда ва шинос;

– ба эътибор гирифтани усули аз содда ба мураккаб бо тақлид ба гуфтаҳои омӯзгор;

– аниқ кардани ҳодисаҳои забонӣ аз ҷониби хонандагон;

– ба вуҷуд омадани ҷузъҳои нав дар ҳар як лаҳзаи машғулият;

– кори коллективӣ зимни ҳалли супоришҳо;

– таҳсинну таърифи ҳар як иштирокчии бозӣ;

– ҷамъбасти ҳатмии натиҷаи бозӣ.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ хеле васеъ аст. Истифодаи моҳирона ва оқилонаи онҳо дар раванди омӯзиш натиҷабахш ва самаранок мебошад.

Бунёди муҳити сунъии забони бегона дар раванди таълими забони хориҷӣ яке аз масъалаи умдаи методикаи муосир маҳсуб меёбад. Ба ин пеш, аз ҳама, се фаъолияти нутқӣ, яъне шунавоӣ, гуфтор ва муошират дохил мешаванд. Барои ба ин ҳадаф расидан дар системаи таълимии муосир воситаи техникии таълим мавриди истифода қарор дорад. Марҳилаи инкишофи техникаи муосир ин гузариш ба комплекси таълими бисёрвазифа ва истифодаи автоматикунонидашудаи компютерҳои ҳозиразамон мебошад.

Технологияи иттилоотӣ ва коммуникативӣ ин технологияи васеи рақамие мебошад, ки барои барассии иттилоот ва дигар мақсадҳо таҷҳизоти компютерӣ, таълимоти барномавӣ, телефон, алоқаи мобилӣ, почтаи электронӣ, технологияи мобилӣ ва моҳвораи алоқаи бесим ва симӣ, воситаҳои мултимедӣ ва ҳамчунин, интернет мавриди истифода қарор мегирад.

Ҳамаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар системаи таълим ба ду намуд тақсим кардан мумкин аст:

1. Воситаи таҷҳизотӣ (компютер, принтер, проектор, шабакаҳои дохили синфӣ ва мактабӣ.

2. Воситаи барномавӣ (барномаҳои таълимии компютерӣ, китобҳои электронӣ, системаи идораи иттилоотӣ.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативии муосир дар раванди таълим вазифаҳои дидактикии худро дорад. Ин вазифаҳо чунинанд:

1. Вазифаҳои таълимӣ дар радифи системаи сифатӣ-дарсӣ дар шароити гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин, дар фаъолияти мустақилона, инфиродӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ.

2. Вазифаи афзун кардани ҳавасмандӣ, шавқмандӣ, ташаккули тафаккур, малакаҳои фаъолиятҳои таълимӣ-маърифатӣ.

3. Вазифаи ташкилӣ, ки робитаи байни хонандаро бо омӯзгор таъмин менамояд. Ҳамчунин, барои таълими инфиродӣ дар синф ва ҳам берун аз синф тибқи мавзуи интихобшуда ва вақти масрафшуда мусоидат менамояд.

4. Вазифаи назоратӣ ва танзимкунанда, яъне вазифаи худназоратӣ ва назоратии омӯзгор.

Таълим бо истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар асоси системаи принсипҳое ба роҳ монда мешавад, ки талаботро ба ташкили раванди таълимӣ муайян менамоянд:

1. Принсипи ба таври системавӣ истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар тамоми марҳилаҳои таълим.

2. Принсипи фаъолнокӣ ва мустақилият. Дар асоси ин принсип фаъолияти хонандагон тавассути технологияи иттилоотиву

коммуникативӣ ба роҳ монда шуда, салоҳияти истифодаи иттилоот ва тафаккури мантиқӣ ташаккул меёбад.

3. Принсипи муносибати тафриқавӣ нисбати хонандагон махсусияти синнусолӣ, дараҷаи дониш, шавқмандӣ, дараҷаи омодагӣ ба идрокро дар бар гирифта, методикаи корҳоро бо хонандагони синну соли гуногун ба танзим медарорад.

4. Принсипи тақсимоти захираҳои таълимӣ дар шакли пешниҳоди ахбори таълимӣ ва роҳҳои барассии онро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки намунаи мувофиқ ва маъмулиро интихоб намоем, мувофиқи омӯзиши мавод омӯзиши инфиродиро таълим намоем.

10. Принсипи ширкати муаллифон дар раванди таълим.

11. Принсипи интерактивӣ.

Ба воситаҳои таълими методӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ луғатҳои электронӣ, барномаҳои компютерӣ марбут буда, онҳо вазифаҳои кор бо маводи забонӣ, ташаккули шаклҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ, ташкили системаи назорати ҳаррӯза ва ҷамъбасти нишондодҳои натиҷаҳои омодагии хонандагон, мутобиқ кардани корҳои гуногун дар дарс бо истифодаи технологияи иттилоотӣ масъалаи ҳавасмандии хонандагонро ҳал менамояд. Дар ҳолати таъмин будани технологияи навтарин омӯзгор муносибати шахсии худро ба омӯзиши хонандагони гуногунсавия равона намуда, дар тамоми раванди таълим проблемаи хонандагони комёб ва нокомро ҳал менамояд.

Барномаҳои интерактивӣ ва бозиҳо метавонад, ки вазъияти воқеии муоширатиро муҳайё карда, монеаҳои психологиро бартараф сохта, шавқмандиро нисбати фан афзун намоянд.

Роҳандозӣ намудани омӯзиши забони хориҷӣ тавассути бозӣ яке аз системаҳои асоси таълим маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, истифодаи бозиҳои мухтилифи мултимедӣ барои бой гардонидани захираи луғавӣ, ошноӣ бо

имлои забони хориҷӣ, фаҳмидани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мусоидат менамоянд.

Дар ҳар як барнома вазифаҳое гузошта шудаанд, ки хоҳиши ҳалли онҳо ҳавасмандии мусбати хонандагонро афзун менамояд. Азхудкунии маводи таълимӣ бе ягон маҷбуркунии берунӣ амалӣ мегардад.

Барои кор бо тамоми синф барномаҳое истифода мешаванд, ки имконияти ширкати ҳамаи хонандагонро дар раванди таълим таъмин менамоянд. Дар паси тугмачаҳо омӯзгор кор мекунад, хонандагон бошанд, якҷоя маводи дар экран пайдо шударо муҳокима менамоянд.

Хонандагон дар вақти чунин дарс ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, якҷоя кор мекунанд, омӯзгор бошад, хулосаҳоро таҳлил намуда, натиҷаҳоро ба компютер ворид менамояд.

Умуман, таҷрибаи технологияи компютерӣ ва мултимедӣ дар дарси забони хориҷӣ чунин вазифаҳоро иҷро менамояд:

– ҷараёни таълимро метезонад;

– ҳавасмандии хонандагонро барои омӯзиш баланд мебардорад;

– механизмҳои аз худ кардани маводи таълимиро босифат мегардонад;

– барои инфиродӣ кардани таълим мусодат менамояд;

– арзёбии субъективро аз байн мебарад [114, с. 181].

Истифодаи компютер дар омӯзиши забони хориҷӣ бевосита ба самарабахшии раванди таълим мусоидат менамояд. Компютер ин воситаи техникии бисёрвазифа ба шумор меравад. Он имкон медиҳад, ки дар хотира маводи забонӣ ҳифз карда шавад, ёфтани иттилоотӣ зарурiро дар экран дар шакли мувофиқ дастрас намоем. Компютерро дар тамоми марҳилаҳои таълимӣ дар вақти фаҳмонидани маводи нав, мустаҳкамкунӣ, такроркунӣ, назорат истифода намудан мумкин аст.

Омӯзиши забони хориҷӣ бо истифодаи компютер чунин бартариятҳоро доро мебошад:

1. Шавқмандии хонандагон ба компютер ба ҳавасмандии зиёди раванди таълим меорад.

2. Хонандагон бо хоҳиши зиёд ба кор бо компютер шуруъ мекунанд, дар онҳо фарҳанги умумии забонӣ ва компютерӣ рушд мекунад.

3. Рафти таълим инфиродӣ карда мешавад.

4. Алоқаи тарафайн имконпазир мегардад (яъне фикру мулоҳизаҳо байни тарафҳо).

5. Компютер эмотсияи манфиро дар вақти такрори хатоиҳо нишон намедиҳад.

6. Баҳогузории объективӣ.

7. Иҷрои самарабахши машқҳо ва тамрин таъмин карда мешавад.

Омӯзгори муосир бояд эътироф намояд, ки технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ ба ҳаёт устувор ворид гаштааст. Истифодаи технологияи нави иттилоотӣ дараҷаи раванди таълимро васеъ менамояд. Ҳамчунин, равияи амалии онро афзоиш медиҳад, ба болоравии ҳавасмандии хонандагон нисбати раванди таълим мусоидат менамояд. Дар навбати худ кобилияти зеҳнӣ, эҷодии хонандагонро инкишоф дода, маҳорати мустақилона аз худ намудани дониши нав ва истифодаи дониши гирифтаро дар ҳаёти оянда ба онҳо меомӯзонад.

«Истифодаи технологияи иттилоотиву иртиботӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ ҳамчун воситаи самарабахш ба суръат бахшидан ба раванди таълим, афзоиши шавқмандӣ нисбати фанни омӯзишӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, барои босифат азхудкунии маводи таълимӣ мусоидат намуда, раванди таълимро инфиродӣ менамояд» [210, с. 48].

Омӯзгорони забони хориҷиро дар замони муосир лозим аст, ки методҳои истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникативиро бо ҳадафи ташкили раванди таълим аз худ намоянд.

Усулҳои коммуникативӣ дар бозиҳои коммуникативӣ амалӣ карда мешаванд, ки дар раванди он хонандагон вазифаҳои коммуникативӣ-маърифатиро тавассути омӯзиши забони хориҷӣ ҳал менамоянд. Аз ин ҷо мақсади асосии бозиҳои коммуникативӣ ин ташкили муошират ба забони бегона дар рафти ҳалли вазифаи коммуникативии дар пеш гузошташуда мебошад.

Бозиҳои коммуникативӣ бо дараҷаи зиёд аёниятро доро мебошанд ва имкон медиҳанд, ки маводи таълимии омӯзишӣ фаъол карда шуда, ҳамчунин, раванди ҳаётии муошират муҳайё гардад.

Бозии коммуникативӣ дар худ вазифаи таълимии супоришҳои забонӣ, коммуникативӣ ва фаъолиятиро таҷассум менамояд.

Ҳалли вазифаи забонӣ ташаккул ва рушд додани малакаҳои шифоҳӣ дар раванди мақсадноки истифодаи маводи забонӣ дар фаъолияти нутқӣ маҳсуб меёбад.

1. Бозиҳои коммуникативие, ки асоси онҳоро усулҳои фарогир ташкил мекунанд. Чунин усул тақсимоти ашёҳои муайянро бо дараҷаи шахсиятнокии онҳо дар бар мегирад. Дар раванди бозӣ одатан муҳокима доир мегардад, зеро нуқтаи назари гуногун мавҷуд аст ва хонандагон интихоби худро дар ҷуфт ва гурӯҳ асоснок менамоянд. Имконияти чунин намудҳои бозиҳои коммуникативиро истифода бурдан мумкин аст:

– хонандагон мушкилотро ба таври мустақилона ҳал намуда, дар байни гурӯҳ ё ҷуфти худ муҳокима мекунанд;

– ҳамаи хонандагон ҷавобҳои бо ҳамдигар мувофиқ кардаро дар гурӯҳҳо ҷамъ шуда муҳокима мекунанд, далелҳои зиёдеро барои дифои намунаи худ пешниҳод менамояд.

Барои мисол чунин намуна пешниҳод мегардад:

Ба хонандагони синф аз рӯйи мавзуъ алоқмандии исм ва сифат пешниҳод мегардад. Барои намуна барои исми «food» сифатҳои «sweet», «tasty» ва ғайраро истифода намудан қобили қабул аст.

Мувофиқи меъёрҳои муайян хонандагон ашё ва зуҳуротро фаро мегиранд ва дар гурӯҳ намунаҳои худро муҳокима менамоянд. Масалан, агар хонанда гӯштро аз ҳама хӯроки муфид шуморад, онҳо рақами 1-ро дар сутуни «meat» мегузоранд. Сипас хӯрокеро интихоб менамоянд, ки камтар фоиданок аст ва онро бо рақами 2 ишорат менамояд. Ҳамин тариқ бозӣ то пур шудани ҷадвал идома меёбад [196, с. 75].

2. Бозиҳои коммуникативие, ки дар асоси бунёди гуногунӣ дар ҳаҷми иттилоот барои хонанда мавриди истифода қарор мегиранд. Ин усули бозӣ тақсимоти нобаробарии иттилоотро байни иштирокчиёни муошират таъмин намуда, фаъолияти нутқии онҳоро афзоиш дода, дар онҳо хоҳиши дарки далелҳои ношиносро бедор менамояд [202, с. 24].

Ивазнамоии иттилоот яктарафа ё дутарафа мешавад. Дар қисмати аввал яке аз хонандагон ба иттилооте дастрасӣ дорд, ки барои шариконаш дастнорас мебошад. Вазифаи хонандаи дуюм аз он иборат аст, ки иттилооти дастнорасро дастрас намуда, бомуваффақият супориши додашударо ҳал намояд.

Дар қисмати дуюм ҳардуи шарикон қисман аз иттилоот бархӯрдоранд ва вазифаи онҳо дар бозӣ муттаҳид гашта, проблемаи якҷояро ҳал намудан аст [179, с. 31].

3. Бозиҳои коммуникативие, ки гурӯҳӣ буда ҳалли намунаҳои мувофиқ талаб карда мешавад. Дар ин ҳол хонанда як қисмати муайяни иттилоотро дастрас мекунад ва қисмати боқимондаи иттилоотро бояд аз шарики худ дастрас намояд. Чунин усул асосан дар вақти сохтани

ҷумлаҳо, ҳикояҳо, муколамаҳо дар асоси супориши муайяне дода шуда, мавриди истифода қарор мегирад [194, с. 28].

Дар идомаи кори худ чанд намунаи дарсро бо истифодаи бозии коммуникативӣ меорем.

Дарси якум истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар мавзуи «Clothes» мебошад. Равиши дарс такрор ва ҷамъбасти мавзуи «Clothes» аст.

Мақсади дарс ташаккули маҳорат ва малакаи нутқи шифоҳии муколамавии забони англисӣ мебошад. Барои самарабахш гузаштани дарс-бозӣ чунин вазифаҳо гузошта шудаанд:

1. Такрор ва ҷамъбасти лексикаи мавзуи «Clothes».

2. Ташаккули малакаҳои грамматикии истифодаи феъл бо исм ва ҷонишини шахси сеюм дар замони «Present Simple».

3. Инкишоф додани маҳорати хондан ва фаҳмидани мундариҷаи нутқи шифоҳӣ.

4. Инкишоф додани маҳорат дар ҳама ҳолат, малакаи байнишахсӣ.

5. Инкишоф додани муқоиса ва истифодаи воҳидҳои нутқӣ.

6. Тарбия наудани муносибати боэҳтиромона нисбати нуқтаи назар ва шавқу ҳаваси дигарон.

Рафти дарс:

1. Лаҳзаи ташкилӣ. Good morning children! Sit down, please. It`s time to start our lesson.

2. Шиносоӣ бо мавзуъ:

Дар дарс баррасии мавзуи «The fashionhouse» иҷро мегардад.

3. Фаъол гардонидани лексика:

Today we are going to the fashion house . But now let's talk about what fashion is. Different people say that fashion is beautiful, modern and comfortable clothes. They wear fashionable clothes in different situations.

3. Фаъол гардонидани лексика:

We should talk about clothes more. Let's play the game "Rhymes". I pronounce a word and you should say the word, means "clothes".

Ба хонандагон сохтани қофия бо вожа супориш дода мешавад: beans-jeansbetter – sweaterbird – shirt cocks – socksmouse – blousechoose – shoesloves–glovesmap – caprat – hatless – dress.

Well done. But do you know the meaning of these words? Let's play the computer game "Words and pictures". Look at this game. When you see a word you should click on the picture. And now go to the computers and start.

Ба хонандагон пешниҳод мегардад, ки бозии лексикиро дар компютор оғоз намоянд. Агар чунин имконият набошад корро дигар хел ташкил кардан имкон дорад. Дар ин ҳолат проектори мултимедиро истифода кардан мумкин аст. Омӯзгор бо навбат хонандаҳоро ба мизи худ даъват намуда ба онҳо пешниҳод менамояд, ки бо мушак расми муайянро нишон диҳанд, ки мазмуни вожаи пайдошударо ифода намояд.

Ҷамъбасти натиҷаи бозӣ.

Are you ready? Go to your sits. Have you got any mistakes? I hope you've found all pictures.

4. Шунавоӣ

Let's go on. You know that people from different countries wear fashionable clothes. Meet Zarina. She's from Hisor. She wants to tell us what clothes she likes to wear. Can you guess about her favourite clothes?

Ба хонандагон пешниҳод мегардад, ки намунаи ҳикояи Заринаро хонанд ва сипас либоси лозимаро интихоб намоянд:

Take these lists of paper, read the story and point the clothes you guess.
Hello! I'm Zarina. I am from Hisor. I like to wear fashionable clothes.
When I visit birthday parties I often wear (jeans, a T - shirt and warm boots; a beautiful pink dress and nice shoes). I enjoy going for sports so I usually put (a light skirt, a blouse and shoes; my yellow track suit and modern sneakers) on.

But most of all I like to go to school. When I go there I always wear my uniform. It's (a shirt, trousers and a hat; a white blouse, a blue skirt and a jacket). My uniform is very comfortable and nice.

Сипас хонандагон ҳикояро гӯш карда, бо интихоби худ муқоиса менамоянд: – Listen to Zarina and check up.

Хонандагон аз рӯйи намуна метавонанд кор кунанд:

If you are not sure, look here and check up again.

Сипас муҳокимаи ҳикоя оғоз мегардад Бояд хонандагон гӯянд, ки Зарина дар лаҳзаҳои гуногун чи гуна либос мепушад.:

Now say what Zarina wears and puts on in different situations. If you are sure you can turn your list of paper.

5. Кор дар гурӯҳ

And what about you? Exchange your opinions. Use this information and work in pairs. Try to remember your classmate's answers.

Хонандагон дар гурӯҳҳо кор мекунад маълумото дар бораи либос бо якдигар муҳокима менамоянд, яъне либосҳое, ки дар вақти варзиш дар шабнишиниҳо ва ғайра.

Let's talk about your classmate. Say what he or she wears in different situations.

6. Кор дар гурӯҳ

Now you see that we don't have school uniform. And today you have a chance to make something interesting. You can design your school uniform for girls and boys. But don't forget that your uniform should be fashionable and comfortable. Work in groups. Take a list of paper and pictures with clothes and begin your projects.

Ба хонандагон пешниҳод мегардад, ки лоиҳаи либоси мактабиро созанд. Ба онҳо маводи иловагӣ бо тасвири духтар ва писар дода мешавад. Дар синф се гурӯҳи эҷодӣ ташкил мегардад. Баъди иҷрои кор

лоиҳаҳо дар тахтаи синф овехта мешаванд ва ҳар як хонанда нуқтаи назари худро изҳор менамояд:

We advise you to wear … for school). Let's talk which uniform you like most of all and why you like it. Use: I like the first (the second, the third) uniform because it's fashionable (modern, comfortable, nice, beautiful). It suits for me. It's the best.

Хонандагон ақидаи худро дар бораи лоиҳаҳо баён намуда беҳтаринро интихоб менамоянд.

7. Ҷамъбасти натиҷаҳо. Вазифаи хонагӣ.

You have done a lot today. Your answers were up to the mark (баҳогузорӣ). At home you should make another project. You should choose the title and draw clothes for girls and boys.

Барои вазифаи хонагӣ аз хонандагон дархост карда мешавад, ки мавзуи лоиҳаи худро интихоб намоянд.

Дарсҳо бо истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ яке аз натиҷаҳои муҳими корҳои инноватсионӣ дар мактаб ба шумор меравад. Комилан, дар ҳамаи фанҳои мактаби ба таври васеъ технологияи компютериро истифода намудан мумкин аст. Истифодаи технологияи иттилоотӣ имкон медиҳад, ки дарсро ҳозиразамон намоем. Омӯзгор бояд бештар онро ба инобат гирад, ки дарс ба таври ҳақиқӣ характери рушддиҳанда ва маърифатиро доро бошад, он дараҷаеро муҳим намояд, ки дарс ба таври ҳақиқӣ рушдиҳанда ва маърифатӣ гардад.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим ба болоравии салоҳияти касбии омӯзгор таъсир мерасонад, ки ин ба таври ҳақиқӣ сифати таълимро беҳтар намуда, барои ҳалли вазифаи асосии сиёсати маориф мусоидат менамояд.

Таҷрибаи истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативиро таҳлил намуда, бо эътимод гуфтан мумкин аст, ки истифодаи аз он имкон медиҳад, ки:

– ҳавасмандии мусбати хонандагон таъмин карда шавад;

– дарс дар дараҷаи баланди эстетикӣ ва эмотсионалӣ гузаронида шавад;

– дараҷаи тафриқавии таълим (анқариб таълими инфиродӣ) таъмин гардад;

– ҳаҷми иҷрои супоришҳо дар дарс 1-2 маротиба зиёд карда шавад;

– назорати дониш инкишоф ёбад;

– раванди таълим ба таври оқилона ташкил карда шавад, самаранокии он афзоиш ёбад;

– малакаи фаъолияти тадқиқотӣ ташаккул дода шавад;

– таълими дарстрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ, китобҳои электронӣ таъмин карда шавад.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ дар раванди таълим талаботи замони муосир мебошад. Бо инкишофи босуръати технология ва илм дар пеши маориф вазифаҳои нав ва ҷиддӣ гузошта мешаванд, ки ҳалли онҳо тақозои замон аст.

2.2. Вижагиҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ

Дар давраи соҳибистиқлолӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ самти афзалиятноки маорифи кишвар ба шумор меравад, аз ин хотир аз тарафи ҳукумат ва Вазорати маориф ба ин масъала муносибати ҷиддӣ зоҳир мегардад.

Имрӯз дар илми педагогика эътироф гаштааст, ки омӯзиши барвақти забони хориҷӣ на танҳо барои мустаҳкам ва озод аз худ

кардани забон мусоидат менамояд, балки ин раванди таълим хусусияти зеҳнӣ, тарбиявӣ ва ахлоқиро низ дорост.

Ба ақидаи Н.С. Ганина, «омӯзиши барвақтии забони хориҷӣ чунин бартариятҳоро дорост:

– инкишофи ҳавасмандии нутқӣ ва умумии хонандагонро афзоиш дода, арзишҳои тарбияи мактабиро боло мебардорад ва таҳкурсии таълими умумиро мегузорад;

– хонандагонро бо фарҳангӣ дигар халқҳо шинос намуда, ба шуури умумибашарии онҳо таъсир мегузорад ва ба хонандагон барои дарки фарҳангӣ миллии худ кумак менамояд;

– барои аз худ кардани забонҳои дигари хориҷӣ мусоидат намуда, имконият фароҳам меорад, омӯзиши минбаъадро муваффақу дастрас менамояд:

– салоҳияти умумитаълимӣ, масалан маҳорати бо китоб кор карданро ташаккул медиҳад» [51, с. 26].

Ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва васеъшавии муносибатҳои байналмилалӣ аз омӯзгори замони муосир муносибати махсусро нисбати таълими забони хориҷӣ тақозо менамояд. Ҳамаи чизе, ки хонанда аз худ менамояд, дар хотир дуру дароз ҳифз мекунад. Аммо вақт лозим аст, ки хонандагон он дониш ва иттилооти азхудкардаи худро дар ҳаёт мавриди истифодаи воқеӣ қарор диҳанд. Ин дар ҳамон вазъият дуруст амалӣ мегардад, ки омӯзиш дуруст ба роҳ монда шуда бошад.

Дар омӯзиши забони хориҷӣ, махсусан, дар марҳилаи ибтидоӣ, бозиҳо ва усулҳои омӯзиши онҳо, тибқи эътирофи аксари педагогҳо, нақши назаррас доранд. Бозӣ дар ҳаёти хонандагони хурдсол ҳамчун воситаи муҳими маърифати воқеият хизмат мекунад. Бо назардошти хусусиятҳои психологии синну соли хонандагони хурдсол, ки дар онҳо ҳолати эмотсионалӣ бар қобилияти зеҳнӣ бартарӣ дорад, истифодаи

бозӣ ҳамчун омили таъсирбахши эмотсионалӣ амри зарурист. Бозӣ дар худ як зуҳуроти эмотсионалӣ буда, фаъолнокӣ, тахайюл ва тафаккурро ғанӣ мегардонад. Инчунин, бозӣ ба бахотиргирии беихтиёр мусоидат мекунад, ки ин намуди хотира дар хонандагони хурдсол асосӣ мебошад.

Барои омӯзишро дар марҳилаи ибтидоӣ дуруст ба роҳ мондан омӯзгори забони хориҷиро лозим меояд дар “кулворӣ” таълимии худ усул ва методҳоеро дошта бошад, ки масъалаи душвори таълимиро самарабахш ва ҳал натиҷабахш намояд.

Психологҳо муайян кардаанд, ки: «хонандагони синну соли хурд дорои хотираи дарозмуддати нисбатан устувор мебошанд, дар ҳоле ки хотираи фаврӣ (оперативӣ)-и онҳо ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст. Аз ин рӯ, истифодаи бозӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ аҳамияти калон дорад. Бозӣ метавонад ҳамчун воситаи муассири таълимӣ хизмат кунад, то ки ҷараёни дарсро шавқовару ҷолиб гардонида, фаъолшавии равонӣ ва ҳавасмандии хонандагонро дар вақти омӯзиш афзоиш диҳад» [51, с. 24].

Бозӣ воситаи хуби фаъолгардонии лексикӣ, грамматикӣ, коркарди талаффуз, инкишофи малакаи нутқи шифоҳӣ, ки барои ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон мусоидат менамояд, ба шумор меравад.

Таҷрибаи мактабҳо собит намудааст ва тасдиқ менамояд, ки: «бозӣ ҳавасмандии хонандагонро дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ба миён меорад. Ба андешаи равоншиносон ҳавасмандие, ки бозӣ дар омӯзиш ба вуҷуд меорад, дар раванди таълим бояд бо ҳавасмандии коммуникативӣ, маърифатӣ ва эстетикӣ ҳамроҳ бошад. Ҳамаи ин дар алоқамандӣ ҳавасмандии пурраи хонандагонро нисбати омӯзиши забони хориҷӣ ба миён меорад» [207, с. 11].

Ю. Я. Пучкова чунин мешуморад, ки: «бозӣ чор вазифаи муҳимро иҷро мекунад, яъне воситаи ҳавасмандкунӣ, воситаи маърифатӣ, воситаи инкишофи қобилияти хурдсолон ва воситаи инкишофи рафтори беихтиёр.

Бозиҳо дар иҷрои супоришҳои методӣ барои таъмин намудани омодагии психологии хонандагон барои муошират нутқӣ, зарурати чандин маротиба такрор намудани маводи забонӣ, машқ кардани интихоби намунаи нутқӣ мусоидат намуда, таҳкурсӣ мегузоранд» [196, с. 18].

Имрӯзҳо дар адабиёти методӣ чунин усулҳои таъсири бозиҳои дидактикӣ мавҷуданд:

– мақсад ва вазифаҳои бозиҳои таълимӣ;

– шакли гузаронидан;

– усули ташкил;

– дараҷаи мураккабӣ;

– теъдоди иштирокчиёни бозӣ.

Аз рӯйи мақсад ва вазифаҳои бозиҳои таълимӣ дар мавриди омӯзиши забони хориҷӣ бозиҳоро ба хаттӣ ва шифоҳӣ ҷудо кардан ҷоиз аст.

Аз рӯйи шакли гузаронидан бозиҳоро ба ашёӣ, ҳаракатнокӣ, сужавӣ, нақшофарӣ, бозӣ-мусобиқаҳо, бозиҳои зеҳнӣ (ребус, кросворд, чайнворд, викторина ва ғайра), бозиҳои ҳамкорӣ (коммуникативӣ).

Аз рӯйи тарзи ташкил бозиҳо метавонанда компютерӣ ва ғайрикомпютерӣ, хаттӣ, шифоҳӣ, амсиласозӣ, эҷодкорӣ шаванд.

Аз рӯйи дараҷаи мураккабӣ бозиҳо вобаста ба иҷрои фаъолияти таълимӣ ба одӣ ва мураккаб ҷудо мешаванд [153].

Аз рӯйи вақт ба дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат ҷудо мешаванд.

Аз ҳайати таркибӣ бозиҳо ба инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ, даставӣ ва коллективӣ ҷудо мешаванд. Аз рӯйи хусусияти худ бозиҳои инфиродӣ муносибати инфиродии иштирокчиёнро ифода намуда, муносибати фардро бо сарчашмаи иттилоот муайян менамояд.

Дигар намуди бозиҳо ин муошират бо шарикони худ, муносибати инфиродӣ ва тафриқавиро дар омӯзиши забони хориҷӣ дар бар мегирад.

Азхудкунии маводи грамматикӣ, пеш аз ҳама, имкониятро барои гузариш ба нутқи фаъол фароҳам меорад. Бозиҳои нутқӣ барои ташаккули намунаи муайяни фаъолияти нутқӣ, яъне шунидан, омӯзиши нутқи монологӣ, нутқи муколамавӣ, омӯзиши хондан ва омӯзиши навиштан мусоидат менамоянд.

Имконияти нишон додани мустақилият дар ҳалли вазифаҳои нутқию фикрронӣ, зуд ҳал кардан, дар муошират, равонкунии максималии малакаи нутқӣ дар бозиҳои нутқӣ амалӣ карда мешавад. Ин бозиҳо ба хонандагон барои машқ дар маҳорати эҷодкорӣ истифода намудани малакаи нутқӣ кумак менамоянд.

Маводе, ки дар бозиҳои дидактикии сужавӣ истифода мешавад, барои якчанд маротиба такрор кардан ва мустаҳкам намудани лексика, намунаҳои нутқӣ, ҷузъиёти фонетикӣ ва талаффузӣ мусоидат менамояд.

Бозиҳои сужавӣ метавонанд гуногун бошанд. Барои ин омӯзгор метавонад ҳикояҳо, афсонаҳо, филмҳоро истифода намояд. Барои инкишофи тахаюл ва қобилияти эҷодӣ бозиҳоро дар шаклҳои гуногун ташкил намудан лозим аст. Хонандагон набояд чанд маротиба ба як бозӣ машғул шаванд. Дар бозиҳои сужавӣ-нақшофарӣ хонандагон метавонанд кӯчондани фаъолиятро аз як шароит ба шароити дигар омӯзанд, тобеияти пурраро эҳё намуда, ҷузъиёти навро офаранд. Ҳамин тариқ, ин ба инкишофи тасаввурот, тафаккур, қобилияти эҷодӣ, нутқ

мусоидат карда, рафтору ахлоқ ва иродаи шахсро мустаҳакам намуда, шавқмандиро нисбати шахсияти дигар афзоиш медиҳад.

Хонандагон ба бозиҳои нақшофарӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ин ҷо бояд омӯзгор кӯшиш намояд, ки нақшҳо ба хонандагон дастрас бошанд ва набояд хонандагонро бо вожаҳои душвор ва ибораҳои мураккаб дилгир созад. Дар ин ҳолат бозӣ хурсандӣ ва ҳаловат мебахшад.

Дар идомаи кори худ якчанд бозиҳоро дар мавриди омӯзиши забони англисӣ баррасӣ менамоем. Бозиҳои «Three Bears», «The Turnip», «Little pig and others» ва ғайраҳо дар таҷрибаи амалии мо мавриди истифода қарор гирифтанд.

Таваҷҷуҳи махсусро дар бозӣ ба ангуштҳо равона намудан зарур аст. Ҳаракати ангуштҳо ба вазифаҳо алоқамандии зич доранд. Чунин бозиҳо дар вақти коркарди овозҳо кумак намуда, қабули воҳидҳои лексикиро осон менамоянд. Ин бозӣ ба хонандагон эмотсияи мусбат меорад.

Дар вақти гузарнидани бозӣ дар бораи махсусиятҳои инфиродии равонии хонандагон андеша намуда, тибқи он ба хонандагон муносибати махсус намудан лозим аст.

Яке аз масъалаи муҳими илмию методӣ ин макони гузаронидани бозӣ ба шумор меравад. Макон ва вақт аз бисёр омилҳо вобаста буда, онҳоро дар вақти гузарнидани бозиҳо ба инобат гирифтан зарур аст. Як омили дигар ин дараҷаи омодагии пешакии хонандагон ба шумор меравад. Дараҷаи мураккабии омӯзишӣ, мақсади аниқ, вазифа ва шарти дарси таълимӣ низ омилҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

Бозиҳои инфиродӣ ва оромро дар ҳамаи лаҳзаҳои дарс гузаронидан имконпазир аст. Бозиҳои коллективӣ беҳтараст дар охири

дарс гузаронида шавад, зеро дар онҳо як ҷузъиёти равонии мусобиқа ҷой дорад.

Дар вақти гузаронидани бозиҳо дар дарс бояд чунин шартҳоро ба инобат гирифт:

– интихоби бозӣ бояд аз нуқтаи назари педагогӣ ва дидактикӣ асоснок бошад. Ҳамеша бояд мақсади муайяни гузаронидани бозиро дар мадди назар гирифт;

– ба бозӣ бояд ҳар чӣ бештар хонанда ҷалб карда шавад;

– бозӣ бояд мувофиқи синну сол ва имкониятҳои забонию нутқии хонандагон ташкил карда шавад;

– бозиҳо барои инкишофи ҳамаи намудҳои фаъолияти нутқӣ равона гашта, бояд бо забони хориҷӣ гузаронида шавад.

«Бозӣ кӯшиши якҷоя кор кардан, бо ҳамдигар муошират кардани хонандагонро фаъол менамояд, дар алоқаи нутқӣ шароити баробар меофарад, монеи анъанавии байни омӯзгор ва хонандаро бартараф менамояд. Муҳим он аст, ки омӯзгор моҳирона хонандагонро ба бозӣ ҷалб намояд. Зеро вазифаи асосӣ дар он аст, ки хонандагон ҳисси шавқмандиро нисбати фан гум накунанд ва маводи пешниҳодшуда барои хонандагон аз нукоти мураккабӣ ва зарур будан дастрас бошад» [23, с. 54].

Дар таҳқиқотҳои М.В. Ляховитский омадааст, ки: «амаликунии усулҳои бозӣ дар вақти дарс ба чунин самт ҳал карда мешавад:

– мақсади дидактикӣ дар шакли бозӣ гузошта мешавад;

– фаъолияти таълимӣ ба қоидаи бозӣ итоат менамояд;

– маводи таълимӣ ҳамчун воситаи бозӣ мавриди истифода қарор мегирад;

– ба фаъолияти таълимӣ хусусияти мусобиқа ворид карда мешавад, ки вазифаи дидактикиро ба бозӣ табдил медиҳад;

– иҷрои бомуваффақияти вазифаи дидактикӣ ба натиҷаи бозӣ алоқаманд аст.

Ҳар як омӯзгор бояд ҳамчун ҳунарманд бошад ва ҳисси шавқмандиро дар хонандагон бедор карда тавонад. Аз он ки оғози дарс чӣ гуна мешавад, бисёр чиз вобаста аст» [151, с. 51].

Дар идомаи кори худ намунаи бозиҳои дидактикиеро, ки дар таҷрибаи амалии худ истифода бурдем, оварда, рафти гузаронидан, шакл ва шартҳои онҳоро муфассал баррасӣ менамоем.

1. **Бозиҳои грамматикӣ.** Мақсади бозиҳои грамматикӣ ба хонандагон омӯхтани намунаи нутқе, ки дар худ душвориҳои муайян грамматикӣ доранд, ташкил кардан ҳолати воқеӣ барои истифода намудани ин намунаи нутқ ва дар ин замина нишон додани фаъолнокии нутқӣ ва мустақилияти хонандагон ба шумор меравад.

ADD A WORD

Омӯзгор дар тахтаи синф ҷумлаи содаи: «I like» - ро менависад Акнун хонандагн бояд ҷумларо бе вайрон кардани мазмун ва қоидаи грамматикӣ пурра намоянд. Ҳар як хонанда илова намудан мегирад. Ғолиб касе мешавад, ки ҷумлаи охиринро мегӯяд. Омӯзгор бояд назорат кунад, ки дар бозӣ тавақуф нашавад:

Teacher:

I like… One, two…

Хонандаи 1:

I like to…

Хонандаи 2:

I like to play…

Омӯзгор:

One, two…

Хонандаи 3:

I like to play football…

Хонандаи 4:

I like to play football in the yard.

Омӯзгор:

One, two, three! You have won! One point to you!

2. Бозии лексикӣ. Мақсади ин бозӣ ба хонандагон машқ додани истифодаи лексика дар вазъияте, ки ба шароити воқеӣ наздик аст, фаъол кардани амалҳои нутқӣ ва тафаккури хонандагон, такмили ангезаи нутқии хонандагон, ошно намудани хонандагон бо мувофиқати лексикии калимаҳо мебошад.

SAY ONE WORD

Ин бозӣ имкон медиҳад, ки хонандагон калимаҳои навро ба хотир гиранд, ҳамчунин, хусусияти ҷузъӣ ва куллии калимаҳоро фарқ кунанад:

I give you a lemon (table, apple, book, etc) ва ё *I give you some bread (salt, snow, snow, etc) to eat.*

Хонандагон ҷавоб медиҳанд: Yes ё No, тибқи хурданбоб будани хӯрока. Дар идома мавзуъро иваз кардан мумкин аст:

furniture, transport, food, plants.

GARDENERS

Омӯзгор ба ҳар як хонанда расми меваро медиҳад. Ду "боғбон" даъват карда мешаванд. Онҳо бо навбат номи меваҳоро номбар мекунанд. Хонандаҳо ба пеши «боғбон» меваи онҳоро номбар карда мераванд. «Боғбоне», ки меваи зиёдро номбар мекунад, ғолиб мегардад.

ALPHABET BREAKFAST

Бозингари якӯм мегӯяд: «*Today for breakfast I have some apples».* Хонандаи дуюм ин ибораро такрор мекунад, аммо номи маҳсулот бояд бо ҳарфи - В оғоз ёбад ва ҳамин тавр бозӣ идома меёбад. Ғолиб он хонандае мешавад, ки маҳсулотро аз рӯйи алифбо номбар кунад.

Бозиро мураккаб карда бозингарон ба ҷумла ягон чизи хурданбобро илова мекунанд. Мисол, «*Today for breakfast I have some apples and bananas*». Ва ҳамин тавр бозӣ идома меёбад.

I HAVE …

Мазмуни бозӣ дар он зуҳур меёбад, ки ба як калима миқдори зиёди сифат ёфта шавад. Мисол*: I have a cat.*

Хонандаи 1: *It's a black cat.*

Хонандаи 2: *It's a smart cat.*

Хонандаи 3: *It's a funny cat.*

Хонандаи 4: *It's a fat cat… etc.*

3. Бозиҳои фонетикӣ. Мақсади бозиҳои фонетикӣ машқи талаффузи овозҳои англисӣ, ба хонандагон омӯзонидани бо садои баланд ва равшан хондани шеъри англисӣ, ташаккули малакаи фонетикии овозҳо маҳсуб меёбад.

МЕШУНАВАМ-НАМЕШУНАВАМ

Бозӣ бо мақсади ташаккули овози фонетикӣ гузаронида мешавад. Хонандагон ба дастаҳо тақсим мешаванд. Омӯзгор калимаро талаффуз мекунад. Агар омӯзгор калимаи садоноки дароз доштаро талаффуз кунад, хонанданон даст мебардоранд. Дастае, ки камтар ба хатоӣ роҳ медиҳад, ғолиб мегардад.

КАДОМ ОВОЗРО ТАЛАФФУЗ КАРДАМ?

Омӯзгор калимаҳоро паси ҳам талаффуз мекунад, ки дар онҳо як овоз истифода мешавад. Хонандае, ки ин овозро меёбад, ғолиб мегардад.

POETS

Шеъри ҳисобкунак истифода мешавад:

One and two and three and four

I am sitting on the floor,

I am playing with the ball

And a little pretty doll.

Омӯзгор ду расмро бо калимаҳои қофиядор пешниҳод менамояд: *frog-dog, toy-boy, bee-tree, mouse-house, clock-sock*. Хонандагон намунаи худро пешниҳод менамоянд.

4. Бозиҳои орфографӣ

Мақсади бозиҳои мазкур машқи нутқи хаттӣ мебошад.

Ҳамаи кроссворд, чайнворд, ребусҳо, ки ба хонандагон пешниҳод мегардад, бозиҳои орфографӣ ба шумор мераванд. Онҳо барои мустаҳкам кардани лексика низ мусоидат менамоянд.

WORD SEARCH

Дар ин бозӣ хонандагон бояд калимаҳоеро, ки дар хоначаҳо навишта шудаанд, ёбанд. Дар хоначаҳо ҳарфҳо бетартибона ҷойгир карда шудаанд. Хонандагон бояд ба таври уфуқӣ ва амудӣ калимаҳоро ёбанд. Омӯзгор метавонад сатҳи супоришро мураккабтар кунад, яъне калимаҳоеро бояд хонандагон ёбанд, ки дорои як мавзуъ ва ё ба ҳам наздик бошанд.

THE ALPHABET

Омӯзгор хонандагонро ба ду даста тақсим мекунад. Омӯзгор калимаро мегӯяд, мисол “pen”, хонандагон ҳарфҳоро номбар мекунанд. Ҳамин тавр бозӣ идома ёфта, омӯзгор метавонад онро мураккабтар намояд.

5. Бозиҳои аудитивӣ

Мақсади бозиҳои мазкур ба хонандагон омӯзонидани мазмуни нутқи шифоҳӣ, омӯзонидани нуқтаи асосиро дар иттилооти зиёд муайян кардан, хотираи шунавоии хонандагонро инкишоф додан маҳсуб меёбад.

LET’S FLY

Омӯзгор мегӯяд; «Let’s fly, fly, fly. Lips». Хонандагон паррандаҳоро тасвир мекунанд. Омӯзгор калимаи «lips» - ро талаффуз мекунад ва

хонандагон даст ба лаб мебаранд. Ҳамин тавр, бозӣ идома меёбад. Хонандае, ки ба хотоӣ роҳ медиҳад, аз бозӣ мебарояд.

Let's fly, fly, fly. Face ва ғайра.

6. Бозиҳои нутқӣ

Мақсади ин бозиҳо ба хонандагон омӯзонидани маҳорати баён кардани фикр бо пайдарҳамии мантиқӣ, омӯзонидани истифодаи амалӣ ва эҷодии малакаҳои аз худ кардани нутқ, ба хонандагон омӯзонидани ангезаи нутқӣ дар раванди муошират ба ҳисоб меравад.

GUESS A QUESTION

Мақсади бозӣ: фаъолгардонии масъалаҳо дар нутқи хонандагон мебошад.

Дар ин бозӣ дар ба давра нишаста, бозӣ кардан беҳтар аст. Хонандагон ҷумлаҳоро месозанд. Ҳар як хонанда ҷумлаи худро баён мекунад. Дигарон бояд ба ҷумлаҳо суол гузоранд. Мисол:

Ҷумла: My name is Munisa.

Савол: What is your name?

Ҷумла: I'm from Dushanbe.

Савол: Where are you from?

ва ғайра.

WANT CAN I SEE?

Мақсади бозии мазкур инкишофи нутқ мебошад.

Омӯзгор: *What can you see in the park? (room, cupboard, bag, etc.)*

Хонанда: I *can see trees, benches, people, many birds…*

Бозиро мураккаб менамоем. Тасвири расмҳоро аввал сода баъд мураккаб менамоем.

Омӯзгор: *What can you see in the picture*?

Хонанда:

Омӯзгор:

Хонанда:

SPOT A DIFFERENCE

Мақсади бозии мазкур муайян кардани фарқиятҳо мебошад. Барои бозӣ расмҳоро бо фарқияти хурд, бо такя ба калимаҳои англисӣ омода менамоянд. Чунин расмҳоро хонандагон метавонанд худашон пешакӣ омода созанд.

Омӯзгор : *Spot the difference!*

Хонандагон: *There is a little blue ball. There is a big red ball.*

7. Бозиҳои ҳаракатӣ

Бозии Spot a difference барои тамрини мустаҳкам кардани маводи лексикӣ ва грамматикӣ истифода мешавад.

STAND UP! SIT DOWN!

Мақсади бозии мазкур инкишофи диққат мебошад.

Омӯзгор фармон медиҳад "*Stand up! Sit down*!" ва бо ишора фармонро дигар мекунад. Яъне ишора бо фармон мувофиқ намешавад. Касе, ки хато мекунад, аз бозӣ мебарояд. Бодиққаттарин хонанда ғолиб мегардад.

Намуди дигар ин бозӣ яъне хоҳиши омӯзгорро, на ин ки фармонашро, иҷро намудан зарур аст. Мисол бо шунидани "Stand up, please!" хестан зарур аст ва бо шунидани "Stand up!"- ҳаракат кардан зарур нест.

Бо мурури омӯзиши феълҳо ва фармонҳои нав ба бозӣ дигар ибораҳо варид карда мешаванд. Мисол*: point to the door window, go to the door, take the pen, touch the book, swim, fly, jump* ва ғайра.

Хонандагон метавонанд худ мустақилона ин бозиро иҷро намоянд.

RUNNERS

Мақсади бозӣ инкишофи фавран қабул кардани нутқ ва иҷрои амал, зудҳаракатӣ, яъне вокуниш ба савол мебошад. Бозии мазкур тез фикр кардан, қарор қабул кардан, қобилияти диққат, мутамарказшавӣ ва идоракунии ҳаракатҳоро инкишоф медиҳад.

Ду хонанда ба тахтаи синф даъват мешаванд. Омӯзгор фармон медиҳад: Run to the door!, хонандагон ба тарафи дар медаванд ва кӯшиш мекунанд, ҳар яке аввалин шуда ба дар даст расонад. Сипас фармон мешавад: Run to the teacher, etc. Касе, ки аниқ ва зуд фармонро иҷро мекунад, ғолиб ҳисобида мешавад.

CHILDREN AND ANIMALS

Мақсади бозӣ:

– рушди шиносоӣ ва номбар кардани ҳайвонот. Хонандагон ҳайвонотро аз рӯйи намуди зоҳирӣ ё хусусиятҳояш шинохта ном мегиранд;

– муайян кардани алоқа байни инсон ва табиат. Омӯзонидани дӯст доштани ҳайвоно, ғамхорӣ ва муносибати дуруст ба онҳо;

– дарки вазифа ва нақши ҳайвонот дар ҳаёти инсон (масалан гов шир медиҳад мурғ тухм мегузорад в ғайра);

– рушди нутқи шифоҳӣ;

– мустаҳкам кардани хотира ва диққат;

– омӯзиши луғати нав;

– рушди тафаккури мантиқӣ [354].

Хонандагон давра мегиранд. Омӯзгор хонандаҳоро бо рақам ишора менамояд ва сипас фармон медиҳад: «*All number ones cross the circle as a hare»*. Хонандаи рақами як аз давра баромада, чун харгӯш ҳаракат мекунад. Хонандагони дигар ин ҳайвонро аз рӯйи намуди зоҳирӣ ва ҳаракати хонанда муайян карда номбар мекунанд. Ба ҳамин минвол бозӣ дар давра идома меёбад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки ташкили бозиҳо дар раванди машғулиятҳои дарсӣ барои интерактивӣ гардонидани раванди дарс, ташаккул додани маҳорату малакаи фаъолияти эҷодӣ, фикрронӣ ва маърифати хонандагон нақши муҳимро мебозанд. Бозӣ ин

роҳ ба сӯи маърифати оламест, ки хурдсолон дар он ҷо зиндагӣ мекунанд ва онро дигаргун менамоянд.

2.3. Бартарияти истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун методи фаъол дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони англисӣ

Ҳар рӯз ба худ савол медиҳем, ки чӣ бояд кард, то ҳар як дарси мо ҷолибу шавқовар гардад, сатҳи маърифатнокиву тафаккури эҷодии шогирдони мо рушд намояд. Шуъларо дар чашмони хонанда афрӯхта, ӯро нерӯманд ва хушҳол кардан яке аз вазифаҳои душвори омӯзгор мебошад. Ин аз омӯзгори забони хориҷӣ тақозо менамояд, ки аз қадамҳои аввал шуруъ намуда, бо забони хориҷӣ бо хонандагон муроҷиат кунад, хонандагонро маҷбур созад, ки бо забони хориҷӣ муошират намоянд. Гарчанде ин дар зинаи ибтидоӣ сода бошад ҳам, минбаъд барои фаъолияти коммуникативии хонандагон таҳкурсӣ мегузорад [89, с. 16].

Самарабахштарин усул барои тақвияти фаъолияти муоширатӣ истифодаи бозиҳои дидактикӣ ба шумор меравад. Бозиҳои мазкур фаъолияти нутқии хонандагонро ба меъёрҳои мавҷуда алоқаманд карда, ба рушди салоҳиятҳои муоширатӣ, коркарди мавод тибқи барномаи забони омӯхташаванда мусоидат намуда, амалияи таълимро таъмин менамояд.

«Бозиҳои дидактикӣ дар фаъолияти гурӯҳии хонандагон дорои имкониятҳои номаҳдуд дар ташкил намудани муносибатҳои мухталиф, ки барои зиндагӣ дар ҷомеа заруранд, мебошанд» [131, с. 336].

Чуноне ки қайд намуда будем, дар зинаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ дар синфҳои поёнӣ бештар ба инкишофи маҳорату малакаҳои фонетикӣ диққат дода мешавад. Вале боиси таассуф аст, ки аз як машғулият то машғулияти оянда завқи хонандагон нисбат ба чунин фаъолият кам мешавад. Дар чунин ҳолат: «барои шавқовар гаштани

машғулият истифода бурдани намунаҳои дарс аз таҷрибаи кории худ хеле қулай буда, барои имконпазир гардонидани раванди омӯзишу аз бар кардани маводи забонӣ мусоидат менамояд» [164, с. 11].

Дар оғози фаъолият ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки нақши омӯзгорро ба дӯш гиранд. Масалан, шахсе бо номи Нодонхӯҷа ба синф ҳамчун меҳмон ҳозир мешавад ва изҳор мекунад, ки забони англисиро ёд гирифтан мехоҳад. Дар ин маврид хонандагон на танҳо овозҳоро такрор менамоянд, балки сайъ мекунанд, ки Нодонхӯҷаро бо талаффӯзи дурусти овозҳо шинос кунанд. Нодонхӯҷа ҳарфҳоро нишон медиҳад ва хонандагон онҳо ҳамроҳу ӯ талаффӯз мекунанд. Нодонхӯҷа барқасдона баъзе овозҳоро нодуруст талаффӯз мекунад. Агар оҳанги талаффуз дуруст бошад, хонандагон хомӯш меистанд ва агар хато бошад, қарсак зада, онро ислоҳ мекунанд. Чунин ҳолатҳои дарс хеле шавқовар мегузард.

Фаъолияти ташакули малакаҳои кор бо калимаҳо тавассути машққҳои махсусе, ки хонандагонро шавқманд мекунад, гузаронида мешавад. Масалан, зимни кор рӯйи мавзуи «Либос» дар синф «мағоза» пайдо мешава, ки дар рафҳои он либосҳои ҳархела гузошат шудааст. Хонандагон ба «мағоза» даромада, харид мекунанд:

P1: Good morning!

P2: Good morning!

P1: Have you a red blouse?

P2: Yes, I have. Here it is.

P1: Thank you very much.

P2: Not at all.

P1: Have you a warm scarf?

P2: Sorry, but I haven’t.

P1: Good-bye.

P2: Good-bye. [114, с. 11].

Дар ин бозии дикатикӣ аёниятҳо ба кор бурда мешавад. Ба хонандагон таклиф карда мешавад, ки нақши қаҳрамонҳои дар расм тасвир шударо иҷро кунанд. Аз рӯйи расми «Субҳ» муколама тартиб медиҳанд. Дар ин муколама нақши асосиро бобо ва бибӣ мебозанд:

G: Karim, get up darling. It's already I o'clock

K: All right, Granny. I'm getting up.

G: Make your bed, then wash your face and hands and have breakfast.

K: First, I must do my morning exercises, Granny.

G: All right, dear.

Рушди малакаҳои нутқиро дар сохтори Present Continuous Tense тавассути бозии «Сӯҳбат бо телефон» анҷом додан мумкин аст. Аз тарафи мо чунин намунаи нутқӣ мавриди корбарӣ қарор гирифт:

Tell me how you are. I am well, thank you. I hope you are well too. Will you come to my, place? I'll come. No, I can't. Is Anisa at home? Ва ғайра.

Барои гузаронидани ин бозӣ гурӯҳи сенафарӣ ташкил кардан лозим аст. Ба ҳар як нафар варақаи супориш дода мешавад:

1. Занг зан ва дӯстатро ба меҳмонӣ даъват бикун. Албатта, бипурс, ки дар айни ҳол ӯ ба чӣ кор машғул аст.

2. Туро ба меҳмонӣ даъват карданианд. Метавонӣ розӣ шавӣ ё рад кунӣ. Сабаби рад карданатро бояд асоснок намоӣ.

3. Ту – Модар. Ба телефони ту занг мезананд. Ту онро мебардорӣ. Аз ту хоҳиш мекунанд, ки гӯширо ба духтарат диҳӣ.

Масалан:

M: Yes?

H: Good afternoon.

M: Good afternoon.

H: Is Munisa at home?

M: Yes, she is. Who is speaking?

H. This is Halima, Munisa's friend. May I speak to her?

M: Yes, you may.

O: Yes?

H: How are you, Munisa?

M: I am well, Thank you. And how are you?

H: I am well too. And what are you doing?

M: I am doing my homework. And what are you doing?

H: I am watching TV. By the way, what is our homework?

M: Exercise 4.

H: Thank you. Good-bye.

O: Bye-bye.

Сӯҳбати телефонӣ намунаҳои мухталиф дошта метавонад. Супориш талаб мекунад, ки дар сӯҳбат бояд сохтори Present Continuous Tense истифода бурда шавад.

Ба хотири фарқ кардани замонҳои Present Continuous Tense ва Present Indefinite Tense бозиҳои дидактикие истифода мешаванд, ки аз лаҳзаҳои зерин ибоартанд: [164, с. 11].

Лаҳзаи 1. Аниса фарши хонаро пок карда истодааст. (хонанда бо ишораи ҳаракат иҷрои ин амалро нишон медиҳад). Ин вақт садои занги телефон мебарояд. Аниса гӯширо мебардорад:

Дугона: Аниса, биё ба синамо равем.

Аниса: Рафта наметавонам, ман фаршро мешӯям.

Лаҳзаи. 2. Аниса дар назди оина нишастааст. Ӯ мехоҳад ба синамо равад. Модар норозиёна ба фарши ифлоси хона нигоҳ мекунад.

Аниса: Модар, ту медонӣ - ку, ман фаршро рӯзҳои панҷшанбе мешӯям.

Бозии дигари дидактикӣ шарташ «Ёрӣ расон, то ёбем» мебошад, ки дар он зимни сӯҳбат ибораи there is ба кор бурда мешавад. Чунончи:

а) Ба ту ҷуроби кабуд даркор аст. Ту онро ёфта наметавонӣ. Сайъ кун, тоёбӣ.

б) Ту – модар. Бигӯ, ки ҷӯроб дар куҷост.

Р: Mummy, where are my blue socks?

М: Your socks are in the wardrobe.

Р: (ба ҷевон нигоҳ мекунад) There are no socks here.

М: (ба назди ҷевон меояд) Look, here they are.

Р: Thank you, mummy.

Ҳолат дар варақа пурра дарҷ мегрдад, то ки хонандагон лаҳзаи зиндагиро бинанд ва ба ҳақиқиат бовар кунанд.

Тибқи супоришҳои бозиҳои дидактикии мазкур хонандагон мустақилона ҳал намудани вазифаи нутқиро ёд мегиранд.

Хонандагон ба тариқи бозӣ корҳоро бо шавқ иҷро мекунанд ва бозидани нақшҳои ҳархеларо писанд мекунанд. Дар ҷараёни бозӣ ҳиссиёту ҳаяҷон, санҷиши қувваи худро дарк мекунанд. Дар натиҷа иштирокчиён аз бозӣ ҳаловат мебаранд, супоришҳоро иҷро карда, бо ҳамиштирокчиён муошират менамоянд [111].

Аз ин бармеояд, ки дар ҷараёни бозӣ ҳавасмандӣ нақши асосӣ дорад. «Бозиҳои дидактикӣ фаъолияти нутқии хонандагонро инкишоф медиҳад. Вазъияти бозӣ хонандаро водор мекунад, ки савол диҳад, посух гирад ва ба сӯҳбат ҳамроҳ шавад» [39, с. 12].

Бозӣ муносибатро дар миёни хонандагон ва омӯзгорро дар як сатҳ барқарор мекунад ва барои муошират фазои мусоид эҷод менамояд. Ба хонандагон имкон медиҳад, ки мустақилона мушкилотро ҳал намоянд. Умуман, дар бозии дидактикӣ ҳар як хонанда нақши муайяне дорад ва бояд дар муколама фаъолона ширкат варзад.

Бозии дидактикии «Дӯстон» (Friends)

Супориш ба хонандаи 1. Ту барон Мюнҳаузен ҳастӣ ва ба ҳама чиз завқ дорӣ.

Супориш ба хонандаи 2. Ту дӯсти наздиктарни брон ҳастӣ ва ба ӯ тақлид мекунӣ

Супориш барои тақлид:

– I am interested in history.

– I am interested in history too.

Машққо барои таҳия кардан:

Бозии нақшофарии «Аввалин сафар ба Лондон»

Супориш ба хонандаи 1: Бигӯ, дар Лондон, пеш аз ҳама, чиро дидан мехоҳӣ?

Супориш ба хонандаи 2: Канӣ, бигӯ, ту боз дар Лондон куҷоро тамошо кардан мехоҳӣ?

– I'd like to go to the Trafalgar Square.

– And I'd like to go to the Westminster Abbey.

Супориши «розигӣ»

Бозии дидактикии «Ба сайёҳат даъват кардан »

Супориш барои хонндаи 1: Ту ба дӯстат пешкаш менамоӣ, ки ба сайёҳат равад.

Супориш барои хонандаи 2: Пешниҳоди дӯсти худро қабул намо:

– Would you like to go on an excursion about Kiev?

– Oh, good idea. I don't mind (With pleasure).

Бозии дидактикии «Дар Киев»

Супориш барои хонандаи 1:Ту аввалин бор дар Киев ҳастӣ. Пеш аз ҳама чиро дидан мехоҳӣ. Аз тасаввурот истифода бар.

Супориш барои хонандаи 2: Ту дар сокини Киев ҳастӣ. Ба меҳмон ёрӣ бидеҳ.

– I don't know what I must see first in Kiev?

– Have you been to Kiev before?

Бозии дидактикии «Дар назди хазина»(At the booking office)

Супориш барои хонандаи 1: Ту мусофирӣ. Чиптаи даркориатро аз хазина пурсон мешавӣ.

Супориш барои хонандаи 2: Ту хазинадор. Аз навбатдор мепурсӣ, ки чипта ҳаст ё не.

Ёрӣ ба хонандаи 1:

Excuse	a ticket	for	the morning passenger train		Moscow
me, can			the evening fast train	To	Kiev
I have…	tickets		the morning flight		Odessa
can you			the evening flight		Minsk
give me			the morning bus		Kharkiv

Ёрӣ ба хонандаи 2:

Just a minute…

Here is a ticket…

Here are tickets…

Oh , it’s a pity. But there are no tickets for train…

Фаъолияти ҷуфтӣ. Бо хоҳиши омӯзгор хонандагон ба ду қатор саф кашида рӯ ба рӯйи ҳамдигар меистанд. Дар як қатор командони дӯкони китобфурӯшӣ ва дар дигар қатор харифдоро саф мекашанд.

Намунаи сӯҳбат чунин аст:

Customer: Good afternoon. I’d like to buy some books. What would you advise me to buy?

Seller: Glad to see you here. We have got a lot of interesting books. But in my opinion, there’s nothing like Charles Dickens and his novel “The Pickwick Papers”.

C: Do you think it would interest me.

S: I think so. This book is known all over the world. I made Ch. Dickens famous.

C: What kind it book is it?

S: It’s very original and funny. And it’s a very useful novel.

C: Is it?

S: Yes, it gives knowledge of 19-th century England. The author has described the atmosphere of the time with great skill.

C: All right. You have talked me into taking it. Give me this book.

Бозии дидактикии «Китобхона»

Ба ин бозӣ хонандагон худашон омода шуда, нақша ва суҷаи онро тартиб медиҳанд. Нақшҳои китобдор, ёрдамчии китобдор, мутолиачии эҳтиёткор ва беэҳтиёт.

Ба таҷрибаи инфиродии хонандагон-иштирокчиёни бозӣ

Нақшҳо бояд ба таҷрибаи инфиродии хонандагон мувофиқ бошанд ва хусусияти хушҳолкунанда дошта бошанд. Хуб мебуд, агар нақши хонандаи беэҳтиётро хонандаи хубхон иҷро намояд. Зоҳиран ҳар як хонанда мехоҳад нақши мусбатро инихоб кунад. Хонанадаи хубхон мустақилият нишон дода, барои ифодаи нутқи бегона фаъол мебошад. Бо хонандагони сустхон омӯзгор кор мебарад. Дар зер намунаи суҳбаро ба таври мисол меорем:

Librarian: Let me introduce my assistant Nasiba. She helps us in the English and American literature section.

Nasiba: How do you do boys and girls. I am fond of English and American literature. I help the readers to choose books in this section of our library. The children like to read books by popular English and American authors. They often take books written by Mark Twain. “The Adventures of Tom Sawyer and Huckleberry Finn”, Lewis Carol’s “ Alice in Wonderland”, Rudyard Kipling’s “Just so Stories”, Older schoolchildren take “ Romeo and Juliet”, by W. Shakespeare, Jack London’s “Martin Eden”, books by Ernest Hemingway.

P1: (ба дигар хонанда муроҷиат менамояд): What are you reading now?

P2: A book of poems. They were written by R. Burns.

P3: Are you reading them in English?

P2: No, in Russian. They were translated by S. Marshak.

Librarian: Let me introduce Anvar. He wants to say something to you.

Anvar: How do you do. I do not take care of books I don't like reading books. I like to draw in my textbooks, I often draw at the lessons. My hobby is football, not reading.

P5: Anvar you are wrong. Books are our friends.

Anva: My friend is my ball.

P5: You must be care full with the books.

P6: (assistant in the sport section) We shall give you new and interesting book about sport and football. Do you want to read them?

Anvar: Yes, I do.

P6: You must take care of the books

Anvar: All right. Thank you.

Librarian: You must tidy up your textbooks [39, с. 11].

Қобил ба зикр аст, ки: «бозиҳои дидактикӣ ва супоришҳои марбути онҳо усули натиҷабахши таълим маҳсуб меёбад. Забономӯзон маводи таълимиро дар шароити ба воқеият наздик аз худ мекунанд, ки ин ба рушди малкаҳои нутқии онҳо мусоидат намуда, салоҳиятҳои муоширатии онҳоро такмил медиҳад. Дар ҷараёни бозӣ малакаи беихтиёр дар хотир нигоҳ доштан ташаккул меёбад, фаъолияти нутқӣ ва тафаккури мантиқӣ тақвият ёфта, ангезаи муошират ба забони бегона бедор мешавад. Дар натиҷа хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ шавқ пайдо мекунанд. Ташкили дарсҳо бо истифода аз бозиҳои дидактикӣ бо ҳаяҷони мусбат, хушҳолӣ ва иштироки фаъол дар як муҳити хубу созгори психологӣ сурат мегирад» [156, с. 21].

Дар мактаб ҳамон шаклҳои таълим бартарӣ доранд, чуноне ки фаъолият, кор, шуғл дар ҳаёти калонсолон муҳим аст, бозӣ ҳам ҳамчун фаъолияти таълимию дилхушкунанда дар ҳаёти хонандагон нақши

боризро мебозад. Бозӣ зоҳиран осон ва сабук намояд ҳам, дар асл он аз бозингарон тақозо дорад, ки тамоми нерӯ, зеҳн, сабурӣ ва мустақилияти худро дар рафти бозӣ сарф намоянд».

Бозӣ машғулияти муташаккил буда шиддатнокии эмотсионалӣ ва нерӯи зеҳниро талаб менамояд [94].

Моҳияти бозиҳои дидактикӣ дар он зуҳур меёбад, ки хонандагон супоришҳои зеҳнии дар шакли бозӣ ба онҳо пешниҳод гардидаро иҷро менамоянд. Худи онҳо ҳалро ҷустуҷӯ карда меёбанд ва монеаҳоро бартараф месозанд. Хонандагон супориши зеҳниро ҳамчун супориши амалӣ дар шакли бозӣ қабул менамоянд ва ин фаъолияти зеҳниро афзун менамоянд.

«Инкишофи ҳиссиёти хонандагон дар бозиҳои дидактикӣ дар алоқамандӣ бо инкишофи тафаккури мантиқӣ сурат гирифта, маҳорати баён кардани фикр бо сухан амалӣ мегардад. Барои он ки супориши бозиро иҷро намоянд, хонандагонро лозим меояд аломатҳои ашёҳоро қиёс намоянд, шабоҳат ва фарқиятҳоро муайян созанд, хулоса бароварда, ҷамъбаст намоянд. Ҳамин тариқ, қобилияти муҳокиронӣ, фикркунӣ, маҳорати истифодаи дониш ва малакаи онҳо дар шароити гуногун инкишоф меёбад. Ин танҳо дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар хонандагон бо дониши мушаххас оид ба ашё, зуҳуроти дар бозӣ буда мусаллаҳ бошанд» [160].

Муваффақияти омодасозии хурдсолон ба мактаб ба он вобаста аст, ки чӣ гуна педагог махсусияти фаъолияти хонандагонро дарк мекунад ва дар фаъолияти худ бозиро ҳамчун фаъолияти таълимӣ моҳирона истифода мебаранд. Тавассути бозӣ ва дар рафти бозӣ тадриҷан шуури хонандагон ба дигаргуншавии шароити воқеии ҳаётӣ, муносибат бо ҳамсолон ва калонсолон мутобиқ шуда, сифатҳои шахсиятӣ дар онҳо ташаккул меёбад.

Педагоги маъруфи олмонӣ Ф. Р. Лейнзенгир нақши назарраси коммуникативии бозиҳоро қайд карда, зикр менамояд, ки: «дар инкишофи нутқи шифоҳӣ бозиҳо хеле муҳиманд.

Махсусан, нақши бозиҳои нақшофарӣ аз рӯйи ақидаи муҳаққиқ, воқеан, ба таври мушаххас фазои муоширатро фароҳам меорад. Дар вақти бозӣ хонандагонро лозим меояд, ки бо забони бегона хурсандӣ, нокомӣ, ҳаяҷонро ифода намоянд. Онҳоро лозим меояд, ки барои ифодаи баёни ин ҳолатҳои эмотсионалӣ суханҳои заруриро ёбанд.

Бозиҳое, ки дар синф гузаронида мешаванд, шавқмандии хонандагонро нисбати забони хориҷӣ меафзоянд, барои фикрронии онҳо мусоидат намуда, фаъолияти нутқии онҳоро инкишоф медиҳанд.

Яке аз масъалаи марбути бозӣ ин макон ва вақти гузаронидани он маҳсуб меёбад. Ин аз бисёр омилҳо вобаста аст, яъне маводи таълимӣ, мақсади мушаххас, шароити дарс ва ғайра. Барои мисол, агар бозӣ барои машқи мустаҳкам кардани маводи таълим дар назар дониста шавад, ҳамагӣ 15-20 дақиқа кор бурда, ба мақсад расидан мебошад. Минбаъд бозиро ба муддати 3-5 дақиқа барои такроркунӣ гузаронидан мумкин аст.

Дар вақти истифодаи маводи бозӣ омӯзгорро лозим меояд, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро ташкил кунад ва дар ин раванд барои инкишофи қобилияти хонандагон, алалхусус қобилияти эҷодии онҳо кӯшиш намояд. Ҳар як бозиро омӯзгор метавонад дар марҳилаҳои гуногуни дарс мавриди истифода қарор диҳад. Аммо мувофиқати бозиҳо аз қобилияти эҷодии омӯзгор вобаста аст. Зеро он чизро ба инобат гирифтан лозим аст, ки новобаста ба мафтункунандагии бозӣ бояд андоза муҳим дониста шавад. Чунки бозӣ метавонад хонандагонро хаста намуда, таъсири эмотсионалии худро гум карда, мақсадҳои дидактикиро дастнорас гардонад» [204].

Муваффақияти истифодаи бозӣ аз фазои муошрати нутқие, ки омӯзгор дар синф фароҳам меорад, вобаста аст. Муҳим он аст, ки хонандагон ба чунин муошрат мутобиқ шаванд, машғул шуда, дар якҷоягӣ бо омӯзгор ширкаткунандагони раванд гарданд. Эътимоднокӣ дар сурати маҷбур накардани омӯзгор амалӣ мегардад. Ин ба он меорад, ки хонандагон дар фазои озод ба сӯҳбати ҷиддӣ, муҳокимаи лаҳзаҳои воқеӣ машғул мешаванд, зеро омӯзиши забони хориҷӣ ин танҳо бозӣ набуда, ранҷи зиёдро тақозо менамояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки татбиқи бозиҳо дар дарсҳои забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, барои фаъолияти маърифатӣ умда мебошанд. Зеро мақсади асосии он инкишофи маҳорат ва малакаи нутқӣ ба шумор меравад. Имконияти ташаккул додани мустақилият дар иҷрои супоришҳои нутқию фикрӣ, равонкунии малакаҳои нутқӣ барои муошрат ба бозӣ хосанд. Ба бозиҳо якчанд талабот хос аст, ки иҷрои онҳо барои натиҷабахш сурат гирифтани онҳо муосидат менамояд:

1. Ҳар як бозӣ бояд супоришҳоеро доро бошад, ки барои инкишофи зеҳнӣ ва тарбияи хонандагон мусоидат намояд.

2. Дар бозӣ бояд супоришҳое ҷолиб бошанд, ки ҳалли онҳо кӯшиши зеҳнӣ, бартараф кардани душвориҳоро тақозо дошта бошад.

3. Бозӣ дар худ бояд машғулияти хушҳолона ва ҷузъияти ҳазлро доро бошад. Зимни ба бозӣ машғул шудан фаъолияти зеҳнӣ ба он равона мегардад, ки вазифаҳои таълимӣ сабук ҳал гарданд.

Бояд онро ба инобат гирифт, ки ҳар як бозӣ дар раванди таълим ҳамчун методи фаъол буда, барои фаъолона ва самарабахш аз худ кардани забони хориҷӣ равона карда мешавад. Ҷорӣ кардани ин усул дар раванди таълим ба ноилгардии мақсадҳои таълим муосидат менамояд.

Талаботи асосие, ки ба бозӣ мутааллиқанд, инҳоянд:

– бозӣ бояд воқеан ҳавсмандии хонандагонро бедор намояд, хоҳиш ва шавқи иҷрои хуби супоришро дар хонандагон пайдо созад. Онро дар асоси лаҳзаи воқеан дурусти муошират гузронидан лозим аст;

– бозӣ бояд аз тарафи тамоми гурӯҳ қабул карда шавад ва ҳамаи хонандагон дар он ширкат варзанд. Ин, албатта, бояд дар фазои аҳлона, дӯстона ва эҷодкорона сурат гирад.

Дар бозӣ хонандагон эҳсоси қаноатмандӣ ва хушҳолиро ҳис мекунанад. Ҳар чӣ қадаре ки онҳо худро озод ҳис кунанд, дар муошират ташаббускор мешаванд. Тадриҷан дар онҳо эътимод ба неруи худ пайдо мегардад.

Бозӣ бояд чунон ташкил карда шавад, ки хонандагон тавонанд дар муоширати фаъоли нутқӣ ба таври максималӣ маводи забониро истифода баранд.

Омӯзгор хуб бояд ба бозӣ ва самарабахшии он бовар дошта бошад, танҳо дар сурати иҷрои чунин шарт бозӣ метавонад натиҷабахш гашта, вазифаи таълимиро иҷро гардонад.

Дар бозӣ хонандагон чунин ҷузъияёти муоширатро, ба монанди маҳорати сӯҳбатро оғоз кардан, сӯҳбатро идома додан, дар лаҳзаи зарурӣ ҳамсӯҳбатро аз сухангӯйӣ нигоҳ доштан, ба ақидаи ҳамсӯҳбат розӣ ё норизо будан, маҳорати мақсаднок кардани ҳамсӯҳбат, суол доданро аз худ мекунанд.

Барои чунин усулро мавриди истифода қарор додан, бояд як давраи омодагии пешакӣ вуҷуд дошта бошад. Бояд онро ба инобат гирифт, ки хонандаи хурдсол на танҳо муоширати забони бегонаро, балки забони модарии худро низ надоранд. Аз ин хотир, вақте ки муоширатро дар рафти бозӣ амалӣ мекунем, бояд ин малакаҳоро дар шароити воқеии раванди таълим ташаккул диҳем. Барои ин чунин

машқҳои такрории дидактикиро истифода намудан лозим аст, ки хонандагон дар якҷоягӣ фаъолият карда тавонанд:

– машқ барои такрори хонандагон, барои маҳорати қабул карда тавонистани гуфтори пешниҳодшуда. Барои мисол бояд чунин калимаҳоро дар бар гирад: “Ҳа” “Не”, “Оё”, “Чӣ хел шавқовар” ва ғайра;

– баҳо додан ба аҳамиятнокии оғози муколамавии анъанавӣ. Муколама хуб оғоз карда шуда, гузариши тарафҳо аз як муколама ба муколамаи дигар боварии хонандагонро ба худашон афзояд. Гузариш ба нутқи равон ва эмотсионалӣ амалӣ мегардад;

– машқҳо барои тамрини хонандагон дар тартиб додани муколамаи худ дар гурӯҳ дар рафти вазъияти пешниҳодгашта [358, с. 81].

Яке аз қолабҳои муҳим дар гузаронидани бозиҳо ин истифодаи аёният мебошад. Ҳамчунин, омӯзгор бояд ба хотир гирад, ки: «бозӣ ба синну соли хонандагон ва мавзуъ ба дараҷаи дониши онҳо мутобиқат намояд. Чизи дигар ин, ки омӯзгор бояд ширкати тамоми хонандагонро дар бозӣ назорат ва таъмин намояд» [159, с. 124].

«Бозии дидактикӣ ин танҳо ҷузиёти ҷудонашавандаи таълими фаъол буда, мазмун ва мақсади он васеътар мебошад. Вобаста ба имконияти таълимии худ бозӣ аз дараҷаи таълими фаъол берун баромада, дар маҷмуъ тарафи зарурии фаъолияти педагогӣ ба шумор меравад» [89, с. 22]. Бозиҳои дидактикӣ хусусияти тарбиявӣ низ доранд. Онҳо мустақилият, ирода, ҳамкорӣ, коллективизм, муошират, сифатҳои ахлоқӣ, зебоипарастиро дар хонандагон ташаккул медиҳанд.

Маҳорати бозиҳои дидактикӣ дар он зуҳур меёбад, ки хонандагон супоришҳои фикриро, ки дар шакли бозӣ пешниҳод гаштаанд, меомӯзанд. Худашон ҳалро ҷустуҷӯ карда, қабул менамоянд ва дар як вақт монеаҳои мавҷударо бо муваффақият бартараф мекунанд.

Мо аҳамияти бозиҳои дидактикиро махсус қайд намуда, талаботи нисбати гузаронидани онҳо ҷой доштаро муҳим меҳисобем:

– ҳар як бозии дидактикӣ бояд супоришҳоеро доро бошад, ки барои тарбия ва инкишофи зеҳнии хонандагон мусоидат намоянд;

– дар бозиҳо мавҷуд будани супоришҳои хушҳолкунанда ҳатмист, зеро он иҷрои супоришҳои зеҳниро осон менамояд.

Дидактизм дар бозӣ бояд бо машғулияти хушҳолкунанда, ҳазлу шӯхӣ, ҳаҷв ифода ёфта бошад. Аҳамияти тарбиявӣ ва рушдиҳандаи бозӣ ба мазмун ва мундариҷаи ҳалли супоришҳо алоқаманд буда, вазифаҳои гузоштаи педагогиро ҳал менамояд. Пас аз машқи душвори шифоҳии хастакунанда бозии хушҳолкунанда роҳи аз хастагӣ раҳо намудани хонандагон ба шумор меравад.

Бозӣ барои аз шармгинӣ берун овардани хонандагон низ таъсир мерасонад. Ин дар ҳолате амалӣ мегардад, ки он ҷузъиёти мусобиқаро надошта бошад. Хонандагони сустхон ва шармгин ба худ бовар ҳосил намуда, дар бозӣ фаъолона иштирок намоянд.

Баъзе муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки: «ҷузъиёти мусобиқа ба бозӣ руҳбаландиро офарида, фаъолиятро афзоиш медиҳад. Маҳз хусусияти мусобиқа ба хонандагон фишори психологӣ дода, онҳоро руҳбаланд менамояд. Онҳо аз иҷро накардани супориш наҳаросида, саъю кӯшиш менамоянд ва аз паси худ сустхонҳо ва шармгинҳоро низ мебаранд» [176, с. 211].

Новобаста аз он ки омӯзгор моҳир аст, лаҳзаҳое машаванд, ки дар рафти бозӣ хонандагон ҳавасмандиро гум мекунанд. Бинобар он дар рафти бозӣ фавран ҳамеша диққати хонандагонро ба худ ҷалб намудан, онҳоро фаъол намуда, дарккуниро осон намудан вазифаи омӯзгор мебошад.

«Бозӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки хеле осон ва дуруст ба хонандагон баҳо диҳад, қобилияти зеҳнӣ, дараҷаи фикрронӣ, фаъолияти эҷодии онҳоро муайян намояд. Хонандагон ҳамаи он чизеро, ки барои онҳо қобили қабул ва форам аст, зуд ба хотир мегиранд ва дуру дароз дар хотираи худ ҳифз менамоянд. Бинобари ин бозӣ дар хотираи хонандагон ҳифз гашта, вазифаи таълимро хуб ҳал менамояд» [363].

Бозӣ ба раванди мушкил ва хастакунандаи таълим хушҳолӣ мебахшад ва ин албатта ҳавасмандӣ, ҳисси шавқмандӣ, рӯҳияи болидаи хонандагонро зиёд менамояд.

Аҳамияти тарбиявии бозиҳои дидактикӣ дар он зуҳур меёбад, ки он ба коллекиви хонандагони дар бозӣ машғулбуда таъсир мерасонад. Педагог тавассути коллектив ба таври инфиродӣ ба ҳар як хонанда таъсир мерасонад. Хонанда ба бозӣ ҷалб гардида, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо муносибати бозӣ, балки назорати рафтори хонандагонро дар вазъияти гуногун иҷро намояд. Бинобар идора ва назорати дурусти омӯзгор бозиҳои дидактикӣ ба як мактаби тарбиявӣ табдил меёбанд.

Имрӯз дар илми педагогика бозиҳои гуногун ва методҳои гуногуни бозӣ мавҷуданд. Баъзан таснифи онҳо хеле душворӣ пеш меорад. Аз нуқтаи назари мо, таҳияи маводи шифоҳии бозиҳои дидактикӣ ҳамчун машқи нутқӣ маҳсуб меёбад. Бозӣ барои такрори чандинкаратаи намунаи нутқӣ дар шароити ба вазъияти воқеӣ наздик мусоидат мекунад. Ин, албатта, як вазифаи таълимии омӯзиши забони хориҷӣ, яъне нутқи эмотсионалӣ, мақсаднок ва равониро иҷро менамояд.

Хулосаи боби дуюм

Боби дувум ба омӯзиш забони англисӣ дар марҳилаи ибтидоӣ бахшида шуда, дар он истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи самараноки таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бозӣ, ҳамчун

фаъолияти таълимӣ, на танҳо барои омӯзиш, балки барои рушди рафтор ва малакаҳои коммуникативии кӯдакон аҳамияти калон дорад. Бозӣ хусусиятҳои муҳиме дорад, аз ҷумла:

Мақсадгузорӣ ва банақшагирии фаъолияти таълимӣ ва эҷодӣ;

Ҷалби диққат ва ҳавасмандии кӯдакон ба раванди таълим;

Истифодаи ашёҳо ва нақшҳо дар бозӣ, ки ба омӯзиши воқеият ё аломатҳо мувофиқ аст;

Муҳаққиқон ба таъкиди таъсири бозӣ бар рушди зеҳнӣ ва равонии кӯдакон аҳамият додаанд. Аз нигоҳи А. Н. Леонтев: «бозӣ як усули ивазкунанда аст, ки кӯдак метавонад тавассути он хобҳои худ ва орзуҳои шахсии худро амалӣ кунад». В. Н. Дружинин бошад, «бозиро ҳамчун шакли сохтани амсилаҳои оянда таъриф мекунад, ки барои рушди зеҳнӣ муҳим аст». Л. С. Виготский «бозиро ҳамчун меҳнати табиии кӯдакон муаррифӣ мекунад, ки дар оянда барои омодасозии онҳо ба зиндагии калонсолон кумак мерасонад».

Бозӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ на танҳо як воситаи шодии кӯдакон аст, балки барои рушди малакаҳои коммуникативӣ ва нутқии онҳо низ зарур мебошад. Ба вижа, бозӣ ҳамчун як воситаи рушди маҳоратҳои коммуникативии байнифарҳангӣ ва муҳокимаи роҳҳои гуногуни иртибот истифода мешавад. Бозиҳо метавонанд ҳамчун амсилаи таълимӣ дар гурӯҳҳо ё ҷуфтҳо истифода шаванд.

Дар боби мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун усули фаъол дар таълими забони англисӣ дар марҳилаи ибтидоӣ, ба вижа, дар ташаккули малакаҳои коммуникативӣ ва нутқии хонандагон нигаронида шудааст.

Бозиҳои дидактикӣ барои фароҳам овардани муҳити шавқовар дар раванди таълим ёрӣ мерасонанд, то ки хонандагон шавқ ва ҳавас ба таълимро эҳсос кунанд. Вақте ки хонандагон дар нақшҳо бозӣ мекунанд,

онҳо аз ҳар як ҳолат ё вазъияти муайян истифода мекунанд, ки ин ба дониш ва малакаҳои забонӣ мутобиқ аст. Ба ғайр аз ин, бозиҳо барои рушди қобилиятҳои нутқӣ, лексикӣ, грамматикӣ ва талаффузи дуруст мусоидат менамоянд. Инчунин, бозиҳо имконияти интихоби намунаҳои нутқиро бо мақсади рушди амалии забон фароҳам меоранд. Бозиҳо дар раванди омӯзиш барои ташаккули ҳавасмандӣ, эҷодкорӣ ва хислати ахлоқӣ дар хонандагон муҳим мебошанд. Дар амалӣ кардани бозиҳои дидактикӣ омӯзгор бояд ба хусусиятҳои синну солӣ, равонӣ, инфиродӣ ва сатҳи омодагии хонандагон диққат диҳад, то ки ҳар як бозӣ мувофиқи мақсади таълимӣ ва ҳавасмандии хонандагон ташкил карда шавад.

Мақсади бозиҳои грамматикӣ ин аст, ки хонандагон ҷумларо бе вайрон кардани қоидаҳои грамматикӣ васеъ кунанд.

Бозиҳои лексикӣ барои таълим ва истифодаи лексика дар вазъиятҳои воқеӣ кумак мекунанд, ки хонандагон лексикаи навро дарк кунанд ва амалан истифода баранд.

Мақсади бозиҳои фонетикӣ ин аст, ки хонандагон овозҳо ва талаффузи дурусти онҳоро омӯзанд, талаффузи дурустро пайгирӣ кунанд.

Бозиҳои орфографӣ барои омӯзиши нутқи хаттӣ ва мустаҳкам кардани лексика истифода мешаванд.

Мақсади бозиҳои аудитивӣ ин аст, ки хонандагон мазмун ва нуқтаҳои асосии нутқро фаҳманд ва хотираи шунавоии худро равнақ диҳанд.

Бозиҳои нутқӣ барои таҳқиқи малакаҳои муошират, мантиқ ва пайдарҳамии фикр дар нутқи хонандагон истифода мешаванд.

Бозиҳои ҳаракатӣ барои омӯзиши сохторҳои грамматикии феъл ва таҳқиқи малакаҳои нутқӣ ва ҳаракатӣ истифода мешаванд.

Барои ташаккули малакаҳои фонетикӣ ва лексикӣ намунаҳои гуногуни бозиҳо истифода мешаванд, ки хонандагон дар он нақшҳои гуногунро иҷро мекунанд. Мисолҳои онҳо лар рисола аз муколамаҳои маъмулии ҳаёт, монанди сӯҳбат бо телефон, мавзуъҳои хонаводагӣ, то бозии нақшофарии шахсиятҳои маъруф ва бозии «Дӯстон» ва ғайраро дар бар мегиранд.

Дар омӯзиши забони англисӣ дар марҳилаи ибтидоӣ тавсияҳо ва усулҳои истифодаи бозиҳо барои ташаккули қобилиятҳои коммуникативии хурдсолон муайян гардидаанд. Мақсади асосии истифодаи бозиҳо мусоидат дар омӯзиши дурусту самараноки забон ва афзоиши фаъолияти нутқӣ мебошад. Бозиҳои дидактикӣ ба хонандагон кумак мекунанд, ки аз хатоҳои забонӣ наҳаросанд ва бо эҷодкории баланд сухан гӯянд. Хурдсолон бояд дарк кунанд, ки забонҳои гуногун барои одамон мавҷуд буда, ҳар яке тарзи гуфтугӯ ва тарзи зиндагии худро дорад. Аз ин рӯ, ба кӯдакон имконият дода шавад, ки худро дар муносибатҳои гуногун тасаввур намоянд, ҳамзамон аз таҷрибаҳои шахсӣ истифода баранд ва барои худ фаъолиятҳои ҷолибро интихоб кунанд.

Бозиҳо ба хурдсолон имконият медиҳанд, ки таҷрибаи коллективии иҷтимоиро ба воситаи муошират ва ҳамкорӣ барномасозӣ кунанд. Бозиҳо, ки ба воситаи он гурӯҳҳо фаъолият мекунанд, на танҳо барои фароғат, балки барои омӯзиши ахлоқ ва муошират дар доираи ахлоқ – муоширати этикӣ низ муҳиманд. Дар ин раванд, иштирокчиён дар тасвир кардани хешовандҳо ва дарк кардани хатоҳо бо ҳамдигар муошират мекунанд ва вазифаҳои бозӣ барои таҳкими забони шифоҳӣ ва амалҳои коллективӣ равона мешаванд.

Истифодаи шеъру суруд, муаммову чистонҳо, тезгӯякҳо дар бозӣ барои бедор кардани шавқу завқи кӯдакон ба омӯзиш муосидат менамояд. Бо истифодаи бозиҳо ва сурудҳо омӯзиши забони англисӣ дар

марҳилаи ибтидоӣ барои хонандагон метавонанд ба як шакли ҷолиби омӯзиш табдил ёбанд, ки дар он онҳо метавонанд қобилиятҳои нутқии худро беҳтар кунанд ва малакаҳои коммуникативии худро фаъолона рушд диҳанд. Шавқмандии кӯдакон барои омӯзиши забон ва иштирок дар бозиҳо нақши муҳими таълимро иҷро мекунад. Ҳавасмандӣ, шавқмандӣ ва муошират дар тасвири воқеии ҳаёти ҳаррӯза ба кӯдакон кумак мерасонад, ки ба забон бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва онро аз худ кунанд. Шавқ бояд ба воситаи истифодаи маводи шавқовар ва техналогияҳои бозӣ афзоиш ёбад.

Барои ҷалби хонандагон ба омӯзиш муҳити озод ва эътимоднок зарур аст, то ки хонандагон тавонанд ба тариқи бидуни маҷбуркунӣ муошират кунанд. Шавқмандии хонандагон дар равандҳои таълим, махсусан, бо истифодаи бозиҳо, қобилияти омӯзиш ва азхудкунии забонро пурзӯр мекунад.

Омӯзгорон дар ин раванд вазифаи муҳим доранд. Онҳо бо роҳи ташкил ва роҳнамоии бозӣ кумак мерасонанд, ки хонандагон ба таври фаъол ва дуруст ба муошират шуруъ кунанд. Омӯзгор бояд нақшҳои ҳар як иштирокчиро дар бозӣ бо маслиҳат интихоб кунад. Омили муҳим ин аст, ки дар рафти бозӣ хонандагон ба шартҳо, супоришҳо ва душвориҳо рӯбарӯ мешаванд ва барои ҳал кардани онҳо кӯшиш менамоянд. Бозиҳо танҳо ҳамчун фурсати омӯзиш нестанд, балки ба таҳкими хотира ва инкишофи фаҳм низ мусоидат мекунанд.

Бозӣ дар синф на танҳо барои такрори мавод, балки барои ташаккул додани хислатҳо ва маҳорати иҷтимоӣ низ таъсир мерасонад. Хонандагон дар бозӣ омӯзишҳои шахсии муҳимро таҷриба мекунанд, ки барои ҳамкорӣ, мустақилият ва ташаббускорӣ кумак мерасонад.

Дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ истифодаи технологияи бозӣ барои шавқмандӣ, фаъолияти ҳамоҳангшавии гурӯҳҳо,

таҳкими малакаҳои грамматикӣ ва лексикӣ равона гардида, вазифаҳои асосии ин раванд маҳсуб меёбанд. Бо истифодаи технологияи таълими бозӣ омӯзгорон метавонанд кӯдаконро бо усулҳои навини омӯзишӣ шинос кунанд. Бахусус бозиҳои коммуникативӣ барои кӯдакон имконияти ҳал кардани вазифаҳо, ташкили муошират ва ҳамкорӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷиро фароҳам меоранд. Истифодаи бозиҳои коммуникативӣ дар методикаи таълимӣ кумак мекунад, ки хонандагон аз фазои бозӣ на танҳо хурсанд шаванд, балки бо истифода аз он нутқро фаъолона омӯхта, бо забони англисӣ муошират кунанд. Бо истифода аз намунаҳои нутқӣ ва аёният хонандагон қоидаҳои грамматикӣ ва навгониҳои лексикӣ ва фонетикиро меомӯзанд.

Технологияи муосир ва компютерҳо дар раванди омӯзиш ба хонандагон имконият медиҳанд, ки бо роҳи инфиродӣ ва интерактивӣ маводи забониро ёд гиранд. Тавассути воситаҳои компютерӣ ва интерактивӣ хонандагон дар муҳокимаҳои гурӯҳӣ фаъол мегарданд ва ба ҳаллу фаслҳои мушкилот ҷалб шуда, ба воситаи бозӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар ба омӯзиш шавқманд мешаванд ва малакаҳои забонии худро беҳтар мекунанд.

Васоити техникӣ, махсусан, дар дарсҳои забонҳои хориҷӣ, имкон медиҳанд, ки омӯзгорон муҳити таълимиро динамикӣ, ҷолиб ва таъсирбахш созанд. Онҳо афзоиши раванди таълимро таъмин менамоянд, қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагонро рушд медиҳанд, инчунин раванди таълимро инфиродӣ ва мувофиқ бо эҳтиёҷоти ҳар як хонанда ташкил мекунанд.

Воситаҳои технологӣ ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои хонандагонро ба таври объективӣ баҳогузорӣ кунанд.

Омӯзгори муосир бояд эътироф намояд, ки технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ ҳамчун як омили муҳим дар таълим амал

мекунад ва имкон медиҳад, ки раванди таълим бо усулҳои самарабахш ташкил шавад. Ин технологияҳо ба хонандагон ёрӣ расонида, онҳоро ба омӯзиши мустақил ва эҷодӣ ташвиқ мекунанд. Бо истифода аз ин технология хонандагон метавонанд на танҳо маълумотҳоро тез ва аниқ аз худ кунанд, балки малакаҳои мустақилона, фикркунии интиқодӣ ва коммуникативиро низ рушд диҳанд.

Технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ (ТИК) дар таълим на танҳо сифати раванди таълимро беҳтар мекунад, балки ба рушди касбии омӯзгорон низ мусоидат мекунад. Бо ёрии ТИК дарсҳо ҳозиразамон ва муосир мегарданд, ки ин ҳавасмандии хонандагонро баланд мебардорад ва самаранокии таълимро афзоиш медиҳад. Аз ҷумла, он барои таълими инфиродӣ, афзоиши ҳаҷми супоришҳо ва ташаккули малакаҳои тадқиқотӣ низ кумак мерасонад. Ҳалли масъалаҳои таълим дар замони муосир бо истифодаи ТИК як талаботи асосии маорифи имрӯза мебошад.

Агар барои истифодабарии компютер ё дигар воситаҳо имконият набошад, омӯзгор метавонад бо истифода аз проектор ё дигар воситаҳо раванди таълимро ҷолибу самаранок гардонад.

Омӯзиш бо мақсади такрори лексика ва грамматика, тасаввури мақсад ва рушди маърифати эҷодӣ дар байни хонандагон тавассути бозиҳои интерактивӣ ва лоиҳаҳо амалӣ мешавад. Ҳар як дарс бо мақсади беҳтар кардани малакаи нутқ ва қобилиятҳои коммуникативии шифоҳӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ин рӯ, бозиҳои коммуникативӣ барои рушди малакаҳои нутқии хонандагон, аз ҷумла, ишораҳо ва ибораҳои муоширатӣ, баён ва фикрҳои мусбат ва дуруст аҳамияти калон доранд. Ба воситаи бозиҳо хонандагон метавонанд дар муҳити табиии забон муҳимтарин масъалаҳоро дарк кунанд ва бомаврид амал намоянд.

Дар ниҳояти кор, бозӣ як воситаи муассир ва хурсанде аст, ки дар ташаккули малакаҳои забоншиносӣ ва коммуникативии кӯдакон дар марҳилаи ибтидоии омӯзиш нақши муҳимро мебозад. Таълим дар асоси бозӣ ба кӯдакон имконият медиҳад, ки на танҳо дар фаҳмидани забон, балки дар рушди маҳоратҳои иҷтимоӣ ва шахсиятии худ ҳам муваффақ шаванд.

Бозӣ дар синф на танҳо барои такрори мавод, балки барои ташаккул додани хислатҳо ва маҳорати иҷтимоӣ низ таъсир мерасонад. Хонандагон дар бозӣ омӯзишҳои шахсии муҳимро таҷриба мекунанд, ки барои ҳамкорӣ, мустақилият, ва ташаббускорӣ кумак мерасонад.

Бояд ба назар гирифт, ки моҳияти бозии дидактикӣ аз чӣ гуна бозиро ташкил намудани омӯзгор вобаста аст, Ҳангоми гузаронидани бозӣ, омӯзгор бояд диққат диҳад, ки фаъолият ба хотира ва рафтори хуби хонандагон мусоидат кунад.

Ба ҳамин тариқ, ин бахши рисола нишон медиҳад, ки бозии дидактикӣ як усули самаранок ва муфид барои рушди маърифатии кӯдакон буда, на танҳо дар такрори мавод, балки дар инкишофи маҳорати коммуникативӣ, худҷалбкунӣ, ва ҳарфзадагиҳо кумак мекунад.

БОБИ 3. ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ЗАБОНШИНОСӢ

3.1. Методология, барномаҳо ва равияҳои муосири омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ

Дар солҳои охир омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ҷаҳон ба яке аз самтҳои муҳими таълим табдил ёфтааст. Забони англисӣ, ки ҳамчун воситаи асосии пайванди байни фарҳангҳо, илм, техника ва тиҷорат дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст, на танҳо дар муҳити ҷамъиятӣ, балки дар фазои академӣ ва донишгоҳӣ низ мавқеи барҷаста дорад. Ин забон дар муассисаҳои таълимии сатҳи олӣ ҳамчун унсури калидии мусоидат ба мубодилаи дониш ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ хизмат мекунад.

Воситаҳои электронӣ ва платформаҳои онлайнӣ имрӯз ҳамчун як қисми интегралӣ ё худ ҳамгиро дар таълими забони англисӣ хизмат мекунанд. Платформаҳои онлайн барои таъсиси муҳити таълимии дуруст ва муосир, ки ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки ба таҳсилот ва муошират дар муҳити рақамӣ мутобиқ шаванд, аҳамияти калон доранд.

Барномаҳое, ки барои таълим ва омӯзиши забон омода шудаанд, имкон фароҳам меоранд маълумотро тариқи онлайн қабул кунанд ва имтиҳон супоранд. Аз ҷумла, барномаҳои Moodle ва Edmodo платформаҳои маъмули омӯзишие ҳастанд, ки ба воситаи онҳо омӯзгорон ва донишҷӯён таълим мегиранд. Барномаи «Duolingo» барои омӯзиши луғат ва грамматика дар муҳити интерактивӣ як алтернативаи қобили қабул аст.

YouTube, бо интихоби васеи видеокурсҳо ва манбаъҳои визуалӣ, барои омӯзиши забон ва беҳтар кардани маҳорати гӯш кардан ва фаҳмидани забони англисӣ воситаи самарабахш мебошад. Видеокурсҳо

ва дастурҳои муфассал метавонанд кумак кунанд, ки донишҷӯён беҳтар фаҳманд ва дуруст муошират кунанд.

Омӯзиши забони англисӣ донишҷӯён-намояндагони фарҳангҳо ва кишварҳои гуногунро ба монеаҳои фарҳангӣ ва психологӣ дучор мекунад. Ин мушкилот аксаран ба фарқиятҳои фарҳангӣ, устуворихо ва усулҳои таҳсили гуногун вобаста мебошанд, ки онҳо дар муҳити таълимӣ зимни кор бо забони англисӣ ба вуҷуд меоянд. Бо назардошти таъсири мутақобилаи фарҳангҳо ва маърифати психологӣ дар таълим ин мушкилот метавонад боиси шиддат ва ҳассосиятҳои гуногун дар муҳити таълимӣ гардад.

Ба гуфтаи Ҳолидей, «гуногунфарҳангӣ ва шеваи омӯзиш дар муҳити таълимӣ як чолиши ҷиддӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон аст, ки ба рушди муносибатҳои байнифарҳангӣ таъсир мерасонад. Барои донишҷӯёни гуногункишвари гуногунфарҳанг муошират бо ҳамдигар ва омӯзгорон дар муҳити академӣ метавонад дар оғоз душвор бошад» [300].

Мушкилот дар шиносоии шеваи муошират ва услуби фаҳмидани дарсҳои гуногун, ки метавонад бо забони англисӣ дар муҳити донишгоҳӣ пайваст бошад, ба вуҷуд меояд.

Масалан, донишҷӯён аз кишварҳои Осиё ё Африқо, одатан, дар муҳити англисии таълим бинобар ҷанбаҳои гуногуни фарҳангиашон ба мушкилот рӯбарӯ мешаванд, ки он боиси баҳсҳои баръакси таълимӣ мегардад. Ин мушкилот, ки асосан аз фарқиятҳои фарҳангӣ ва гуногунии назарияву усулҳои омӯзишӣ маншаъ мегиранд, метавонанд ба самаранокии таҳсили онҳо таъсири манфӣ расонанд. Масалан, донишҷӯён шояд бо тарзи кор бо маводи илмӣ ва усулҳои омӯзиши маъмул дар муҳити англисӣ ошно набошанд, ки ин метавонад ба мушкилот дар фаҳмишу истифодаи маводҳои дарсӣ оварда расонад. Тибқи назарҳои Греммо ва Рилей, «Фарқиятҳои байнифарҳангӣ

метавонанд равандҳои навиштан ва ёдоварии маводҳои илмиро дар муҳити донишгоҳӣ мураккаб гардонанд ва таъсири худро расонанд» [295, с. 28]. Ин ба он ишора мекунад, ки барои беҳтар фаҳмидан ва дастгирии донишҷӯёни ғайрианглисзабон зарур аст, ки ба омилҳои фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир шавад ва барномаи таълим бо ин омилҳо мувофиқ гардонида шавад.

Дар омӯзиши матнҳои академӣ ва кор бо манбаъҳои илмӣ ба донишҷӯён барои навиштани тезисҳо ва мақолаҳои илмӣ мушкилот эҷод мешавад. Ва ҳамзамон, шакли сабки навиштани академӣ дар муошират ва таҳсилот аз назари фарҳангӣ ва қобилияти шахс ҳам муҳим мебошад.

Бо такя ба таҷрибаҳои байналмилалӣ ва рушди раванди муоширатӣ метавон гуфт, ки муҳити таълимӣ барои омӯзиши забони англисӣ ва рушди донишомӯзон беҳтарин муҳит ба шумор меравад

Дар муҳити таълимии факултетҳои забоншиносӣ (забони англисӣ) ҳамчунин, мушкилоти эмотсионалӣ ва психологӣ, ки дар натиҷаи муошират ба вуҷуд меоянд, дар баъзе ҳолатҳо шиддат мегирад. Донишҷӯён, ки на танҳо бо забони адабӣ, бо лаҳҷаҳои гуногуни забонҳои англисӣ низ гуфтугӯ мекунанд, маҳдудият дар муоширатро эҳсос менамоянд ва ин камбуди дар фаҳмидани забон дар муҳити таълимӣ барои донишҷӯе, ки бо фарҳангҳои кишварҳое, ки забони англисӣ дар он ҷо расмӣ нест ва онҳо бо он фарҳангҳо ошно нестанд, ин вазъият метавонад сабаби эҳсоси тарс ва нороҳатӣ дар муҳити таълимӣ шавад.

Бояд зикр намуд, ки муҳити таълимии англисӣ ва дастурҳои махсуси ин таълим барои донишандӯзон, ки аз фарҳангҳои гуногун омодаанд, метавонад барои ҳамкорӣ мушкилиӣ эҷод намояд. Чунки ҳар як кишвар равияҳои хосси таълими худро дорад ва дар муҳити таълимии бегона метавонад боиси шиддатҳои гуногун шавад. Масалан, барои

донишҷӯён аз кишварҳои шахсиятии коммуникативӣ **(individualistic communication cultures)**, яъне кишварҳое, ки дар онҳо одамон бештар ба изҳори фикри шахсӣ, мустақилият ва озодии баён аҳамият медиҳанд, (монанди ИМА, Олмон) ё **кишварҳои коллективӣ (collectivist cultures)**- ҷомеаҳое, ки дар онҳо манфиати гурӯҳ болотар аз манфиати шахсӣ аст ва муносибатҳо бештар бар асоси ҳамкорӣ ва эҳтироми гурӯҳӣ сохта мешаванд (монанди Чин, Ҷопон, кишварҳои Осиёи Марказӣ), робитаҳои шахсӣ дар муҳити таълимӣ метавонанд онҳоро бо мушкилоти психо-иҷтимоӣ рӯ ба рӯ кунад. Бо ибораи дигар гӯем, фарҳангӣ зодгоҳи донишҷӯён метавонад ба тарзи робитаи онҳо бо дигарон дар муҳити донишгоҳ таъсир расонад ва дар натиҷа, онҳо метавонанд ба мушкилоти равонӣ ё иҷтимоӣ дучор шаванд.

Барои бисёре аз донишҷӯён, ки дар кишварҳои ғайрианглисӣ ба таҳсил шуруъ мекунанд, барномаи таълимии англисӣ метавонад як мушкилии бузург бошад. Ба гуфти Ҳедж, «Навиштани матнҳои таълимӣ ва истифодаи забони англисӣ барои таҳрири мавзуъҳо ва таҳқиқоти илмӣ барои донишҷӯён ба хотири омӯхтани стратежиҳои илмии забони англисӣ бо душвориҳои ҷиддӣ ба даст меоянд» [299, с. 71].

Барои донишҷӯён, ки англисиро ҳамчун забони дувум меомӯзанд, фаҳмидану навиштани матни академии англисӣ бо талаботи аниқу дақиқ метавонад дар навиштан ва омӯхтани мавзуъҳои илмӣ монеа эҷод кунад. Дар шунидани лексияҳо низ чунин мушкилот ба амал меомад. Ин мушкилот аксаран ба маҳорати гӯш кардани онҳо ба забони англисӣ ва фаҳмидани мазмунҳои мураккаб дар мавзуоти илмии аниматикӣ ва ғайрианиматикӣ мансуб мебошад.

Барои бартараф кардани ин мушкилот, усулҳои гуногун ба таври умум метавонанд истифода шаванд. Аввалан, барои рафъи мушкилоти фарҳангӣ ва психологӣ муҳити таълимии донишгоҳҳо бояд имконият

диҳанд, ки донишҷӯён дар давоми таҳсил бо дигар фарҳангҳо ва кишварҳо муошират дошта бошанд. Чуноне ки Годвин Ҷонс қайд намудааст, «машқҳои бисёрфарҳангӣ ва тарҷумаи матнҳо метавонад ба донишҷӯён кумак кунад, то ки таҷриба ба даст оранд» [297, с. 29].

Ҳамчунин, навиштани мавзуъҳои таълимӣ ва дарсии худро бояд дар муҳити англисӣ омӯзанд. Ин ба донишҷӯён барои баланд бардоштани сатҳи дониши худ кумак мекунад.

Дар ин бахш кӯшиш ба харҷ додем, ки дарки амиқ ва ҷузъиётҳои фарҳангӣ ва психологиро дар омӯзиши забони хориҷӣ, ки дар муҳити академии англисӣ мавҷуданд, равшан созаем.

Имрӯз бо рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ воситаҳои электронӣ ва платформаҳои онлайнӣ як қисми ҷудонашавандаи раванди таълими забони англисӣ шудаанд. Бо истифода аз ин воситаҳо, муҳити таълимии замонавӣ ва муассир эҷод мегардад, ки ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар муҳити рақамӣ таҳсил кунанд ва муоширатро бо дигарон ба осонӣ ва самаранок анҷом диҳанд. Рушди зеҳнии рақамӣ, барномаҳои онлайнӣ ва васоити техникӣ барои ташаккули малакаҳои забонии донишҷӯён дар шароити ҷаҳонишавӣ саҳми арзанда мегузорад. Вақт ва фосилаи таҳсил низ тариқи ин воситаҳо кам мешавад, ки ин раванди нави таълимиро дар бар мегирад.

Платформаҳои таълимии онлайн дар солҳои охир ҷойгоҳи муҳимро дар раванди омӯзиши забони англисӣ касб кардаанд. Бо истифода аз барномаҳое, ки барои таълим ва омӯзиши забон омода шудаанд, омӯзгорон ва донишҷӯён метавонанд муҳити таълимиро ба осонӣ ташкил ва назорат кунанд. Мақсади асосии ин платформаҳо пешбурди муошират байни донишҷӯён ва омӯзгорон, ҳамчунин мусоидат

кардан барои ташаккули шахсият ва равандҳои омӯзишӣ барои донишҷӯён мебошад.

Барномаҳое, ки барои омӯзиш ва таълими забони англисӣ таҳия шудаанд, имрӯз як қисми муҳими раванди таълимии донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ ҳастанд. Барномаҳои таълимӣ ба омӯзгорон ва донишҷӯён имконият медиҳанд, ки иҷрои вазифаҳо, дарсҳо, тестҳо ва тасвири таҳсилоти шахсии худро пайгирӣ кунанд. Ин барномаҳо метавонанд муҳити таълимии интерактивиро барои ҳар як донишҷӯ ба вуҷуд оваранд, то ки онҳо дар он муҳити рақамӣ кор ва омӯзиш кунанд. Технологияҳои муосир ва воситаҳои электронӣ, махсусан, платформаҳои онлайнӣ, имрӯз ҳамчун як ҷузъи муҳим ва интегралӣ дар таълим ва омӯзиши забони англисӣ фаъолият мекунанд. Ин воситаҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар муҳити рақамӣ таҳсили худро идома диҳанд ва ба таври мувофиқ бо навгониҳои технологӣ мутобиқ шаванд. Аз ин рӯ, воситаҳои электронӣ на танҳо барои бартараф кардани масъалаҳои марбут ба манфиатҳои таҳсилоти анъанавӣ истифода мешаванд, балки инчунин муҳити таълимиро барои донишҷӯён дар ҷаҳони рақамӣ беҳтар мекунанд. Ин бахш ба таҳлили ин воситаҳо ва таъсири онҳо дар раванди омӯзиши забони англисӣ, хусусан барои донишҷӯёне, ки забони англисиро ҳамчун забони дувум меомӯзанд, мепардозад.

Дар зер якчанд барномаҳоро, ки барои омӯзиши забони англисӣ самарабахшанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Moodle як системаи маъмул ва танзимшудаи таҳсилот мебошад, ки барои эҷод ва пайгирии курсҳои забони хориҷӣ дар ҳама гуна мавзуъҳо истифода мешавад. Он дар якҷоягӣ бо дигар системҳо барои маводҳои омӯзишӣ, тестҳо, форумҳои муҳокима ва имкониятҳои муоширатӣ кор мекунад. Годвин Ҷонс иброз доштааст, ки «Moodle як воситаи муҳимест дар таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, англисӣ. Moodle ҳамчун

барномаи таълимӣ ҳама гуна мундариҷаро, ки барои омӯзиш дар забони англисӣ мувофиқ аст, дар шакли мукаммал таъмин мекунад» [297, с. 33].

Moodle ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки мшғулиятҳоро бо истифода аз воситаҳои гуногуни электронӣ, аз қабили: ҳуҷҷатҳои матнӣ, слайдҳо, видеороликҳо, ва тестҳо таҳия кунанд. Moodle инчунин хусусиятҳои интерактивиро барои рушди муносибатҳои байни донишҷӯён ва омӯзгорон таъмин мекунад. Тибқи навиштаҳои Греммо ва Рилей: «Moodle барои ёрдам кардани омӯзгорон ва донишҷӯён дар муҳити онлайнӣ, ҳамчунин ташкил ва пайгирӣ кардани навоварӣ дар таълим бо истифодаи шабакаҳои электронии муосир таҳия шудааст» [295, с. 45].

Барномаи Moodle ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ба сарчашмаҳои мухталифи таълимӣ ва омӯзишӣ дастрасӣ дошта бошанд, тематикаи мавзуъҳо ва ихтисосҳои мураккабро дар фазои таълими фаъол хуб ва ба таври осон омӯзанд.

Edmodo як барномаи иҷтимоии таълимӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён аст, ки ба онҳо имкон медиҳад дар муҳити онлайн бо ҳамдигар робита кунанд. Ин платформа барои барномарезии вазифаҳо, супоришҳо, ҳисоботҳо ва омӯзиш дар муҳити рақамӣ таҳия гардидааст. Edmodo инчунин барои гирифтани хулосаҳое, ки ба омӯзиш ё ба донишҷӯён вобаста ҳастанд, воситаи хуб мебошад. Вақте ки донишҷӯён дар озмоишҳо ё тестҳои онлайнӣ иштирок мекунанд, ин баронома ба омӯзгор имкон медиҳад, ки натиҷаҳоро дар як заминаи ҷадвалбандӣ ва интерактивӣ пайгирӣ кунад.

Дар мавриди омӯзиши забони англисӣ Edmodo барои ташкил кардани муҳити ҳамкорӣ байни гурӯҳҳои донишҷӯён ба хотири якдигарро дастгирӣ кардан, ба саволу супоришҳо дастҷамъона ҷавоб гардонидан воситаи хеле маъқбул аст.

Аз нигоҳи муҳаққиқ Т. Ҳедж, «Edmodo як барномаи муосир аст, ки дар он муҳити таълимӣ ба осонӣ барои таҳсилкунандагон ва омӯзгорон фаъол мешавад ва дар натиҷа таълим дар заминаи тарзи онлайн беҳтар мегардад» [299, с. 41].

Duolingo як барномаи таълимии мобилӣ ва веб аст, ки ба донишҷӯён бо тарзу воситаҳои мухталиф, аз ҷумла, ба воситаи бозӣ ва ҳар гуна машқҳои интерактивӣ омӯзиши грамматика, лексика, луғат, маҳорати нутқи шифоҳӣ ва ғайраро осон мегардонад. Ба андешаи Годвин Ҷонс, «Duolingo як воситаи олиест, ки ба донишҷӯён барои беҳтар шинос шудану аз бар кардани луғатҳо ва грамматикаи забони англисӣ дар ҳаёти рӯзмарра ёрӣ расонида, шеваҳои амалии онро ба роҳ мемонад. Барномаи Duolingo ҳамчун алтернативаи маъруфи интерактивӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба донишҷӯён як имконияти беҳтару дастрасро дар омӯзиши забони англисӣ ба вуҷуд меорад. Ин барнома дар намуди курси омӯзиши забони англисӣ ба тарзи “бозӣ” тартиб дода шудааст ва донишҷӯёнро дар муҳити рақамии идоракунӣ беҳтар омода мекунад» [300, с. 23].

YouTube, чуноне ки болотар ёдрас шудем, имрӯз як воситаи муҳим барои таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла англисӣ гардидааст. Видеокурсҳое, ки тариқи шабакаи YouTube пахш мешаванд, имкон медиҳанд, ки донишҷӯён забони англисиро дар матни воқеӣ ва бо истифодаи таҷрибаҳои аниматикӣ аз худ намоянд ва дар амал истифода баранд. Ба гуфтаи Ҷенкинс, «YouTube воситаи хеле самарабахш барои фаҳмидани муошират воқеӣ ва такмили маҳорати гӯш кардани забон мебошад. Донишҷӯён метавонанд видеороликҳоро вобаста ба мавзуъҳои гуногун дар YouTube ҷустуҷӯ кунанд, ки он аз равандҳои омӯзиши грамматика ва луғат то шеваи дурусти муошират ва нутқ дар муҳити академӣ фарқ мекунанд» [304, с. 114]. Масалан, шабакаҳои махсус аз

қабили: BBC, Learning English ва EngVid, барои омӯзиши забони англисӣ хеле умда буда, машқҳои зиёди интерактивӣ, аудио-визуалӣ ва ғайраро барои беҳтар кардани малакаҳои гӯш кардан ва фаҳмидан пешкаш менамояд.

Инчунин видеокурсҳои тариқи барномаҳои Coursera, Udemy ва LinkedIn Learning пешниҳодшуда имконияти олиест барои такмили малакаҳои забони англисӣ. Ин видеокурсҳо метавонанд дар омӯзиши мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла: бизнес, муошират, забони академӣ ва технология, кумак кунанд. Ба гуфтаи Литлвуд, «Видеокурсҳо як роҳи самарабахш барои тақвияти гӯш кардани забон ва таълим дар муҳити воқеии ҳаррӯза мебошанд. Видеокурсҳо инчунин як роҳи нав ва натиҷабахш барои омӯзиши шеваҳои муошират дар забони англисӣ ва инчунин таҷрибаи мустақилона фаҳмидани мазмун мебошад. Вақте ки донишҷӯён дар муҳити таълими англисӣ ба мушкилот дучор меоянд, видеокурсҳо ба онҳо дар фаҳмидани нутқ дар муҳити воқеӣ ёрӣ мерасонад» [306, с. 93].

Технология ва воситаҳои электронӣ имкон медиҳанд, ки муҳити таълимӣ барои забони англисӣ беҳтар ва самарабахштар гардад. Ин усулҳои муосир барои беҳтар кардани маҳорати забонӣ ва амалӣ кардани донишҳо дар ҳаёти воқеӣ муҳим мебошанд.

Қобил ба зикр аст, ки омӯзиши забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ дар муҳити таълимӣ як вазифаи мураккаб ва чандҷонибаро бархӯрдор аст, ки ба омезиши усулҳои гуногуни педагогӣ, равандҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ вобаста мебошад. Ҳар як методология ва усул дар омӯзиш барои беҳтар кардани маҳорати донишҷӯён, хоҳ дар муошират, навиштани матнҳо ё фаҳмидани гӯиши англисӣ, ба таври самарабахш истифода мешавад. Дар идомаи кор худ мо таҳлили усулҳои методологиро, ки дар таълимоти забони англисӣ истифода гардида, ба

донишҷӯён кумак мекунанд, ки забонро аз нав биомӯзанд ва онро дар муҳити академӣ ва касбӣ истифода баранд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Тайи солҳои охир методологияи таълими забони хориҷӣ борҳо такмил дода шудааст ва барои забономӯзон донишҳои заруриро барои омӯзиш дар заминаи таълими забони англисӣ пешкаш менамояд. Дар байни ин методология ду гурӯҳи асосии методҳо – методҳои коммуникативӣ ва методҳои грамматикӣ – барангезандаи баҳсҳои амиқ дар таълимоти забони англисӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд.

Методологияи коммуникативӣ (абзорӣ ё муошират) имрӯз як методи корбарии маъмултарин барои омӯзиш ва таҳсили забони англисӣ мебошад. Ин усул ба омӯзиш ва истифодаи забон бо мақсади беҳтар кардани малакаи муошират ва қобилияти иштирок дар ҳолатҳои воқеии ҳаёти рӯзмарра равона гардидааст. Муҳаққиқ Литлвуд андеша дорад, «Коммуникативизм ба самти омӯзиши забон равона гардидааст ва нахустин мақсадаш он аст, ки донишҷӯён забонро барои фаҳмидани муҳтавои дуруст ва истифодаи онро дар шароити амалӣ ба кор баранд» [308, с. 95].

Коммуникативизм омӯзиши забонро аз рӯйи шеваи дуруст ва амалӣ ба кор мебарад, ки дар он донишҷӯён кӯшиш мекунанд бо ҳамдигар ва бо омӯзгор дар муҳити воқеии муошират бевосита кор кунанд. Масалан, нақшбозӣ ва симулясия, муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва машқҳои муоширатӣ метавонанд барои фаҳмидани забон дар муносибатҳо ва муҳити воқеӣ кумак кунанд.

Методологияи грамматикиву тарҷума (GTM) яке аз усулҳои қадимии омӯзиш аст, ки дар он омӯзгорон ба донишҷӯён грамматикаи забонро бо ёрии тарҷумаи матнҳо ба забони одӣ ё тариқи модулӣ меомӯзонанд. Ин усул, ки маъмулан дар мактабҳои низоми анъанавии

забонҳои хориҷӣ истифода мешавад, бештар барои омӯзиши забонҳои мураккаб ва тарҷумаи матнҳо истифода мешавад. Методологияи грамматикаи тарҷумаи классикӣ бештар ба омӯзиши унсурҳои забони нав, мисли грамматика, тарҷумаи калимаву ибораҳо ва қобилиятҳои матнӣ равона шудааст. Ин усул бештар барои фаҳмидани сохтор ва грамматикаи забон истифода мешавад.

Методологияи грамматикиву тарҷума бо истифода аз манбаъҳои гуногуни грамматикӣ, аз қабили: китобҳои дарсӣ ва озмоишҳо дар асоси мавзуъҳои асосии забони англисӣ бештар ба роҳ монда мешавад. Ҳатто бо мусоидати техникии муосир ва омӯзиш тариқи компютер, он боз ҳам ба сурати самарабахш ва муассир барои омӯзиши забон дар шеваи одӣ ва омӯзишии мақсаднок амал мекунад. Ҳарчанд ин методология зимни омӯзиши грамматикии забон ва барномаҳои таълимӣ дар омӯзиши забони англисӣ ва тарҷумаи дурусти матнҳо ёрӣ мерасонад, бо вуҷуди он камбуди эҷод мекунд. Камбудии асосӣ зимни истифодаи методологияи грамматика ва тарҷума дар он аст, ки он забонро дар муҳити воқеии муошират кам истифода мебарад ё, умуман, истифода намешавад. Ин метод асосан ба омӯзиши қоидаҳои грамматикӣ ва тарҷумаи матнҳо тамаркуз мекунад, ки дар натиҷа донишҷӯён метавонанд дар фаҳмидани сохтори забон муваффақ бошанд, вале малакаи муошират амалӣ дар муҳити зинда, ба мисли муошират рӯзмарра ё истифодаи забон дар вазъиятҳои воқеӣ, суст инкишоф меёбад. Ин боиси он мегардад, ки донишҷӯён дар истифодаи забон дар матни табиӣ, аз қабили: фаҳмидани нозукиҳои фарҳангӣ, ибораҳои гуфтугӯйӣ ё вокуниши зуд ба сӯҳбату мубоҳисаҳо душворӣ кашанд. Масалан, шахсе, ки бо ин метод забони англисиро омӯхтааст, шояд қоидаҳои грамматикиро хуб донад, вале ҳангоми сӯҳбат бо як англисзабон дар муҳити табиӣ эҳсос мекунад, ки наметавонад ба таври равон ва табиӣ муошират кунад. Ин камбуди аз он

сабаб ба вуҷуд меояд, ки метод ба тақлиди муҳити воқеии забонӣ ва таҷрибаи амалии муошират аҳамияти кофӣ намедиҳад.

Барои бартараф кардани ин камбуди истифодаи усулҳои дигар, ба монанди омӯзиши забон дар матн (context-based learning), машғулиятҳои гуфтугӯйӣ (диалог, монолог, мубоҳиса) ё барномаҳои таълимии интерактивӣ, ки ба муошрати воқеӣ тамаркуз мекунанд, истифода бурд. Ин усулҳо метавонанд малакаҳои амалии забонро тақвият бахшанд ва донишҷӯёнро барои истифодаи забон дар вазъиятҳои воқеии ҳаёт беҳтар омода созанд.

Методологияи коммуникативӣ, ки дар солҳои 70-80-уми асри XX дар таълими забонҳои хориҷӣ пайдо шудааст, яке аз усулҳои муҳими омӯзиши забони англисӣ ба шумор меравад. Ин метод ба омӯзиши забон дар муҳити воқеии муошират ва истифодаи амалии он тамаркуз мекунад. Ҳадафи асосии он рушди малакаҳои гӯш кардан, нутқ, хониш ва фаҳмидани забони англисӣ дар вазъиятҳои воқеии ҳаёт аст, то донишҷӯён тавонанд дар муошрати рӯзмарра самаранок иштирок кунанд.

Методологияи коммуникативӣ бар он асос ёфтааст, ки омӯзиши забон на танҳо дар донистани қоидаҳои грамматикӣ ва луғат, балки дар қобилияти истифодаи забон дар матни воқеии муошират ифода меёбад. Ин усул донишҷӯёнро ташвиқ мекунад, ки забонро тавассути вазифаҳои амалӣ, ба монанди муҳокимаҳои гурӯҳӣ, бозиҳои ролӣ ва ҳалли мушкилоти воқеӣ, омӯзанд. Ба ҷойи таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба дурустии грамматикӣ ин метод ба фаҳмидани маънои умумӣ ва муошрати муассир аҳамият медиҳад. Хусусияти асосии ин методология дар он зоҳир меёбад, ки таваҷҷуҳ асосан ба муошрати воқеӣ равона аст, яъне донишҷӯён дар вазъиятҳое қарор мегиранд, ки ба ҳаёти ҳаррӯза монанданд, масалан, сӯҳбат дар мағоза, муҳокимаи мавзуъҳои корӣ ё

муошират дар муҳити иҷтимоӣ. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён худро дар муошрати табиӣ эҳсос кунанд ва барои дар муҳити воқеӣ истифода бурдани забон малака ҳосил намоянд.

Тибқи дастурҳои методологияи коммуникативӣ донишҷӯён, ба ҷойи омӯзиши танҳо қоидаҳои грамматикӣ, тавассути таҷрибаи амалӣ забонро дар матн меомӯзанд, ки ба онҳо кумак мекунад, нозукиҳои фарҳангӣ ва ибораҳои гуфтугӯиро беҳтар фаҳманд. Фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва супришҳои амалӣ омӯзишро ҷолиб ва ҳаяҷонбахш мегардонанд.

Яке аз мушкилоти асосии методологияи коммуникативӣ ин аст, ки донишҷӯён баъзан ба қоидаҳои грамматикӣ ва сохтори забон аҳамияти кофӣ намедиҳанд. Азбаски ин усул ба муошрати амалӣ тамаркуз мекунад, хатоҳои грамматикӣ ё истифодаи нодурусти сохторҳо метавонанд сарфи назар шаванд. Ин метавонад боиси он гардад, ки донишҷӯён дар муошрати расмӣ ё навиштани матнҳои дақиқ ба мушкилот дучор оянд. Илова бар ин, агар муҳити воқеии муошрат ба таври кофӣ тақлид нашавад, донишҷӯён метавонанд дар фаҳмидани нозукиҳои фарҳангӣ ё истифодаи забони гуфтугӯӣ душворӣ кашанд.

Методологияи интегратсионӣ (ҳамгиро) ё таълими забон бо истифодаи вазифаҳо (Task-Based Language Teaching, TBLT) ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки забонро тавассути амалҳо ва вазифаҳои воқеии зиндагӣ омӯхта, ҳангоми истифодаи он дар муҳити воқеӣ бо муваффақият муошрат кунанд. Дар ин методология, омӯзиш тибқи фаъолиятҳои амалӣ ва супоришҳо роҳандозӣ мегардад.

«Таълими забони англисӣ тибқи иҷрои вазифаҳо барои ташаккули маҳорату малакаи шунидан, нутқ кардан, равияи идоракунӣ хеле натиҷабахш аст. Он имкон медиҳад, ки донишандӯзон забонро дар ҷараёни иҷрои супоришҳои мушаххас ба кор баранд ва дар ин замина салоҳиятҳои муоширатии худро ташаккул диҳанд» [321, с. 28].

Воситаҳои педагогии истифодашуда дар таълим як қисми муҳими методология мебошанд. Ҳар як методология дар омӯзиши забон барои таълим ва амалӣ кардани шаклҳои гуногуни муошират воситаҳои алоҳидаи хешро дорад, ки онҳо дар омӯзиши забон бевосита ёрӣ мерасонанд.

«Васоити аудио-визуалӣ, аз қабили: сабтҳои видеоӣ, телевизион, радио, синамо ва лаҳзаҳои мусиқӣ барои ташаккул додани малакаву маҳорати шунидан ва фаҳмидани забони мавриди омӯзиш дар муҳити воқеӣ истифода мешаванд. Таълим бо истифодаи филмҳо ва видеокурсҳо кумак мекунад, ки донишҷӯён бо таърихи забон ва мавзуъҳои гуногуни фарҳангӣ шинос шаванд. Ин воситаҳо ба ташаккули дарки заминаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии забонро, ки дар шеваи муошират кумак мерасонанд, равона карда шудаанд. Воситаҳои аудио-визуалӣ ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки забонро дар матни воқеии шеваҳои муошират ва фарҳангӣ иҷтимоии муосир омӯзанд. Ин воситаҳо, ба монанди барномаҳои мобилӣ, бозиҳо, тестҳо ва софтуэрҳои таълимии онлайн (медиа, ки дар секторaҳои гуногун кор мекунад), дар раванди омӯзиши забон хеле самарабахш мебошанд. Мисолҳо аз барномаҳое чун Duolingo ва Quizlet як имконияти амалии хеле хуби шеваи интерактивиро ба донишҷӯён пешниҳод мекунанд» [319, с. 18].

Ҷадвалҳо, картографҳо, инфографика ва дигар воситаҳои мултимедӣ метавонанд барои илова кардани хусусиятҳои визуалӣ ва амалии шавқовар ба раванди омӯзиш истифода шаванд. Барои донишҷӯёне, ки мехоҳанд малакаҳои грамматикӣ ва луғатиро беҳтар омӯхта, омодагии бештар пайдо кунанд, истифодаи графикҳо ва дигар манбаъҳои визуалӣ метавонад фоидаовар бошад.

Барои амалӣ кардани методологияҳои муосири таълим дар забони англисӣ омӯзгорон бояд якчанд принсипи муҳимро риоя кунанд, аз ҷумла:

Фардикунонӣ. Ҳар як донишҷӯ метавонад дар шеваи омӯзиш ва суръати худ пеш равад. Инчунин, барои донишҷӯён, ки бо омӯзиши забони англисӣ шурӯъ мекунанд, омӯзгорон бояд заминаи заруриро барои омӯзиш, навигариҳо ва таълими инфиродӣ таъмин намоянд.

Шаклҳои гуногуни таълим. Ин принсип амалӣ кардани методҳои гуногунро дар як вақт (ба роҳ мондани корҳои гурӯҳӣ, дунафара, мустақилона) фароҳам оварда, ба донишҷӯён дар муҳити таълимӣ барои машғул шудан ба фаъолияти тадқиқотӣ ва корҳои мустақилона ёрӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, «методологияи омӯзиши забони англисӣ имрӯз ба як қатор усулҳои гуногун ва равияҳо асос ёфтааст, ки барои беҳтар кардани муошират ва маҳорати зебо барои донишҷӯён кумак мерасонад. Омӯзиши забони англисӣ дар муҳити таълимӣ бо усулҳои гуногуни педагогӣ ва методологияҳо тавассути таҳқиқи амиқ ва истифодаи стратегияи педагогӣ барои таҳсили забон ба вуҷуд меояд. Ҳар як методология ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар муошират бо дигарон, аз ҷумла, омӯзгорон, ҳамкурсон ва муҳити академӣ беҳтар фаҳманд ва маводи омӯхтаашонро дуруст истифода кунанд» [312, с. 29].

Барои муваффақ гардидан дар омӯзиши забони англисӣ, муҳити таълимӣ бояд мувофиқи методологияи дуруст ва таъсирбахш ташкил карда шавад. Тақсимоти асосии усулҳо дар омӯзиши забон ва асоси назарияҳои таълимӣ ду гурӯҳро ташкил медиҳад: методҳо ва стратегияҳои грамматикиву тарҷума ва методологияҳои коммуникативӣ. Ҳар як аз ин усулҳо дар муносибатҳои гуногуни таълимӣ ва муҳити

академии донишгоҳ ва ба хоса донишгоҳҳои забоншиносӣ истифода мешаванд.

Қобили зикр аст, ки ҳар як методология дар омӯзиши забони англисӣ ба истифодаи воситаҳои педагогӣ ба хотири роҳандозӣ намудани шеваи дурусти таълим ниёз дорад. Воситаҳои педагогӣ барои баланд бардоштани сатҳи омӯхтани донишҷӯён аҳамияти муҳим доранд.

Ин аст, ки омӯзиши забони англисӣ ва методологияи он як соҳаи ба назар азими ҷанбаи мураккаб ва чалишҳо мебошад, ки дар он ба донишҷӯён дар истифодаи усулҳои гуногун ва имкониятҳои педагогии замони муосир барои таҷриба ва фаҳмидани забони англисӣ кумак расонида мешавад.

3.2. Вижагиҳои омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, дар аввал ба забонҳои классикӣ ва фарҳангӣ, дар тамоми таърихи таълимоти ҷаҳонӣ рушд кардааст. Таърихи омӯхтани забони англисӣ бо авҷ гирифтани ниёзҳои ҳамгироии глобалӣ ва тараққиёти илмӣ, фалсафа ва муошират тӯли қарнҳо аҳамияти бештар касб намудааст.

Дар даврaҳои қадим ва асрҳои миёна, забонҳои классикӣ, ба монанди лотинӣ ва юнонӣ, ҳамчун забонҳои асосии таълим дар мадорису донишгоҳҳо истифода мешуданд. Он замон, забони англисӣ ба ҳайси як забони маҳаллӣ ва камистифода хеле маҳдуд буд. Аксари корҳои илмии асри миёна ба лотинӣ ё юнонӣ навишта мешуданд. Ин ба донишмандон ва файласуфон имкон медод, ки бо олимони дигар аз кишварҳои гуногуни Аврупо ва Ховари Миёна робита дошта бошанд ва афкори илмии худро мубодила кунанд.

Илова бар ин, «дар мамолики араб дар давраи рушду такомули ислом (асрҳои VIII–XIV), забони арабӣ ба забони асосии илм ва

таҳсилот табдил ёфт. Дар ҳамин давра, олимони барҷаста ба мисли Ибни Сино ва Ал-Форобӣ асарҳои илмӣ ва фалсафии худро бо забони арабӣ менавиштанд. Ин ҳолат, ки ба истифодаи васеи забонҳо дар замонҳои қадим ишора мекунад, нишон медиҳад, ки забони англисӣ ҳамчун забони асосии илм ва таҳсил хеле дертар зуҳур кардааст» [184, с. 23].

Дар давраи Эҳё, ки замони рушди фарҳанг, илм ва дониш буд, эҳтиёҷ ба истифодаи забонҳои миллӣ, аз ҷумла забони англисӣ, бештар эҳсос мешуд. Ин давра оғози бозсозии фарҳангӣ ва илмии ҷаҳони муосир буд. Забон ва адабиёти англисӣ низ дар ҳамин давра таҳаввул ёфт. Вилям Шекспир ва дигар адибон осори худро бо забони англисӣ менавиштанд, ки ҳамин чиз забони англисиро ба як забони пурқуввати адабӣ ва фарҳангӣ табдил дод.

Дар асри XVI, Шекспир яке аз шахсиятҳои асосии ташаккулдиҳандаи забони англисӣ ба ҳисоб меравад. Эҷодиёти фарогир ва пурмазмуни ӯ на танҳо **захираи луғавии** забони англисиро ғанӣ гардонд, балки ба рушди сабк ва услуби адабиёти англисӣ низ таъсири калон расонд.

«Асри XIX давраи тавсеа ва нуфузи Империяи Британияи Кабир дар саросари ҷаҳон гардид. Дар ин давра забони англисӣ ҳамчун забони расмии идоракунӣ ва маъмурият дар бисёре аз қаламравҳои ишғолшуда истифода мешуд. Британия дар кишварҳои гуногун сохторҳои ҳокимият ва низоми таълимиро бар асоси забони англисӣ бунёд кард. Дар натиҷа, забони англисӣ дар минтақаҳои зиёд ҳамчун забони роҳбарӣ ва идора қабул гардид. Ин раванд, ки таҳти таъсири омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва тиҷоратӣ сурат гирифт, заминаи васеи паҳншавӣ ва омӯзиши забони англисиро дар сатҳи ҷаҳонӣ фароҳам овард» [189, с. 34].

Дар асрҳои XIX ва XX, ҳамкориҳои тиҷоратӣ, илмӣ ва фарҳангӣ байни Британия ва Амрико бо кишварҳои дигар шиддат гирифтанд. Ин

раванд сабаб шуд, ки мактабҳои нав бо барномаҳои махсус барои омӯзиши забони англисӣ таъсис ёбанд. Аввалин муассисаҳои омӯзиши англисӣ дар Аврупо ва Амрико пайдо шуданд ва баъдтар дар Осиё низ паҳн гардиданд.

Забони англисӣ ба забони муошират ва илм дар бисёре аз кишварҳо, хусусан дар кишварҳои тараққикарда, табдил ёфт. Мактабҳо ва донишгоҳҳои бузурге, ба монанди Оксфорд, Кембридж, Ҳарвард ва дигарон нақши калидӣ дар таҳсилоти глобалӣ доштанд. Дар он замонҳо, донишҷӯён аз саросари ҷаҳон барои шомил шудан ба таҳсили забони англисӣ дар ин муассисаҳо саъй мекарданд.

Пас аз Ҷанги дувуми Ҷаҳонӣ (1945), нақши забони англисӣ ҳамчун забони байналмилалӣ афзуд. Пас аз ҷанг, ба сабаби таъсири иқтисодӣ ва фарҳангӣ, забони англисӣ дар тиҷорат, саноат ва илмҳои муосир ҷойи амиқ ва муҳими худро ёфт. Мактабҳо ва коллеҷҳои байналмилалӣ ба талаботи забони англисӣ мутобиқ шуданд, ки он акнун ба ҳайси як забони умумӣ барои муошрати байналмилалӣ ва таҳсил табдил ёфт [190, с. 43].

Бо пешрафти технологияҳои интернетӣ ва мобилӣ забони англисӣ ба забони асосии муошират дар платформаҳои онлайн ва шабакаҳои иҷтимоӣ табдил ёфт. Пас аз густариши ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои иқтисод ва сиёсат забони англисӣ на танҳо дар таҳсилот, балки дар тиҷорат, илм ва саноат низ мақоми калидӣ пайдо кард.

Имрӯз, курсу барномаҳои омӯзишӣ дар забони англисӣ, аз ҷумла, барномаҳои онлайнии Coursera, Duolingo, Owly ва ғайра, инчунин дигар марказҳои омӯзиши забони англисӣ дар интернет дар тамоми системаи таълимии дунё фаъолият дошта, ба паҳншавӣ ва самаранокии омӯзиши забони англисӣ мусоидат мекунанд. Забони англисӣ ҳамчун забони байналмилалӣ як қисми муҳими муошират дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти

иҷтимоӣ ва иқтисодӣ .дар саросари ҷаҳон маъруфият пайдо кардааст. Акнун он аз як забони дар гузашта маҳаллӣ ба як забони бузурги байналмилалӣ муошират табдил ёфт.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон, бахусус пас аз истиқлолият, як равандест, ки аз омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар сарчашма гирифтааст. Вақте ки Тоҷикистон дар замони шуравӣ як ҷузъи Иттиҳоди Шуравӣ буд, забони русӣ ба забони асосии таълим ва муошират табдил ёфта буд. Пас аз истиқлолият дар соли 1991 Тоҷикистон шоҳиди таҳаввулоти муҳими фарҳангӣ ва таълимӣ гардид, ки дар онҳо талабот ба забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ, хеле афзуд.

Дар даврони Шӯравӣ омӯзиш ва истифодаи забони русӣ як мақоми муҳимро дар тамоми ҷумҳуриҳои Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дошта, забони расмии идорӣ, тиҷорат ва илму санъат маҳсуб меёфт. Дар макотибу донишгоҳҳо он забони аслии таҳислот мақом дошт. Омӯзиши забонҳои дигари хориҷӣ аз қабили: англисӣ, немисӣ, фаронсавӣ, дар муассисаҳои таҳсилотӣ нақши комбинатсиониро дошт. Забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ ва олмонӣ, омӯхта мешуданд, вале ин таҳсилот бо як шиддат ва андозаи имрӯза омӯхта намешуд. Ба ибораи дигар, омӯхтани забонҳои хориҷӣ танҳо ба як гурӯҳи таҳсилкунандагон ва донишҷӯёни махсус бахшида шуда буд, ки он барои иштирок дар фаъолияти дипломатӣ ва тиҷоратии байналмилалӣ муҳим буд.

Дар донишгоҳҳои Тоҷикистон, курсу таълимоти забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ, зиёдтар барои мутахассисони бахшҳои дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, вале бо шиддати ками он замон ба соҳаҳои дигар зиёд истифода намешуд [199, с. 128].

Пас аз истиқлолияти Тоҷикистон, тадриҷан талабот ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ, дар кишвар хеле афзуд. Бо шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва авҷ гирифтани ҳамкориҳои

байналмилалӣ ниёз ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ, шиддат гирифт. Забони англисӣ ба забони асосии муошират, тиҷорат ва илм муошират ва ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил ёфт ва талабот ба омӯзиши он дар мактабҳо ва донишгоҳҳо афзуд.

Аз ин рӯ, кишвар дар раванди таълим ва омӯзиш дар соҳаи забонҳои хориҷӣ, бо мақсади мутобиқ кардани ҷавонон ба талаботи ҷаҳонӣ, зиёдтар кӯшиш намуда, барои таълим дар соҳаи забонҳои хориҷӣ барномаҳо ва курсҳои махсус таҳия карданд. Ҳамчунин, барномаҳои таълимии байналмилалӣ ва ҳамкориҳои таълимии мамлакатҳои хориҷӣ бо Тоҷикистон оғоз шуданд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафта, ба монанди Амрико, Британияи Кабир ва дигар кишварҳо дар соҳаи таҳсил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ вусъат ёфт. Ин ҳамкориҳо, ҳамзамон бо таъсиси курсҳои хориҷӣ ва муассисаҳои таълимии байналмилалӣ дар кишвар, ба афзоиши дастрасии ҷавонон ба маърифат ва дониш дар соҳаи забонҳои хориҷӣ кумак кард.

Баъд аз истиқлолият дар Тоҷикистон ба омӯзиши забони англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ марказҳои махсус таъсис ёфтанд. Ин марказҳо курсҳои гуногун барои омӯзиши забони англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва дигар забонҳо пешкаш мекунанд. Аз ҷумла, марказҳои омӯхтани англисӣ, ба монанди British Council ва American Corner ба таври фаъол амал мекунанд.

Дар мактабҳои миёна ва донишгоҳҳои Тоҷикистон, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, забони англисӣ, ба як марҳилаи хеле муҳим ва зарурии таълимӣ табдил ёфтааст. Ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ ба шогирдон забони англисӣ омӯхта мешавад. Ба наздикӣ, мактабҳо курсу барномаҳои махсусро барои забони англисӣ барои синфҳои болоӣ ва донишҷӯён таҳия намуданд. Ин кӯшиш барои беҳтар омӯхтани забони

англисӣ, ки маърифат ва шомил шудан ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва тиҷоратиро талаб мекунад, муҳим аст.

Дар донишгоҳҳои Тоҷикистон омӯхтани забони англисӣ ба як ҷузъи муҳим ва ҳатмии таълим табдил ёфтааст. Барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ва курсҳо дар соҳаи забоншиносӣ, технологияи компютерӣ ва дигар соҳаҳои муосир акнун ба забони англисӣ гузаронида мешаванд.

Ҳарчанд ки талабот ба забонҳои хориҷӣ, махсусан, Забони англисӣ, дар Тоҷикистон зиёд шудааст, аммо як қатор мушкилот ва чолишҳо дар соҳаи таълим дар забонҳои хориҷӣ вуҷуд доранд.

Мавҷудияти омӯзгорони баландихтисос ва омӯзгорони забонҳои хориҷӣ дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон кофӣ нест, норасоии мавод ва манбаъҳои таълимӣ бо сифати баланд, ки омӯхтани забонҳои хориҷиро осон кунад, ба чашм мерасанд. Талабот барои омӯзиш дар забонҳои хориҷӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон баъзан барои баъзе қабилҳои иҷтимоии ҷомеа дастрас нест.

«Омӯзиши забонҳо, махсусан, забони англисӣ, дар факултетҳои забоншиносӣ як ҷузъи муҳими таълимоти академии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар аст. Он барои баланд бардоштани маърифати забонӣ, тайёр намудани мутахассисони босалоҳият дар самтҳои гуногуни байналмилалӣ, дипломптия ва илму маориф зарур мебошад» [208, с. 112].

Дар донишгоҳҳои забоншиносӣ методҳои гуногуни таълим ҷорӣ ҳастанд ва тавассути онҳо дараҷаи таҳсил ва натиҷаҳои таълим муайян карда мешаванд.

Таълими забон дар донишгоҳҳои забоншиносӣ ба ду самт равона карда мешавад: аввал, ба самти беҳтар кардани малакаи муошират бо забони англисӣ, дувум, омӯхтани фарҳанг, анъанаву расмҳои гуногуни ҷомеаҳои англисигӯй.

Забон ва фарҳанг: Таълимоти забоншиносӣ на танҳо фарогирии қоидаҳои грамматикӣ, балки фаҳмидани фарҳанг ва расмҳои кишварҳои англисзабонро низ шомил аст. Барои донишҷӯён муҳим аст, ки на танҳо грамматикаро меомӯзанд, балки усулҳои муошират, маънои мафҳумҳои лексикӣ ва инчунин масъулиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии забонро фаҳманд.

Дар барномаи таълимӣ донишҷӯён қоидаҳои грамматикӣ ва лексикии забони англисиро омӯхта, маҳоратҳои таҳлилӣ ва барномарезии грамматикаро коркард мекунанд. Аз ин рӯ, омӯхтани грамматикаи англисӣ, ки на танҳо ҷузъи муҳим, балки асоси навиштани дуруст ва муошрати дуруст кардани забон мебошад, яке аз вазифаҳои асосии донишгоҳҳои забоншиносӣ аст.

Забони англисӣ дар равандҳои байналмилалӣ, махсусан, дар муҳити тиҷорат, дипломатия ва таҳқиқоти илмӣ, нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, «таълим дар факултетҳо бояд барои омода кардани донишҷӯён ба чунин соҳаҳо муфассал ва махсусгардонида шавад. Бахусус, барои омӯзиши дурусти англисӣ, маҷмуаи усулҳо ва стратегияҳои нав, ба монанди омӯзиш дар асоси китобҳои муосир, таълим онлайнӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ зарур аст» [216, с. 228].

Равишҳои таълимӣ дар факултетҳои забоншиносӣ вобаста ба стратегияи таълим ва муҳити таълимӣ фарқ мекунанд. Масалан, омӯзиш метавонад дар шакли курсҳои анъанавӣ, курсҳои онлайн ё тренингҳо дар шакли гурӯҳӣ анҷом ёбад. Таҳсилот дар шакли гурӯҳӣ ё фардӣ, барои омӯзиш ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки на танҳо забонро, балки маърифати фарҳангӣ ва муошратӣ низ омӯхта, ба аҳамияти ҷаҳонии забон ҳамчун воситаи иртибот расанд.

Муносибати донишандӯзон нисбати ба омӯзиши забони англисӣ таъсири амиқе ба натиҷаҳои таълим мерасонад. Яке аз омилҳои чунин

муносибат шавқу завқи муҳассилин ба омӯзиши забони англисӣ мебошад. Мувофиқи таҳқиқот, донишҷӯе, ки ба омӯзиши англисӣ бо ҳадафи таҳсил дар хориҷа ё пайдо кардани кор дар соҳаҳои байналмилалӣ мепардозад, шавқмандии баландтар дорад. Вақте ки донишҷӯён мақсади мушаххас доранд, онҳо бо ҷидду ҷаҳдтар забонро меомӯзанд ва аз усулҳои гуногуни омӯзиш истифода мебаранд.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки: «омӯзиши забон барои донишҷӯён вобаста ба манфиатҳояшон ва ҷабҳаи кории онҳо дар сатҳи фарқкунанда ва гуногун таҳлил мешавад. Агар донишҷӯ дар соҳаи иқтисод ва тиҷорат бошад, эҳтимолан ба грамматика ва навиштани дурусти меҳнатӣ ва бизнес-макон бештар таваҷҷӯҳ хоҳад кард. Барои донишҷӯён дар соҳаҳои гуманитарӣ ва таҳқиқоти илмӣ акнун фаҳмидани таърифи эҳтимолии грамматикӣ ва маънӣ низ аҳамияти зиёд дорад» [223, с. 128].

Донишҷӯён метавонанд дар гурӯҳҳои таълимӣ бо ҳам муошират ва ҳамкорӣ кунанд, ки ин муҳокимаву мубодилаи афкор ба онҳо кумак мерасонад то дар шароити рақобатӣ дониш ва маҳоратҳои шахсӣ ва забонии худро такмил дода, ба сатҳи баланди касбӣ расанд. Ё метавонанд аз барномаҳои амалӣ ва таълимоти дар кишварҳои англсизабон ба онҳо дастрас шуда таҷрибаҳои амалии бештар ба даст оранд.

Самаранокии усулҳои таълимӣ ба омилҳои гуногун вобаста аст, ки барои ҳар як донишҷӯ ва вазифаи таълимӣ гуногун мебошанд. Таҳлили усулҳои таълим дар донишгоҳҳои забоншиносӣ бо таъсир ба натиҷаҳои таълимӣ ва давомдории машғулиятҳо кумак мерасонад.

«Усулҳои анъанавии таълим дар донишгоҳҳои забоншиносӣ асосан таълимоти дарсӣ, ё худ «класси» маъмулро дарбар мегиранд. Дар муқоиса усулҳои муосир, ба монанди омӯзиши ба василаи технологияҳо, дастрасӣ ба манбаъҳои интернетӣ ва омӯзиш дар платформаҳои онлайн

(масалан: Moodle ё Google Classroom) дар такмили натиҷаҳои таълим ва фаҳмиши шиддати забон кумак мерасанд» [236, с. 118].

Аз таҳқиқоту мушоҳидаҳои соҳаи таҳсилот бармеояд, муҳити таълимие, ки донишҷӯёнро бо фарҳанг ва ҷомеаи англисзабон шинос мекунад, хеле натиҷабахш мебошад. Ин гуна муҳитро тавассути тақлиди муошират, бозиҳои таълимӣ ва маҳфилҳои байнифарҳангӣ забономӯзӣ фароҳам овардан мумкин аст.

«Системаҳои муосири тестӣ ва озмоишҳои таълимӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ, махсусан, дар донишгоҳҳои забоншиносӣ, нақши калидӣ доранд. Арзёбии пайваста ва тадқиқотҳои илмии донишҷӯён ба устодон имкон медиҳад, ки сатҳи фаҳмиш, пешрафт ва маҳорати амалии донишҷӯёнро дақиқ муайян созанд. Ҳамзамон, чунин усулҳо барои худи донишҷӯён низ имконият фароҳам меоранд, ки бо минтақаҳои "рушди наздик" (яъне қобилиятҳое, ки бо кумаку роҳнамоии устод метавонанд инкишоф ёбанд) ва нуқтаҳои заиф шиносос шаванд» [321, с. 328].

Дар факултетҳои забоншиносӣ, омӯзиш низ метавонад ба шеваҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҳлилӣ равона шавад. Мавзуъҳои илмӣ дар шакли тарҷума, таҳлили мафҳумҳо ва матнҳои соҳаҳои гуногун, аз ҷумла: тадқиқотҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва адабӣ имкон фароҳам меоранд, ки донишҷӯён на фақат забонро аз худ кунанд, балки тадқиқотҳои амалии худро дар муҳити омӯзишӣ амалӣ намоянд.

Равишҳои таълимӣ ё методологияи омӯзишӣ ба таври мураккаб ва густарда ба донишҷӯён ёрӣ мерасонад, ки на танҳо забонро, балки фарҳанг, анъанаву расмҳои ҷомеаҳои англисзабонро низ омӯзанд. Ба ин маънӣ, усулҳои таълим дар донишгоҳҳои забоншиносӣ дар заминаи илмҳои муосир ва робита бо муҳити ҷаҳонӣ тағйир ёфта, бевосита натиҷа диҳанд.

Омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои забоншиносӣ дар байни донишҷӯён бо усули анъанавӣ аз қабили: «триадаи таълим» сурат мегирад. Усули «триадаи таълим» аз се бахши асосӣ иборат аст: 1) фаҳмидани забон (шунидан ва хондан); 2) омӯзиши грамматика лексика ва талаффузи дуруст; 3) истифодаи амалии забон дар муҳити иҷтимоӣ (практика).

Китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва машғулиятҳои амалӣ. Дар ин усул, омӯзиш бо истифода аз китобҳои дарсӣ ва дастурҳои мураккаби грамматикӣ, маводи иловагӣ ба монанди сабтҳои аудиоӣ ё нармафзор, ки маъно ва системаи грамматикаи забони англисиро меомӯзонанд, ба роҳ монда мешавад. Дар синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо технология, яъне «лабораторияҳои забон» машғулиятҳои амалӣ баргузор мегардад, ки дар он донишҷӯён малакаҳои забонро тавассути машқҳои мушаххас, машқҳои интерактивӣ, гӯш кардани сабтҳо, машғулиятҳои гуфтугӯӣ ё кор бо нармафзорҳои таълимӣ, ба монанди шунидан, хондан, навиштан ё гуфтугӯ, таҷриба мекунанд. Вижагии усули мазкур дар он аст, ки: «донишҷӯён на танҳо назарияи грамматикаро меомӯзанд, балки онро дар амал низ истифода мебаранд. Усули мазкур омӯзиши забонро тавассути таҷрибаи амалӣ мустаҳкам мекунад» [312, с. 228].

Ҷустуҷӯи мустақилона ва таҳлили манбаъҳо. Тибқи ин усул донишҷӯён таълимро дар асоси манбаъҳои академӣ ва илмӣ омӯхта мустақилона таҳлил ва тафсир мекунанд.

Усули **ҷустуҷӯйи мустақилона ва таҳлили манбаъҳо** дар омӯзиши забони англисӣ як равиши муассир аст, ки ба забономӯз имкон медиҳад, ки малакаҳои забономӯзи тавассути омӯзиши мустақил ва истифодаи манбаъҳои гуногун такмил диҳад. Вижагиҳои асосии ин усул чунинанд:

– мустақилият дар омӯзиш. Донишҷӯ худ мувофиқи мақсад ва сатҳи донишаш манбаъҳои дастрас (китобҳо, мақолаҳо, видеоҳо, подкастҳо,

барномаҳо) – ро интихоб мекунад. Усули мазкур ба худомӯзӣ такя намуда, мақсади он тақвият додани масъулят ва интизоми шахсист;

– гуногунмазмунии манбаъҳо. Истифодаи манбаъҳои гуногун, аз ҷумлаи филмҳо,китобҳои аудиоӣ, мақолаҳои илмиву оммавӣ, ҳамоишҳои онлайнӣ, ҳам ба донишҷӯ ва ҳам ба омӯзгор имкон медиҳад, ки бо забони англисӣ дар матнҳои гуногун шинос шаванд. Манбаъҳои аслӣ (authentic materials) аз қабили: BBC, TED Talks, асарҳои бадеӣ барои фаҳмидани забон ва истифодаи он дар зиндагӣ ёрӣ мерасонанд;

– таҳлили муҳтаво. Донишҷӯ на танҳо маводро мехонад ё гӯш мекунад, балки онро таҳлил мекунад, калимаву ибораҳои нав ва сохторҳои грамматикӣ ва усулубиро барои муошират аз худ мекунад. Ин амал ба дарки амиқи забон ва истифодаи он дар муҳити воқеӣ мусоидат менамояд;

– фардикунонии омӯзиш, яъне донишҷӯ метавонад маводҳоро вобаста ба мавзуъҳои лозимааш аз тариқи технологияи муосир дастрас намуда омӯзад;

– рушди салоҳиятҳои калидӣ. Ҷустуҷӯ ва таҳлили манбаъҳо на танҳо салоҳиятҳои забонӣ;

– шунидан, хондан, навиштан, муошират, балки малакаҳои таҳлилӣ ва тафаккури интиқодиро низ инкишоф медиҳад;

– мутобиқшавӣ ба барномаҳои муосир ва дастрасӣ ба онҳо;

– ошноӣ ва муаррифии фарҳанг, идиомаҳо ва услуби муоширати кишварҳои англисзабон тавассути таҳлили манбаъҳо [324, с. 131].

Қобил ба қайд аст, имрӯз рушди технологӣ, усулҳои таълими инноватсионӣ тавассути техника ва воситаҳои онлайнии таълим барои донишҷӯён имконият медиҳанд, ки забонро дар муҳити мултимедиявӣ ва интерактивӣ омӯзанд. Аз ҷумла: технхнологияҳои муосири забономӯзӣ, ба монанди Moodle, Zoom, Google Classroom барои фаҳмидани моҳияти

забон дар ҷаҳони расонаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайнӣ имконият фароҳам овардаанд. Тавассути барномаҳои видеоконференсӣ донишҷӯён дар як вақт дар тамоми ҷаҳон бо ҳамдигар муошират ва мубодилаи афкор мекунанд.

«Барномаҳои омӯзишӣ, ки шомили бозиҳо ва супоришҳои фарқкунандаи интерактивӣ мебошанд, ба донишҷӯён кумак мерасонанд бо воситаҳои имрӯзаи интернетӣ бо шеваи аниматикӣ ва мустақилона забон омӯзанд» [343, с. 65].

Дар муносибат ба омӯзиши забони англисӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ бо мақсади истифодаи забон дар муҳити иҷтимоии воқеӣ, ба монанди муошират дар ҷойи кор, мусоҳибаҳо ва музокираҳо, шабакасозӣ (Networking), гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дода мешавад. Ин усул талаб мекунад, ки донишҷӯён дар муҳити муносибатҳое қарор гиранд, ки онҳо аз истифодаи дурусти забон ва устуворӣ дар байни одамон қаноатбахш бошанд.

Омӯзиш дар асоси муошират, ки ба самти аниматикӣ ва шунавоии забон нигаронида шудааст, донишҷӯёнро водор мекунад, ки забонро ҳамчун воситаи амалӣ истифода баранд. Таълим дар ин усул барои донишҷӯён имконият медиҳад, ки забонро дар шартҳои воқеӣ ба кор баранд, ки дар муҳити амалӣ муассиртар бошад.

Омӯзиш дар гурӯҳҳои калони таълимӣ ва иштирок дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ, корҳои амалӣ, музокираҳо ба донишҷӯён дар фаҳмидани калимаҳои нав ва маъноҳои онҳо, мафҳумҳо, истифодаи дурусти онҳо дар матнҳои гуногун кумак мекунад. Пас бо назардошти усулҳои амалии муошират: «барномаҳои омӯзиши забони хориҷӣ бояд ба донишҷӯён на танҳо забон, балки истифодаи дурусти матнуалӣ ва фарҳангӣ, яъне чӣ тавр истифода бурдани вожаву ибораву мафҳумҳоро

дар вазъиятҳои мувофиқ (матн) ва бо дарназардошти фарҳангҳо омӯзад, масалан, як калима метавонад дар як фарҳанг маънои мусбат дошта бошад, аммо дар фарҳангӣ дигар таҳқиромез бошад. Бинобар ин, чунин омӯзиш барои муошират муҳим аст» [343, с. 64].

Омӯзиш дар донишгоҳҳои забоншиносӣ бояд на танҳо грамматикаро, балки муносибатҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии забонро низ дар бар гирад. Донишҷӯён на танҳо қоидаҳои грамматикӣ ва лексикиро меомӯзанд, балки забонро ҳамчун воситаи интиқоли арзишҳо, унсурҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ меомӯзанд.

«Омӯзиши забони англисӣ на танҳо ба омӯхтани грамматика ва луғат маҳдуд мешавад, балки бояд донишҷӯёнро бо фарҳанг ва матни иҷтимоии кишварҳои англисзабон шинос кунад. Ин барномаҳо бояд дар бораи ҳуқуқи инсон маълумот диҳанд ва ба донишҷӯён кумак кунанд, ки тавассути муошират ва робитаҳои иҷтимоӣ, ба монанди сӯҳбатҳо, мунозираҳо ё шабакаҳои иҷтимоӣ, дар бораи фарҳангӣ муосири ин кишварҳоро бештару беҳтар иттилоъ дошта бошанд, яъне таҳлил ва муошират бояд дар асоси мазмун ва матни фарҳанги кишварҳои дигари англисзабон сурат гирад» [329, с. 121].

Методологияи **CLIL** ё омӯзиши интегратсионӣ (ҳамгиро) ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки забонро ва мавзуъҳои махсусро дар якҷоягӣ омӯхта, ба тафсир ва истифодаи дурусти он дар муҳити амалӣ диққат диҳанд. Мавзуъҳои таълимӣ, ки ба шеваҳои таълимии махсус мувофиқ мебошанд, инчунин онҳоро барои таҷриба ва фаъолият барои омӯзиш дар муҳити ҷаҳонӣ омода мекунанд.

«CLIL барои онҳое, ки мехоҳанд забони англисиро барои соҳаҳои дигар, ба монанди иқтисод, химия ё биология омӯхта, онро бо мавзуъҳои махсус пайваст кунанд, имконият медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзиш бо истифодаи модулҳои интегратсионӣ манфиатовар аст» [286, с. 67].

Ин усулҳо ва равишҳои таълимии забон дар факултетҳои забоншиносӣ бо истифода аз таҷрибаҳои гуногун ва инноватсионӣ кумак мерасонанд, ки донишҷӯён омӯзиши забони англисиро дар асоси тамоми усулҳои овардашуда омӯхта, як тахассуси дуруст ва ҷавобгӯ ба бозори меҳнатро соҳиб шаванд.

Чуноне ки болотар зикр намудем: «яке аз вижагиҳои омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ дар он аст, ки донишҷӯён на танҳо забон, балки фарҳанг, расму ойини ҷомеаҳои англисзабонро низ меомӯзанд. Зимни таълим ба донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд, ки на танҳо ба қоидаҳои грамматикӣ, балки ба моҳият ва рафтори иҷтимоии мардуми англисзабон диққат диҳанд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки забонро ҳамчун воситаи иртибот, маърифати фарҳангӣ ва воситаи муассир барои навсозии шеваи зиндагӣ омӯхта, дар муҳити воқеӣ истифода кунанд» [343, с. 14].

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиш дар донишгоҳҳои забоншиносӣ ин омӯзиши забони англисӣ ва омодасозии донишҷӯён барои муошират бо истифода аз ин забон мебошад. Забон на танҳо барои таълим ва таҳқиқоти илмӣ, балки барои муошират дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҷаҳонии бо забонҳои гуногун аҳамият дорад.

Фарқияти фарҳанги сиёсӣ ва иҷтимоӣ: Донишҷӯён дар омӯзиш метавонанд шиносоии дурусти расмҳои иҷтимоии кишварҳои англисзабон ва эътибори байниназариро омӯхта, баҳсҳо ва муоширатро дар муҳити фарҳангӣ тақвият диҳанд.

Таълим барои таҳсилот ва касб. Яке аз вазифаҳои муҳими таълим дар факултетҳои забоншиносӣ ин аст, ки донишҷӯёнро ба омодагӣ барои таҳсилот дар хориҷӣ кишвар, муошират бо ширкатҳои байналмилалӣ ё идоракунии тиҷорат дар муҳити ҷаҳонӣ омода кунанд. Инчунин, «агар донишҷӯ ният дошта бошад, дар ягон университети англисзабон таҳсил

кунад, барои шиносоӣ бо муҳити ҷомеаи иҷтимоии англисзабонҳо кумак мерасонад» [344, с. 13].

Таълим дар донишгоҳҳои забоншиносӣ бояд ба вижа тибқи равишҳои таълими забони мавриди омӯзиш ва методҳои дар ихтиёр доштаи донишгоҳ ба роҳ монда шавад. Он бояд бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ, муҳити ҷуғрофӣ ва иҷтимоии ҳар донишҷӯ мувофиқ бошад.

Равиши коммуникативӣ таълимро дар асоси муошират зимни фаъолият қарор медиҳад. Дар ин равиш таълим бояд донишҷӯёнро барои истифодаи забон дар муҳити амалӣ ва табиӣ омода созад. Ба ибораи дигар, усулест, ки дар он таҳқиқи грамматика ва имлои забон комилан барои ба муошират омода кардан муҳим аст. Барои мисол:

Супориш: *Фаҳмидани ифодаҳо ва маҷмуаҳои муоширатӣ. Омӯхтани сӯҳбат ва мусоҳибаҳо барои рӯйпӯш кардани мафҳум ва эҷод кардани алоқаи дуруст.*

Ин қисми супориш талаб мекунад, ки донишҷӯён ба омӯзиши ифодаҳои забонӣ, калимаву ибораҳои умумӣ ё худ устувор ва унсурҳои калидии муошират, аз қабили: ифодаҳои маъмули муоширати расмӣ: *"Ба фикри ман...", "Мехоҳам илова кунам, ки...",* ифодаҳои ғайрирасмии «*Чӣ гап*», «*Хайр, то боздид*», «*Дар паноҳи Худо*», «*Амон бошӣ*», ибораҳои устувори «*Даст ба кор будан»,* «*Аз даст баромада*н» ва ғайра машғул шаванд, яъне, чӣ гуна одамон дар гуфтугӯ ибораҳои муайянро истифода мебаранд, то фикр, эҳсосот ва ниятҳои худро баён кунанд.

Мақсади супориши мазкур, «омӯхтани шарҳи шахсӣ дар муҳити муосир ё таъриф кардани фарҳанги шомили ҷаҳонӣ дар як конфронс ё муколама мебошад. Донишҷӯ бояд қобилияти изҳори андеша, баёни ақидаи шахсӣ, ё назарияи шахсиро дар муҳитҳое ба мисли

конференсияҳо, ҳамоишҳо, муколама, маърузаҳо ва ғайра дошта бошад» [331, с. 73].

Дар методологияи тасвирӣ ё омӯзиш бо истифода аз супоришҳо (TBLT- Task-Based Language Teachin) таълим дар асоси иҷрои вазифаҳои воқеӣ ва амалӣ сурат мегирад. Дар ин равиш, ки яке аз равишҳои муосири омӯзиши забон аст, донишҷӯён супоришҳои мушаххасро иҷро мекунанд ва ин ба онҳо кумак мерасонад забонро на ба тариқи грамматикӣ, балки дар амлия бо роҳи анҷом додани супоришҳои амалӣ ва бо шеваи мушаххас омӯхта, таҷриба кунанд:

Супориш: *Омӯхтани забон тавассути масъалаҳои воқеии зиндагӣ.*

Эҷоди муҳити омӯзиш барои иҷро кардани вазифаҳои мураккаб дар муҳити табии забон.

Намунаи дарс бо ин усул (фаъолият гурӯҳӣ мешавад):

Мавзуъ: Омӯзиши забон дар соҳаи тиҷорат

Вазифа: Гурӯҳҳо бояд як маҳсулоти навро муаррифӣ кунанд. Қадамҳо:

– омода кардани реклами маҳсулот(хусусиятҳо, нархгузорӣ);

– истифодаи вожаҳои марбут ба бизнес(пешниҳоди арзишманд, мақсади истеъмол ва ғайра);

– муаррифии лоиҳа дар назди гурӯҳи дигар (гуфтори расмӣ ва ғайрирасмӣ).

Натиҷаи чунин машғулиятҳо дар он аст, ки: «барои омӯхтани забон дар соҳаи тиҷорат, донишҷӯён вазифаҳои муҳими иқтисодӣ ва маркетингиро иҷро мекунанд, ки аз онҳо талаб мешавад, забонро дар муҳити корӣ истифода кунанд» [292, с. 47].

Вижагии усули мазкур дар он зоҳир меёбад, ки донишҷӯён забонро ба таври амалӣ меомӯзанд, яъне на танҳо мефаҳманд, балки дар ҷойи воқеӣ истифода бурда метавонанд, масалан, фармоиш додани хӯрок,

навиштани мактуби расмӣ, баррасии маҳсулот дар бозор, мулоқоти корӣ, муҳити таълимӣ ба муҳити воқеии зиндагӣ монанд мешавад. Фаъолиятҳои воқеӣ (усул бештар тариқи нақшбозӣ раҳандозӣ мегардад) донишҷӯёнро хеле фаъол ва ҷасуру боэътимод мегардонад. Донишҷӯён дар фазои ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва андешаронии озод забонро таҷриба мекунанд.

Методологияи интегратсионӣ (Content and Language Integrated Learning – CLIL)

Ин методология бо назардошти омӯхтани контент ва забон дар якҷоягӣ, ё **CLIL**, донишҷӯёнро барои омӯхтани мавзуъҳои хос бо истифодаи забони англисӣ раҳбарӣ мекунад. Он ба донишҷӯён кумак мекунад, ки на танҳо грамматика ва лексика, балки дар бораи мавзуъҳои мушаххас маълумот ба даст оварда дониш гиранд.

Вазифаи ин усул, «омӯхтани мавзуъҳои хос (масалан, таърих, география, илм) дар забони англисӣ, шиносоӣ бо матни забон ва муҳити таълим, ки дар он донишҷӯён якҷоя забон ва мавзуи муайянро меомӯзанд, мебошад. Масалан, донишҷӯён дар факултетҳо метавонанд мавзуи илмиро омӯхта, забонро дар шеваи илмии техникӣ истифода баранд» [286, с. 124].

Вижагиҳои асосии методологияи мазкур интегратсияи дугона – фан+забон мебошад, яъне ҳам мазмуни фаннӣ ва ҳам забонӣ омӯхта шуда, дар як вақт мақсад танҳо омӯзиши забон набуда, балки истифодаи он дар таълими фан ё илму истеҳсолот мебошад. Забон на ҳамчун ҳадафи асосӣ, балки ҳамчун воситаи фаҳмиши фан истифода мешавад. Муҳокимаронӣ, музокираҳо, ҳамкорӣ, таҳлили маълумот ва муаррифӣ, истифодаи манбаъҳо ва воситаҳо – китоби дарсӣ, ҷадвалҳо, сабтҳои видеоӣ, матнҳои илмиву оммавӣ танҳо бо забони хориҷӣ ба роҳ монда мешавад.

Методологияи амалӣ (Experiential Learning)

Методологияи амалӣ, ки бо номи **learning through experience** маъруф аст, ҳамчун усули таълимии муосир ба донишҷӯён кумак мекунад, ки забонро мустақиман дар робита бо муҳити табиӣ ва ҳамкориҳои воқеии ҷаҳон омӯхта ва таҷриба кунанд. Усули мазкур соли 1980 аз тарафи Дэвид Колб таҳия гардида, ба чор марҳилаи асосӣ, ки дар як давраи умумӣ амал мекунанд, такя мекунд. Донишҷӯён дар ин равиш дар муҳити воқеии ҷаҳонӣ таҷриба мегиранд.

Дар зер вижагиҳои асосии ин методологияро шарҳ медиҳам: «яке аз вижагиҳои асосии ин равиш дар он аст, ки забономӯз дар як фаъолияти воқеӣ ё таҷрибаи амалӣ иштирок мекунад, масалан, кор дар лоиҳа, ҳалли мушкилот ё таҷрибаи саҳроӣ. Ин марҳилаи аввал аст. Баъд аз таҷриба донишҷӯ дар бораи тасаввуроташ, он чӣ дидааст, эҳсос кардааст ё анҷом додааст, фикр карда, ҳамаро таҳлил мекунад. Дар марҳилаи сеюм донишҷӯ аз таҷрибаи худ хулоса мебарорад, нуқтаи назари худро ташаккул медиҳад. Сипас ин дониши гирифтаашро, маълумоти навро дар вазъиятҳои нав амалан татбиқ мекунад, то ки натиҷаҳои онро санҷад ва ин марҳилаи чоруми фаъолияти донишҷӯ аст. Ин давра доимо такрор шуда меистад ва ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки рушд кунад» [235, с. 128].

Дигар ин, ки омӯзиши забон тавассути ширкат варзидан дар фаъолиятҳои амалӣ (корҳои гурӯҳӣ, тақлидҳо, бозиҳои нақшофарӣ, лоиҳаҳо) амалӣ мегардад. Ин усул ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии гирифтаашонро дар амал татбиқ намоянд. Методологияи мазкур ба дигар усулҳои забономӯзии донишҷӯён мутобиқ карда мешавад, яъне он хосияти муттаҳидкунанда (Converger), мутобиқшаванда (Accommodator), ҷудокунанда (Diverger) ва фарогранда (Assimilator) дорад. Омӯзиш тибқи ин методология бо мутобиқат ба ниёзҳо ва сатҳи дониш ба роҳ монда мешавад.

Вазифаи ин усул таҷриба кардани забон дар муҳити ҷаҳонӣ ва муошират бо одамон дар шеваи табиӣ, эҷод кардани муҳити омӯзишӣ мебошад, ки донишҷӯён дар он мақсадҳои илмӣ ва иҷтимоиро таҳқиқ мекунанд. Масалан, донишҷӯён метавонанд дар фестивалҳо, маҳфилҳо ё дар таҳқиқоти байналмилалӣ иштирок кунанд, ки дар он ҷо забонро мустақиман дар муҳити фарҳангӣ ё сиёсӣ истифода мекунанд.

Бояд мутазаккир шуд, дар мамолики англисзабон (Британия, ИМА, Австралия ва ғайр) ба омӯзиши забони англисӣ, ҳамчун забони модарӣ ё расмӣ аҳамияти зиёд медиҳанд.Онҳо аз забони англисӣ ҳамчун восита истифода мебаранд то усулҳои муосири таълимро, ба мисли технологияҳои нав, методологияҳои интерактивӣ ё равишҳои амалӣ, такмил диҳанд ва таълимро бештар ҷолиб гардонанд. Яъне, онҳо бо истифода аз забони англисӣ ва имкониятҳои он методу усулҳои пешрафтаи таълимро ҷорӣ мекунанд, то сифати омӯзишро баланд бардоранд.

Усули анъанавии таълим ё **триадаи таълим (Learning Triad)** равишест, ки ба се унсури асосии раванди омӯзиш –донишҷӯ-омӯзгор-маводи таълимӣ ё муҳит такя мекунад. Ин усул таъкид мекунад, ки таълим на танҳо аз донишомӯз ё омӯзгор, балки аз ҳамкории мутақобилаи ин се унсур вобаста аст. Вижагии ин усул дар он аст, д**онишомӯз** дар маркази раванди таълим қарор дошта, на танҳо донишро қабул мекунад, балки фаъолона дар ин раванд иштирок карда, таҷриба, андеша, донишу малакаҳояшро рушд медиҳад. ***Омӯзгор*** ҳамчун роҳнамо, мураббӣ барои таълим шароит фароҳам меорад. Донишоҷӯёнро барои мустақилона омӯхтан, фикр кардани ҳалли мушкилот ташвиқ мекунад. Муҳити таълим (синфхона, технология, захираҳо, фазои иҷтимоӣ ва ғайра) ба сифати омӯзиш таъсир мерасонад.

Муҳити муносиб метавонад ангезаи донишомӯзонро баланд бардорад ва омӯзишро ҷолибтар кунад.

Ба таври умумӣ, ин равиш бо устувории компонентҳо барои раванди таълим ва таҳсил дар ҳамаи марҳалаҳо тавсиф мешавад.

Триадаи таълимӣ ба шеваи анъанавӣ дар замонҳои пешин як сохтори дугона буд, ки танҳо омӯзгор ва шогирд муошират мекарданд. Ҳоло, бо таҳаввулот дар педагогика, ҳаёти таълимии шогирдон тадриҷан дигар шудааст ва педагогикаи муосир ин триадаро каме мукаммалтар кардааст.

Триадаи педагогӣ дар таҳсили анъанавӣ чунин аст:

1. Омӯзгор (тренер, педагог) шахси масъули таҳсили донишҷӯён ва ишора ба раванди таълим мебошад. Ӯ вазифадор аст, ки фаҳмидани мавод, ташкили раванд ва роҳнамоӣ дар таҳсили донишҷӯро таъмин кунад.

2. Донишҷӯ шахсест, ки меомӯзад, донишро қабул мекунд ва фаъолона дар раванди таълим иштирок менамояд.

3. Маводи таълим (китобҳо, сарчашмаҳои ахбор, васоити таълим) манбаъҳои асосӣ барои таълим ва шарҳи мафҳуму консепсияҳо мебошанд, ки хонандагон онҳоро меомӯзанд.

Усулҳои анъанавии таълим бештар ба методологияҳое дахл мекунанд, ки: «дар таълимот ва таҳсили муосир кам ё камтар истифода мешаванд. Вале ин усулҳо дар таълим ва тарбият ҳар вақт ва дар ҳама замонҳо вуҷуд доштанд ва кумак мерасонанд, ки таълимот самарабахш бошад» [188, с. 28].

Усули Фронталӣ (Frontally Teaching Method) як равишест, ки дар он омӯзгор ба таври мустақим ба тамоми синф дар як вақт таълим медиҳад. Ин метод одатан дар шакли лексия, шарҳи мавзуъ ё пешниҳоди маводи таълимӣ пешниҳод мегардад.

Вижагиҳои усули фронталӣ дар он аст, ки омӯзгор ба тамоми хонандагон фаҳмиши мавзуъро мустақиман бо тарзи ягона пешниҳод месозад. Ӯ дар раванд дар нақши асосӣ буда, фаъолияти хонандагонро раҳнамоӣ мекунад. Хонандагон бештар ғайрифаъол мебошанд ва танҳо ҳамчун қабулкунандагони маълумот дар раванд иштирок мекунанд. Усули мазкур асосан дар синфхонаҳои дорои хонандагони зиёд, ки барои омӯзиши инфиродӣ вақт маҳдуд аст, истифода мешавад. Он бештар дар шакли лексия, намоиши слайдҳо, шарҳи шифоҳӣ ё навиштан дар тахта сурат мегирад.

Афзалиятҳои усули фронталӣ дар он аст, ки дар муддати кӯтоҳ ба теъдоди зиёди таълимгирандагон маълумоту дониш дода мешавад. Ташкили дарс ва назорати раванд барои омӯзгор осон аст, чунки барои тамоми синф як мавод пешниҳод мешавад ва омӯзгор ба осонӣ раванди таълимро идора мекунад.

Усули фронталӣ дар таълими муосир низ мавриди истифода қарор дода мешавад. Аксар вақт бо дигар усулҳо, ба мисли корҳои гурӯҳӣ, таълими интерактивӣ ё истифодаи технологияи рақами омезиш меёбад, то ки самаранок шавад. Масалан, омӯзгор метавонад лексияи кӯтоҳро бо саволҳои интерактивӣ, кор бо планшетҳо, муҳокимаҳои гурӯҳӣ пурра кунад.

Лексия (Lecture Method)

Тибқи усули лексия ё дарсҳои лексиконӣ дар таълим маъмулан омӯзгор мавзуъро ҳамчун лексия ба донишҷӯён пешниҳод мекунад. Донишҷӯён бештар ғайрифаъол мебошанд, онҳо маълумотро қабул мекунанд ва баъдан онро мехонанд ва нақл мекунанд.

Вижагии усул дар он аст, ки омӯзгор маълумотро дар бораи мавзуъ ба таври мукаммал ва дароз пешниҳод мекунад. Онҳо метавонанд

тавассути шабакаҳо ё изҳори фикр маълумоти гирифтаашонро бамаротиб намоён созанд.

Усули шарҳдиҳӣ (Expository Method)

Дар усули шарҳдиҳӣ ё тафсирӣ омӯзгор мавзуъро бонизом ва мухтасар ба хонандагон мефаҳмонад, маълумотро мустақиман, ба таври пайдарпай, мантиқӣ пешниҳод мекунад, ки он ба омӯзиши дониш ва маълумот нигаронида шудааст. Ин усул аксар вақт барои тавзеҳи мавзуъҳои нав, қоидаҳо, фактҳо ё мафҳумҳои мураккаб, ташаккули дониши назариявӣ ва омода кардани шогирдон барои коркарди минбаъдаи мавзуъ истифода мешавад. Хусусиятҳои асосии ин усул инҳоянд: омӯзгор дар маркази раванди таълим қарор дорад ва шогирдон бештар дар нақши шунаванда ва қабулкунандаи маълумот ҳастанд. Омӯзгор дар муҳити синф мавзуи таълимиро ба таври амиқ ва муфассал шарҳ медиҳад. Барои фаҳмотар кардани мавзуъ аксар вақт мисолҳо, диаграммаҳо ё маводҳои визуалӣ истифода мешаванд. Хонандагон бо ёрии усул ба шинасоии мавзуи таълимӣ машғул мешаванд.

«Афзалияти ин усул дар он аст, ки барои фаҳмонидани мавзуъҳои мураккаб вақтро сарфа мекунад, зеро маълумот ба таври мустақим пешниҳод мешавад. Усул барои гурӯҳҳои калон мувофиқ аст.

Камбудии усул дар он аст, ки дар раванди дарс хонандагон ғайрифаъоланд, эҷодкорӣ қариб ки ба назар намерасад» [190, с. 18].

Усули бахотирбиёрӣ ё такрор (Recitation Method)

Дар ин усул хонандагон маводро тавассути такрори шифоҳӣ ё хаттӣ аз ёд мекунанд. Ин усул бештар дар таълими забонҳо, азхудкунии матнҳои динӣ, шеърҳо ё формулаҳо истифода мешавад. Дар ин усул омӯзгор маводро ба хонандагон пешниҳод мекунад ва хонанда онро якчанд маротиба такрор мекунад, то дар хотир нигоҳ дорад.

Вижагии усул дар тақвият ва ислоҳ кардани дониш ва дар дурудароз дар хотир нигоҳ доштани маълумот ифода меёбад. Усул барои хонандагони хурдсол ё дар сатҳи ибтидоии омӯзиш муносиб аст.

Камбудии ин усул дар он аст, ки раванди дарс якранг ва дилгиркунанда мешавад, фаҳмиши амиқи маводро ҳамеша таъмин намекунад, зеро таваҷҷуҳ ба такрор аст, на ба таҳлил.

Усули намоишӣ (Demonstration Method) бештар барои корҳои амалӣ ё таҷрибавӣ дар таълим истифода мешавад. «Дар ин усул, омӯзгор барои шогирдон чӣ гуна амал карданро нишон медиҳад ва таҳияи он аз рӯйи намунаҳо мебошад. Усули мазкур дар таълими забони хориҷӣ ба шогирдон имкон медиҳад, ки тавассути мушоҳидаи амалҳои омӯзгор ва такрори онҳо малакаҳои забонро аз худ кунанд. Дар ин усул, омӯзгор рафтори забонӣ, тарзи талаффуз, истифодаи грамматика ё вожаҳоро намоиш медиҳад, ва шогирдон аз рӯйи намуна онро такрор мекунанд ё амалан истифода мебаранд. Ин усул махсусан, барои омӯзиши малакаҳои амалӣ, ба монанди гуфтугӯ, талаффуз ё навиштани матн қобили қабул аст» [184, с. 38].

Дар ин усул омӯзгор ба вижа, зимни фаъолият ягон навор ё намуна пешниҳод мекунад. Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки тарзи иҷрои амалҳо ё таҷрибаҳоеро, ки омӯхта мешаванд, фаҳманд.

Усули намоишӣ дар дарсҳои забони хориҷӣ аксар вақт бо усулҳои дигар (масалан, усули коммуникативӣ) якҷоя карда мешавад, то натиҷаи беҳтар ба даст ояд.

Усулҳои анъанавии таълим бештар ба самтҳои муҳокимаи мутамарказ, таълиму тарбия ва пешбурди дониш ва иттилоот дар асоси роҳҳои устувори анъанавӣ, ки қаблан дар таълим истифода шудаанд, нигаронида мешаванд. Бо вуҷуди ихтилофи усулҳо ва таҷрибаҳо, сарфи

назар аз гуногун буданашон ҳамаи ин методҳо барои таъмини таълими устувор ва босамар хизмат мекунанд.

Таълим бо усулҳои анъанавӣ дар мавриди омодасозӣ ва татбиқи барномаву самтҳои гуногун барои донишҷӯён кумак мерасонад, аммо омӯзиши усулҳои муосир ва технологиҳои нави таълим дар муваффақияти таълим ба ҳар ҳол нақши муҳимтар доранд.

Муносибати донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ ба баъзе омилҳо, аз ҷумла: сабабҳои шахсӣ, иҷтимоии, иқтисодӣ ва ҳатто фарҳангӣ вобаста аст. Ин омилҳо метавонанд ба ангеза, имкониятҳо ва пешрафти забономӯзон таъсир гузоранд, яъне ки оё донишҷӯён барои омӯзиши забони англисӣ ҳавасманданд ё не, чӣ монеаҳо мавҷуд аст, оё мехоҳанд ё наметавонанд забонро мувофиқи мақсад омӯхта, истифода баранд.

Омилҳои иҷтимоӣ. Ба гуфтаи Элис, «донишҷӯёни англисзабон ба забони англисӣ ҳамчун як воситаи иртибот бо ҷаҳони васеъ нигоҳ мекунанд, ки он барои таҳсил, роҳбарӣ ва равобити байналмилалӣ зарур аст» [320, с. 58].

Омилҳои фарҳангӣ. Дар кишварҳое, ки забони англисӣ ҳамчун рамзи мӯд ё эҷодкорӣ пазируфта шудааст, донишҷӯён метавонанд онро як унсури муҳими фарҳанги ҷаҳонӣ ва тарзи зиндагии муосир донанд, ки бо арзишҳои маънавӣ (худшиносӣ, пешрафт) ва вижагиҳои шахсӣ (тарзу рафтори зиндагӣ, шахсияти муосир) пайванд аст. Бо вуҷуди ин, мушкилот пайдо мешавад, дар ҳоле ки донишҷӯён кӯшиш мекунанд забони англисиро ҳамчун як забони "мӯд" ё муосир бо фарҳанг ва арзишҳои маҳаллии худ мутобиқ созанд. Яъне, онҳо метавонанд бо тазод байни қабули забони англисӣ ҳамчун рамзи ҷаҳонишавӣ ва нигоҳ доштани арзишҳои маҳаллии худ рӯ ба рӯ шаванд. Масалан, истифодаи забони англисӣ дар муҳити таълим ё кор метавонад боиси бархӯрд бо

анъанаҳо, забонҳои маҳаллӣ ё арзишҳои фарҳанги онҳо гардад, ки ин мутобиқшавиро мушкил мекунад. Масалан, донишҷӯён дар кишварҳои Африқо ё Осиё, ки забони англисиро ё ҷузъи равишҳои таълим ва ё муҳити кории ҷомеа медонанд, метавонад онро барои пешрафт дар кор ё таҳсил истифода кунад, аммо дар ҷомеаи маҳаллӣ, ки забони модарӣ ва анъанаҳо бартарӣ доранд, ин метавонад ҳамчун «забони бегона» ё «ғайримаҳаллӣ» пазируфта шавад, ки боиси мушкилот дар мувозинати байни фарҳангҳо мегардад.

«Омӯзиши забони англисӣ на танҳо ба донишҷӯён кумак мекунад, ки грамматика ва лексикаи забонро омӯхта, балки ба онҳо имконияти бештар барои фаъолият дар муҳити ҷаҳонишавӣ медиҳад. Онҳо пас аз таҳсил дар мамолики англисзабон дар самтҳои гуногуни байналмилалӣ ва илму тиҷорат фаъолият карда метавонанд» [187, с. 18].

Ба гуфтаи Д. Койл «омӯхтани забони англисӣ барои донишҷӯён, ки мехоҳанд дар бозори ҷаҳонӣ рақобат кунанд, аҳамияти калон дорад. Забони англисӣ барои кор дар корпоратсияҳои ҷаҳонӣ ва муносибатҳои сиёсии байналмилалӣ ҳамчун маҷмуи «универсалӣ» хизмат мекунад» [286, с. 176].

Шавқмандии дохилӣ ва берунӣ як омилест, ки таъсири ҷиддӣ ба донишҷӯён дар муносибат ба омӯзиши забони англисӣ мегузорад. Шавқмандии дохилӣ аз хоҳиши шахсӣ ва манфиатҳо пайдо мешавад, дар ҳоле ки шавқмандии берунӣ метавонад аз фишорҳои иҷтимоӣ, касбӣ ё муҳити таълимӣ барояд.

Ҳавасмандии дохилӣ (хоҳиши шахсӣ барои омӯхтани забон) ҳамчун муҳаррики асосӣ барои омӯхтани забони англисӣ маҳсуб меёбад Донишҷӯён, ки англисиро барои манфиатҳо ва ё ҳадафҳои шахсӣ омӯхта, ҳамеша натиҷаҳои беҳтари таълимӣ ва амалӣ ба даст меоранд.

Шавқмандии берунӣ ба омӯзиш вобаста ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ пайдо мешавад Донишҷӯён метавонанд барои беҳтар кардани имкониятҳои касбӣ, шинохти олам ё барои шомил шудан ба стандартҳои байналмилалӣ забони англисиро омӯзанд.

Равиши таҳсил ва муносибат ба омӯзиши забонҳо дар байни наслҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё сиёсӣ метавонад хеле фарқ кунад. Масалан, ҷавонон ё насли нав ба технологияи муосир ва воситаҳои таълимии он, истифодаи васоити рақамӣ таваҷҷуҳ доранд, ки ба муносибаташон бо омӯзиши забони англисӣ таъсир мерасонад. Имрӯзҳо донишҷӯён дар платформаҳо ва барномаҳои омӯхтани забони англисӣ (масалан, Duolingo, Memrise, Coursera ва ғайра) ба таври мустақил кор мекунанд, ки ин воситаҳо муҳити рақамии байналмилалӣ ва таълимии муосирро барои онҳо пешниҳод мекунад.

Рушди технологӣ, усулҳои таълими инноватсионӣ, ки бо истифодаи техника ва воситаҳои онлайнии омӯзиш сурат мегиранд, барои донишҷӯён имконият медиҳад, ки забонро дар муҳити мултимедиявӣ ва интерактивӣ омӯзанд. Чунончи:

Таълим дар муҳити онлайн: Технологияҳое, ба монанди Moodle, Zoom, Google Classroom барои фаҳмидани афзалияти забон дар ҷаҳони расонаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои онлайн имконият медиҳанд. Барномаҳои видеоконференсӣ метавонанд кумак кунанд, ки донишҷӯён ҳамзамон дар тамоми ҷаҳон бо якдигар муошират ва музокира кунанд.

Барномаҳои омӯзишӣ, ки шомили бозиҳо ва супоришҳои фарққунандаи интерактивӣ мебошанд, ба донишҷӯён кумак мерасонанд, ки бо воситаҳои имрӯзаи интернетӣ, ба шеваи аниматикӣ ва мустақил забон омӯзанд. Аз ҷумла, «Moodle платформаи онлайнӣ барои таълим аст, ки омӯзгорон ва донишҷӯёнро барои ташкил ва идора кардани синфхонаҳои виртуалӣ ва манбаъҳои таълимӣ таъмин мекунад.

Барномаи онлайни **Google Classroom**: омӯзишӣ аст, ки бо усулҳои анъанавӣ барои омӯзиш омезиш ёфта, ба донишҷӯён ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки дастурҳо ва супоришҳои хонишро ба таври самарабахш ва дар муҳити таълими хаттӣ, шифоҳӣ ва рақамӣ интиқол диҳанд. Барномаи **Zoom** ба як воситаи амалӣ барои видеоконференсияҳо ва дарсҳо бо истифода аз интернет дар дарсҳои омӯзишӣ табдил шудааст. Бо истифода аз видео, хонандагон метавонанд бо ҳамдигар ва бо омӯзгор дар бораи мавзуъҳои таълимӣ гуфтугӯ кунанд ва забонро дар муҳити мултимедиявӣ омӯзанд. Zoom як воситаи муфид барои муошират бо донишҷӯён дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад, ки дар таълим васеъ истифода мешавад» [343, с. 124].

Технологияи интерактивии аниматикӣ: Аниматсияҳо ва видеоҳои интерактивӣ дар курсҳо барои таълими забонҳо ба тарзи омӯзишии динамикӣ ва шавқовар кумак мерасонанд. Ба донишҷӯён имконияти озмоиш, фикр кардан ва амал кардан тибқи нақшаҳои забон дода мешавад, ки ҳамзамон онҳоро фаъол нигоҳ медорад. Мисол, дар барномаҳо, ки дарсҳои забонро бо аниматсия ва бозиҳои омӯзишӣ пешниҳод мекунанд, донишҷӯён метавонанд баъзе ҷузъҳои грамматикӣ ё истилоҳотро дар оянда мувофиқи таҷриба истифода баранд. Масалан, тибқи барномаи Duolingo омӯзиши забони англисӣ бо ёрии бозиҳои кӯтоҳ ва омӯзишҳои интерактивӣ пешниҳод шудааст. Ҳар як марҳилаи курс ба забономӯз на танҳо дониш, балки имконияти фаъолият кардан ва амалӣ кардани маводҳоро таъмин мекунад.

«**Барномаи Babbel** барои омӯзиши забонҳо мебошад, ки дар он корбарон метавонанд вокабуляр, грамматика ва амалҳои интерактивии мустақилро омӯхта, дар омӯзиши забон қадам ба қадам пеш раванд» [343, с. 97].

Бо ворид кардани видео ва тасвирҳои аниматикӣ донишҷӯён фориғболона ба мавзуъҳо диққат медиҳанд, ки ин аз рӯйи усулҳои анъанавӣ онро наметавон ба даст овард.

Барномаҳои мессенҷер ва ҳамкорӣ, ба монанди Discord, Slack ва Skype, барои ташкили муҳити таълимии динамикӣ, кумак барои дарсҳо ва муҳокимаҳои гурӯҳӣ дар бораи мавзуъҳои муайян ба таври осон истифода мешаванд. Донишҷӯён метавонанд, ба осонӣ дар муҳити онлайн бо ҳамдигар бо ёрии овоз ва матн сӯҳбат кунанд.

Видео-конференсияҳо ва вебинарҳо барои фаҳмидани забон, баргузории дарсҳо ва ҳамчунин дастрасии зуд ва мавзуъҳои таълимӣ кумак мекунанд.

«Технология ва усулҳои инноватсионӣ дар таълим имрӯзҳо қариб дар ҳамаи соҳаҳои таълим ва омӯзишҳо мавҷуданд. Бо шарофати рушди босуръати технологияҳо, бахусус технологияи рақамӣ ва онлайнӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ имконятҳои хеле васеъ фароҳам омаданд, ки ба муҳити муосири таълим ва муносибати нав барои омӯзиши забони англисӣ мусоидат менамоянд. Технологияҳо имконият медиҳанд, ки забон на танҳо дар муҳити анъанавии синфхона, балки дар муҳити онлайн ва мултимедиявӣ омӯзонида шавад» [310, с. 177].

Имрӯзҳо, системаи онлайн ва платформаҳо барои таълим дар забонҳои хориҷӣ ба мавзуъҳои махсуси забонӣ ва ҳамзамон кумак барои муошират дар муҳити байнимуҳитӣ роҳ меандозанд. Барномаҳои таълими инноватсионӣ на танҳо ба платформаҳои онлайн ба монанди Zoom ва Moodle, балки дар вобастагӣ ба **бозиҳо** ва **супоришҳои интерактивӣ** низ паҳн гардида, ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки бо воситаҳои имрӯзаи интернетӣ ба шеваи аниматикӣ ва мустақил омӯхта шавад.

«Методологияи амалии «*Experiential Learning*», равишест, ки таълимро на танҳо дар синфхона, балки дар зиндагии воқеӣ ва таҷрибаҳои кории донишҷӯён амалӣ мекунад. Дар ин усул, таълим самаранок аст, агар донишҷӯён барои омӯзиш ва таҳлили мавзуъҳо ба нақшаи амалӣ дохил шаванд, ки дар он таҷриба кардани мавод ва муколамаи доимӣ бо муҳити зист ё муҳити таълимӣ ҷойгузин мешавад. Эҳтимолан, донишҷӯ дар муҳити амалӣ чизи бештар меомӯзад, чунки тамоми амал ва муҳити иштироккунандагони раванд дар шеваи аниматикӣ ва динамикӣ қарор мегирад» [200, с. 18].

Технологияи амалӣ ба забономӯзон имкон медиҳад, ки забонро дар муҳити воқеӣ таҷриба кунанд ва омӯзанд. Оғози шиносоии ифодаҳои кулли забонҳо, диалектҳо ва рамзи фарҳангӣ барои забономӯзон хеле муҳим аст.

Усули амалӣ барои омӯзиш имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар амал таҷриба кунанд ва барои шинасоии забон на танҳо муошират бо омӯзгор, балки бо ҳамсинфонашон ё одамони дигар дар муҳити таҳсили воқеӣ имконият пайдо кунанд.

Муносибатҳои ғайрирасмӣ дар омӯзиши забон ҳамчунин, аз аҳамият орӣ нестанд. Донишҷӯён метавонанд дар муҳити ғайрирасмӣ бо истифода аз технолоияҳои нав ва барномаҳои шахсӣ, ки шомили забони англисӣ ё дигар забонҳои хориҷӣ мебошанд, амал кунанд.

Корҳои гурӯҳӣ дар доираи як гурӯҳ ё дар муҳити тадқиқотӣ бо хонандагон ё донишҷӯён ҳамчун гурӯҳи муштарак амалӣ карда мешавад. Гурӯҳҳо имконият медиҳанд, ки муоширатро фаро гиранд ва ҳамзамон тафсир ва муҳокимаҳои мунозираро оид ба истифодаи як ё ду забон баргузор намоянд.

Нақшбозӣ (Role-play) як усули муфид ва ҷолиб барои шогирдон аст, ки дар он одамон ба нақши воқеии одамон ва муҳити зиндагии

аниматикӣ баромад мекунанд. Дар нақши бозӣ донишҷӯён метавонанд барои ҳалли мушкилот ё муошират дар ҷойҳои гуногун забонро амалӣ кунанд.

Омӯзиши мундариҷа ва забон як усули таълим аст, ки дар он донишҷӯён на танҳо забон, балки мундариҷаи дигар соҳаҳои илм, ба монанди таърих, география, илмҳои табиӣ, ва ғайраро бо истифодаи забони хориҷӣ меомӯзанд. Дар ин усул забон ҳамчун воситаи омӯзиш истифода мешавад, на ҳадафи асосии таълим. Яъне, дар ҳоле ки донишҷӯён мундариҷаҳои таълимиро меомӯзанд, ҳамзамон забонро ба тариқи амалӣ ва ғайриформалӣ муаррифӣ мекунанд.

Омӯзиш дар муҳити синфхона. Дар синфхона дарсҳо ба забони интихобшуда (масалан, англисӣ) пешниҳод мешаванд, ки дар онҳо мундариҷаи илмии мавриди назар (масалан, география ё химия) ба забони хориҷӣ дарк ва фаҳмида мешавад.

Омӯзиши фаъол: Яке аз усулҳои асосии CLIL буда, ба кор бурдани амалиёт ва таҷрибаҳои реалӣ дар синфхона ва берун аз он мебошад. Масалан, таҷрибаҳо ва озмоишҳои илмӣ, корҳои гурӯҳӣ, музокираҳо ё тавзеҳҳои амалӣ дар тамоми муҳити таълим хосси ин усул аст.

Муҳити забонии муносиб: «Барои амалисозии CLIL, муҳити таълимӣ бояд ба талаботи забонии донишандӯзон мувофиқ бошад. Агар донишҷӯён дар заминаи забони хориҷӣ аз таҳсили амиқ кумак гиранд, ин барои онҳо муфид аст» [216, с. 38].

Дар асоси тафсири барнома ва технологияҳии муосири таълим сухан ронда, бахусус қайд карданием, ки истифодаи технологияи CLIL як қатор вижагиҳои татбиқи худро дорад. Барои муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ кардани усули CLIL эҳтимолан талаб мекунад, ки синфхонаҳо ва муҳити таълимӣ дуҷониба ва омодагиҳои махсус дошта бошанд. Агар муассисаҳои таълимӣ дорои технологияҳои муосир ё манбаъҳои барои

ҳар ду – забон ва мундариҷа мувофиқ надошта бошанд, усули CLIL метавонад ба натиҷаҳои беҳтарин нарасад.

Усули CLIL бо ҳамаи манфиатҳои бузурги худ дар амал якчанд мушкилоти асосӣ дорад, ки дар амал бартараф кардани онҳо бамавриданд. Аз ҷумла: зарурати малакаи баланд барои омӯзгорон, сатҳи забонии донишҷӯён, омодагии манбаъҳои таълимӣ, хасташавиидонишандӯзон ва ҳатто зарурати муҳити дуҷониба дар синфхонаҳо ин ҳама шартҳои самрабахшанд, ки истифодаи ин усулро пеш мебаранд.

Барои муваффақ шудан дар истифодаи усули CLIL, муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон бояд дар давоми омодагӣ, таълим ва рушди курсҳо диққати махсус диҳанд. Ин метавонад барои ҳар як донишҷӯ имкониятҳои бештар ва рушдро барои омӯхтани забонҳо ва мундариҷаҳои илмӣ таъмин намояд.

Хулосаи боби сеюм

Омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ дар солҳои охир, бо вуҷуди пешрафтҳои технологӣ ва рушди ҷаҳонишавӣ, ба як соҳаи муҳими таҳсилот табдил ёфтааст. Аз як тараф, платформаҳои онлайнӣ ва воситаҳои электронӣ, чун Moodle, Edmodo ва Duolingo, дар раванди омӯзиш бо мақсади муҳити самарабахши таълимӣ ва мутобиқ ба талаботи замон мусоидат мекунанд, аз тарафи дигар, баръакс омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёне, ки аз кишварҳои гуногун меоянд, метавонад бо мушкилот ва муноқишаҳои фарҳангӣ ва психологӣ ҳамроҳ бошад. Ин гуна чолишҳо аксаран ба фарқиятҳои забонӣ ва шеваи омӯзиш, инчунин ба мушкилоти муошират ва фаҳмидани мазмунҳои мураккаб дар муҳити академӣ шомил мешаванд. Мувофиқи андешаҳои муҳаққиқон шиддат дар муносибатҳои байнифарҳангӣ ва

тағйироти фарҳангӣ метавонанд дар раванди таълим ва муошират таъсири манфӣ гузоранд.

Ҳамчунин, навиштани матнҳои академии англисӣ ва истифодаи забони англисӣ дар таҳқиқот, барои донишҷӯён, ки забони англисиро ҳамчун забони дувум меомӯзанд, бо мушкилот мувоҷеҳ мешавад. Барои бартараф кардани ин мушкилот, зарур аст, ки муҳити таълимӣ ба талаботи фарҳангӣ ва шахсиятӣ мутобиқ шавад. Истифодаи усулҳои бисёрфарҳангӣ, барномаҳои онлайнӣ ва маърифатӣ амиқ барои осону шавқовар кардани раванди таълим муҳим мебошанд.

Ба таҳияи усулҳои таълимӣ ва эҷоди муҳити таълимии равшан ва мувофиқ барои донишҷӯён истифода аз фарҳангҳои мухталиф метавонад роҳи ҳалли баъзе мушкилот шавад. Воситаҳои электронӣ ва платформаҳои онлайнӣ, ки дар таҳсилоти забони англисӣ истифода мешаванд, қадамест ба сӯйи самаранок ва мутобиқсозии таҳсил дар муҳити глобалӣ.

Технологияҳои муосир ва воситаҳои электронӣ, ба вижа платформаҳои онлайн, имрӯз дар таълими забони англисӣ нақши асосиро мебозанд. Ин воситаҳо ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки дар муҳити рақамӣ омӯзиш кунанд ва ба осонӣ бо навгониҳои технологӣ мутобиқ шаванд. Аз ин рӯ, воситаҳои электронӣ дар таълим намоёнтаранд, ки на танҳо масъалаҳои марбут ба манфиатҳои таҳсилоти анъанавиро ҳал мекунанд, балки муҳити таълимиро барои донишҷӯён дар ҷаҳони рақамӣ беҳтар месозанд.

Платформаҳои таълимии онлайн, мисли Moodle, Edmodo, Duolingo ва YouTube, ҳар яке барои омӯхтани забони англисӣ бо усулҳои махсуси худ пешниҳод мешаванд. Moodle, ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки курсҳоро бо воситаҳои гуногуни электронӣ, аз ҷумла: видеороликҳо, тестҳо ва слайдҳо, ташкил ва пайгирӣ кунанд. Edmodo ҳамчун

платформаи иҷтимоии таълимӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо ҳамдигар робита кунанд ва масъалаҳоро муҳокима кунанд. Duolingo бо роҳҳои бозӣ ва машқҳои интерактивӣ барои омӯзиши луғат ва грамматика кумак мекунад. YouTube инчунин барои омӯзиш бо видеокурсҳо, ки дар матни воқеӣ забон омӯхта мешаванд, хеле самаранок аст.

Барои беҳтар кардани маҳорати забонӣ ва шеваҳои муошират усулҳои методологии мухталиф низ истифода мешаванд, ки методологияи коммуникативӣ ва методологияи грамматикиву тарҷума ду ҷабҳаи асосии муҳокима мебошанд. Методологияи коммуникативӣ ба беҳтар кардани маҳорати муошират ва истифодаи забон дар муҳити воқеии зиндагӣ равона гаштаанд, дар ҳоле ки методологияи грамматикиву тарҷума ба омӯзиши грамматика ва тарҷумаи матнҳо нигаронида шудааст.

Ин усулҳо ва воситаҳо дар маҷмӯъ муҳити таълимиро барои донишҷӯён беҳтар мекунанд, ки метавонанд дар дохил ва берун аз синф ба омӯзиш ва такмили маҳорати забонии худ идома диҳанд.

Дар асрҳои XIX ва XX, ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва илмии Британия ва Амрико бо дигар кишварҳо, ниёз ба омӯзиши забони англисиро афзуд. Пас аз Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ забони англисӣ ба як забони байналмилалӣ ва муоширатӣ табдил ёфт. Технологияҳо, интернет ва воситаҳои мобилӣ низ дар шиддат гирифтани омӯзиши забони англисӣ таъсири амиқ гузоштанд, ва забон ҳамчун воситаи муошират дар платформаҳои онлайн ва шабакаҳои иҷтимоӣ амал мекунад.

Дар Тоҷикистон, пас аз истиқлолият, ниёз ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ, зиёд шуд. Вақте ки забони русӣ ба забони асосии таълим ва муошират табдил ёфта буд, пас аз 1991, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба талаботи муҳими таълимӣ табдил ёфт. Бо афзоиши

ҳамкориҳои байналмилалӣ, дар мактабҳо ва донишгоҳҳо барномаҳо барои омӯзиши забони англисӣ ва дигар забонҳо ба вуҷуд омаданд.

Қобил ба қайд аст, ки дар таҳсилоти забоншиносӣ барои донишҷӯён грамматика ва лексика танҳо як қисми таълимро ташкил медиҳанд. Омӯзиши забон дар матни фарҳанг ва муошират, ки муҳити иҷтимоии забонро дар бар мегирад, аҳамияти хос дорад. Онҳо на танҳо қоидаҳои грамматикӣ, балки принсипҳои фарҳангӣ истифодаи забонро меомӯзанд.

Омӯзиш бо истифода аз технологияҳои муосир, платформаҳои онлайн ва манбаъҳои интернетӣ, ба монанди Moodle, Google Classroom ё Zoom, ба назар мерасад, усулҳои муосири омӯзишро фароҳам оварда, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки бо дигарон дар муҳити дохилӣ ва ҷаҳонӣ муошират кунанд.

Омӯзиши забон дар муҳити иҷтимоӣ, дар ҷойҳои корӣ ва барои иштирок дар муоширати байналмилалӣ аҳамияти бештар касб мекунад.

Методологияи CLIL (Content and Language Integrated Learning) усулҳои хеле ҷолибро фаро гирифта, шароит фароҳам меорад, ки забонҳо ва фарҳангҳо ба ҳам пайванданд. Ҳамзамон, методологияи CLIL имкон медиҳад, ки донишҷӯён забонро бо мавзуъҳои таълимии дигар омӯхта, барои шомил шудан ба муҳити амалии байналмилалӣ омода шаванд.

Омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ на танҳо ба грамматика ва лексика, балки ба самти фарҳанг ва муошират бештар диққат медиҳад. Донишҷӯён на танҳо қоидаҳои грамматикӣ, балки муносибатҳо, арзишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоиро тавассути забон меомӯзанд.

Ин равишҳои таълимӣ донишҷӯёнро барои истифодаи дурусти забон дар муҳити иҷтимоии воқеӣ ва ҷаҳонии гуногунфарҳанг омода

сохта, на танҳо дар омӯзиш, балки дар муҳокимаву муоширатҳои тиҷоратӣ, дипломатӣ ва илмӣ низ муфид аст.

Дар донишгоҳҳои Тоҷикистон, омӯхтани англисӣ ҳамчун ҷузъи муҳими таълим ва омодасозии мутахассисон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дипломатия, тиҷорат ва илм қарор гирифтааст. Талабот ба омӯзгорони баландихтисос ва маводҳои таълимӣ ба ҷузъҳои муҳими беҳтар шудани таълим дар забонҳои хориҷӣ аст.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ дар Тоҷикистон инчунин бо усулҳои гуногуни таълимӣ ва стратегияи мутобиқгаштаи дастурдиҳандагӣ дар мувофиқа бо талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат ба вуҷуд омадааст. Ин таҳсилот барои беҳтар кардани малакаи муошират дар забони англисӣ ва дарк кардани фарҳангҳои англисзабон хеле муҳим аст.

Донишҷӯён тавассути омӯзиши забони англисӣ расму оинҳои иҷтимоии кишварҳои англисзабон ва эътибори байниназариро омӯхта, баҳсҳои фарҳангӣ ва иҷтимоиро тақвият дода метавонанд.

Омӯзиши забони англисӣ таълими донишҷӯёнро барои таҳсил дар хориҷ ва муошират бо ширкатҳои байналмилалӣ таъмин мекунад. Омодасозӣ барои муҳити таълимӣ дар хориҷ низ муҳим аст.

Равишҳои таълим, ки вобаста ба истифодаи технологияҳо, муошират, таҷриба ва мавзуъҳои хос дар забон ва фарҳанг равона шудаанд, барои рушди малакаҳои забонӣ ва коммуникативӣ дар муҳити бисёрфарҳангӣ ва глобалӣ кумак мерасонанд.

Усулҳои анъанавии омӯзиш бо муҳокимаи истифодабаранда ва ба омӯзиши донишҷӯён дар муҳити анъанавӣ диққат медиҳад. Бо вуҷуди усулҳои гуногун, ҳамаи ин методҳо барои таъсирбахш ва самарабахш будан дар таълим зарур мебошанд.

Дар баробари усулҳои анъанавӣ, усулҳои муосир ва истифодаи технологиҳои нав низ барои пешрафти таълим ва омодасозии донишҷӯён аҳамияти бузург доранд. Технология ва усулҳои инноватсионӣ имрӯз ба як воситаи пурқувват барои таълимӣ забонҳо табдил ёфта, ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки ба шеваи мустақил ва дар муҳити интерактивӣ забонро омӯхта, таҷриба ба даст оранд.

Забони англисӣ ҳамчун забони универсалии ҷаҳонӣ ва воситаи асосии табодули илмӣ дар ҷаҳони муосир қабул гардидааст. Дар донишгоҳҳои забоншиносӣ, омӯхтани англисӣ муҳимтарин захира барои расидан ба мақсади омӯзиши забонҳои дигар ва фаҳмидани равандҳои умумии забоншиносӣ мебошад. Ин забон ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ҷараёни омӯзиши забонҳои гуногун ва таҳқиқи онҳоро дар доираи илмии муосир дарк кунанд.

Дар донишгоҳҳои забоншиносӣ омӯхтани забони англисӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар мавзуъҳои мухталифи илмӣ, масалан, назарияи грамматика, таҳқиқоти лексикологӣ ва семантикӣ, муносибати байни забон ва фарҳанг шинос шаванд. Агар донишҷӯёне, ки дар донишгоҳҳои забоншиносӣ таҳсил мекунанд, на танҳо бо худи англисӣ, балки бо таҳлили таърихии забон ва низомҳои лексикӣ шинос шаванд, онҳо ба қудрати таҳқиқот дар ҳама соҳоти забоншиносӣ даст меёбанд.

Омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ барои донишҷӯён имконият медиҳад, ки на танҳо малакаи забонӣ, балки дарк ва шинасоии амиқ ба фарҳанг, мантиқҳои забонӣ ва сиёсатҳои илмии ҷаҳон дошта бошанд. Амалия таълим ва тавсеаи стратегияи омӯзиш ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки оянда худро бо як дараҷаи баландтарин ба тафсири дониш ва малакаҳои забонӣ бо кумак дар муҳити академикӣ таъмин кунанд.

Бо истифода аз усулҳои муосир ва технологияҳои инноватсионӣ донишҷӯён бо равишҳои интерактивӣ ва муоширатӣ шиносо мешаванд, ки имкон медиҳад онҳо беҳтар дар муҳити илмӣ ва фарҳангӣ муваффақ шаванд.

Хулоса, ин бахши таълимро ҳамчун як раванди мураккаб бо якчанд равишҳои муосир ва анъанавӣ татбиқ гардида, ки донишҷӯёни забономӯзро барои дуруст аз худ кардани забон ва малакаҳои муошират дар муҳити ҷаҳонӣ ва академикӣ омода месозад.

БОБИ 4. БОЗИҲОИ ЗАБОНӢ, ДАРАҷАИ АЗХУДКУНИИ ЗАБОНҲО ВА МАХСУСИЯТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҷӢ

4.1. Бозиҳои забонӣ ва дараҷаи истифодабарии онҳо

Тибқи таҳқиқоти Д. Кристал: «дар тамоми олам теъдоди одамони бо англисӣ гап зананда ба як миллиарду сад миллион мерасад. Танҳо барои чоряки теъдоди ин аҳолӣ забони англисӣ забони модарист ва теъдоди омӯзандагони забони англисӣ (билингвизми сунъӣ) рӯ ба афзоиш дорад» [10, с. 4]. Таҳти истилоҳи билингвизми сунъӣ дузабоние дар назар дошта шудааст, ки забони дуюм на ба таври табиӣ, яъне зимни гуфтугӯ бо намояндаи он забон, балки бо ёрии омӯзгор омӯхта мешавад. Ва мо низ ба ин ақида розӣ ҳастем. Вале як ҷиҳатро бояд ба назар гирифт, ки дар айни замон дар натиҷаи вусъат ёфтани муносибатҳои расмӣ ва рафиқона, сайру саёҳатҳо, робитаҳои дипломатӣ ва ғайраҳо муошират ба забони англисӣ ҳамчун забони байналмилалӣ на танҳо дар синфхонаҳои таълимӣ ба таври маҳдуд сурат мегирад, балки дар муошират бо соҳибони забон низ амалӣ мегардад.

Бинобар ақидаи Черничкина Е. К дар замони муосир дар омӯзиши забони англисӣ билингвизми ташаккулёфта ва ё ташаккули билингвизм амалӣ шуда истодааст. Бо вуҷуди он муҳаққиқ изҳор менамояд, ки: «билингвизми сунъӣ худ истифодаи ду забони лингвомаданӣ буда, яке аз ин забонҳо дар натиҷаи омӯзиши махсус аз худ карда шудааст.

Билингвизми сунъӣ ҳамеша дар шароити муоширати омӯзишӣ қарор дорад, яъне одамон забони дуюмро омӯхта, ҳамеша дар вазъияте қарор доранд, ки забонро то дараҷаи соҳибони забон аз худ накардаанд.

Баҳо додан ба чунин муошират хеле мураккаб аст, зеро сифати дузабонии сунъӣ дар вазъияти ташаккул қарор дорад. Истифодаи ду забони аз нуқтаи лингвофарҳангӣ робитанадошта дар худ равандеро

доро мебошад, ки дар ин раванд таъсири забонӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ баръало мушоҳида мегардад» [249, с. 261].

Мафҳуми «бозии забонӣ» ба муҳаққиқ Л. Витгейнштейн тааллуқ дорад. Ба ақидаи ӯ, «бозии забонӣ ин робитаи забон бо фаъолияти шахс маҳсуб меёбад» [2, с. 27]. Муҳаққиқони зиёде дар мавриди омӯзиши мафҳуми бозии забонӣ, моҳият ва вижагиҳои он таҳқиқот гузаронида, нисбати ин зуҳурот ақида баён намудаанд [1; 5; 7; 11; 12]. Дар зери фаҳмиши ин мафҳум муҳаққиқон ҳамаи намуди муошират озодро дар назар доранд.

Чунончи Т.А. Гридина: «дар зери мафҳуми “бозии забонӣ” нутқи муайяни забониеро мефаҳмад, ки ин ҷо истифодаи эстетикии забон бо воҳидҳои нутқӣ амалӣ мегардад» [59, с. 165].

Муҳаққиқ К.Э. Шенон иброз медорад, ки: «дар ҷараёни бозии забонӣ меъёрҳои зуд ва ғайриинтизории муошират ба вуқуъ меояд. Ба андешаи мо, он дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар нутқ дар шакли ҳазлу шӯхӣ, хандаовар изҳор гардад ва амали фикрӣ зуд иваз шавад. Чи қадаре ки ҳолат ғайричашмдошт бошад, инсонро ҳамон қадар бештар ҳиссиёт фаро мегирад. Ин ба зиёдии иттилоот вобаста аст ва вайронкунии қоидаи забон боиси зиёд гаштани иттилоот мегардад» [12, с. 13].

Тибқи тадқиқотҳои мо бармеояд, ки хусусияти асосии билингвизми сунъӣ дар истифода аз бозии забонӣ бо забони бегона (дар мавриди мо забони англисӣ) ҳувайдо мегардад. Маводҳои омӯзишии мо дар пояи мушоҳидаи нутқи хаттӣ ва шифоҳии ашхоси дузабона, яъне тоҷикӣ ва англисӣ, ки соҳиби дузабонии сунъӣ мебошанд, сурат гирифт. Мавриди таҳқиқот ҳам омӯзандагони донишгоҳҳо ва ҳам ашхоси дар сафарҳои гуногун ба муҳити англисзабонҳо ворид гардида, қарор гирифтаанд. Мақсади таҳқиқоти мо муайянкунии муносибат дар дараҷаи лексикии ду забон дар истифодаи бозии забонӣ дар мавриди ҳолати антонимӣ,

гипонимӣ, номувофиқӣ, гузариши лексикӣ аз як забон ба забони дигар мебошад. Ҳамчунин, дар дигар ҳолатҳо ин зуҳуроти лингвистӣ вомехӯрад. Бинобар ин, кӯшиш ба харҷ додем, ки то ба масъала равшанӣ андозем. Дар навбати аввал ба муносибати лексикии антонимӣ яъне ба муносибати семантикӣ дар асоси мафҳумҳои муқобилмаъно дахл менамоем. Се намуди чунин муносибатҳо мавҷуданд. Ба бахши аввал муносибати иловакунӣ, яъне вазъияте фаҳмида мешавад, ки як антоним вожаи дигарро инкор менамояд. Инро дар мисолҳои зерини нутқи дузабонҳои сунъӣ мушоҳида менамоем.

1. Student 1: *Excuse me, excuse my front, my back, my everything.*

Донишҷӯи 1: *Маро бубахш, бахш пеши манро, бахш ақиби манро, ҳама чизро бахш.* Акнун ба мазмуни семантикии ин ифода мепардозем. Донишҷӯ ин ифодаро дар вақти гузаштан аз байни курсиҳое, ки ҳамкурсҳояш нишастаанд, истифода мебарад. Ибораи устувор дар забони англисӣ дар ин маврид танҳо *excuse me* мебошад. Минбаъд донишҷӯ занҷири ибораҳои ноустувор, яъне *front* қисмати пеш, *back* қисмати ақибро истифода мебарад. Ин занҷири истифодабарии вожаҳо бо истифодаи ҷонишини *everything* хотима меёбад. Ин як намунаи равшани истифодаи бозии забонӣ мебошад. Чунин муносибатро дар мисоли зер дучор меоем:

2. Student 1: *They need the backbone to deal with that situation.* Барои онҳо устухони ақиб (яъне устувории характер) барои аз ин вазъияти мушкил баромадан зарур аст.

Student 2: *They need to have not only the backbone but the frontbone as well.* Барои онҳо на танҳо устухони ақиб (яъне устувории характер) балки қисмати устухони пеш (яъне сифатҳои ғайримуқаррарӣ) низ зарур аст.

Вожаи *backbone* якҷоя бо *frontbone* истифода шуда, дар пояи истифодаи вожаҳои *front* ва *back* дар бозии забонӣ хеле фасеҳ ва мантиқан мавриди баён истифода шудаанд.

Дигар намуди муносибати антонимие, ки вожаҳоеро пайванд мекунад, ин муайян кардани самтҳои гуногуни фаъолият мебошад:

Student 1*: Some people are born to go against the grain.*

Донишҷӯи 1: Баъзе одамон барои он таваллуд шудаанд, ки ба муқобили ресмон (яъне муқобили маҷро) раванд.

Student 2: *Though sometimes it's a good idea to go with the grain.*

Донишҷӯи 2: Хуб мешуд, ки баъзан онҳо бо кумаки ресмон (яъне бо самти резиши маҷро) раванд. Дар ин маврид идиомаи устувори *to go the grain* барои бозии забонӣ асосӣ мебошад ва истифодаи пешоянди *with* маъниро иваз менамояд (to go with the grain). Муқобилмаъноӣ бо истифодаи пешояндҳои муқобил *against* ва *with* самтҳои гуногуни фаъолиятро ифода намуда, зебоӣ, фасоҳати забонро инъикос менамоянд.

Student 1*: Don't screw the situation up. Screw it down.*

Донишҷӯи 1: Ба вазъияти ногувор итоат накун. Онро беҳтар намо. Дар мисоли боло ду ибораи феълӣ истифода шудаанд. Ибораи якуми феълӣ *screw up* – вайрон кардан, дуюм screw down – мурватро тоб додан, ба маънои маҷозӣ, яъне беҳтар кардан истифода шудаанд. Муқобилмаъноӣ бо пешоянди *up* ва *down* ифода ёфта, намунаи равшани бозии забонӣ мебошад, ки нозукии забонро нишон медиҳанд.

Ҳамчунин, намунаи сеюми муносибати антонимӣ ҷой дорад, ки дар ифодаи андоза, ҳарорат, суръат ва ғайра истифода мешаванд. Чунончи:

Student 1: *You should go cold turkey.*

Айнан: *Ту бояд бо мурғи марҷони хунук роҳ гардӣ* (маҷозан, яъне ту бояд аз баҳри ҳама чиз барӣ).

Student 2: *I can only go hot turkey. It's impossible for me to give up smoking.*

Айнан: *Ман танҳо бо мурғи марҷони тафсон қадам мезанам, яъне ман аз баҳри ҳама чиз гузашта наметавонам. Номумкин аст, ки ман яку якбора тамокукаширо тарк кунам.* Дар ҷумлаҳо идиомаи устувори *go cold turkey* ва *go hot turkey* истифода шудаанд. Муқобилмаъноии антонимӣ дар вожаҳои *cold* ва *hot* истифода шуда, маънои маҷозиро ифода менамоянд.

Муносибати дигари бозиҳои забонӣ ин муносибати ҷинсӣ мебошад, яъне ҷинси ашё ва намудро ифода мекунад. Аз ҳама бештар дар бозии забонии дузабонҳои сунъӣ исмҳои хос дар вақти ифода истифода мешаванд.

Student 1*: It's not my cup of tea, you know.*

Student 2: In America you should say 'it's not my cup of coffee'.

Student 3: In Russia 'it's not my cup of kvas':

Student 4: In India 'it's not my cup of masala chai'.

Донишҷӯи 1: Ту медонӣ, ки ин пиёлаи чойи ман нест.

Донишҷӯи 2: Дар Америка гуфтан лозим аст, ки «ин пиёлаи қаҳваи ман нест».

Донишҷӯи 3. Дар Русия мегӯянд, ки «ин пиёлаи кваси ман нест».

Донишҷӯи 4. Дар Ҳиндустон мегӯянд, ки «ин масали чойи ман нест».

Идиомаи *somebody's cup of tea* маънои имконият доштанро ифода мекунад. Ин ҷо дар бозии забонӣ истифодаи маънои онро дар мамлакатҳои гуногун нишон доданд.

Истифодаи идиомаҳо ҳамчунин, дар бозии забонӣ нисбати ному насаб истифода мешавад. Чунончи:

Student 1: *There is in interesting verb in the Oxford English dictionary 'to kerzhakov' meaning missing the ball'! Originally it's the name of the Russian footballer who often fails to find the target in the game.*

Student 2: *A nice one, there should be other verbs like to stevejobs' meaning to be a successful entrepreneur, for example.*

Донишҷӯи 1: Дар луғати англисии Оксфорд як феъли аҷоиб дар шакли *Kerzhakov* ба маънои аз даст додан мавҷуд аст. Дар ибтидо ин насаби футболбози рус Кержаков мебошад, ки дар вақти бозии футбол ҳангоми тӯбро гирифтан ба замин меафтид.

Донишҷӯи 2: Аҷоиб. Бояд дигар феълҳо бошанд. Барои мисол феъли *stevejobs* бояд соҳибкори муваффақро ифода намояд.

Дигар намуди муносибати семантикӣ байни ҷузъияёти бозии забонии билингвизми сунъӣ ин номувофиқӣ мебошад. Чунончи:

Student 1: *Their house is full of in-laws: a mother-in-law, a father-in-law, a son-in-law.*

Student 2: *There's even a dog-in-law.*

Student 1: *Not only a dog-in-law, but also a laptop-in-law and a skoda-in-law.*

Донишҷӯи 1: Дар хонаи онҳо ҳама хешовандонанд (аз тарафи зан ва шавҳар, модарарӯс ва падарарӯс, домод).

Донишҷӯи 2: Ҳатто саг ҳам хеши онҳо мешавад.

Донишҷӯи 1: На фақат саг, балки нотбук ва «Шкода» ҳам хеши онҳост. Дар ин маврид калимаҳои mother-модар, father-падар, dog - саг, laptop - ноутбук, Skoda-Скода аз рӯйи забонбозӣ дар як гурӯҳ ҷамъ карда шудаанд, зеро нисбати якдигар хешу таборӣ доранд.

Student 1: *There is always a skeleton in the wardrobe.*

Student 2: *Skeletons may be very different: funny, weird, nice, and scary.*

Донишҷӯи 1: *Дар ҷевон ҳамеша устухон ҳаст.*

Донишҷӯи 2: устухонҳо ҳархел мешаванд – хушҳол, ҷолиб ва тарсончак.

Тавассути истифодаи якчанд сифат идиомаи устувор (устухон дар ҷевон) ба таври устокорона истифода бурда мешавад.

Инчунин намуди дигари муносибати маъноӣ байни ҷузъиёт низ истифода мешавад, яъне истеъмоли калимаҳое, ки ҳолатро инъикос мекунанд, аммо ба он аз тарафи гуногун муносибат карда мешавад. Чунончи:

Student 1: Every activity means that there is a passivity behind it.

Донишҷӯ: Ҳар як фаъолнокӣ пассивиятро дорад. Дар ин ҷо санъати муқобилгузорӣ истифода шудааст.

Student 1: I am in a constant search of inspiration. I have already found bookspiration, catspiration, travelspiration.

Донишҷӯ: Ман ҳамеша дар ҷустуҷӯи болидарӯҳӣ ҳастам. Ман аллакай руҳбаландиро дар китоб, дар гурбаҳо, дар сайёҳат дарёфтам. Дар ин бозии забонӣ якчанд вожаҳо (гурба, сайёҳат, китоб) бо як аломат "руҳбаландкунанда" мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дигар намуди муносибати семантикӣ дар бозии забонӣ ин мувофиқати ду алоқаи семантикӣ яъне антонимӣ ва гипонимӣ мебошад. Чунончи:

Student 1: I'm dog-tired today.

Донишҷӯи 1: Ман чун саг хаста шудам.

Student 2: Yesterday you were really cat-tired, relaxed and tranquil.

Донишҷӯи 2: Дирӯз ту чун гурба хаста будӣ. Фориғбол ва ором. Ибораи устувори dog-tired дар забонбозӣ муқобили ибораи дигари устувор яъне cat-tired истифода шудааст. Дар инҷо cat ва dog ҳамчун антоним истифода шудаанд.

Метавон хулоса кард, ки дар бозии забонӣ маводи муқаррарии забон дар воҳидҳои алоҳида истифода гардида, дар ҳар маврид маънои

нав пайдо мекунад. Ҳангоми офаридани калима ё ибораи нав унсурҳои забонӣ ба кор бурда мешаванд. Бо ибораи дигар шахс бо истифода аз имкониятҳои гуногуни лексикиву семантикӣ (якҷоя кардани ҳиссаҳои нутқ бо назардошти шабоҳаташон) ва мавзуъ (мувофиқи мазмун гурӯҳбандӣ кардан) дар нутқи худ образҳои тоза эҷод мекунад. Дар аксари мавридҳо ин гуна истифода таасуроти хандаовар ба вуҷуд меоранд. Асосан, шахс шаклҳои маъмули забонро, яъне меъёрҳои муқарраршударо, интихоб намуда, дар рафти бозӣ аз истифодаи онҳо канор гирифта, ба азнавсозии воҳидҳои нави забонӣ рӯ меорад. Дар инҷо дарки аломати забон, яъне сарҳади муайяншудаи муқаррарии забони мавриди омӯзиш қарор дошта муҳим мебошад.

Гузориши маводи забони хориҷӣ дар ҷузъиёти алоҳида то дараҷаи зиёд дарки аниқро дар раванди омӯзиши забон нишон медиҳад. Ин нуқтаи назар ақидаи муҳаққиқ Н.И. Жинкинро собит мекунад. Ба гуфтаи ӯ «барои дарки нутқ онро бояд дар шакли кулли том, яъне яклухт, қабул кард, вале барои фаҳмидан ин ҷузъи томро ба ҷузъиёти алоҳида ҷудо кардан лозим аст» [6, с. 19]. Далели имкони ҷудо кардани гурӯҳҳои мухталифи лексикӣ-семантикӣ ва мавзуӣ дар унсурҳои бозии забонӣ имкон медиҳад, ки раванди сохтани аломатҳои забонӣ дар шароити дузабонии сунъӣ воқеӣ дониста шавад. Н.И. Жинкин қайд мекунад, ки: «омӯзиши забон ҳамчун раванди худомӯзӣ сурат мегирад» [74, с. 59]. Вале ӯ муайян намекунад, ки кадом забон - хориҷӣ ё забони модарӣ омӯхта мешавад. Чунин менамояд, ки ин омӯзиш тавассути интихоби намунаҳои лексикиву семантикӣ, ки дар муносибатҳои гуногуни маъноӣ (антонимӣ, гипонимӣ, номувофиқӣ, гузариш) зоҳир мешаванд, ба амал меояд. Шахс дар вақти гап задан намунаҳои мухталифи воҳидҳои забониро дар зеҳнаш ғун мекунад.

Бешубҳа бозии забонӣ дар худ мувозинати доимӣ ва муваққатии вижагии забонро ифода менамояд. Дар ин маврид муҳаққиқ Б.М. Гаспаров таъкид мекунад, ки: «унсурҳои муваққатии сохтори забон ба гӯянда имкон медиҳанд ба муҳити забонӣ шомил шавад ва хусусиятҳои забонро эҳсос кунанд, дар ҳоле ки унсурҳои доимии забон ба азхудкунии он комилан мусоидат мекунанд» [54, с. 38].

Унсурҳои доимӣ ва муваққатии забон асоси таркиби луғавии онро ташкил намуда, дар зеҳни гӯянда ҷой мегиранд. Ин ба омӯзиши забони хориҷӣ мувофиқат карда, барои ба муҳити билингвизм ворид шудан мусоидат менамояд.

Дар хулоса инро қайд карданием, ки бозии забонӣ ин на танҳо кӯшиши эҷоди лингвистӣ мебошад, балки ин хоҳиши моҳирона истифода бурдани ҷузъиёти семантикӣ-лексикӣ ва мавзуӣ мебошад, ки ин хеле боадолатона аст. Зеро шахси дузабонаи сунъӣ доимо аз пайи омӯзиши унсурҳои нави забонӣ мебошад. Албатта, муҳим нест, ки забони мавриди омӯзиш қарордошта тибқи қонуният забони душвор аст. Гап дар сари он аст, ки чунин сабки интихоби намунаҳои гуногуни воҳидҳои лексикиву маъноӣ барои сохтани симоҳои нав кумак мекунанд ва нозукиҳои забонро ҳам барои забономӯз ва ҳам барои ҳамсӯҳбат равшан менамояд. Истифодаи бозиҳои гуногуни забонӣ таъсири нафосати забонӣ ва ҳазлу шӯхиро доро мебошанд.

Омӯзиши грамматикаи забони англисӣ равандест, ки аз омӯзгор сабр, маҳорат, малака ва салоҳиятмандии касбиро тақозо менамояд. Ӯ бояд эҷодкорона ин ҷанбаи мураккаби забониро ба донишҷӯён омӯзонад. Омӯзгор на танҳо дар раванди омӯзиш донишҷӯёнро бояд ҳавасманд намуда, қоидаву сохторҳои грамматикии забонро омӯзад, балки дар раванди омӯзиш як фазои эҷодӣ низ ташкил намояд. Мусаллам аст, ки: «таълими грамматика барои донишандӯзон

душвориҳои бисёреро ба миён меорад. Чунончи пас аз такроркунии зиёд ва машғулияти зиёд донишҷӯён бо мавзуъҳои мураккаби грамматикӣ дучор меоянд ва ин, албатта ба хастагию дилгирӣ меорад. Омӯзгорро лозим меояд ба таври иловагӣ мавзуъҳои грамматикиро шарҳ диҳад. Новобаста аз он ки барои омӯзиши замонҳои феъл ва артиклҳо вақти зиёди таълимӣ сарф мешавад, бо вуҷуди он ин кифоя нест. Чунин менамояд, ки на аз ҷониби омӯзгор ва на аз ҷониби донишандӯз ба омӯзиши мавзуъҳои грамматикӣ диққати лозима дода намешавад. Ҳар қадар таҷрибаи амалӣ дар омӯзиши сохторҳои грамматикӣ анҷом дода шавад ҳам, забономӯзон ҳанӯз ҳам дар истифодаи дурусти қоидаҳои грамматикӣ хато мекунанд» [153, с. 28].

Ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки омӯзиши грамматикаи забони англисӣ масъалаи хеле мушкил аст, чунки нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, малакаи муошират устувор бе аз худ кардану дуруст истифода бурдани воҳидҳои грамматикӣ ташаккул намеёбад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки гузаронидани дарсҳои забони хориҷӣ ҳамчун гузаронидани санҷишҳои ҷадвалӣ дар омӯзиши грамматикаи забони англисӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳо мушкилиҳои зиёде эҷод менамояд. Онҳо бештар дар омӯзиши грамматика нисбат ба омӯзиши лексика ва гӯшкунӣ (аудированӣ) зиёдтар ба ғалат роҳ медиҳанд. Ин аз он хотир аст, ки омӯзиши грамматика тамрини зиёд, ташаккули доимии малакаи грамматикиро тақозо менамояд. Ин ҷо, албатта, бо санҷишҳои дар марҳилаҳои таълимӣ гузаронида бояд хатоиҳои донишҷӯёнро дар омӯзиши грамматика муайян карда, минбаъд дар дарсҳои дигар барои ислоҳи онҳо кӯшиш намудан лозим аст.

Ин ҷо масъала пеш меояд, яъне чӣ тавр аз паси ислоҳи хатоиҳо шуд. Зеро такрори зиёди сохторҳои грамматикӣ як машғулияти

дилгиркунанда аст. Аз ин ҷо омӯзгорро лозим меояд, ки дар ин кори душвор донишҷӯёнро шавқманд намояд ва омӯзишро ҷолиб гардонад.

Яке аз усулҳои муассири омӯзиши грамматика истифодаи технологияҳои интерактивӣ мебошад, ки имрӯз дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ ба таври васеъ татбиқ мегарданд. Масалан, методи омӯзишии ҳамкорӣ (Cooperative Learning) на танҳо барои азхудкунии нутқи шифоҳӣ, балки барои омӯзиши сохторҳои грамматикӣ низ истифода мешавад.

«Технологияҳои навини омӯзиш ба бедор кардани ангезаи донишҷӯён ва завқовар кардани ҷараёни омӯзиш нигаронида шудаанд. Забономӯзон дар ин раванд барои комёб гардидан талош мекунанд. Яке аз самтҳои ангезиш ин татбиқи фаъоли фаъолияти мақсаднок дар таълим ба шумор меравад. Мақсади омӯзиш ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сабабҳои комёбӣ ва нокомии донишҷӯёнро ошкор намуда, нисбати ҳар як донишҷӯ муносибати махсус намояд» [308, с. 19]. Пӯшида нест, ки на ҳар омӯзгор қодир аст маводи грамматикиро шавқовар шарҳ диҳад ва фаҳмонад. Зеро худи омӯзиши маводи грамматикӣ раванди дилгиркунанда аст ва ин ҷо маҳорат, малака ва салоҳияти касбии омӯзгор омили самарабахш ба шумор мераванд. Ӯ бояд аз таълими анъанавии сохторҳои грамматикӣ даст кашида, бештар ба истифодаи машқҳои эҷодӣ рӯ оварда, азхудкунии маводро осон гардонад. Ин, албатта, ҳавасмандии донишҷӯёнро дар омӯзиши грамматика бештар менамояд.

Амалия нишон медиҳад, ки донишҷӯён ба корҳои эҷодӣ бештар шавқ доранд. Иштирок дар бозиҳои дидактикӣ, мусобиқа, кӯшиши нишон додани қобилияти худ ба онҳо дар ба таври осон аз худ кардани маводи нав ёрӣ мерасонад, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ мекунад.

Таълими забони англисӣ дар донишгоҳҳо нишон медиҳад, ки яке аз мавзуъҳои мушкил барои омӯзиши забони англисӣ замонҳои феъл мебошад. Воқеан мавзуъи замонҳои феъли забони англисӣ одӣ набуда, дар як вақт муҳим буда, зимни омӯзиши онҳо саволҳои зиёд пайдо мешаванд. Гарчанде ба қадри кофӣ донишҷӯён такрор менамоянд, машқҳоро иҷро мекунанд ҳамчунин, назарияи мавзуъро меомӯзанд, боз ба хатоӣ роҳ медиҳанд. Аз ин ҷост, ки истифодаи машқҳои хусусияти эҷодӣ дошта ин равандро барои донишҷӯён осон намуда, омӯзишро шавқовар менамояд.

Дар идомаи кор намунаҳои супоришҳои грамматикии хусусияти эҷодидоштаро меорем, ки барои осон ва шавқовар намудани омӯзиш мусоидат менамоянд.

1) Супориши эҷодӣ ба мустаҳкамкунии The present perfect continuous:

Read the following story and write a similar one based on the example. Use only the Present Perfect Continuous tense in your story.

Ҳикояи мазкурро хонед ва муродифи онро тартиб диҳед. Танҳо замони The present perfect continuous-ро истифода намоед.

Omina has been actively using the social networking site VKontakte, or vk.com, since 2007. She has been looking for her classmates and updating her profile information since she joined the platform. For the past three years, she has been uploading her favorite photos. She has been enjoying computer games for two years. Since 2010, Omina has been writing poems and sharing them with her friends. She has been receiving feedback from her friends since she posted her first poem.

Омина шабакаи иҷтимоии “в.контакт” ё “vk.com”-ро аз соли 2007 истифода мебарад. Аз санаи бақайдгирӣ дар ин сайт ӯ ҳамсинфонашро меҷӯяд ва дар саҳифаи худаш иттилоотро нав менамояд. Се сол боз аксҳои беҳтарини худро пахш мекунад. Ду сол боз ба бозиҳои компютерӣ

машғул аст. Аз соли 2010 Омина шеър эҷод мекунад ва онҳоро ба дӯстонаш равон менамояд. Ӯ шарҳи дӯстонашро аз рӯзи пахши шеъри аввалинаш мунтазам мегирад.

2) Машқи монанд ба пештара, аммо барои мустаҳкамкунии замони гузаштаи давомдор (The Past Continuous):

Provide a detailed description of what you or your family members were doing throughout last Sunday, following the provided example. Use the Past Continuous Tense.

Бо истифода аз замони гузаштаи давомдори феъл фарз кунед, ки шумо ё хонаводаи шумо якшанбеи гузашта тамоми рӯз чӣ кор мекардед.

In the morning at nine o'clock I was having breakfast with my family. From eleven o'clock till twelve o'clock we were walking in the park, admiring nature and breathing fresh air. At one o'clock in the afternoon I was cooking dinner [107, c. 96-97].

Дар соати нӯҳи саҳар ман бо аҳли хонавода субҳона хӯрдам. Аз соати ёздаҳ то дувоздаҳ дар боғ сайру гашт намудем, аз табиат ҳаловат бурдем ва аз ҳавои тоза нафас кашидем. Дар соати як ман хӯроки нисфирӯзӣ омода намудам.

3) Барои мустаҳкамкунии (The Past Perfect) чунин машқи эҷодӣ пешниҳод мегардад:

Identify a successful business person based on the following sentences written in the Past Perfect, which describe the person's biography. Using the Past Perfect, create your own sentences about the biography of another successful business person, following the provided pattern.

Ашхоси комёбро номбар кунед, тарҷумаи ҳоли онҳоро мухтасар баён намоед. Замони The Past Perfect-ро истифода намоед. Ҳамзамон ин замонро истифода намуда, тарҷумаи ҳоли шахси дигари маъруфро баён созед:

1. He had spent most of his childhood in Marceline, Missouri before his family moved to Kansas City.

2. He had studied at McKinley High School in Chicago and taken drawing and photography classes before he finished school and tried to join the army.

3. After the army had rejected him for being underage he joined the Red Cross and was sent to France for a year to drive an ambulance.

4. When he returned from France he found a job, which became the first step on his career path.

5. He had worked for the Kansas City Film Ad Company before he made a deal with a local Kansas City theatre to screen cartoons.

6. He and his brother Roy founded an animation studio after they had come to Hollywood.

7. They received an Oscar after their first full-length animated film "Snow White and the Seven Dwarfs" had been a great success [17, с. 111-112].

1. Ӯ қисмати бештари кӯдакии худро дар Марселина, штати Миссурӣ то кӯчидани хонаводаашон ба Канзас Ситӣ гузаронидааст.

2. Ӯ дар мактаби миёнаи Маккинли дар Чикаго таҳсил карда, дарсҳои иловагии расмкашӣ ва наққошӣ мегирифт. Чун мактабро хатм намуд, кӯшиш кард дар артиш хизмат кунад.

3. Пас аз он, ки ӯро бо сабаби ноболиғ будан ба сафи артиш қабул накарданд, ӯ ба ҷамъияти Ҳилоли аҳмар шомил шуд.Ӯ ба Фаронса рафта, ҳамчун ронандаи мошини тиббӣ кор кард.

4. Пас аз бозгашт аз Фаронса вай кореро ёфт, ки барои мансаби ояндаи ӯ роҳ кушод.

5. Вай дар ширкати «Канзас Ситӣ Филм Эд» то шартнома бастан бо театри Канзас Сити барои пахш кардани филмҳои тасвирӣ кор кард.

6. Ӯ бо ҳамроҳии бародараш Рой дар Ҳоливуд студияи филмҳои тасвириро кушоданд.

7. Онҳо пас аз навори филми тасвирии «Барфак ва ҳафт пакана» ба ҷоизаи «Оскар» мушарраф гаштанд.

IV) *Complete the following story using only the Past Simple.*

Дар бахши мустаҳкамкунии мавзуи The Past Simple ҳикояи зерро истифода бурдан мумкин аст. Омӯзгор ба донишандӯзон ҳикояро нақл менамояд, онҳо ҳикояро давом дода, фақат замони The Past Simple-ро истифода намоянд. Яке аз шарти супориш дар он аст, ки ҳар як донишҷӯ дар ҳикоя на кам аз панҷ ҷумла истифода намояд.

Once upon a time there lived a lucky man. He was lucky in everything, and often won in the lottery. He always appeared in the right place at the right time. He thought that his run of luck would last forever.

Буд набуд як одами хушбхт буд. Доимо кораш барор меёфт, доимо лотореяаш бурд мекард. Ӯ ҳама вақт дар ҷойи даркорӣ дар вақти даркорӣ пайдо мешуд. Андеша мекард, ки кораш ҳамеша барор меёбад.

V) Машқи навбатии эҷодӣ ин намуди бозии нақшофарист. Мақсади ин усул тамрин ва мустаҳкам кардани замони гузаштаи одии феъл - The Past Simple мебошад.

Work in pairs. Interview some famous person (a writer, a politician, a singer, an artist, a fashion designer, etc) and ask him/her how he/she achieved success. Use only the Past Simple during the interview [297, с. 95].

Ба донишҷӯён супориш дода мешавад, ки аз шахсони маъруф (сиёсатмадор, ҳофиз, рассом, нависанда ва ғайра) мусоҳиба гиранд. Онҳо пурсон шаванд, ки ӯ чӣ тавр комёбгашт ааст. Танҳо дар вақти мусоҳиба бояд замони The Past Simple-ро истифода намоянд.

Дар вақти бозиҳои нақшофарӣ муошрати ташкилдодашуда вобаста ба нақшҳо ва сужаҳои бозӣ ҳамчун асос гузошта мешавад. «Бозиҳои нақшофариро барои ҳалли вазифаҳои муштараки маводи нав, ҳамчунин, мустаҳкамкунӣ ва рушди қобилияти эҷодӣ истифода намудаи мумкин аст» [114, с. 58-59].

Умуман, истифодаи машқҳои эҷодӣ дар дарсҳои забони англисӣ дар донишгоҳ ба самаранок азхудкунии мавзуъ ва бедор намудани шавқмандии донишҷӯён мусоидат менамоянд. Истифодаи чунин машқҳо таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба забономӯзӣ бештар намуда, қобилияти эҷодии онҳоро афзоиш медиҳанд. Вижагии фаъолияти эҷодӣ дар ҷараёни таълими грамматика дар ҳамкории донишҷӯ бо омӯзгор вобаста буда, муҳайё намудани муҳити созгорро дар ҷараёни омӯзиш тақозо менамояд.

4.2. Махсусиятҳои омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ

Талаботи нави бозори меҳнат нисбат ба мутахассисони замонавӣ зарурати рушди низоми маорифро ба миён меорад, зеро пешрафти технологияҳои муосир вазифаҳои нави бунёдиро дар назди соҳаи маориф мегузорад. Дар ин замина зарурати тағдиди назар ва ташкили муносибати муҳими стратегӣ ба раванди таълим пеш меояд. Яке аз сифатҳои зарурии мутахассиси имрӯза мутобиқшавӣ, яъне ба вазъияти ивазшавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқ шуда, соҳаҳои нави илм, техника ва истеҳсолотро аз худ карда, ба раванди ташаккулёбии технологияи иноватсионӣ ҳамқадам шудан мебошад. Аз тарафи дигар, ҷаҳонишавӣ ва инкишофи технологияи иттилоотӣ дар назди мутахассиси имрӯза зарурати омӯзиши забони хориҷиро пеш мегузорад. Донистани забони хориҷӣ барои мутахассиси имрӯза талаботи қатъии бозори меҳнат мебошад ва имконияти ҳатто донистани забони хориҷиро дар дараҷаи маҳдуд тақозо менамояд.

Ин ду равия дар пеши муассисаи таълимӣ вазифа пеш мегузоранд, ки барои мутахассиси имрӯза дар баробари аз худ кардани дониш, маҳорат ва малака омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар сатҳи лозима зарур аст, то ба талаботи рақобатпазири бозори меҳнат ҷавобгӯ бошад. Яъне, агар бо ибораи дигар гӯем, мақсади асосии маориф ин инкишофи

шахсиятест, ки барои худинкишофдиҳии худ омода бошад ва ин яке аз масъалаи муҳими салоҳиятмандии таълимию маърифатии мутахассиси оянда маҳсуб меёбад.

Салоҳиятмандии таълимию маърифатӣ асосан дар соҳаи фанҳои таълимӣ, ки ба он омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ дохил мешавад, амалӣ мегардад.

Бояд зикр намуд, ки дар муҳити донишгоҳҳои ғайризабонӣ таълими забони хориҷӣ дар сатҳи зарурии омӯзиш ғайриимкон аст, чунки дар ин донишгоҳҳо забони англисӣ тахасусӣ нест. Аммо бояд зикр намоем, ки: «донистани забони хориҷӣ барои мутахассисон шарти асосии рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат, дар замони муосир ба шумор меравад. Зеро барои азхудкунии технологияи нав забонҳои хориҷӣ омили ҳалкунанда ба шумор мераванд. Аз ин хотир вазифаи асосии донишгоҳҳои ғайризабонӣ ин баланд бардоштани инкишофи салоҳиятмандии таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар самти омӯзиши забони хориҷӣ дониста мешавад» [174, с. 68].

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмии ба муносибати босалоҳият бахшидашуда мо чанд махсусияти салоҳиятмандиро, ки дар асоси онҳо дараҷа ва намуди касб, мавҷудияти дониш, маҳорат, малака барои иҷрои кори аниқ заруранд, муайян намудем.

Омодагӣ ба фаъолият ва характери шахсӣ, арзёбӣ яке аз сифатҳои сохтори салоҳиятмандии мафҳуми салоҳият маърифат мебошад.

Муҳаққиқ В.В.Рогачёва масъалаи равона намудани шахсиятро ба фаъолият муҳим шуморида, қайд мекунад, ки: «Масъалаи “равона намудан” ин омодагии ҳолати шахс ба фаъолияте, ки дар худ салоҳияти объективӣ ва субъективиро фаро мегирад, ба ҳисоб меравад. Ҷузъиёти объективӣ ин фаъолияти худи шахс маҳсуб ёфта, ҷузъиёти субъективӣ ин муносибати шахс ба фаъолият ба шумор меравад. Ҳолати равона

намудан ин иҷрои фаъолияти зарурист, ки қаноатмандиро дар талабот дар рафти иҷрои фаъолият таъмин менамояд» [201, с. 10].

Муҳаққиқ Н.А. Насташук: «салоҳияти таълимӣ-маърифатиро ҳамчун қодир будан барои азхудкунии донишҳои нав дар ҳалли масъалаҳои фаъолияти касбӣ дар такя ба илмҳои зарурӣ» медонад [201, с. 11].

Бо ба инобат гирифтани адабиёти илмӣ ва таҷрибаи педагогии худ мо ташаккули салоҳияти таълимӣ-маърифатиро дар донишҷӯён дар азхудкунии усулҳо, маҳорату малака дар фаъолияти таълимию тадқиқотии худ ва омода будан ба истифодаи ин салоҳиятмандӣ дар фаъолияти касбӣ, ҳамчун инкишофи он меҳисобем.

Вобаста ба махсусияти соҳа салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ ҳамчун ҷузъиёти салоҳиятмандӣ фарқ мекунад. Чунончи, салоҳияти таълимӣ-маърифатии забони хориҷӣ аз салоҳияти таълимӣ-маърифатии риёзӣ ё фалсафӣ фарқ мекунад. Ин фарқият метавонад ҳам сифатӣ ва ҳам шуморавӣ бошад ва ба ҳисоб гирифтани ин фарқият дар фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ шарти ҳалкунанда ва омили муҳим ба шумор меравад.

Аз ин хотир, барои фаъолияти бомуваффақияти таълимӣ-маърифатӣ методҳои гуногуни салоҳиятмандӣ зарур аст.

Салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ дар соҳаи забони хориҷӣ ба фаъолияти он вобаста буда, мо онро салоҳияти методӣ меҳисобем.

Аз ин хотир мо таҳқиқоти худро гузаронидем, ки мақсади асосии он муайянкунии инкишофи салоҳияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар донишгоҳи ғайризабонӣ мебошад.

Таҳқиқот дар факултетҳои Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд. Дар таҳқиқот 127 донишҷӯи курсҳои 1- 4 ҷалб карда шуданд. Бо кумаки суолпурсӣ ташхиси салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ ва

коммуникативии донишҷӯён дар соҳаи забонҳои хориҷӣ гузаронида шуд. Ҳамчунин, таҳқиқоти мо ба муносибати донишҷӯён ба вақти таълимӣ ва берун аз он ба фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён нисбати омӯзиши забонҳои хориҷӣ равона гардид. Маълумоти ба даст омада таҳти таҳлили мо қарор гирифтаанд.

Таҳқиқ нишон дод, ки алоқа дар байни донишҷӯён бо дараҷаи гуногуни дар омӯзиши забони хориҷӣ ҷой дорад. Муайян карда шуд, шавқу рағбат ба касб 4, 19%, шавқу рағбат ба таълим ва хоҳиш ба муваффақият 4, 07-ро нишон дод.

Донишҷӯёне, ки салоҳиятмандии пастро дар коммуникатсия бо забони хориҷӣ нишон доданд, майлу хоҳиш ҳамагӣ 0,11 ва муносибат ба кори мустақилона 0, 09 буда, бо кори мустақилона камтар майл доранд. Донишҷӯёни салоҳиятмандии коммуникативии дараҷаи паст дошта забони хориҷиро зарурӣ ҳисоб накунанд ҳам, омӯзиши онро ҳамчун ҷузъи таълим инкор намекунанд.

Донишҷӯёне, ки дорои салоҳмятмандии баланди коммуникативии забони хориҷианд, аксар вақт бо саъю кӯшиши мустақилона ба ин муваффақият расидаанд. Дар натиҷаи таснифи илмии таҳқиқот ба хулосае омадан имконпазир аст, ки шароити психологӣ-педагогӣ ва ташкилӣ-педагогӣ асоси таҳкурсии ташаккул ва инкишофи салоҳияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар омӯзиши забони хориҷӣ мебошад, чунончи:

- ҳар як фаъолияти муфид аз тарафи субъект бо мақсади муайян гузошта шавад;
- шароити муфиди фаъолият бо мавҷудияти имкониятҳои ҷисмонӣ, техникӣ, моддӣ, қобилият, дониш, маҳорату малака вобаста аст;
- барои ба муваффақият расидан дар омӯзиши забони хориҷӣ бояд он дар рафти таълим ҳамчун фанни зарурӣ шуморида шавад.

Натиҷаи умумии таҳқиқоти худро оид ба шароити педагогӣ дар ҷадвали 1 меорем:

Ҷадвали 1

Таъсири шароити муҳими педагогӣ ба рушди салоҳиятҳои коммуникативии забони хориҷӣ ва таълимию маърифатӣ

ба ҳадаф нигаронидашуда ("Ман мехоҳам")	психологӣ ва методологӣ ("Ман метавонам")		фаъолиятӣ-ташкилотӣ ("Ман мекунам")		натиҷа	
Ҳавасмандкунӣ	қобилиятҳо	методҳо	Назорат	кори мустақилона	СКЗХ	СТМ
+	+	+	+	+	+	1
			–	+	+	1
				-	-*	2
		–	+	+	+	1-2
				-	-	2-3
			–	+	+**	1-2-3
				-	-	3
	–	+	+	+	+	1-2
				-	-	2
			–	+	+**	1-2
				-	-	2-3
		–	+	+	+	2
				-	-	3
			–	+	-	2-3
				-	-	3
–	+	+	+	+	+***	1-2
				-	-*	2
			–	+	+	2
				-	-*	2-3
		–	+	+	+?	2
				-	-*	2-3

			-	+**	+	2-3
				-	-	3
		+	+	+	+***	1-2
				-	-	2-3
			-	-	-	3
	–	–	+	+	-	2-3
				-	-	3
			-	-	-	3
Ташаккули СТМ	1 – ташаккули СТМ, афзоиши ҳавасмандӣ, хоҳиши худомӯзии минбаъда; 2 – ташаккули СТМ то ба дараҷае, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои кӯтоҳмуддат зарур аст, қаноатмандӣ аз он чизе, ки ба даст оварда шудааст ва коҳиши эҳтимолии ҳавасмандӣ ва таваҷҷӯҳи маърифатӣ; 3 – мавҷуд набудани ташаккули СТМ, ноумедӣ аз фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ дар ин фан, коҳиши ҳавасмандӣ;					
Эзоҳ	* дар шароити раванди таълим дар донишгоҳ, дар ин ҳолат, СКЗХ дар сатҳи асосӣ боқӣ мемонад ва эҳтимолияти ками пешрафт вуҷуд дорад; ** пешравӣ бо малакаҳои ташаккулёфтаи худдорӣ имконпазир аст; *** пешравӣ дар инкишофи СКЗХ бо инкишофи ҳамзамони ҳавасмандӣ имконпазир аст;					

Чи хеле ки аз натиҷаи ҷадвал бармеояд, муфидии кори мустақилона дар омӯзиши забони хориҷӣ хеле равшан аст. Ин чунин маъно дорад, ки донишандӯз маҳорату малака ва дониши азбаркарда, салоҳиятҳои ташаккулёфтаи худро истифода бурда, забони хориҷӣ меомӯзад. Муҳим он аст, ки донишҷӯён бо аз худ кардани забони хориҷӣ на танҳо барои вазифаҳои дар пешашон буда, ба монанди супоридани

имтиҳон, санҷиш, маҳдуд нашуда, омӯзиши худро барои мақсадҳои аниқ идома медиҳанд.

Аз ин хотир, хулоса кардан мумкин аст кори мустақилона дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ яке аз роҳҳои самарабахш маҳсуб меёбад ва донишҷӯёнро барои мустақилона инкишоф додани дониш, маҳорат ва малака дар омӯзиши забони хориҷӣ, ки яке аз корҳои муҳими таълимӣ-маърифатӣ ба шумор меравад, равона менамояд.

Муносибатҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ солҳои охир зарурати омӯзиши забонҳои хориҷиро барои ҳамаи мутахассисони соҳаҳои гуногун ҳатмӣ намудааст. Дар радифи талаботи стандарти маориф ва барномаи таълимӣ яке аз салоҳиятҳои муҳим, ки донишҷӯён дар омӯзиши “Забонҳои хориҷӣ” дар донишгоҳ азхуд мекунад, салоҳияти коммуникативӣ маҳсуб меёбад. Яъне қодир будан ба истифодаи забони хориҷӣ дар ҳалли вазифаҳои байнифарҳангӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ зарурати омӯзиши забонҳои хориҷиро дучанд афзоиш медиҳад ва омӯзгорони забони хориҷӣ бояд ҳамеша ёдрас намоянд, ки барои ба даст овардану ташаккул додани дониш, малакаву маҳорати зарурӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ як қатор мушкилиҳо пеш меоянд. Проблемаи якум ин майлу хоҳиш мебошад. Аксар вақт дар вақти таълим донишҷӯён азбаски ба омӯзиши касби худ машғуланд, омӯзиши забони хориҷиро дуюмдараҷа мешуморанд. Забони хориҷӣ муҳим шуморида намешавад ва аз ин хотир майлу хоҳиш дар масъалаи омӯзиши забони хориҷӣ камтар мушоҳида мегардад. Дуюм мушкилӣ ин нобаробарӣ дар омодагии донишҷӯён мебошад. Донишҷӯёне, ки ба донишгоҳ дохил мешаванд, дар самти доштани дониш, маҳорат ва малака дар забони хориҷӣ гуногунанд ва ин мушкилии зиёде пеши омӯзгорон ва донишгоҳ мегузорад. Ҳатто вобаста ба дараҷаи дониши донишҷӯён ба гурӯҳ,

зергурӯҳ ҷудо кардани донишҷӯён натиҷаи хуб ба даст намеояд. Ин пеш аз ҳама барои омӯзгор дар интихоби маводи таълимӣ мушкилӣ эҷод менамояд ва ҳар дафъа барои қаноатманд намудани донишҷӯён ӯ бояд маводи таълимиро дуруст интихоб намояд. Мушкилии дигар дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ маҳдуд будани маводи таълимӣ мебошад. Омӯзиш имкон намедиҳад, ки маводи лексикии заруриро донишҷӯ азхуд намояд ва нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, дониш ва малакаи коммуникативиро азхуд намояд.

Дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеа моро водор месозад вазифаҳои навро дар пеши маориф гузорем. Аз ҷумла донишгоҳҳо бояд раванди таълимиро чунон ба роҳ монанд, ки мутахассиси ба талаботи замон ҷавобгӯ тайёр карда шавад. Ин мутахассисон қодир бошанд ҳам масъалаҳои истеҳсолиро ҳал намоянд ва ҳам дар муносибати байнифарҳангӣ фаъолият кунанд.

Он дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти имрӯзи ҷомеа ба миён омадаанд, моро водор месозанд, ки мутахассисонро дар ҳама самт омода созем. Омӯзиши забони хориҷӣ дар ин самт яке аз масъалаи мубрам ба шумор меравад. Дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи тоҷик дар пеши маорифи ҷумҳурӣ масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷиро ҳамчун масъалаи мубрам ба миён гузоштааст. Густариши робитаҳои фарҳангӣ байни кишварҳо барои ҳамкорӣ бо намояндагони дигар шарти омӯзиши забони хориҷиро пеш мегузорад. Айни замон ҳар як хонанда имкон дорад, ки берун аз кишвар таҳсил кунад ва албатта, ин зарурати омӯхтани забони хориҷиро ба миён меорад.

Чи хеле ки мушоҳида ва таҷрибаи мо нишон дод, дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба ташаккули маҳорат ва малакаи муошират касбӣ равона гардидааст. Таваҷҷуҳи бештар ба хониш ва тарҷумаи матнҳои касбӣ равона гардида,

бо шиносоӣ ба фарҳангӣ соҳиби забон камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ин ба он меорад, ки мутахассиси оянда бо душвориҳо дар муошрати байнифарҳангӣ рӯ ба рӯ мегардад. Донишгоҳҳои ғайризабонӣ бо сабабҳо ва душвориҳои маъмул вазифаҳои дар пеши онҳо дар омодасозии мутахассисони донандаи забони хориҷӣ гузошташударо иҷро карда наметавонад. Ба андешаи мо, «асосан мушкилиҳо инҳоянд:

- ба инобат гирифтани дараҷаи дарс дар омӯзиши забони хориҷӣ;
- кофӣ набудани маводи таълимии ҷавобгӯй ба талаботи таълим;
- истифода набурдан аз воситаҳои аудиоӣ ва визуалӣ ва технологияи мултимедӣ, ки имкон медиҳанд раванди таълимро дуруст ба роҳ монем. Яъне раванди омӯзиш ҳам дар дарс ва ҳам дар кори мустақилона дуруст ва самарабахш ба роҳ монда шавад;
- ғайрихоҳиш будани омӯзиши забони хориҷӣ» [170, с. 18].
- Аксар вақт омӯзиш дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ такрори барномаҳои мактабӣ буда, барои донишҷӯён имкониятҳои инкишоф ва ташаккули шахсро дар омӯзиши забони хориҷӣ муайян намесозад. Он дониши дар вақти раванди таълим дар назар дошта шуда, талаботҳои ояндаро қонеъ намесозад. Аксар вақт хатмкунандагони донишгоҳҳои ғайризабонӣ дар тарҷумаи матнҳо, дар муошират ба мисли муколама ва дар навиштани мактубҳои расмӣ ба душвориҳо дучор мешаванд.

Таҷрибаи шахсии мо дар омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои забонӣ низ якчанд мушкилиҳоро нишон дод. Гарчанде ки раванди таълим бо техникаи аудиоӣ-видеоӣ таъмин аст, маводи таълимӣ бо забони модарӣ ба таври кофӣ нест. Аксаран маводҳо бо забони русӣ

баррасӣ мегарданд, ки ин омӯзиши забони англисиро душвортар менамояд. Донишҳои илмӣ низ дастрас нестанд ва донишҷӯён аз навигариҳои илмӣ бохабар нестанд. Истифодаи компютер дар раванди таълим хуб ба роҳ монда нашудааст. Корҳои мустақилона низ хуб ба роҳ монда нашуда, бо иҷрои хониши ғайридарсӣ маҳдуд мешавад. Яъне имконияти васеи корҳои мустақилона ва манфиати он ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Вазъияти молиявӣ имкон намедиҳад, ки омӯзгорони фанҳои забонҳои хориҷӣ на танҳо ба хориҷи кишавар, балки дар донишгоҳҳои пешқадами мамлакат таҷриба омӯзанд.

Дар асоси мушкилиҳои мавҷуда зарурати коркарди роҳҳо, усулҳо ва методи таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ба миён омадааст.

Мо бояд нақши забони хориҷиро ҳамчун омили воқеии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва прогрессӣ умумифарҳангӣ эътироф намоем. Аз ин хотир омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ дигаргуниҳоро тақозо менамояд.

Яке аз роҳҳои муаяйн кардани мазмуни омӯзиши забони хориҷӣ ин муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Якумин муносибат инкишофи ҷаҳони муосирро ба инобат гирифта, таълими забони хориҷиро ба муошрати байнифарҳангӣ ва муколамаи фарҳангӣ мутобиқ намудан аст.

Мақсади таълими забони хориҷиро чунин муайян кардан мумкин аст:

– ташаккул ва инкишофи салоҳияти забони хориҷӣ барои ҳалли кофии вазифаҳои коммуникатсионӣ-амалӣ дар омӯзиши муошрати маишӣ ва расмӣ;

– инкишофи қобилият ва сифати зарурии худинкишофдиҳии коммуникативӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ шахсияти таълимгиранда.

«Салоҳияти коммуникативии забони хориҷӣ дар худ дараҷаи муайяни дониши забонӣ, нутқӣ ва дониши иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маҳорат ва малакаро дар бар мегирад, ки донишҷӯ қодир аст рафтори нутқии худро вобаста ба вазъияти муошират таъмин намояд» [174, с. 28].

Дар тарҳи сохторӣ салоҳияти коммуникативии забони хориҷӣ чунин аст:

- лингвистӣ;
- иҷтимоӣ-лингвистӣ;
- иҷтимоӣ;
- стратегӣ;
- иҷтимоӣ-фаргҳангӣ;

Салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар таркиби салоҳияти коммуникативӣ хеле муҳим мебошад. Ин ҷузъиёт дониши матнҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро дар бар мегирад ва муошираторуриро дар муошираторуриро дар муоширати байнифарҳангӣ таъмин менамояд. Дар чунин муносибат таълими забони хориҷӣ бо азхудкунии дониши маърифатӣ сахт алоқаманд мебошад. Асоси принсипҳои муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунинанд:

а) таълими муошираторуриро дар муошираторуриро дар муколамаи фарҳангҳо;

б) такя ба дониши касбии донишҷӯ;

в) ба назар гирифтани тафаккури зеҳнии донишҷӯён дар интихоби муошират бо забони хориҷӣ.

Дар асоси барпо намудани чунин муносибат донишҷӯён ба фаъолият дар муҳити бисёрфарҳангӣ, муошираторуриро дар муошираторуриро дар дохили кишвар ва берун аз он омода мегарданд.

Курси забони хориҷӣ дар амалӣ сохтани чунин муносибат ба ташаккул ва устувор намудани маҳорати нутқи шифоҳӣ , хаттӣ, шиносоӣ бо фарҳангӣ кишваре, ки соҳиби забон аст, бояд мусоидат намояд.

Инкишофи босуръати ҷаҳони муосир барои шахсият аз нуқтаи ташаккули касб талаботҳои муҳимро пеш мегузорад. Аз мутахассисон талаб карда мешавад, ки дар замони рушди босуръати технология, илм ва истеҳсолот бо омодагии касбии худ муносибати ҷиддӣ намоянд.

«Салоҳияти касбӣ, дониш, маҳорат ва малака ва салоҳияти коммуникативӣ бо забонҳои хориҷӣ талаботҳое мебошанд, ки аз мутахассиси имрӯза тақозо карда мешавад» [176, с. 22].

Омӯзиши забони хориҷӣ низ яке аз масъалаи муҳими замони муосир гаштааст, ки ҷузъи салоҳияти касбии мутахассисро таркиб медиҳад. Аммо дар воқеъ омода кардани мутахассисони забондон дар шароити мавҷуда хеле душвор мебошад. Асосан дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо мушкилиҳои зиёд дучоранд. Асосан чунин мушкилиҳо дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ мавҷуданд:

– дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ таваҷҷуҳ ба фанҳои касбӣ равона мегардад ва забони хориҷӣ ба он дохил намешавад;

– донишҷӯёне, ки сатҳҳои гуногуни дониши забонӣ доранд, дар як гурӯҳ ҷо мегиранд ва ба фаъолияти дигарон халал мерасонанд;

– маҳдудият дар соатҳои дарсӣ барои таълими забони хориҷӣ;

– мавҷуд набудани робита байни омӯзиши забони хориҷӣ ва ҳаёти воқеӣ;

– набудани маводи таълимӣ ва барномаҳои инкишофдиҳанда дар таълими забони хориҷӣ.

Ақидаи аксари омӯзгорони забони хориҷӣ ва таҷрибаи шахсии мо нишон дод, ки шавқу рағбат, шавқмандии донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ нисбати омӯзиши забони хориҷӣ хеле паст аст.

Ба андешаи мо, сабабро дар қонеъ намудани донишҷӯён ва нақши забони хориҷиро дар фаъолияти касбии фанҳои донишҷӯён ҷустан лозим аст. Дар ин вазъият омӯзгорон бояд таълими инфиродӣ ё усулҳои беҳтар

омӯзонидани забонро ба кор бурда, ҳавасмандӣ ба забономӯзиро афзоиш диҳанд. Чунонки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд дар шавқмандии донишҷӯён сабабҳои маърифатӣ муҳим мебошад. Гарчанде фанни таълимӣ муҳим аст, донишҷӯ дар вазъияте, ки дар омӯзиши фан муваффақ намегардад, шавқмандӣ аз байн меравад. Аз ин хотир дар вақти ташкили муфиди таълимии донишҷӯён ва баланд бардоштани сифати таълим муносибати мусбати донишҷӯёнро ба омӯзиши фанни забони хориҷӣ ҷорӣ намудан лозим аст. Агар донишҷӯ ҳавасмандӣ зоҳир намояд, забонро дар сатҳи баланд аз худ мекунад.

Аз рӯйи мавқеи муносибати самарабахш фаъолияти таълимӣ-маърифатиро, пеш аз ҳама, ба самти эҷодӣ равона намудан асоси фаъолияти таълимӣ мебошад. Фаъолияти эҷодии босамар дар донишҷӯ малакаи мустақилона кор кардан, омӯхтан, дониши кофӣ гирифтанро ҳосил мекунад.

Дар асоси фаъолияти таълими бомаҳсул методологияи ин фаъолият ва субъективият муайян мегардад. Дар зери мафҳуми субъективият мо қобилияти шахсии донишҷӯро бо мустақилияти омӯзиш, худмуайянкунӣ ва худинкишофдиҳӣ мефаҳмем.

Фаъолияти махсус ҳамчун фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ комилан муносибати босалоҳиятро муайян менамояд.

Махсусияти муносибати босалоҳият шартан, яъне азхудкунии дониши тайёрро азхуд кардан набуда, балки ташкили раванди таълимӣ асосан ба самти мустақилияти донишҷӯ дар омӯзиши забони хориҷӣ равона мебошад. Натиҷаи чунин омӯзиш ин барои донишҷӯ азхудкунии таҷрибаи муайянкунии проблема, азхудкунии малака барои таҳқиқи он, тарҳрезӣ ва ҳамкорӣ ба шумор меравад.

Дар ин муносибат мавқеи омӯзгор низ пурра дигар мешавад. Вазифаи асосии омӯзгор ин баланд бардоштани шавқмандии донишҷӯ

барои нишон додани ташаббус, мустақилият мебошад. Омӯзгор бояд фаъолияти мустақилонаи донишҷӯро ташкил намояд, ки донишҷӯ бо ҳисси шавқмандӣ салоҳиятҳои заруриро дар худ ташаккул диҳад.

4.3. Нақши кори мустақилона, мушкилиҳо, роҳҳои бартараф намудани онҳо ва истифодаи технологияи муосир дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ

Кори мустақилонаи донишҷӯе, ки метавонад шавқмандии ниҳонро афзоиш диҳад, яке аз шартҳои муҳими педагогии инкишофи салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Муфидии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, аз ҷумла фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ дар азхудкунии забони хориҷӣ шарти мувоффақ гаштани донишҷӯ мебошад. Барои баланд бардоштани муфидии кори мустақилонаи донишҷӯ дар вақти тафтиши кори мустақилонаи онҳо таваҷҷуҳро бояд ба он равона намуд, ки донишҷӯён чӣ гуна вазифаро иҷро намудаанд ва чӣ қадар вақт сарф кардаанд. Ин ба интихоби методи кори мустақилона барои донишҷӯ кумак менамояд. Чунин тавсияҳоро барои самаранок омӯзонидани забони хориҷӣ барои инкишофи салоҳияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯ ба инобат гирифтан мумкин аст:

1. Пеш аз ҳама донишҷӯёнро бо роҳҳое, шинос намуд, ки кори мустақилонаро инкишоф диҳанд. Якҷоя маводи таълимиро интихоб намуда кори синфӣ ва мустақилонаро аниқ муайян намудан лозим аст.

2. Дар вақти дарс корҳои дилгиркунандаро сарфи назар намуда, таваҷҷуҳро ба корҳои эҷодии мустақилона равона бояд намуд.

3. Ба донишҷӯён имконият дод, ки ҳама гуна роҳҳоро мустақилона аз худ намоянд. Ба донишҷӯён додани маводи таълимӣ, иттилооти интернетӣ, видеоӣ ва ғайра ба кори мустақилонаи онҳо кумак менамояд.

4. Донишҷӯёнро ба захираҳои интернетӣ, бо маълумотҳои интернетӣ бо забони хориҷӣ бояд шинос намуд.

5. Стратегияи таълимии донишҷӯёнро инкишоф дод, роҳҳои азхудкунии лексика, грамматикаро омӯзонидан лозим аст.

6. Дар байни донишҷӯён корҳҳои гурӯҳиро ба роҳ монда, ҳалли гурӯҳии мушкилотро ёд додан лозим аст.

7. Истифода маводи дидактикиро ба самти ҳавасмандӣ ба касб равона намудан лозим аст.

8. Татбиқи дурусти технологияи таълим бо мақсади ташаккули худбаҳодиҳии комёбиҳо, фаъолияти худро муайян намудан.

Қобили зикр аст, ки салоҳияти таълимӣ-маърифатӣ ҷузъи салоҳияти коммуникативии донишҷӯёне, ки забони хориҷиро меомӯзанд ба ҳисоб меравад. Бо сохтори мураккаби худ салоҳияти ташаккули шахсӣ ба азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯ мусоидат менамояд.

Дар даҳсолаҳои аввали асри XXI талабот ба таълими касбии донишҷӯёни ғайризабонӣ афзоиш ёфтааст. Маълум аст, ки таълими касбӣ дар вақти бошуурона дарк намудани қонуниятҳои иҷтимоӣ-психологӣ ба даст меояд. Чунин намуди таълим дар марҳилаи интиҳоӣ ба даст омада, ба интихоби касб таъсири муҳим мегузорад. Омили азхудкунии забони хориҷӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ ҳамчун таълими муҳим ва иловагӣ барои мутахассиси касбӣ шудан дар мадди зарурӣ қарор мегирад.

Имрӯз омӯзиши забони англисӣ на танҳо самти илмиро дорост, балки ҳамчун намуди хизматгузории таълимӣ ба шумор меравад, ки бояд донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ аз пайи омӯзиш шаванд.

«Таълими забони англисӣ ба як ҳисоб тибқи тақозои касбияти мутахассисони оянда равона мебошад, ки барои фаъолияти оянда зарур аст» [185, с. 73].

Агар таҳлили методҳо ва усулҳои омодагии касбии забони хориҷиро ба ҷо орем, интихоб асосан ба омодагии умумикоммуникативӣ равона мегардад. Азхудкунии маҳорат ва малакаи махсус, ки бе онҳо муошират касбӣ номумкин аст, омили муҳим ба шумор меравад.

«Донишҷӯён барои он омӯзиши забони англисиро аз худ мекунанд, ки он воситаи муошират дар дараҷаи зарурӣ ба шумор меравад. Аммо ин дараҷаи малакаи лингвистӣ ва маҳорати нутқӣ кафолати омодагии фаъолияти касбиро таъмин карда наметавонад. Дар омӯзиши нокифояи забони хориҷӣ натиҷаи зарурии барои фаъолият кофӣ ба даст намеояд» [33, с. 100].

Дар марҳилаи ибтидоӣ омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ барои аз худ кардани омӯзиши босифати малакаи нутқӣ, ба ақидаи муҳаққиқ Ю.А. Василёва, як қатор мушкилиҳо ҷой дорад: «аз ҷумла:

1. Одатан омӯзиши нутқи касбӣ дар пояи азхудкунии фикри шифоҳӣ ва ибораҳо иҷро мегардад ва барои малакаи коммуникативӣ ва касбӣ нокифоя мебошад.

2. Дар таълим муошират касбӣ бо равандҳои нутқӣ истифода намешаванд. Мебояд дар раванди таълим ҳама меъёр ва қоидаҳои соҳиби забонҳо ба инобат гирифта шаванд.

3. Омӯзгорони забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ омодагии фаъол, махсусан, таҷриба дар соҳаи назарияи коммуникатсияи касбиро надоранд. Омӯзиши забони англисӣ ба таври кофӣ дар ин донишгоҳҳо бо методҳо ва усули таълими муошират касбӣ таъмин нестанд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки дар раванди таълим муошират зарурии касбӣ аз худ карда намешавад» [33, с. 104].

Таҷриба нишон медиҳад, ки бархе донишҷӯён дар вақти муошират дар мавзуъҳои алоҳида бо душворӣ рӯбарӯ мешаванд. Алалхусус дар

бисёр ҳолат нутқи оҳиста ва таваққуфи ногузир дар муошират истифода мешавад. Ба ақидаи муҳаққиқ Ю.А. Василёва: «Яке аз вазифаҳои муҳим дар азхудкунии муоширати касбӣ бо забони англисӣ ин лаҳзаҳои классикӣ мебошад, ки барои истифодаи нутқи касбӣ зарур аст. Мушкил дар он аст, ки бояд назарияи таълими нутқи касбиро бо методикаи ташаккули малака муҳайё намуд, то фаъолияти касбӣ-нутқиро таъмин намояд» [33, с. 104].

Аксар вақт донишҷӯён мафҳумҳои махсусро дар соҳаҳои гуногун аз худ мекунанд, аммо мутаассифона, озод бо забони хориҷӣ муошират карда наметавонанд. Чунин имконият танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки донишҷӯ соҳиби салоҳияти коммуникативӣ дар азхудкунии забони хориҷӣ гардад. Зеро салоҳияти коммуникативӣ дар худ тамоми ҷузъиётро дар бар мегирад. Малакаи лингвистӣ, нутқӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва касбӣ асоси салоҳияти коммуникативиро ташкил медиҳанд.

Он таснифоте, ки аз рӯйи сохтори дарс бо ҳама ҷанбаҳои таълим дахл доранд, аз ҷумла: гӯш кардан, хондан, гап задан, навиштан, дар байни донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ ҳамчун таснифоти муҳим барои омӯзиши забони хориҷӣ ба шумор меравад.

Ҷанбаҳои асосии дарси забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ чунинанд:

1. Шароити ташкилӣ ва мундариҷаи дарсҳо
2. Назорати малака ва маҳорат.
3. Робитаи байни омӯзгор ва донишҷӯ дар азхудкунии дониши нав, маҳорат ва малака.
4. Такрори мавзуъҳои гузашта ва иҷрои супоришу машқҳо.
5. Тафтиши маводи гузашта.
6. Маслиҳат барои иҷрои мавзуъҳои мустақилона ва хонагӣ.

Муҳаққиқ Н.Ю. Гутарёва дарсҳои зеринро барои донишгоҳҳои ғайризабонӣ муҳим меҳисобад:

1. Вақт барои азхудкунии маводи нав (лексия, таҳқиқоти назариявӣ).

2. Дарси таҷрибавӣ бо истифодабарӣ ва мукаммалкунии малакаи азхудкардашуда (супоришҳои амалӣ, иншо, иҷрои машқҳо, бозиҳои дидактикӣ).

3. Дарсҳо барои мустаҳкам кардани маҳорат (муҳокима, конференсия, семинар, бозиҳои дидактикӣ).

4. Дарсҳои омехта (дарсҳои гуногун бо супоришҳои ҳархела).

5. Дарсҳои ҷамъбастӣ (тест, саволҳои шифоҳӣ, қисмати хаттӣ, санҷиш, бозиҳо).

«Забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ дар солҳои охир ҳамчун фанни зарурӣ гардидааст. Зеро бо мавҷудияти базаи техникии донишгоҳҳо баланд бардоштани савияи дониши омӯзгорон бо истифодаи технологияи пешрафта, интернет имконпазир гардид. Зарурати омӯзиши забони хориҷиро робитаи байналмилалӣ, алоқаи байнифарҳангӣ ва рақобати бозор низ тақозо менамояд. Яъне имрӯз бозори меҳнат ба мутахассисоне ниёз дорад, ки ба алоқаи байнифарҳангӣ ҷавобгӯ бошанд. Донишҷӯёни донишгоҳҳои ғайризабонӣ низ бо рафти замона зарурати омӯзиши забони хориҷиро дарк менамоянд» [185, с. 73].

Дар замони муосир шахсе, ки забони хориҷиро балад аст, имкон дорад дар раванди гуфтугӯи корӣ ва илмӣ бо намояндагони фарҳангӣ хориҷӣ дар муошират бошад. Аз ин хотир ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ барои донишҷӯён масъалаи муҳим маҳсуб меёбад. Аз ин хотир донишҷӯёнро лозим меояд, ки ташаккули захираи ғании лексикӣ ва донистани грамматикаи забони хориҷиро мақсади асосии таълими худ қарор диҳанд. Ба ғайр аз ин, омӯзгоронро лозим меояд қобилияти

донишҷӯёнро ташаккул диҳанд, то онҳо тавонанд дар муошрати байнифарҳангӣ ширкат варзанд.

Ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ шиносшавии донишҷӯён бо фарҳангӣ соҳибзабонҳо тавассути омӯзиши забони хориҷӣ ва омӯзиши фарҳанг, таърих ва рафтори соҳибони забон мебошад. Бо рафти ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ таъсири забон, таърих, фарҳанги хориҷӣ ба забон, таърих ва фарҳангӣ миллӣ низ мушоҳида мегардад. Аз ин хотир ташаккули шахсият зери таъсири ду фарҳанг ба иҷро мерасад.

Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дар ҷумҳурӣ баамаломада ба макотиби олӣ таъсири манфӣ мегузоранд, алалхусус дар омӯзиши забони хориҷӣ ин таъсир мушоҳида мегардад. Ин як давраи мушкил буда, азнавсозӣ ва методҳо, усулҳои навро дар омӯзиши забони хориҷӣ тақозо менамояд. Инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа дар пеши донишгоҳҳо супориши давлатиро гузоштааст, яъне мутахассисонро омода намуд, ки қодир бошанд забони хориҷиро дар амалия ва дар фаъолияи касбии худ истифода баранд.

Вазифаи ташаккули қобилият ба коммуникатсияи байнифарҳангӣ дар донишҷӯён яке аз масъалаи муҳими омӯзиши забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Ин дар он зуҳур меёбад, ки донишҷӯён дониши психологӣ, фарҳангӣ, қоидаҳои иҷтимоиро дар якҷоягӣ бо салоҳияти байнилингвистӣ бояд аз худ намоянд.

Дар ҷаҳони муосир алоқаи иқтисодӣ, фарҳангӣ ва робитаҳои иқтисодии байни кишварҳо мушоҳида мегардад. Қобили зикр аст, ки: «самараи робитаҳои мутақобилаи намояндагони фарҳангҳои дигар барои ташкил кардани муҳити созгори таълимию психологӣ, маҳорату малака, рушди муносибатҳои шахсии байнифарҳангӣ мусоидат менамояд. Инкор кардани ин омилҳо ба он меорад, ки робитаҳои байнидавлатӣ инкишоф намеёбанд» [185, с. 70].

Таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ, ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ, пеш аз ҳама, аз он хотир зарур гардиданд, ки кушодашавии сарҳад, робитаҳои забонӣ, фарҳангӣ афзоиш ёфтааст. Аз ин хотир тарбияи таҳаммулпазирӣ нисбати фарҳангӣ бегона, эҳтиром нисбати фарҳангӣ дигар, аз худ дур кардани нороҳатӣ нисбати фарҳангӣ бегона пеши ҷомеа ҳамчун масъалаи асосии тарбияи ҷомеа ба шумор меравад.

Воқеан мафҳуми салоҳияти байнифарҳангӣ чиро ифода менамоянд?

Муҳаққиқ С.Е. Светков қайд мекунад, ки: «зери ин мафҳум қодир будани аъзои як фарҳанг дар фаҳмиши намояндаи фарҳангӣ дигар дар ҳамкории якҷоя фаҳмида мешавад» [111, с. 360]. Ҳама муҳаққиқон қайд мекунанд ҳамдигарфаҳмиро дар раванди муошират бе баҳисобгирии меъёрҳои этикӣ ва қоидаҳои намояндаи дигар фарҳанг таъмин намудан имкон надорад.

Маълум аст, ки салоҳияти коммуникативӣ чунин тартиб дорад:

1. Салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангие, ки аз донистани махсусияти фарҳангӣ, ахлоқии кишвари дигар иборат буда, дар пояи ин рафтори худро муайян менамоянд.

2. Салоҳияти иҷтимоӣ-забоншиносӣ. Он дар қобилияти дуруст ба кор бурдани воҳидҳои забон дар муҳити муошират иҷтимоӣ ифода меёбад.

Рӯйдодҳои нав дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифаҳои душворро пеш мениҳад. Акнун муносибатро дар интихоби метод ва принсипҳои таълим бояд дигар намуд. Ҳадафи асосии раванди таълим рушди салоҳиятҳои муошироативу лингвистист, ки азхудкунии малакаи амалии муошират байнифарҳангро дар бар мегирад.

Сухан дар бораи зарурати чи қадар омӯхтани фарҳанг, тарзи зист, хусусияти миллӣ, менталитет, урфу одат, анъана, таърихи соҳиби забон меравад. Бояд махсус зикр намоем, ки мавҷудияти захираи луғат ва

дониши қоидаҳои грамматикӣ барои ба таври фаъол истифодабарии забон ҳамчун воситаи муошират кофӣ нест. Фаҳмидани забон то дараҷаи зарурӣ бо ҳама нозукиҳояш зарур аст. Яъне ба ҷуз донистани вожаҳо ва қоидаҳои грамматикӣ бояд ба таври озод ба ҳама лаҳзаҳои муошират омода будан лозим аст. Муошираткунандагон бояд на фақат бо ҳам гуфтугӯ кунанд, балки зимни муошират чӣ гуна рафтор кардан, дониши забонии худро дар амал истифода бурданро соҳиб бошанд. Вазифаи омӯзгор дар ин вазъият осон нест ва омӯзгор бояд аз уҳдаи вазифаи муҳими дар пешаш гузошта моҳирона барояд. Ӯ дар рафти дарс муҳити ҳақиқиро муҳайё намуда, бояд роҳу василаҳои аз худ кардани маводи лексикиву грамматикиро коркард намояд, то ин ки малакаву маҳорати муошират дар доишҷӯён инкишоф ёбад.

«Воқеан барои азхудкунии салоҳияти коммуникативӣ донишҷӯ бояд дониши заруриро дар бораи соҳибзабонҳо дар самти таърих, ҷуғрофия, фарҳанг, сохти сиёсӣ, иқтисодӣ, маориф, илм, урфу одат, ақида ва ахлоқи онҳо дошта бошад. Дар ин раванд монандӣ ва фарқияти фарҳангҳо муайян мегардад ва соҳибкасб бо дараҷаи зарурӣ бо ҳамкасби хориҷии худ озодона муошират карда метавонад» [61].

Ҳалли проблеммаи коммуникатсияи байнифарҳангӣ ҳамчун омили рушди хусусиятҳои байналмилалӣ бе шак барои ҳамаи кишварҳо ва халқҳо лозим аст.

Таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ маъмулан дар марҳилаи ибтидоӣ ба шакли қироати матнҳо сурат мегирад ва бо ҳамин хатм мешавад. Бинобар ин донишҷӯ баъди хатми донишгоҳҳо дар вазъияти воқеӣ дар истифодабарии забон дар самти илмӣ-техникӣ ва муоширати байнифарҳангӣ комёб намегардид. Чунки дар таълими донишгоҳ ба нутқи шифоҳӣ - гуфтор аҳамияти кам дода мешавад ва агар нутқи шифоҳӣ каме ба роҳ монда шавад, он ҳам танҳо дар мавзуъҳои

соддаи рӯзмарра. Ин гуна таълим кофӣ нест, зеро омӯзиши забон бояд ҳамаи **чор малакаи асосӣ** – хондан, навиштан, гуфтор ва шуниданро дар бар гирад. Вале дар амал танҳо танҳо як вазифаи забон – хондан таълим дода мешавад, ки ин хеле маҳдудбуда, барои аз худ кардани забон кофӣ нест [216, с. 27].

Дигаргуниҳои азиме, ки кишвар баъди истиқлолияти миллӣ рӯ ба рӯ шуд ва рушду такомули воситаҳои техникӣ ва муошират байнифарҳангӣ зарурати тағйир додани муносибатро дар омӯзиши забон ба миён овардааст. Комилан дар омӯзиши забони хориҷӣ муносибати навоваронаи байнифарҳангӣ масъалаи ҷиддӣ ба шумор меравад.

Имрӯз забони хориҷӣ барои омодагии касбӣ бо намояндагони дигар фарҳангҳо барои муошират омӯхта мешавад. Лиҳозан, омӯзгоронро имрӯз лозим аст омӯзиши забони хориҷиро на ба самти касби интихобшуда равон намоянд, яъне танҳо мутахассиси техникӣ омода созанд, балки мутахассисеро омода созанд, ки бо забони англисӣ озодона муошират карда тавонад. Аз ин хотир дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ омӯзиши забони англисӣ набояд ҳамчун фанни вазифаи маҳдуд дошта омӯхта шавад. Мутахассиси омода сохтаи донишгоҳ ин шахси бомаърифати дорои омодагии бунёдӣ мебошад. Аз ин хотир шавқмандӣ, майлу рағбат нисбати омӯзиши забони хориҷӣ бештар гардонида шавад ва мутахассиси ҷавон барои иҷрои барномаи касбии худ дар бозор рақобатпазир бошад.

Забони англисӣ имрӯз воситаи муошират байналмилалӣ гардидааст ва барои ҷавонон ин меъёри муҳим дар дараҷаи касбияти корӣ ва ҳаётӣ ба шумор меравад.

Забон ҷузъиёти фарҳангӣ мебошад ва дар фарҳангӣ муайян он воситаи муошират ба шумор меравад. Танҳо, вақте ки донишҷӯён салоҳияти кишваршиносиро дар худ ташаккул медиҳанд, он ҷо аз

истифодаи нодурусти воҳидҳои забонӣ, аз нодуруст фаҳмидаи рафтори намояндаи дигар забон эмин мемонад. Барои он ки дар донишҷӯён зарурати маҳорат ва малакаи фаъолияи нутқӣ, ҳамчунин, салоҳияти лингвистӣ дар дараҷаи барнома ва стандарти муайян таъмин гардад, таҷрибаи шифоҳӣ барои ҳар як донишҷӯ зарур мебошад.

Барои он ки салоҳияти коммуникативиро дар муҳити ғайризабонӣ амалӣ намоем, бояд раванди таълимро бо машқҳои коммуникативӣ таъмин намуд.

Ба донишҷӯ фикр кардан, ягон проблеммаро ҳал намудан, муҳокима намудан бо забони хориҷиро омӯзонидан лозим аст, зеро фикр кардан асос буда, вазифаи забон танҳо баёни ин фикр мебошад.

«Барои он ки донишҷӯён забонро ҳамчун воситаи фаъолияти байнифарҳангӣ эътироф намоянд, онҳо на танҳо бо мавзуи кишваршиносӣ шинос шуданашон лозим аст, ҳамчунин, ба муколамаи фарҳанг ворид бояд намуд. Аз ин хотир, муносибати инноватсиониро дар омӯзиши забони хориҷӣ, иҷрои машқҳои гуногунро дар вақти омӯзиш ба фаъолияти фикрии фаъол бояд равона намуд, то донишҷӯ забонро ҳамчун воситаи муошират байнифарҳангӣ истифода намояд. Танҳо методҳои фаъол дар раванди таълим ин вазифаи душвори дидактикиро ҳал карда метавонанд» [213, с. 18].

Забони расмии англисӣ ҳамчун забони касбӣ дар худ маводи лексикии муайян ва намуди коммуникатсияи кориро дар бар мегирад. Чунин забон дар фазои муошират корӣ кор бурда мешавад, ки барои мутахассис дар фаъолияти байнифарҳангӣ хеле муҳим аст. Ҳамин тариқ омӯзиши забони англисӣ на танҳо дониши забонӣ, маҳорату малакаро дар бар мегирад, балки он бунёди коммуникатсияро дар соҳибкорӣ, ташаккули шуури фарҳангӣ дар дараҷаи муошират олӣ фаро мегирад.

Дар вақти омӯзиши забони расмии англисӣ вазифаи омӯзгор дар он зуҳур меёбад, ки дар донишҷӯён салоҳияти коммуникативиро ташаккул диҳад, лексикаи соҳавиро ғанӣ гардонад ва дар самти омӯзиши ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ омӯзиш барад.

Самти асосӣ барои инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён барпо намудани конференсияҳо, гуфтушунидҳо, рӯкушоӣ, бастани шартномаҳо, муносибатҳои ҳамкорӣ бо хориҷиён ва ҳалли онҳо ба воситаи гуфтугӯҳои телефонӣ, муошрати касбӣ ба шумор меравад. Ин лаҳзаҳо тақозои маҳорати гӯш кардан, фаҳмидани нутқи расмиро доранд.

Яке аз душвориҳои муошират бо ҳамкорони хориҷӣ ин мафҳумҳои ношинос, ибораҳо, мавзуи нутқ ва махсусияти талаффуз ба шумор мераванд. Ҳамчунин, дар вақти муколамаи рӯ ба рӯ дар лаҳзаи коммуникатсияи расмӣ бархе душвориҳо дар муошират мавҷуданд, ки дар замони муосир барои мутахассисон аз байн бурдани онҳо заруранд ва салоҳияти коммуникативиро ташаккул бояд дод.

Васеъ шудани алоқаҳои корӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ тақозо менамояд, ки мутахассисони имрӯза, пеш аз ҳама, муошрати расмиро аз худ намоянд. Баъдан муошрати хаттӣ низ тақозо менамояд, ки дар ин самт мутахассисон кор кунанд. Мактубҳои расмӣ дар вақти бастани шартномаҳои тиҷоратӣ кори хеле муҳиманд ва аз муошираткунандагон сифати баланди номанависиро тақозо менамоянд. Номаи расмӣ ин мутахассисонро барои баёни фикри худ омода месозад.

Мо якчанд маротиба дар бораи душвориҳо ва проблемаҳои омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ сухан карда будем ва акнун бо кадом роҳҳо бартараф намудани ин душвориҳоро дида мебароем. Албатта бо инкишофи технология ва интернет шароити хеле мусоиди омӯзиши забони англисӣ муҳайё гаштааст. Интернет имкон

медиҳад, ки инкишофи маҳорати нутқии донишҷӯён, аз ҷумла нутқи расмии шифоҳӣ, инкишофи қобилият дар истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии компютерии муосирро дар иҷрои вазифаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор дод.

Якчанд намуди шавқмандӣ дар мавриди омӯзиши забони хориҷӣ мавҷуд аст. Яке аз ин шавқмандии иҷтимоӣ мебошад, ки масъулият дар пеши кишвари худ, хонаводаи худ ва азхуд кардани донишҳои замонавиро дар бар мегирад.

Дар вақти боло бурдани ҳисси шавқмандии донишҷӯён дар самти омӯзиши забони хориҷӣ омӯзгор бояд ҳатман сарчашмаҳои ин шавқмандиро барои донишҷӯён баррасӣ намояд:

1. Донишҷӯён бояд зарурати иҷтимоии омӯзиши забони хориҷиро дарк ва қабул намоянд.
2. Дар донишҷӯён талаботи шахсии омӯзиши забони хориҷиро ташаккул диҳанд.

Шавқмандӣ маҳсули фаъолияти таълимиро дар донишҷӯён зиёд мекунад ва яке аз шартҳои асосии омӯзиш ба шумор меравад.

Истифода аз интернет, технологияиҳои муосир дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар донишҷӯён малакаву маҳорати гӯшкуниро инкишоф диҳанд ва ин дар вақти ворид шудан ба забон монеаи забониро бартараф мекунад. Бо боло рафтани таҳкурсии илмиву техникӣ ва технологияи иттилоотӣ талабот ба омӯзгорони забон зиёд мешавад. Он фаъолияти омӯзгорро мураккаб намуда, аз ӯ салоҳияти касбиро талаб менамояд.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ на танҳо барои донишҷӯён дастрасӣ ба иттилооти заруриро мекушояд, балки муфиддияти кори мустақилонаро зиёд менамояд. Аз ин

хотир донишҷӯён дар рафти кори мустақилона дониши зиёду маводи бештареро нисбат ба омӯзиши анъанавӣ азхуд мекунад.

«Технологияи интерактивӣ водор месозад, ки методҳои нави омӯзишро дар таълими забони хориҷӣ мавриди истифода қарор диҳем» [223, с. 28].

Яке аз методҳои дар омӯзиши интерактивӣ истифодашванда методи коммуникативӣ маҳсуб меёбад. Дар рафти омӯзиши забони англисӣ аз ҳама муҳим ин дар донишҷӯён ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ ба шумор меравад ва таҳкурсии он маҳорати коммуникативӣ дар асоси дониш ва малакаи забонӣ ба даст овардан мебошад. Дар раванди таълим бо методи коммуникативӣ донишҷӯён салоҳияти коммуникативиро дар худ ташаккул медиҳанд ва вобаста аз лаҳзаи аниқи нутқи дурусти забонро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Мақсади таълими методи коммуникативӣ ин ташаккули салоҳияти коммуникативӣ мебошад.

Методи дигар ин когнитивӣ-коммуникативӣ ба шумор меравад. Асоси ин методро принсипи дарккунии рафти таълим ташкил медиҳад. Ин метод ба он равона карда мешавд, ки дар рафти омӯзиш таваҷҷуҳи донишҷӯён ба омӯзиш, таҳлил кардан, муқоиса кардан, ҷамъбаст намудан, алоқамандиро муайян кардан равона карда мешавад.

Ҳамчунин, дар омӯзиши забони хориҷӣ методи конструктивӣ муҳим ба шумор меравад. Мувофиқи ин метод омӯзгор ба раванди таълим мусоидат менамояд. Методи конструктивӣ ба равона намудани раванди таълимӣ ба вазъияти воқеии фаъолияти касбӣ нигаронида шуда, дар марҳилаи ибтидоии омӯзиш бо кумаки фаъоли омӯзгор натиҷаи назаррас ба омодагии кори мустақилона дар донишҷӯён пайдо мегардад. Яъне наздик кардани раванди таълим ба воқеияти ҳаётӣ ба донишҷӯён имконияти бештареро дар омӯзиши забони хориҷӣ фароҳам меорад.

Воқеан методҳои фаъол дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ мушкилиҳои мавҷударо бартараф намуда, барои ба натиҷаи назаррас расидан мусоидат менамояд.

Имрӯзҳо масъалаи тарбия намудани мутахассис ва ташаккул додани шахсияти он вобаста ба талаботи замони муосир мушкилоти асосии муассисаҳоти таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Ташаккул додани шахсияти мутахассиси оянда хеле мураккаб буда, раванди он якчанд зинаҳоро дар бар мегирад. Он ба воситаи маҷмуи вазифаҳои таълимӣ – аз бар кардани дониш, ташаккули маҳорату малака ба роҳ монда мешавад. Ҳамчунин, ӯ дар вазъияти афзоиши иттилоот имконияти интихоб карданро дошта бошад.

«Хусусияти ба касбият равона гардидани таълим дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши зарурии забони хориҷиро тақозо менамояд. Таълими ҳатмӣ, албатта, тақозо мекунад, ки донишҷӯён бояд барои омӯзиши забони хориҷӣ комёб шаванд. Барои ин онҳо бояд дар бораи манфиати забони хориҷӣ ва аҳамияти он барои муваффақ шудан дар фаъолияти корӣ тасаввуроти кофӣ дошта бошанд, мафҳумҳои марбути касбро донанд, малакаи кор бо иттилоот ба забони хориҷӣ, бо адабиёт ба забони хориҷӣ, кор бо шабакаи интернетро соҳиб бошанд ва онро дуруст истифода бурда тавонанд, ба забони хориҷӣ дар конференсиву семинарҳои байналмилалӣ қобилияти баромад кардан дошта бошанд» [236, с. 23].

Салоҳияти коммуникативӣ худ ба худ ҳосил намешавад, онро ташаккул додан лозим аст, ки дар ин росто омӯзгори забони хориҷӣ нақши бориз дорад.

Ба ақидаи мо, салоҳияти коммуникативи забони хориҷӣ барои мутахассиси оянда ин омодагии касбии ӯ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир шароити педагогии проблемаи илмию педагогии донишҷӯён дар

донишгоҳҳои ғайризабонӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ хеле мубрам мебошад. Донишҳо дар шароити педагогӣ имкон медиҳанд, ки салоҳияти коммуникативии дар натиҷаи раванди таълим ташаккул ёфта, барои фаъолияти касбии мутахассис ҳатмӣ мегардад.

Шароити педагогӣ ин маҷмуи омилҳо ва воситаҳоест, ки ба раванди таълим таъсир мерасонад, масалан, усулҳои таълим, шакли гузаронидани дарс, шароити моддӣ ва ғайра. Онҳо барои ба даст овардани ҳадафҳои таълимӣ хизмат мекунанд.

Тибқи тадқиқоти мо шароити педагогӣ инчунин тадбирҳое мебошад, ки барои ташаккули самаранокии салоҳияти муоширатии донишҷӯён бо забони хориҷӣ дар ҷараёни таълими касб заруранд.

Дар доираи чунин шароити зарурӣ барои омодасозии мутахассисони оянда унсурҳои зерин муҳим шуморида мешаванд:

– мазмун ва мақсаднокӣ. Интихоби мақсадноки дониш ва маҳорат, ки барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ мусоидат мекунад;

– назорат ва арзёбӣ. Ташхиси мазмун ва раванди таълим, ки дар назорати худ, тафтиши иттилооти оморӣ, таҳлили онҳоро дар бар мегирад.

Як қатор меъёрҳое мавҷуданд, ки барои ташаккули салоҳияти муоширатии забонҳои хориҷӣ мусоидат менамоянд.

1. Меъёри шавқмандӣ. Мавҷудияти шавқмандӣ донишҷӯро барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ водор намуда, ҳавасмандӣ ба касбро баланд мебардорад. Меъёри мазкур нишондиҳандаи шахсияти эҷодкори фаъол ва масъулиятшиносро дар бар мегирад. Машғулшавӣ барои азхудкунии забони хориҷӣ аз тарафи донишҷӯ бо ташаббуси шахсӣ ва майлу хоҳиши худи ӯ амалӣ мегардад. Нишондиҳандаи ин меъёр дараҷаи шавқмандии омӯзиши забони хориҷиро дар ташаккули салоҳияти муошират касбӣ дар бар мегирад.

2. Меъёри мазмунӣ. Тибқи ин меъёр омӯзиши забони хориҷӣ ва салоҳияти забони хориҷӣ дар соҳаи касбӣ дар ягонагӣ ва дар маҷмуъ гузошта шудааст. Дониши кофӣ ба шавқмандии муошират мусоидат менамояд. Маҷмуи донишҳо ва шавқмандӣ, ҷаҳонбинӣ, тафаккури зеҳнии донишҷӯро дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ васеъ намуда, тафаккури эҷодии ӯро дар азхудкунии забони хориҷӣ зиёд мекунад. Нишондиҳандаи асосии ин меъёр донистани забони хориҷӣ дар сатҳи дарки шаклу воситаҳои фаъолияти муошират, фаҳмидани маводи касбӣ мебошад.

3. Меъёри фаъолиятӣ маҷмуи малакаву маҳорат ва салоҳиятҳои нутқии хонандагонро барои мусоидат дар муоширати амалӣ дар бар мегирад. Нишондиҳандаи ин меъёр доштани маҳорату малакаи хосси талаботи меъёрҳои забони хориҷӣ, истифодаи дурусти калимаву ибораҳо, бурдани мусоҳибаву муколама, оростани сӯҳбат тибқи вазъияти касбиро дар бар мегирад.

Дар таълими забони хориҷӣ ташаккул додани салоҳияти муоширатии донишандӯзон самаранок хоҳад буд, ба шарте, ки:

– он ҳамчун раванди мураккаби чандзинагӣ баррасӣ гардида, унсурҳои иҷтимоӣ ва забоншиносиву кишваршиносиро дар бар гирад;

– дар раванди таълим шароити муайяни педагогӣ истифода бурда шавад;

– дар рафти таълим воситаҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳии муоширати забони хориҷиро истифода гардад;

– ҳамчунин, машқҳои забони хориҷӣ ба таври илмӣ асоснок карда шуда, иҷрои машқҳо барои ташаккули салоҳияти коммуникативии забони хориҷӣ дар раванди таълими касбӣ равона шавад;

– коркард, таҳлил ва назорат барои муайян кардани ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён дар марҳилаҳои раванди омӯзиш дар донишгоҳҳои забонӣ ба роҳ монда шавад [241, с. 21].

Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти муоширатии забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ барои донишҷӯён бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

– силсилаи дарсҳои амалӣ ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ;

– тавсияҳо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён, инчунин силсилаи машқҳо ба забони хориҷӣ, ки ба намудҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ нигаронида шуда, ба ташаккули салоҳияти муоширатӣ дар таълими касбӣ мусоидат мекунанд;

– сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ барои амалӣ кардани принсипҳо ва машқҳои муоширати таълимӣ барои донишҷӯён.

Ба раванди дарсҳои забони хориҷӣ илова гаштани фаъолиятҳои берун аз синфӣ барои донишҷӯёни ғайризабонӣ шароит фароҳам меорад, ки бо кишваре, ки забонашро меомӯзанд, аз наздик ошно гарданд.

Чунин намуди дарсҳо ду вазифаи муҳими таълимиро иҷро мекунанд:

– шавқу рағбати умумиро ба фан зиёд карда, дараҷаи дониши хонандагонро баланд бардошта, маҳорату малакаи марбути фанро рушд медиҳанд;

– ҳавасмандии донишҷӯёнро нисбат ба касби ояндаашон афзун мегардонанд [193, с. 18].

Қобил ба қайд аст, ки дар донишҷӯён талабот нисбат ба муошират зиёд буда, барои қонеъ намудани ин талабот мавзуъҳои гуногунро барои муҳокима истифода намуда, бештар фаъолиятҳои мустақилонаи

гурӯҳиро, аз қабили: ҳамкорӣ, нақшофарӣ, конференсияҳо, сӯҳбатҳо, тамошои филмҳо ба забони хориҷӣ, ба роҳ мондан лозим аст.

Дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ дар мадди таваҷҷуҳ инкишофи салоҳияти коммуникативӣ тавассути гапзанӣ, хондан, гӯш кардан ва навиштан гузошта мешавад. Таълими забони хориҷӣ ба он равона карда шудааст, ки забони байналмилалӣ бо ташаккули маҳорати коммуникатсия бо намудҳои фаъолияти нутқӣ омӯхта мешавад. Чунин фаъолияти нутқӣ дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ муҳиманд:

– гап задан, гӯш кардан, хондан, навиштан;

– мутобиқ шудан ба нутқи забони хориҷӣ дар рафти омӯзиши мавзуи гуногун;

– инкишоф додани ҳамаи ҷузъҳои салоҳияти муоширатӣ;

– ташаккули салоҳияти фарҳангӣ миллии кишвари худ дар ҷараёни муошират байнифарҳангӣ;

– ба донишҷӯён омӯхтани роҳҳои омӯзиши мустақилонаи забону фарҳангӣ хориҷӣ.

– Бояд таъкид намуд, ки дар доираи ҳамаи марҳилаҳои омӯзиш рушди салоҳияти муоширатӣ омили муҳим дониста мешавад, зеро он заминаи истифодаи самараноки забони хориҷиро дар ҳолатҳои гуногуни муошират таълимӣ, расмӣ, ғайрирасмӣ, иҷтимоиву маишӣ, фарҳангӣ, мъмурӣ, ҳамкории касбӣ фароҳам меорад.

Омӯзиши забони хориҷӣ бояд ба самтҳои зерин пайваст бошад:

– рушди салоҳиятҳои муоширатии донишҷӯён, ки имкон медиҳад онҳо ҳамчун ҳамсӯҳбати баробар дар муошират байнифарҳангӣ дар доираи маишӣ, фарҳангӣ, таълимии касбӣ фаъолият намоянд;

– таъмини меъёрҳои этикии муошират баҳсӣ бо забони хориҷӣ ҳангоми муҳокимаи мавзуъҳои касбӣ;

– рушди малакаи ҷамъоварии иттилооти ҷолибу муфид, таҳлил ва таҳияи он;

– шинос намудани донишҷӯён бо технологияи худназоратӣ ва хударзёбӣ бо истифодаи забони хориҷӣ;

– истифодаи забони хориҷӣ дар таълими касби худ.

«Вобаста аз касби интихоб кардашуда дар донишгоҳ бояд курсҳои махсус вобаста ба касб – курс бо омодагии роҳбалад-тарҷумонҳо, курс бо тарҷумони техникӣ, фанҳое, ки ба касбҳои алоҳида мансубанд, таълим дода шаванд. Барои он ки ҳисси шавқмандиро дар донишҷӯён нисбати муошират бо забони хориҷӣ зиёд гардад, пеш аз ҳама, муоширатро бо воқеият наздик намудан лозим аст. Чунончи, муошират дар доираи истифодабарии ҳолатҳои воқеӣ, масалан, дар меҳмонхона, пешвозгирии меҳмонони хориҷӣ, ташкилӣ тасаввуроти сафари корӣ ба хориҷи кишвар ва ғайраҳо барои такмили маҳорати муоширати донишҷӯён кумаки зиёд мерасонад. Вазъиятҳо метавонанд абстрактӣ, проблеммавӣ ва мушаххас бошанд. Чунончи, гузаронидани дарсҳо бо вазъияти проблемавӣ метавонад дараҷаи муоширатро инкишоф диҳад. Чунончи, агар ба донишҷӯён дар мавзуи истифодаи забони англисӣ барои ба кор қабул шудан супориш пешниҳод гардад, дар ин маврид онҳо дар ҳангоми муошират бо «корфармо», «психология»-и талабгори кор шинос мегардад» [185, с. 71].

Истифодаи ҳамкории гуногуни нутқӣ бо ташаккули маҳорати нутқӣ оварда, ба инкишофи ҳамаи дараҷаҳои қобилияти нутқи таълимгирандагон мусоидат мекунад. Донишҷӯён назорат кардани рафтори нутқии худро ёд мегиранд, тавассути машқҳои тибқи нақша тарҳрезишуда таҳлили матнҳо ва ҳикояҳо, иҷрои машқҳои грамматикӣ ва лексикӣ, маҳорати баёни нутқи мантиқии худро такмил медиҳанд.

Барои ташаккули қобилияти ба муошират ворид шудани донишҷӯён бояд низоъҳо пешгирӣ карда шаванд, ақидаи худро ҳимоя кардан, қобилияти гӯш кардани мусоҳиб ва ба омӯзиш ва қабули фарҳанги кишварҳои бегона машғул шудан роҳҳои беҳтар маҳсуб меёбанд. Дар асоси маводи таълимӣ навбати аввал ба мавзуъҳои муҳим, аз қабили: қонунвайронкунии фарҳангӣ, хусусан дар ҷараёни муошират, ба инобат нагирифтани меъёрҳои он, аз бар кардани қоидаҳои муошират, расидан ба сатҳи муколамиву монологӣ таваҷҷуҳ карда мешавад. Маводҳои таълимӣ вобаста ба инкишофи технологияи муосир ба бахши эҷодкории донишҷӯ дар истифодаи кори мустақилона дар рафти омӯзиши забони хориҷӣ таълиф мегардад.

Қобил ба зикр аст, ки: «ҳадафи омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ, пеш аз ҳама, соҳиб гардидан ба малакаҳои фаҳмидан ва дуруст шунидани гӯишҳои англисӣ дар шакли шифоҳӣ, истифодаи дурусти забон зимни муошират ва суханронии мустақил, яъне дар шакли монологӣ, хондан ва тарҷумаи матнҳои техникӣ ва ғайритехникӣ дар доираи маводи забонӣ ва мавзуъҳои интхобшуда маҳсуб меёбад» [190, с. 28].

Мақсади кори мо намоиш додани натиҷаҳои таҳқиқот дар муайян кардани технологиҳои муваффақи таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ ва пешниҳоди таснифи ҷузъҳои технологии таълим мебошад, ки мустақиман бо масъалаи "чӣ гуна таълим додан" рабт доранд.

Мақсади асосии омӯзиши забони англисӣ ин: «ба фазои бегона озодона мутобиқ шудан ва дар ҳолатҳои мухталиф муошрати комил карда тавонистан аст» [22, с. 125]. Барои расидан ба ин мақсад донишҷӯён бояд захираи луғавии худро васеъ кунанд, идиомаҳои англисӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва таркибҳои забониро омӯзанд, то ки

машққҳо ва дигар фаъолиятҳои таълимиро бомуваффақият иҷро карда тавонанд.

Пешрафт дар омӯзиши забони англисӣ ба инкор кардани монеаҳои зиёде ҳам аз ҷониби донишҷӯён ва ҳам аз ҷониби омӯзгорон вобаста мебошад. Мо ба андешаи муаллифоне, ки қобилиятҳои стратегӣ, шахсият ва фаъолиятро муайян кардаанд, ҳамфикрем.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки: «омӯзиши забони англисӣ аз донишҷӯён талоши зиёд ва аз омӯзогорон заҳмати фаровон дар истифодаи технологияи инноватсионӣ ва равишҳои эҷодӣ дар таълимро талаб мекунад, Ин равишҳо барои ҷустуҷӯйи усулҳои нав, ошно намудани хонандагон бо унсурҳои салоҳиятнокӣ ва омӯхтани эҷоди лоиҳаҳои мақсаднок ва рӯнамоиҳои касбӣ, ки барои рушди тафаккури мантиқиву интиқодии донишандӯзон мусоидат мекунанд, заруранд» [2, с. 27]. Ин аст, ки тадқиқоти мо ба самти технологияҳои таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ равона шудааст. Мафҳуми «Технологияҳои таълим» ба зарурати тағйироти куллӣ дар методикаи омӯзиши забон ва ташаккули он ҳамчун як илми мустақил ишора мекунад. Барои таълими босамар омӯзгор бояд аз ин илм огоҳ бошад ва тавассути равишҳои илмӣ тавонад мавзуъҳо ва усулҳои таълимро ба таври муассир ба донишандӯзон расонад. Ин технологияҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки бо донишу малакаҳои методии зарурӣ таъмин гардад ва донишҷӯёнро ба омӯзиши мавзуъҳои мухталиф ҷалб намояд.

Барои муваффақона омӯхтани забони англисӣ аз тарафи донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ (расмҳо,тасвирҳо ва хондан шомили талаботи таълимӣ), хеле зарур аст.

Мусаллам аст, ки: «дастовардҳои илмиву техникӣ дар таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ хеле мушоҳида мешавад. Аз дигар ҷиҳат муошрати касбӣ бо забони хориҷӣ имкон медиҳад, ки

дастовардҳои ҷаҳонии илм ва технология фаъолона истифода бурда шаванд ва донишҳои нави касбӣ, ки аҳамияти муҳим доранд, ҳосил гарданд» [205, с. 562].

Дар ихтиёри омӯзгори забон маҷмуи васеи воситаҳои таълимии техникӣ ва ғайритехникӣ ҷой доранд, ки барои татбиқи усулҳои таълим ва таъмину назорати дониш истифода мешаванд.

Воситаҳои техникӣ аз қабили: компютер, магнитофон, проектор, тахтаи электронӣ, тестҳо, маводи таълимӣ ва слайдҳо дар ҳар як гурӯҳи донишҷӯён бо мақсади ба кор бурдани барномаву амсилаҳои таълимӣ бояд фаъолона истифода бурда шаванд. Дар акси ҳол, агар ин воситаҳо ба таври нокифоя истифода шаванд, технологияи таълимӣ халалдор гардида, самаранокии он коҳиш меёбад. Истифодаи дурусти технологияҳои техникӣ бо ба кор бурдани каналҳои ҳиссиёти биноӣ ва шунавоӣ бешубҳа самаранокиро афзоиш медиҳад.

Воситаҳои ғайритехникӣ низ барои омӯзиш истифода шуда, дар таълими забони англисӣ нақши муҳим доранд. Ба ин гурӯҳ маводҳои таълимӣ ва методӣ, хрестоматияҳо барои хониш, маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои ба забони хориҷӣ нашршуда, дастурҳои грамматикӣ, луғатҳо, маводҳои визуалӣ (масалан, карточкаҳо), тестҳо ва ҷадвалҳо дохил мешаванд. Тестҳо ба се навъ: 1) Тестҳои шевашиносӣ барои омӯзиши забон; 2) Тестҳо барои такрори унсурҳои забонӣ бо мақсади барқарорсозии матнҳои бузурги маънӣ бо ташхиси шарҳӣ; 3) Тестҳои омехта, ки унсурҳои ду намуди қаблиро дар бар мегиранд, тақсим мешаванд [163, с. 200]. Ғайр аз ин, ҷадвалҳо (грамматикӣ, лексикӣ, графикӣ), тасвирҳо (ба мисли ашё, вазъиятҳо ё мавзуъҳо), нақшаҳо (масалан, маконҳо ё биноҳо) ва тахтаи синф низ ба ин гурӯҳ дохиланд. Тағйироти мунтазам ва истифодаи оқилонаи ин воситаҳо ба омӯзгор

имкон медиҳад, ки донишҷӯёнро ба фаъолияти пурсамар ва ҷалби онҳо дар раванди таълим ҳавасманд кунад.

Роҷеъ ба истифодаи васоити мухталифи таълимӣ вобаста ба кор дар гурӯҳ, мавзуъ ва фаъолиятҳои амалии гуногунсамт, технологияи кор бо онҳо барои омӯзгорон дар адабиёти методӣ тавсияҳои хеле муфид дода шудааст. Ин тавсияҳо ба самаранокии равандҳои таълим мусоидат намуда, имконият медиҳанд, ки омӯзгорон бо технологияҳои ҷорӣ ва усулҳои мувофиқ кор кунанд.

Робитаи самараноки миёни омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчунин, яке аз ҷузъҳои асосии раванди педагогӣ ба шумор меравад. Он тавассути истифодаи дуруст ва ҳадафноки тарзу усулҳо ва воситаҳои таълимӣ ҷорӣ мегардад. Васоити таълимӣ ҳамчун воситаи алоқаи омӯзгор бо донишҷӯ дар шаклҳои шиносоӣ, машқи истифода татбиқ мегарданд. Омӯзгор ин воситаҳоро ба роҳ монда, назорат менамояд, дар ҳоле ки донишҷӯ мастақилона ин марҳилаҳоро аз худ карда татбиқ мекунад.

Агар чунин муносибат дар дарс татбиқ гардад, метавон муайян кард, ки чӣ бояд дар раванди таълим фаъолтар бошад, омӯзгор ё донишҷӯ. Ҷавоб одӣ аст: донишҷӯ бояд дар маркази фаъолияти таълимӣ қарор гирад. Чунки забони англисӣ ҳамчун фанни амалгаро тақозо мекунад, ки донишҷӯён бештар бо маводи таълимӣ машғул шаванд ва онро дар амалия истифода баранд, зеро малакаҳои муошират бе машқи мунтазам рушд намеёбанд.

Мушоҳидаҳо аз таҷрибаи ҳамарӯза нишон медиҳанд, ки: «дар бештари ҳолатҳои равиши дарс қисми зиёди фаъолият (то 80%) - ро омӯзгорон ба дӯш доранд, ки ин боиси фаъолияти кам кардани донишҷӯён ва паст шудани саҳти фаҳмиши фан мегардад. Аз ин лиҳоз, технологияи муосири таълими забони англисӣ, пеш аз ҳама, сарфаи

оқилонаи вақт ва тақсимоти дурусти онро аз тарафи омӯзгорон ба назар мегирад» [176, с. 27].

Ҳамчунин, қобил ба зикр аст, ки интихоби дурусти методу усулҳо дар татбиқи ҳар як зинаи таълим нақши ҳалкунандаро дорост. Аз ҷумла, зимни шиносоӣ бо маводи нав омӯзгор бояд донишҷӯёнро ба андеша водор намуда, тафаккури мантиқии онҳоро бедор намояд. Дар марҳилаи иҷрои машқҳо бояд хусусиятҳои шахсии ҳар як донишҷӯ ба назар гирифта шавад ва дар марҳилаи истифодаи супоришҳо онҳо бояд на ҳамчун машқ, балки амали муоширатӣ пешниҳод шаванд, яъне донишҷӯён на фақат мазмуни иттилооти аз машқ гирифтаашонро такрор мекунанд, балки нуқтаи назари худро низ баён мекунанд.

Яке аз унсурҳои асосии омӯзиши натиҷабахш ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аст. Ин имкон медиҳад, ки ҳар як донишҷӯ вобаста ба қобилият ва суръати кори худ маводи забониро омӯзад, аз худ кунад ва татбиқ намояд. Аслан, технологияи омӯзиши забони хориҷӣ ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои самарабахши таълимро дар бар мегирад ва ин равандро воситаҳои муосири таълим фарогиранд. Татбиқи дурусти машқу супоишҳо ба омӯзгор барои баланд бардоштани сатҳу сифати дарсҳо ёрӣ мерасонад. Аз тарафи омӯзгор бояд шаклҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла: инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ, оммавӣ, бояд мувофиқи мақсад исифода шаванд. Дар намуди инфиродии фаъолият омӯзгор маводро мувофиқи имкону қобилияти донишҷӯ ва шароит омода мекунад. Ин ҷо қобил ба ёдоварист, ки истифодаи васеи имкониятҳои ҳар як донишҷӯ дар доираи корҳои гурӯҳӣ ва мустақилона, ҳамчунин, масъалаи муҳими технологияи таълим маҳсуб меёбад.

Барои инкишофи маҳорати гуфтор шакли фаъолияти ҷуфтӣ хеле мувофиқ аст, ки зимни он донишҷӯён метавонанд саволу ҷавоб кардан, гуфторҳои мантиқӣ сохтан, омода кардани муоширати шартиро иҷро

кунанд. Натиҷабахшии чунин фаъолият аз салоҳияти омӯзгор дар ташкили дурусти дарс ва назорати иҷрои супоришҳо вобаста аст.

«Дар ҷараёни талаффуз донишҷӯён бояд имкони озодона машқ карданро дошта бошанд. Натиҷабахшии фаъолияти гурӯҳӣ аз чӣ тавр раванди дарсро ба роҳ мондани омӯзгор вобаста аст. Агар омӯзгор ба талаффузи донишҷӯён бодиққат гӯш диҳад ва дар лаҳзаҳои душвор ёрӣ расонад, натиҷаи хубтар ба даст меояд. Вале агар дарс шакли расмӣ гирад ва омӯзгор назорати кофӣ анҷом надиҳад, самаранокӣ коҳиш меёбад. Дар усули шунидан ва кор бо матнҳои таълимӣ шакли оммавӣ истифода мешавад. Дар ин шакл омӯзгор усулҳои дурусти кор бо маводро нишон медиҳад ва донишҷӯён онҳоро дар фаъолияти мустақилона низ истифода мебаранд. Агар омӯзгор супоришро бе нишон додани тарзи иҷро кардани он пешниҳод кунад, ин вақти дарсро беҳуда сарф мекунад. Вале агар ӯ равиши дурусти корро нишон диҳад ва таваҷҷуҳи зарурироро равона созад, он ба донишҷӯён имкони омӯзиши самаранокро фароҳам меорад» [197, с. 431].

Фаъолият дар шакли гурӯҳӣ (гурӯҳҳои 3-5 нафара) имкон медиҳад, ки ҳам машқ таҳти назорат иҷро шавад ва ҳам фазои озоди муошрати гурӯҳӣ ба вуҷуд ояд. Барои ташкили гурӯҳ ва тақсими дурусти супоришҳо омӯзгор бояд хусусиятҳои инфиродии ҳар як донишҷӯро ба назар гирад. Масалан, зимни шинос шудани гурӯҳи дараҷаи ибтидоӣ бо маводи таълимӣ бештар аз усули намоиш додан, ки омӯзгор иҷро мекунад ва зимни гуфтугӯ аз вазъиятҳои хаёлӣ ва маводи намоишӣ истифода бурда мешавад. Дар байни хонандагони сатҳи донишашон миёна ва пешрафтаи дараҷаи 2 ва 3 омӯзгор бештар ба шарҳу тавзеҳ қарор мегирад. Дар байни хонандагони дараҷаи 1 танҳо такрори соддаи машқҳо ҷараён мегиранд. Вале дар байни гурӯҳҳои дараҷаи донишашон 2 ва 3 ин равиш камтар истифода мегардад ва бештар ба вазъиятҳои

воқей такя карда мешавад. Шакли мазкур барои машқи калимаву иборасозӣ, таҳияи гузоришҳо ё дигар фаъолиятҳои таълимӣ қобили итсифода аст. Умуман, технологияи таълими шаклҳои фаъолият ба омӯзгор дар интихоби шаклҳои самарабахши ташкили дарс ва интихоби мавод мусоидат менамояд.

Аз таҳқиқ бармеояд, ки барои таълими босамари забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ омӯзгор бояд роҷеъ ба технологияҳои таълим маълумоти васеву дақиқ ва салоҳияти лозимаро дошта бошад ва ин бе истифодаи технологияҳои муосир ба даст намеояд. Аз ин ҳисоб барои муваффақият дар муҳити донишҷӯён омӯзгорро лозим аст, ки аз усулҳои асосии технологияи таълим истифода барад. Омӯзгорони донишгоҳҳои забонӣ ба дӯши худ вазифаи масъулиятнокро доранд. Онҳо бояд мутахассисеро тайёр кунанд, ки забони хориҷиро хуб балад бошад. Иҷрои ин вазифа воқеан хеле душвор аст, зеро дар вақти маҳдуди соли таълимӣ омӯзонидани донишҷӯён кори ҳақиқатан душвор мебошад. Донишҷӯён дар ин муддат бояд гап задан, фаҳмидан, истифодаи иттилооти сатҳи гуногунро бо забони хориҷӣ аз худ намоянд. Дар таҷрибаи худ методҳои анъанавиро истифода бурда, дар радифи он вобаста ба инкишофи технология ва ҷаҳонишавӣ методҳои инноватсиониро истифода намояд.

Бояд хотиррасон намоем, ки методҳои анъанавӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ асосан бо хондан ва тарҷумаи матнҳои махсус ва махсусиятҳои грамматикӣ маҳдуд буданд. Технологияи иноватсионии таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ дар худ маҷмуи функционалӣ-коммуникативии лингводидактикии амсилаи забонро гирифта, мақсади ниҳоии он таълими муошират нутқӣ дар мавзуи касбӣ мебошад.

Дар айни замон зарурати такмили раванди таълими забони англисӣ ҳамчун забони робитаву ҳамкориҳои байналмилалӣ ба миён омадааст ва истифодаи технологияи компютерӣ дар ин ҷода нақши хеле умда дорад.

Ҷорикунии технологияи иноватсионии муосир дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ тавассути исифодаи технологияи интернетӣ ба даст меояд.

«Гуногунии захираҳои иттилоотии интернетӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки супоришҳои гуногуни ҷустуҷӯйии хусусияти таҳқиқотӣ доштаро истифода барад. Ба ғайр аз ин интернет ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки муошрати зиндаи визуалиро бо соҳибзабонҳо дар замони воқеӣ ва қабули нутқи зинда истифода барад» [203, с. 18].

Омӯзгор на танҳо донишҷӯро шавқманд ба истифодаи технологияи иноватсионӣ дар иҷрои супориш менамояд, худ низ ин технологияро фаъолона истифода намуда, касбияти худро мукаммал менамояд.

Агар дар омӯзиши анъанавӣ усулҳои машқӣ истифода мешуданд, дар истифодаи технологияи иноватсионӣ усулҳои лоиҳавӣ бо инкишофи талаботи маърифатӣ бо шавқмандии касбӣ истифода мешавад. Яъне бо кумаки забони хориҷӣ донишҷӯён дониши касбӣ ва ҷаҳонбинии худро васеъ менамоянд. Зарурати гирифтани иттилоот барои тахассус ҳавасмандиро ба муошират меафзояд. Истифодаи амалии ин иттилоот дар фаъолияти нутқӣ эҳсоси қаноатмандии маърифатиро дар донишҷӯ бедор намуда, муносибати ӯро дар омӯзиши забони хориҷӣ дигар менамояд.

Дар дарсҳои аввал донишҷӯ бо мафҳумҳое шинос мешавад, ки ба ихтисоси ояндаи ӯ наздик мебошад. Донишҷӯ зарурати омӯзиши забони хориҷиро аҳамияти онро ҳамчун зуҳуроти муҳим барои касби ояндаи худ муайян менамояд. Масалан, дар раванди таълими забони англисӣ

истифодаи бозиҳои расмӣ ё худ корӣ, аз қабили: бастани шартномаи ҳамкорӣ, мусоҳиба, муаррифӣ, мулоқоти расмӣ, хеле ҳадафманданд. Чунин бозиҳо ба ҳиссиёти забономӯз таъсири мусбат расонида, муносибати ӯро ба фаъолияти касбӣ муайян мекунад. Шавқмандии маърифатӣ, эҳсосот ба инкишофи шавқмандии муваффақият дар муошират ҳаётӣ имконпазир мегардад.

Дар адабиёти методӣ ва психологӣ роҳҳои гуногуни ҷузъиёти шавқмандӣ нишон дода шудааст.

Инак дар замони имрӯза таъсири самарабахшии ҷузъиёт шавқмандӣ, яъне истифодаи технологияи мултимедӣ дастрас гардидааст.

Компютер ба ҳаёти мо ба таври устувор ворид гаштааст. Донишҷӯёни муосир онро ба таври воқеӣ ҳамчун таҷҳизоти оддии маишӣ истифода мебаранд. Компютер барои донишҷӯи муосир бо пешравӣ, муваффақият мувофиқи рӯҳияи ҷомеа алоқаманд аст. Истифодаи технологияи компютерӣ донишҷӯёнро ба ҳаёти воқеӣ наздик карда, барои шавқмандии донишҷӯён дар омӯзиши забони хориҷӣ кумак мерасонад [178, с. 38].

Барномаҳои мултимедӣ раванди таълими забони хориҷиро самарабахш менамояд. Дар вақти истифодаи онҳо чанд намуди идрок ва намудҳи хотира (биноӣ, босира, эмотсионалӣ) мавриди истифода қарор мегиранд.

Маводҳо барои таълим дар шакли схемаву нақшаҳо, диагрммаҳо, амсилаҳо, ҷадвалҳо барои омӯзиши забони хориҷӣ пешкаш гардида, роҳҳои омӯзишро осон мегардонанд.

Дар вақти истифодаи компютер мо дараҷаи баланди эмотсионалиро дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ рӯ ба рӯ мешавем. Аз як тараф, тавассути барномаҳои компютерӣ маводи бисёр пешниҳод мегардад, ки он хеле равшан ва боэътимод барои донишҷӯ мебошад. Аз

тарафи дигар эҷодкорӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ истифода гардида, мустақилияти маърифатии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад.

Дар марҳилаи муайян барномаҳои компютерӣ донишҷӯёнро ба эҷоди барномаҳои худ дар шакли презентатсия ҳавасманд менамояд.

Чунин намуди эҷодкорӣ донишҷӯёнро ба шавқмандӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ дар асоси кори дилхоҳ бо компютер ҷалб менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳсилоти байналмилалӣ донистани забони англисӣ яке аз ҷузъиёти муҳими салоҳияти касбии хатмкунандагони донишгоҳҳои ғайризабонӣ маҳсуб меёбад. Аммо муносибати анъанавӣ дар омӯзиши забони англисӣ, воқеан, махсусияти инфиродӣ ва талаботи донишҷӯёнро ба инобат намегирад, ки ба пастшавии шавқмандӣ ва самаранокии раванди таълим боис мегардад. Дар кори худ мо муносибати тафриқабандиро дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ интихоб намудем, ки ин метод пастшавии шавқмандиро коҳиш дода, сифати омӯзиши забони англисиро дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ боло мебардорад.

Дар ин росто барои ҷорӣ нмудани муносибати тавриқавӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳи ғайризабонӣ як қатор усулҳоро мавриди истифода қарор додем.

Ба сифати меъёрҳои асосии тафриқа чунин ҷудокунӣ истифода гардид:

1. Самти касбии таълим (техникӣ, иқтисодӣ, ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ).

2. Дараҷаи омодагии донишҷӯ (A-1, A-2, ибтидоӣ, B-1, базавӣ, B-2, C-1, интиҳоӣ аз рӯйи шкалаи CEFR).

3. Махсусияти инфиродии донишҷӯён (намуди тафаккур, қобилияти азхудкунии мавод, стратегияи азхудкунии забон).

Вобаста ба ин меъёр гурӯҳи озмоишӣ ва санҷишии донишҷӯёни курсҳои 1-2 ҷудо карда шуд. Дар гурӯҳи озмоишӣ (ГО) таълим бо усули тафриқавӣ гузаронида шуд ва дар гурӯҳи санҷишӣ (ГС) муносибати анъанавии омӯзиш мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо такя ба натиҷаҳои ташхисӣ барномаҳои тафриқавӣ омода шуд ва ин барои ҳар як касб ва ҳар як дараҷаи забондонӣ омода гардид. Интихоби мазмуни таълим вобаста ба ҳисобгирии махсусияти касбӣ ва талаботи коммуникативии мутахассисони оянда иҷро гардид. Чунончи, «барои донишҷӯёни соҳаи техникӣ матнҳо ва супоришҳо ба самти фаъолияти касбии ояндаи онҳо мавриди истифода қарор гирифт (тасвирӣ, техникӣ, тавсияномаҳо, мақолаҳои илмӣ, патентҳо). Дар соҳаи иқтисодӣ маводи расмӣ ва молиявӣ ва дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, матнҳои мавҷудаи ҳуқуқ (қонунҳо, ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, қарорҳои судӣ, шартномаҳо) мавриди истифода қарор гирифт» [154, с. 11].

Дар вақти коркарди супоришҳо дараҷаи ибтидоии дониши донишҷӯён ба инобат гирифта шуд. Барои донишҷӯёни дараҷаи ибтидоӣ матнҳои соддатар бо ҳаҷми 300-500 калима пешниҳод гардид. Супориш барои ҳалли малакаи забон равона гардида, вазифаҳои хондан, гӯш кардан, гап задан ва навиштанро бояд ҳал менамуданд.

Донишҷӯёни базавӣ (В-1) бо матнҳои коркардшуда бо 300-800 калима ва иҷрои супориш таъмин гардиданд. Ба онҳо супориш дода шуд, ки иттилооти мушаххасро ҷустуҷӯ намоянд. Барои дараҷаи интиҳоӣ 1000-1500 калимаҳо аз лексикаи мардумӣ, ки фаҳмиши чуқури иттилоотро тақозо менамояд, пешниҳод гардид. Супоришҳо дорои хусусияти эҷодкорона ва таҳқиқотӣ буданд (маърӯзаҳо, презентатсия, муҳокима).

Дар вақти гузаронидани озмоиш махсусияти инфиродии донишҷӯён ба инобат гирифта шуд. Барои донишҷӯёни соҳиби намуди

мантиқии тафаккур супоришҳои аналитикӣ пешниҳод гардид (таҳлили матнҳои иттилоотӣ, муайян кардани алоқаи мантиқӣ, системакунии маълумотҳо).

Санҷиш нишон дод, ки сифати омӯзиши забони англисӣ тибқи муносибати тафриқавӣ дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ баландтар мебошад.

Таҳлили сифати таҳқиқот нишон дод, ки дараҷаи самарабахш дар гурӯҳи ибтидоӣ 28% , дар гурӯҳи базавӣ 11% зиёд гаштааст.

Натиҷаи баланд дар дараҷаи интиҳоӣ ба даст омад. Ин ҷо асосан донишҷӯён дараҷаи натиҷаи қобилияти таҳлили амиқ ва таснифи матнҳои касбӣ, маҳорати интиқодӣ, мавқеи худро шарҳ додан ва омодагии фаъолияти таҳқиқот бо истифодаи забони англисӣ нишон дода шуд. Истифодаи матнҳои бо мураккабии миёна, супоришҳои тафриқавӣ ба баланд шудани фаъолияти нутқӣ таъсир расонида, ба донишҷӯён дараҷаи базавӣ имкон дод, ки захираи луғавии худро ғанӣ гардонида, малакаи забонро паси сар карданд. Асосан супоришҳои хусусияти проблеммавӣ дошта, бозиҳои нақшофарӣ, лоиҳаҳо, ки барои муошират касбӣ мусоидат намуданд, барои инкишофи салоҳияти забондонии донишҷӯён боис гардид.

Бояд қайд намоем, ки муносибати тафриқавӣ на танҳо комёбии донишҷӯёнро зиёд намуд, ҳамчунин, шавқмандии донишҷӯёнро дар омӯзиши забони англисӣ афзоиш дод. Бисёри донишҷӯён омодагии худро дар мустақилона идома додани омӯзиши забони англисӣ изҳор намуданд. Донишҷӯён ҳамаи дараҷаҳоро доштанд, ки муносибати тафриқавӣ, супоришҳои махсуси ин муносибат шавқи зиёди донишҷӯёнро ба миён оварда, онҳоро ба раванди таълим ҷалб намуд. Ба ғайр аз ин, муносибати тафриқавӣ мухторияти донишҷӯён ва мустақилияти онҳоро нисбати омӯзиши забони англисӣ бештар намуд.

Асосан дар ба инобат гирифтани махсусияти инфиродии донишҷӯён дар раванди омӯзиши тафриқавӣ натиҷаи хуб ба даст омад. Донишҷӯёни дорои намуди тафаккури мантиқӣ дараҷаи баландро дар иҷрои супоришҳои аналитикӣ нишон доданд. Ин нишон медиҳад, ки ба инобат гирифтани махсусияти инфиродӣ дар вақти таълими тафриқавӣ хеле муҳим буда, ба дараҷаи омӯзиш таъсири мусбат мегузорад.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки ба эътибор гирифтани хусусиятҳои инфиродии донишандӯзон дар раванди таълими забони англисӣ натиҷаи мусбат ба даст меорад.

Татбиқи муноисбати тафриқавӣ аз ҷониби омӯзгор ташаббуси махсусро дар интихоби маводи омӯзишӣ, супоришҳои таълимӣ тибқи сатҳи дониши донишҷӯён, малака дар истифодаи метод ва усулро аз омӯзгорон тақозо менамояд. Новобаста ба душвории истифодабарии методи тафриқавӣ 34% омӯзгорон омодагии худро дар истифодаи методи муносибати тафриқавӣ нишон доданд. Онҳо муносибати худро нисбат ба омӯзиши тафриқавӣ нишон дода, натиҷаи мусбатро дар омӯзиш зикр намуданд. Аксари омӯзгорон изҳор доштанд, ки дар таъмини минбаъдаи омӯзиши тафриқавиро истифода намудан бо ҳамкорони худ табодули таҷриба намуда, маҳорати педагогии худро мустаҳкам менамоянд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда муфидияти муносибати тафриқавиро дар омӯзиши забони англисии донишгоҳҳои ғайризабони нишон медиҳад. Муносибати мазкур имкон медиҳад, ки ба таври мукаммал махсусияти касбӣ, омодагии дараҷаи дониши донишҷӯ ба инобат гирифта шавад, ҳамчунин, махсусияти инфиродии донишҷӯ риоя карда шавад. Муносибати таҷрибавӣ ва методҳо дар ҳама касбҳо истифода мешаванд, албатта, дараҷаи омодагии донишҷӯён ба инобат гирифта мешавад. Сифати омӯзиши забон сайқал дода мешавад.

Хулосаи боби чорум

Дар ин бахш таҳлили бозиҳои забонӣ, дараҷаи истифодабарии забонҳо ва хусусиятҳои омӯзиши забони хориҷӣ дар замони муосир омода шудааст. Ин ҷо таҳқиқ ва шарҳи дузабонӣ ё билингвизми сунъӣ ва истифодаи забонҳои гуногун дар муошират ва таълим таҳлил гашта аст.

Дар ин қисмат эҳтимоли ташаккули билингвизми сунъӣ (дузабонии омӯхташуда) ва нақши бозии забонӣ дар заминаи забони англисӣ тафсир гардидааст, ки ин барои фаҳмидани саҳм ва аҳамияти англисӣ ҳамчун забони умумӣ дар муошират ва омӯзиш аҳамияти калон дорад. Аммо бояд гуфт, ки ин ду забонии сунъӣ на танҳо дар синфхонаҳои таълимӣ, балки дар муҳити муошират бо соҳибони забон низ амалӣ мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқи рус Черничкина Е.К.: «дар замони муосир билингвизми сунъӣ барои омӯхтани забонҳои дуюм ташаккул меёбад. Ин дузабонӣ бояд ҳамчун таҷрибаи омӯзишӣ ва таҳқиқи байнифарҳангӣ дар назар гирифта шавад, ки дар он инсон забони дуюмро дар муошират бо соҳибони забон истифода мебарад, аммо ҳаргиз ба дараҷаи муҳаққиқ ва омӯзгорони забон намерасад».

Мафҳуми «бозии забонӣ» аз ҷониби файласуфи австролӣ Людвиг. Витгейнштейн пешниҳод шудааст, ва ба тарзи истифодаи забон дар муошират инсонӣ ишора мекунад. Ба ақидаи Витгенштейн, «бозии забонӣ унсури муҳими гуфтугӯ буда, дар он қоидаҳо ва меъёрҳои нутқ метавонанд тағйир ёбанд ва шаклҳои наву ғайриоддии истифодаи забон пайдо шаванд. Яке аз вижагиҳои асосии бозии забонӣ ин истифодаи маҷозӣ ё шӯхӣ дар ҳолатҳои мухталиф аст, ки ба муошират шодӣ ва лаззат мебахшад».

Дар ин бахш таъкид мешавад, ки бозии забонӣ на танҳо як ҷузъиёти нутқ мебошад, балки барои баён кардани муносибатҳои фарҳангӣ, эмотсионалӣ ва лексикӣ истифода мешавад. Масалан, дар

тафсири антонимӣ (муқобилмаъноӣ) ва гипонимӣ (иловаи маъно) муносибатҳои шодона ва ё номувофиқ метавонанд дар баробари шуҳрат ё ҷинс нишон дода шаванд. Ҳар як дастури нутқ дар муҳити дузабона як шакли нави бозии забонӣ дар муҳити фарҳангӣ мебошад.

Аз рӯйи таҳқиқоти муайяншуда бо иштироки донишҷӯён бозиҳои забонӣ дар муҳити омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушоҳида шуданд. Намудҳои мухталифи бозиҳои забонӣ, истифодаи идиомаҳои гуногун, калимаҳои муқобилмаъно, истифодаи матнҳои фарҳангӣ, аз ҷумла идиомаҳо, дар ҳошияи омӯзиши забони хориҷӣ умда мебошанд.

Дар бозии забонӣ мо метавонем намуди антонимӣ (масалан: "cold turkey" ва "hot turkey") ё истифодаи идиомаҳо дар матни гуногунро мушоҳида кунем, ки маъноҳои онҳо тағйир меёбанд. Масалан, муносибати антонимӣ (муқобилмаъноӣ) метавонад дар ибораҳое ба монанди: "cold turkey" (тарки одат ба таври ногаҳонӣ) ва "hot turkey" (ки метавонад дар матни дигар, масалан, ғизои гарм, истифода шавад) дида шавад. Инчунин, дар бозии забонӣ идиомаҳо дар вазъиятҳои мухталиф маъноҳои гуногун мегиранд. Барои мисол, калимаҳо ё ибораҳо метавонанд вобаста ба замон (масалан, замони гузашта ё муосир) ё забонҳои мухталиф (масалан, англисӣ ва тоҷикӣ) маъноҳои муқобил ё мушобеҳ пайдо кунанд, ки ин ба муошират ранги дигар мебахшад.

Хулоса, дар бозии забони ду алоқаи семантикӣ, масалан, антонимӣ ва гипонимӣ, ҳамчун воситаҳо барои сохтани маънои нав ва таъсиргузор истифода мешаванд. Ҳамчунин, дарк кардани аломатҳои забон ва шаклҳои муқаррарии забон барои таъриф ва истифодаи дуруст муҳим аст. Муҳаққиқ Н.И. Жинкина таъкид мекунад, ки: «фаҳмиши забон бояд ҳамчун як системаи ягона ва комил баррасӣ шавад, на фақат ба шакли воҳидҳои алоҳидаи он, ба монанди маъноҳои калимаҳо (лексикӣ-семантикӣ) ё мавзуъҳои ҷудогона».

Ғайр аз ин, бозии забонӣ ҳам дар доираи дузабонии сунъӣ ва ҳам дар омӯзиши забон ҳамчун имконият барои сохтани образҳо, ҳис кардани нозукиҳои забон ва ташаккул додани малакаи грамматикӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, бозии забонӣ на танҳо раванди эҷодӣ аст, балки он барои осон аз худ кардани грамматикаи забони англисӣ ва ҳавасманд кардани забономӯзон мусоидат менамояд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва пешрафти технологияҳои иттилоотӣ талабот ба мутахассисоне, ки забонҳои хориҷиро медонанд, ба хеле зиёд аст. Барои мутахассисони муосир донистани забонҳои хориҷӣ як зарурати муҳим аст, то онҳо дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд ва ба дастовардҳоро соҳиб шаванд. Ба ин хотир, дар таълим ба ташаккули салоҳиятҳои таълимию маърифатии донишҷӯён, бахусус дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад.

Донишгоҳҳои ғайризабонӣ, ки дар онҳо таълим асосан бо забони миллӣ сурат мегирад, низ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққат медиҳанд, зеро забонҳо барои азхудкунии технологиҳои нав ва ба нақша гирифтани фаъолиятҳои касбӣ аҳамияти калон доранд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии ин донишгоҳҳо ин аст, ки донишҷӯёнро барои рушди салоҳиятмандии таълимӣ-маърифатӣ, махсусан, дар забонҳои хориҷӣ омода кунанд.

Аз таҳқиқот ва суолпурсӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд, маълум гашт, ки донишҷӯён дар сатҳҳои гуногуни салоҳиятҳои коммуникативӣ дар забонҳои хориҷӣ карор доранд. Аз ин рӯ, барои муваффақият дар омузиши забони хориҷӣ, шароити педагогӣ (ҷойи таълим, муҳити психологияи омӯзишӣ ва методҳои таълимӣ) хеле муҳим аст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки кори мустақилона дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ як унсури муҳими рушди салоҳиятмандии

коммуникативии донишҷӯён аст. Агар донишҷӯ дар вақти таълим фаъолона ва мустақилона кӯшиш кунад, натиҷаҳо метавонанд назаррас бошанд. Аммо мушкилоти зиёде, ба монанди майл ва хоҳиш дар омӯзиши забони хориҷӣ, нобаробарии омодагии донишҷӯён ва маҳдудиятҳои маводи таълимӣ вуҷуд доранд, ки бояд онҳоро бартараф кард.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои донишҷӯён дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ вазифаи муҳим ва зарурӣ буда, ҷорӣ гардад.

Дар маҷмуъ дар ин бахш пешниҳод мешавад, ки таълимӣ забони хориҷӣ бояд дар асоси муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истифодаи манбаъҳои нав ва тарғиби мустақилияти донишҷӯён ташкил шавад, то ки онҳо дар муҳити байналмилалӣ ва касбӣ муваффақ бошанд.

Дар ин бахш имкониятҳо дар таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ ва мушкилот, аз қабили: нокифоя будани маводи таълимӣ, ба кор набурдани васоили техникӣ, ҳавасмандии нокифоя дар омӯзиши забони хориҷӣ ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Ҳалли ин мушкилот, аз ҷумла, такмил додани усулҳои таълим, истифодаи технологиҳои муосир ва методҳои эҷодӣ барои баланд бардоштани шавқи донишҷӯён ва омода кардани онҳо барои муҳити бисёрфарҳангӣ ва глобалӣ мебошад. Дар маҷмуъ пешниҳод мешавад, ки таълими забони хориҷӣ бояд дар асоси муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истифодаи манбаъҳои нав ва тарғиби мустақилияти донишҷӯён ташкил шавад, то ки онҳо дар муҳити байналмилалӣ ва касбӣ муваффақ бошанд.

Дар даҳсолаҳои аввали асри XXI талабот ба таълими касбии забони хориҷӣ, хусусан англисӣ, дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ афзоиш ёфтааст. Забони англисӣ имрӯз ба як талаботи муҳим барои мутахассисон табдил ёфтааст ва омӯзиши он барои муошират ва

фаъолияти касбӣ зарур мебошад. Бо вуҷуди он, дар зинаи ибтидоии таълим мушкилоти зиёде, ба монанди нарасидани методикаи омӯзиш пеш меояд.

Омили асосӣ, ки дар муошрати касбӣ дар омӯзиши забонҳо таъсир мерасонад, ин ташаккули малакаи муошрати комил мебошад ва малакаи лингвистӣ, нутқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбиро дар бар мегирад.

Ба андешаи мо, назарияи таълим бояд ҳамаи паҳлуҳои забону фарҳангро фаро гирад.

Қобил ба зикр аст, ки дар раванди таълим усулҳои педагогии муосир ва шеваҳои эҷодӣ ба кор гирифта шаванд, то донишҷӯён на танҳо забонро, балки фарҳангӣ дигар кишварҳоро низ биомӯзанд ва барои муошрати байнифарҳангӣ қобилияти лозимаро ба даст оранд. Ба ҳамин тартиб, вазифаи муҳими омӯзгор ин аст, ки муҳити таълимиро барои таълими салоҳияти коммуникативии донишҷӯён мусоиди психологӣ ва амалӣ созад.

Таъкид мешавад, ки омӯзиш бояд ҳамзамон бо рушди таҷрибаҳои амалӣ ва шиносоии донишҷӯён бо муҳити байнифарҳангӣ омезиш ёбад, то онҳо дар муҳити илмӣ ва касбӣ бо муваффақият фаъолият кунанд.

БОБИ 5. ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

5.1. Технологияи муосири таълими инноватсионии забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ

Забони англисӣ имрӯз ҳамчун забони байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла илм, тиҷорат, фарҳанг ва сиёсати ҷоҳонӣ истифода мешавад. Омӯзиши ин забон дар факултетҳои ғайризабонӣ, ки таълим ба самтҳои илмҳои табиӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва ғайра нигаронида шудааст, ба вазифаи муҳими стратегӣ табдил ёфтааст.

Омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ барои рушди касбӣ ва илмӣ зарур аст. Вале агарчӣ таълим дар ин соҳаҳо асосан ба самти фаннӣ ва амалии касбӣ таваҷҷуҳ кунад ҳам, омӯхтани забони англисӣ ҳамчун ҷузъи ҳамгиро ва муҳим дар раванди таҳсилоти муосир ба назар мерасад. Забони англисӣ дар ин соҳаҳо як воситаест барои табодули маълумот, муошират ва амалӣ намудани донишҳо. Ин раванд аз ду ҷиҳат муҳим аст: аввал, донишҷӯён барои анҷом додани таҳқиқот ва илмҳои худ бояд забони англисиро фаҳманд ва дувум, бо истифода аз ин забон метавонанд ба ҷаҳон дониши худро паҳн кунанд.

Дар факултетҳои ғайризабонӣ забони англисӣ ҳамчун воситаи муҳим маҳз барои таҳқиқот ва корҳои илмӣ истифода мешавад. Бештари мақолаҳои илмӣ, тадқиқотҳо ва пурсишҳои касбӣ бо забони англисӣ таҳия ва интишор мешаванд, ки дар натиҷа донишҷӯёнро водор мекунад барои хондан, таҳлил ва ишора кардани манбаъҳои илмии муосир забони англисиро омӯзанд. Бархӯрдор будан аз донишҳо ва маълумоти илмии англисӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад ба конференсияҳо, симпозиумҳо ва семинарҳои байналмилалӣ шомил шаванд, ки дар он ҷо бо муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳамзамон дар мубодила кардани идеяҳо ва таҷрибаҳои таҳқиқотӣ ширкат варзанд. Махсусан, дар муҳити илмӣ ва

таълимӣ забони англисӣ яке аз воситаҳои асосии иртибот барои мунозира ва муаррифии пажуҳишҳо, инчунин муошират ва ҳамкории самарабахш бо муҳаққиқони дигар кишварҳо мебошад. Мақсад аз иштирок дар чунин чорабиниҳо аксуламали сари вақт дар илмҳои пешрафта ва роҳнамоии мутахассисон дар бахши соҳа мебошад. Дар замони муосир, ки навигариҳои илмӣ ва технологӣ ҳар рӯз муаррифӣ мешаванд, иштирок дар чунин конференсияҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки навтарин таҳқиқоти илмии ҷаҳониро пайгирӣ кунанд ва ба шомил шудани он дар ҷамъияти илмии ҷаҳонӣ саҳм гузоранд. Ба ибораи дигар гӯем, донишҷӯён забони англисиро ҳамчун воситаи амал барои иҷрои таҳқиқоти мустақил ва ҳамкории байналмилалӣ истифода мебаранд, ки бо он метавонанд саҳмгузории худро дар олами илм ва табаддулоти фикрӣ дар муҳити глобалӣ афзоиш диҳанд. Бар асари рушди интиқоли маълумот дар интернет ва платформаҳои онлайнӣ илм ва омӯзиш имрӯз бештар ба забони англисӣ иртибот дорад ва барои донишҷӯён муҳим аст, ки таҷрибаи хуби омӯхтани ин забонро дошта бошанд.

Давом додани таҳсилот дар факултетҳои ғайризабонӣ метавонад имконияти муҳими муошират ва ҳамкории байналмилалиро барои донишҷӯён ба вуҷуд орад. Забони англисӣ як воситаи муҳими муошират дар байни донишҷӯён ва муҳаққиқони хориҷӣ мебошад, ки бо он донишҷӯён метавонанд дар фаъолияти илмию касбӣ дар кишварҳои дигар иштирок кунанд. Забони англисӣ инчунин василаи муошират байни ташкилотҳо, муассисаҳои таҳсилотии байналмилалӣ ва ширкатҳои глобалӣ ба шумор меравад.

Омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ на танҳо як марҳалаи аввалии таҳсил, балки ба шахсияти касбӣ ва ҳамчунин натиҷаҳои кории донишҷӯён таъсири калон мерасонад. Баъди хатми

таҳсилот, донишҷӯён шиддатан бо мутахассисони ҷаҳонӣ, олимон, муҳандисон ва мизоҷон дар робита қарор мегиранд.

Бо вуҷуди ин, раванди мазкур дарки як қатор мушкилотро, аз ҷумла маҳдудияти вақт, истифодаи ками усулҳои таълимӣ, набудани таҳкурсии забонӣ дар донишҷӯён, камбудии заминаи забонии муҳити таълимӣ, фазои муошират ба пеш мугузорад. Барои рафъи ин мушкилот ва беҳтар кардани сифати таълим дар ин шева технологияҳои муосир кумак мерасонад. Мо низ дар ин бахш кӯшиш ба харҷ додем, ки тавассути таҳлилу таҳқиқи дақиқ моҳияти истифодаи технологияи инноватсионии омӯзиши забони англисиро дар факултетҳои ғайризабонӣ тафсир диҳем.

Дар ҷаҳони имрӯза бисёре аз ширкатҳо ва муассисаҳо дар бисёре аз соҳаҳо забони англисиро ҳамчун талаботи асосӣ барои пайвастшавӣ ба дастаҳо ва имкониятҳои корӣ меписанданд. Омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯён дар факултетҳои ғайризабонӣ имкон медиҳад, ки ба бозори кор дар кишварҳои гуногун ворид шаванд. Ҳар як донишҷӯе, ки забони англисиро омӯхтааст, бевосита дар муҳити бисёрзабона ва бисёрмиллат қарор мегирад. Забони англисӣ на танҳо дар кор, балки дар тасвири стратегияи байналмилалӣ, таҳқиқот ва таълим дар бахшҳои гуногуни илму амалиёт таъсири беҳамто дорад. Омӯзиши забон дар муҳити таълимӣ ва касбӣ, дар асл, як имконият аст барои донишҷӯён, ки нисбат ба дигар шахсони ҳирфаӣ роҳбарӣ дошта бошанд.

Бо истифода аз забони англисӣ, донишҷӯён на танҳо ба қобилиятҳои касбӣ ва илмии худ, балки ба рушди ҷомеаи байналмилалии илмӣ ва касбӣ дар соҳаҳои ғайризабонӣ таъсир мерасонанд.

Дар раванди таҳсил ва омӯзиши забони англисӣ, технологияҳои муосир ва усулҳои методӣ нақши муҳим ва беназири худро мебозанд.

Ҳар як омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки бо истифода аз воситаҳои навин ва усулҳои самарабахш муҳити таълимиро беҳтар кунад, то ки донишҷӯён имкон дошта бошанд забони англисиро ба таври осону гуворо бештар ёд гиранд. Аз ин рӯ: «истифодаи технологияҳои таълимӣ як равиши муассир аст, ки бо он метавон муҳити таълимиро хеле динамикӣ, шавқовар ва интерактивӣ кард. Дар ҳамин замина, истифодаи воситаҳои мултимедӣ, платформаҳои онлайн ва барномаҳои махсус барои омӯзиши забон махсусан муҳим мебошанд. Ин барномаҳо метавонанд модулҳои омӯзиши грамматика, сӯҳбатҳо ва лексика, супоришҳо дар самти шиносоии калимаҳо ва грамматика ва ҳатто рафъи хатоҳоро пешниҳод кунанд. Аз ин ҷумла, барномаҳо Duolingo, Babbel, Rosetta Stone ва дигар намудҳои софсанҷҳо ва ҳалли автоматикӣ ҳастанд, ки барои такмили малакаҳои ёдгирӣ ва татбиқи лексикаи забони англисӣ кумак мекунанд» [163, с. 18].

Мултимедиа дар таълими забон яке аз воситаҳои амиқ ва самарабахш аст, ки омӯзишро зуд ва ҷолиб мекунад. Воситаҳои мултимедӣ, ба монанди видеоҳо, аниматсияҳо, тасвирҳо ва аудио, барои фаҳмидани мавзуъҳо ва таълим барои донишҷӯён хеле натиҷабахш мебошанд. Махсусан, воситаҳои мултимедӣ ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки он чи ки мехонанд ё мешунаванд, ба шахсияти онҳо таъсир мерасонад. Омӯзиш бо истифодаи видеоҳо кумак мекунад, ки донишҷӯён фарҳанг, муносибатҳо ва роҳҳои амалишудани забонро бо тафсири визуалӣ дарк кунанд.

Видеоҳо ва аниматсияҳо на танҳо ба донишҷӯён кумак мерасонанд, ки калимаҳо ва грамматикаи нави англисиро аз худ намоянд, балки инчунин муоширатҳои аслӣ ва таълимро дар заминаи воқеӣ таъмин кунанд. Масалан, шиносоӣ бо грамматика ва калимаҳо дар видеоҳои таълимӣ бо тафсир ва тавзеҳот самараноктар анҷом меёбад ва ба

донишҷӯён кумак мекунад, ки маълумотро дар хотир нигоҳ доранд ва протсеси бахотиргирӣ ба амал меояд.

Аниматсияҳо ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки мушкилоти грамматикӣ ва лексикиро дар замнаи муошират ва дуруст истифода кардани онҳо дар муҳити воқеӣ пайгирӣ кунанд. Ҳамчунин, аудио барои ёдгирии забон ва фаҳмидани таълимоти лексикӣ ва грамматикӣ хеле мувофиқ аст. Омӯзиш тавассути шунидан кумак мекунад, ки донишҷӯён на танҳо лексикаи навро ёд гиранд, балки системаҳои фонетикӣ ва талаффузи забонро ба таври дуруст фаро гиранд. Масалан, истифодаи аудио ё подкастҳои омӯзишӣ, ки дар онҳо як мавзуъи хос баррасӣ мешавад, барои омӯзиши сленг ё фаҳмидани маънои ибораҳо дар муҳити кӯтоҳ ва мувофиқ муфид мебошад. Яъне, ин гуна маводҳо ба омӯзандагон имкон медиҳанд, ки дар муҳити воқеӣ ва мухтасар тарзи истифодаи калимаҳо ё ибораҳои махсусро дарк кунанд. Масалан, подкастҳо - барномаҳои аудиоӣ ё садоӣ, ки одатан тариқи интернет паҳн шуда, дар онҳо мавзуъҳои гуногун, аз қабили: омӯзиш, фарҳанг, сиёсат ё вақтхушӣ, баррасӣ мегарданд, метавонанд муҳити гуфтугӯйии зиндаро тақлид кунанд, ки дар он сленг ё ибораҳои маъмул дар забони гуфтугӯӣ ба таври табиӣ истифода мешаванд ва ин ба омӯзиши забон дар шакли амалӣ ва ҷолиб кумак мекунад.

Истифодаи технологияи муосир, ба монанди барномаҳои мобилӣ ва системаи иттилоотии таълимӣ (Learning Management System – LMS), барои омӯзиш хеле самаранок аст. Ин технологиҳо ба омӯзгорон ва донишҷӯён кумак мекунанд, ки маводҳои таълимиро ба осонӣ созмон диҳанд, ба онҳо дастрасӣ пайдо кунанд ва дар раванди омӯзиш якҷоя фаъолият намоянд.

Ҳамин тариқ, «таҷрибаи омӯзиш дар аудитория як ҷанбаи муҳими омӯзиш аст, аммо он аз дигар ҷанбаҳои таълим, ба мисли банақшагирии

мавзуъҳо ва идоракунии рафтори донишҷӯён, фарқ дорад. Яъне, технология як восита аст, вале тарзи ташкили дарс ва муносибат бо донишҷӯён ҷудогона аст ва ба он вобаста нест. Баръакси ин, истифодаи барномаҳои виртуалӣ, платформаҳои видеоӣ ва супоришҳои интерактивӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад дар муҳити воқеии забонӣ, ки дар он забон ба таври табиӣ истифода мешавад, фаъолона иштирок кунанд. Масалан, донишҷӯён метавонанд дар гурӯҳҳои видеоӣ ва конференсияҳои онлайнӣ ширкат варзанд ва ин ба онҳо кумак мерасонад, ки забони англисиро на танҳо аз ҷиҳати грамматикӣ, балки ба таври муошират ё дар амалия истифода баранд. Дар ин раванд онҳо тавассути табодули дурусти афкор ва маводи таълимӣ ҷиҳатҳои муфиди забонро бо шарикони дигар кор мекунанд» [159, с. 28].

Бо истифода аз технологияҳои таълимӣ усулҳои методии таълим метавонанд самаранокии бештарро ба вуҷуд оваранд. Методҳои маърифатӣ ва амалӣ, ки бо ёрии воситаҳои технологӣ дар тамоми марҳалаҳои таълимӣ истифода бурда мешавад, ба донишҷӯён кумак мерасонад, ки як равиши дуруст ва усулҳоро барои истифодаи забон ба таври самарабахш қабул кунанд. Бо вуҷуди он, ки бисёре аз донишҷӯён имконияти амалии муошират кардан ё такрори маводро дар муҳити маъмулӣ надоранд ва соҳиби тафаккури зеҳнии инкишофёфта нестанд, бо истифода аз техникаҳои муосир ва дар алоқа бо технологияҳои таълимӣ онҳо метавонанд мушкилоти якҷоя кардани малакаҳои муносибат ва коммуникатсияро осонтар ҳал кунанд. Масалан, «истифодаи ҳар гуна барномаҳои мобилӣ ба донишҷӯён кумак мекунад, ки грамматика ва вожаҳои англисии муосирро ёд гиранд. Платформаҳо, ба монанди Duolingo ва Babbel, дар шинохти дурусти лексика ва грамматика кумак мерасонанд» [338, с. 136].

Омӯзиши ҳар як забон на танҳо ба фаҳмидани қоидаҳои грамматикӣ, балки ба малакаҳои муоширатӣ ва ҳунари истифодаи дуруст дар муҳити иҷтимоии воқеӣ ниёз дорад. Ташкили раванди таълим дар шаклҳои гуногун як усули самарабахш барои беҳтар кардани малакаҳои забони мавриди омӯзиш мебошад. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки: «омӯзиши забони англисӣ дар шаклҳои гуногуни фаъолиятҳо - инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ – ба донишҷӯён мусоидат мекунад, ки салоҳиятҳои муоширатии худро тавассути муносибат ба дигарон ва иштирок дар муҳокимаҳо ва таҳқиқотҳои гурӯҳӣ такмил диҳанд. Омӯзиш дар гурӯҳ ва ҷуфт метавонад, инчунин, барои таълими муштарак ва рӯйдодҳои воқеӣ самарабахш бошад. Чунончи, дар шакли гурӯҳии фаъолият донишҷӯён метавонанд мавзуъҳои муфассалро муҳокима кунанд ва дар асоси омӯзиш онро дар раванди амалия татбиқ намоянд. Ҳамчунин, шаклҳои инфиродии фаъолият барои омӯзиши ҳамаҷониба ва шиносоӣ бо маводҳои таълимӣ метавонанд муҳим бошанд» [276, с. 98].

Шакли инфиродии фаъолият як воситаи муҳими таълим аст, ки дар он донишҷӯён мустақилона бо маводи таълимӣ кор мекунанд. Ин шакл барои таълими амиқ ва шиносоӣ бо мавзуъҳои забон, грамматика ва калимаҳои нав хеле натиҷабахш аст. Омӯзиш дар шакли инфиродӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён аз хулосаҳои шахсии худ, ки баъзан андешаҳо ва роҳҳои хосси ёдгирии онҳоро ифода мекунанд, истифода намоянд.

Шакли инфиродӣ барои рушди навъи худшиносӣ ва масъулият дар раванди омӯзиш муҳим аст. Донишҷӯ метавонад платформаи онлайн, китобҳо, воситаҳои аудио-видео ва дигар маводҳоро истифода барад, ки барои такмили малакаҳои забонӣ мувофиқанд. Масалан, вақте ки донишҷӯ бо истифода аз платформаи Duolingo ё Rosetta Stone кор

мекунад, ӯ кӯшиш мекунад, ки ҳар як модул ё дарсро ба таври инфиродӣ омӯзад ва ба соҳаҳои забоние, ки барои ӯ мушкилӣ эҷод менамоянд, диққати махсус диҳад.

Ба ҳамин тариқ, ин шакл ба донишҷӯ кумак мекунад, ки малакаи танқиди ҳарфӣ ва интизоришудани тафаккури ҷустуҷӯ дар самти ёдгирии мавзуъҳо беҳтар шавад.

Шакли омӯзиши ҷуфтӣ, ки бо номи ҳамкорӣ дар ҷуфт низ маъруф аст, «усули босамарест, ки дар он донишҷӯён бо якдигар барои омӯхтани забон ҳамкорӣ мекунанд. Ин усул барои таълим дар муносибатҳои муоширатии воқеӣ ва омӯзиш дар заминаи мувофиқ хеле муносиб аст. Донишҷӯён дар ҷуфтҳо метавонанд ба ҳамдигар кумак расонанд, мавзуъҳоро муҳокима кунанд ва дар раванди омӯзиш матнҳои ҷолиб ва тасвирҳои аниматсионирo таҳлил намоянд» [166, с. 98].

Амалан, муҳокимаи мавзуъҳо бо дигар донишҷӯён барои рушду ташаккули малакаҳои гапзанӣ гуфтор ва тақвияти эҳсоси забон аҳамияти калон дорад. Масалан, вақте ки донишҷӯён дар муҳити ҷуфтӣ ба саволҳои махсуси грамматикӣ ҷавоб медиҳанд ё дар рӯзҳои таҷриба ё симпозиумҳо иштирок мекунанд, онҳо имконият пайдо мекунанд, ки нақши худро дар омӯзиш фаъолона иҷро кунанд ва унсурҳои асосии дарсҳоро дар амал татбиқ намоянд.

Фаъолият дар гурӯҳи ҷуфтӣ воқеан, ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки шеваи муоширатии худро дар як муҳити бехатар ва тасаввуротӣ амал кунанд, ки барои нав кардани малакаҳои гуфтугӯ ба онҳо кумак мерасонад.

Ҷанбаи муҳими омӯзиш дар шакли ҷуфтӣ ин аст, ки донишҷӯён метавонанд хатоҳои якдигарро аз нигоҳи мусбат пешниҳод кунанд. Ин равиш ба онҳо имкон медиҳад, ки тавассути танқиди мусбат ва ҳамкории мутақобила дар омӯзиш фаъолтар иштирок варзанд.

Шакли гурӯҳии фаъолият як усули хеле таъсирбахш ва самаранок аст, ки дар он донишҷӯён дар гурӯҳҳои хурд ё калон барои баррасии мавзуъҳо, иҷрои вазифаҳо ва муҳокимаи масъалаҳои муштарак кор мекунанд. Вақте ки донишҷӯён дар гурӯҳҳои хурд кор мекунанд, онҳо метавонанд забони воқеиро дар амал табиқ кунанд ва мавзуъҳои таълимиро барои таҳқиқи амиқ ва баёни ҳадафраси маълумот истифода баранд. Донишҷӯён метавонанд дар муҳокимаи як мавзӯъ, ки алоқаманд бо мавзуи омӯзиш аст, иштирок кунанд. Ҳамин тариқ, онҳо метавонанд малакаҳои дақиқ ва кумакрасонро дар шиносоии идоракунии муҳокима, шиносоии фразеологӣ ва интихоби дурусти калимаҳо омӯзанд. Дар шароити гурӯҳӣ донишҷӯён метавонанд:

– сарфи назар кардани шахсияти худ ва ба таври якҷоя бо дигарон амал кардан. Яъне, вақте ки донишҷӯ дар гурӯҳ кор мекунад, бояд на танҳо фикри шахсии худро гӯш кунад, балки кӯшиш кунад худро ба гурӯҳ мутобиқ созад. Ба ҷойи он ки «ман» гӯяд, бояд фикр кунад , ки «мо» чӣ кор кунем. Фикри дигаронро қабул карда, дар ҳамкорӣ амал кунад;

– тақсим кардани нақшаҳо ва муҳокима кардани масъалаҳо барои беҳтар кардани раванд ва дарки мавзуъҳо. Яъне, донишҷӯён масъулиятҳоро байни ҳам тақсим карда, (яке нақша тартиб медиҳад, дигаре иттилоот ҷамъ мекунад, сеюмӣ рӯнамоӣ мекунад ва ҳоказо) дар бораи мавзуъ муҳокима меронанад, ба ибораи дигар гӯем, коркарди маводҳои шахсиро барои омӯзиш дар ҳузури гурӯҳ муҳокима мекунанд ва натиҷа мебароранд. Бо ин роҳ, кори гурӯҳӣ на танҳо осонтар мешавад, балки ҳама нисбат ба мавзуъ тасаввуроти беҳтар ҳосил менамоянд [276, с. 90].

Шакли оммавӣ ё таълим дар гурӯҳҳои калон метавонад барои баррасии мавзуъҳои умумии таълимӣ ва равандҳои омӯзишии васеи

синфӣ истифода шавад. Дар шакли оммавии машғулият донишҷӯён дар муҳити муштараки омӯзишӣ иштирок мекунанд, ки дар он аз вазъиятҳои тиҷоратӣ ё муҳокимаҳои оммавӣ ва машғулиятҳои фарогир барои таълим истифода мешавад. Ин усул барои омӯзиши умумии грамматика ва лексикаи забон, инчунин барои таҳқиқ ва таҳлили масъалҳо дар заминаи умумии забонҳои муосир мусоидат мекунад.

Шаклҳои инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ ва оммавии фаъолият ба якдигар хеле мувофиқ буда, такмили малакаи муошират ва дӯстии шарикӣ дар муҳити омӯзиширо ташаккул медиҳанд. Ҳар як шакл, агар ба таври дуруст истифода шавад, метавонад ба донишҷӯён кумак кунад, ки дар як муҳити воқеӣ дар фаъолияти забонӣ фаъол бошанд. Бо ин роҳ, донишҷӯён метавонанд забони англисиро на танҳо дар муҳити синф, балки дар муҳити иҷтимоии воқеӣ ва муштарак истифода баранд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки ташкили раванди таълим дар шаклҳои гуногуни фаъолиятҳо усули хеле самрабхш барои ташаккули малакаҳои аз худ кардани забони англисӣ мебошад. Омӯзиши забон, ки худ на танҳо ба фаҳмидани қоидаҳои грамматикӣ, балки ба малакаҳои муоширатӣ ва ҳунари истифодаи дуруст дар муҳити иҷтимоии воқеӣ ниёз дорад, дар ин росто ҳар як шакли ташкили таълим, ки дар он донишҷӯён дар ҳамкорӣ бо ҳамдигар ва омӯзгор фаъолият мекунанд, ба рушди малакаҳои забонӣ, коҳиш додани хатоҳои маъмули забон ва бомуваффақият истифода бурдани забон дар амал мусоидат менамояд.

Омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ набояд маҳдуд ба муҳити синфӣ ва маводҳои таълимии стандартӣ гардад, балки бояд дар муҳити воқеӣ ва амалии воқеӣ сурат гирад.

Ҳангоме ки донишҷӯён забонро дар муҳити воқеӣ истифода мебаранд, онҳо ба вазъиятҳои аслии зиндагӣ ва муҳити касбӣ дучор

меоянд ва ин имкон медиҳад, ки донишҳои забонии онҳо дар шароити иҷтимоии муҳити касбӣ истифода шаванд.

Чунин татбиқи усулҳои реализмии таълим метавонад барои таъмини фаҳмиши амиқ ва амалии забони англисӣ нақши муҳим дошта бошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки: «усулҳои реализмии омӯзиши забони англисӣ (омӯзиши амалии забон, масъалаҳои ҳаёти воқеӣ, истифодаи технологияи муосир, равишҳои муоширатӣ, аз ҷумда омӯзиш дар муҳити байнифарҳангӣ, нақшофарӣ) як назарияи таълимие мебошад, ки асосан ба тарзи омӯзиш ва муҳити воқеии зиндагии ҳаррӯзаи одамон ва муносибатҳои касбӣ дахл доранд. Мақсад аз ин усулҳо ин аст, ки донишҷӯён забонро дар шароити амалӣ ва воқеӣ омӯзанд, на танҳо дар муҳити синфхона ва бо истифодаи маводҳои стандартии таълимӣ. Тибқи ин усул донишҷӯён ба муҳити воқеӣ, ки дар он бояд забонро истифода баранд, шинос мешаванд. Масалан, муошират бо одамон, кӯшиш барои ҳал кардани масъалаҳо дар муҳити касбӣ ва иҷтимоӣ, аксуламали фикру андеша ва ғайра. Вақте ки донишҷӯён бо мушкилоти аслии ҳаёт рӯбарӯ мешаванд (масалан: харидорӣ, мусоҳибаи корӣ, таъриф кардан ё шарҳ додан), онҳо мефаҳманд, ки забон барои иртибот ва ҳалли мушкилот чӣ гуна истифода мешавад» [276, с. 88].

Усулҳои реалистӣ истифодаи воситаҳои муосир ва платформаҳои онлайнро дар бар мегиранд, ки ба донишҷӯён имкон медиҳанд бо одамон ва муҳити ҷаҳонӣ, ки забони англисиро истифода мебаранд, иртибот барқарор кунанд. Видеоконференсияҳо, барномаҳои мусоҳиба ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ин мисол шуда метавонанд.

Вақте ки ба донишҷӯён лозим аст забонро барои мубодила кардани маълумот ва муошират бо дигарон истифода баранд, ин усул кумак мекунад. Бо истифода аз шеваҳои якдигарфаҳмӣ ва муҳити иҷтимоӣ онҳо метавонад дар муҳити воқеӣ амал кунанд.

Нақшбозӣ барои татбиқи усули реалистии омӯзиши забони англисӣ хеле умда мебошад. Масалан, ба донишҷӯён як вазъияти реалии ҳаёт дода мешавад ва онҳо бо истифода аз забони англисӣ дар он муошират мекунанд. Масалан, як донишҷӯ метавонад ҳамчун менежери ширкат ва дигаре ҳамчун муштарӣ ё ҳамкор нақши худро бозад.

Омӯзиши забон дар гурӯҳҳои корӣ ё ҳамкориҳо дар муҳити воқеӣ, ки талаб мекунад донишҷӯён муҳокима ва масъалаҳоро бо ҳамдигар ҳал кунанд, имкон медиҳад, ки забон на танҳо як восита, балки як механизм барои ҳамкориҳои муфид бошад.

Зимни омӯзиш дар муҳити байнифарҳангӣ донишҷӯён бо фарҳангҳои мухталиф ва забонҳои дигар шинос шуда, дарк мекунанд, ки забон дар ҳама заминаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва касбӣ чӣ гуна истифода мешавад.

Ин усулҳо бо ҳамдигар робита дошта, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки забонро на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар шароити воқеӣ ва амалӣ истифода баранд.

Технологияҳои муосир ва истифодаи супоришҳои воқеӣ дар муҳити омӯзишӣ имкон медиҳанд, ки донишҷӯён забонро на танҳо як воситаи омодагӣ барои дарсҳо ва имтиҳонҳо, балки ҳамчун воситаи амалии муошират дар мавзуъҳои ҳаёти воқеӣ омӯзанд. Реализми омӯзиш таъкид мекунад, ки забон бояд дар муҳити воқеӣ ва дар заминаи амалӣ омӯзонида шавад, ки барои пешрафт дар кор ва комёб шудан дар муҳити касбӣ зарур аст.

«Омӯзиши забон на танҳо ба мавзуъҳои таълимӣ, балки ба тасвирҳо ва муносибатҳои касбӣ низ, ки донишҷӯҳо барои амалишавии вазъиятҳои муҳити корӣ омода мешаванд, равона бошад. Масалан, донишҷӯе, ки мехоҳад дар соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат фаъолият кунад, бояд забони англисиро на танҳо бо такя ба назария ва грамматика

омӯзад, балки онро дар муҳити касбӣ ва ҳолатҳои иқтисодӣ истифода барад» [152, с. 18].

Муҳити воқеӣ ё заминаи амалӣ барои донишҷӯён имконият фароҳам меорад, ки дар ҷаҳони воқеӣ кор ва муносибат кунанд. Масалан, агар донишҷӯ мехоҳад дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, қонун ё тиҷорат таҳсил кунад, ӯ бояд маҳорати забонии худро, ки барои муошират бо ҳамкорон ва мизоҷон лозим аст, сайқал диҳад. Ин маънои онро дорад, ки донишҷӯён бояд ба коркард ва таҳлили маълумотҳо дар муҳити касбӣ ва истифодаи забон дар амал ва муҳокимаи мавзуъҳо дар заминаи аслии ҳаёт шинос бошанд. Шиносоии бо муштариён ва ҳамкорони хориҷӣ дар лоиҳаҳо ва кори гурӯҳӣ бо дигар ҳамкорон ба донишҷӯ имкон медиҳад дар муҳити байналмилалӣ фаъол бошад. Ин имкон медиҳад, ки муҳити забонӣ ва амалии воқеӣ барои онҳо арзиш пайдо кунад.

Шаклҳои коркарди амалии забон мисли:

– таълим дар муҳити симулятсионӣ - тақлидӣ, ки донишҷӯён ба ин восита метавонанд забони англисиро дар муҳити воқеӣ имтиҳон кунанд;

– шиносоии бо муштариён ва ҳамкорони хориҷӣ: донишҷӯ бояд дар лоиҳаҳо ва кори гурӯҳӣ бо дигар ҳамкорон дар муҳити байналмилалӣ фаъол бошад. Ин имкон медиҳад, ки муҳити забонӣ ва амалии воқеӣ барои онҳо арзиш пайдо кунад;

– интерфейсҳои касбӣ. Ҳар як соҳа забон ва хусусиятҳои забонии худро доранд. Масалан, дар соҳаи иқтисод, ҳангоми таҳлили маълумотҳо ва генератсияи гузоришҳо, забон на танҳо воситаи ирсоли хабар, балки воситаи тасвири нуқтаҳои асосӣ ва ё ҳаллу фасли масъалаҳо мебошад. Аз ин рӯ, омӯхтани интерфейсҳои касбӣ, ки ба донишҷӯҳо имкон медиҳанд забонро дар муҳити корӣ истифода баранд, хеле муҳим аст. Донишҷӯён метавонанд дар муҳити корӣ бо презентатсияҳо,

муҳокимаҳое, ки дар бораи тасвирҳои иқтисодӣ ва тиҷорат ва ё сешенҳои онлайнӣ заруранд, бо истилоҳоти марбути касб ва соҳаи интихобкардаашон шинос шаванд. Масалан, агар донишҷӯ мехоҳад дар соҳаи тиҷорат, масъулиятҳои ҳуқуқӣ ё инженерӣ фаъолият кунад, он вақт ба забон барои муошират бо ҳамкорон, коркард ва таҳлили маълумот ва эҷоди ҳуҷҷатҳо лозим аст. Интерфейси шабакаи иҷтимоӣ ё барномаҳои соҳавӣ, ки барои талаботҳо ва забони техникӣ ва нишондиҳии нуқтаҳои муҳими таълимӣ барои ҳамкории ҳаррӯза истифода мешаванд, барои донишҷӯён имконият медиҳанд, ки амалишавии донишҳои навро дар зиндагии воқеӣ иҷро кунанд. Донишҷӯ метавонад бо воситаҳои мултимедӣ ва технологияҳои иловагии шиносоии забон, масалан, барномаҳое, ки барои кор бо аудиторияи иқтисод ва тиҷорат таҳия шудаанд, шинос шаванд. Ба ҳамин тартиб, омӯзиши забони англисӣ бояд ба забони амалии касбӣ ва истифодаи он дар мушкилоти воқеии рӯзмарра бахшида шавад. Пас забони англисӣ ҳамчун воситаи ҳамкорӣ ва фаъолият дар муҳити касбӣ барои донишҷӯён муҳим аст. Ба таври муфассал, омӯзиши забон дар муҳити воқеӣ ва бо истифода аз тасвирҳои касбӣ ва интерфейсҳои муосир барои донишҷӯён дар такмил додани малакаи муоширатии онҳо ва омодагӣ барои роҳбарӣ ва таҳқиқот дар муҳити касбӣ аҳамияти зиёд дорад [342, с. 83].

Омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ танҳо ба омӯзиши грамматика ё лексикаи умумии англисӣ маҳдуд намешавад. Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд усулҳои методии мувофиқ дар асоси технологияи муосирро барои ҳар як соҳа истифода баранд, то ки донишҷӯён имкон ёбанд забонро на танҳо ҳамчун як восита барои муошират, балки ҳамчун воситаи касбӣ ва васоил барои таҳқиқот ва навиштани корҳои илмӣ,

ташаккули малакаҳои касбӣ ва соҳаҳои хусусии худ ба беҳтарин шакл омӯзанд.

«Бо истифода аз усулҳои методӣ ва технологияҳои муосир омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ метавонад хеле самарабахш бошад. Ба хотири беҳтар кардани сифати таълим, омӯзгорон бояд кӯшиш кунанд, ки барои донишҷӯён таҷрибаи интерактивӣ ва амалӣ фароҳам оранд» [297, с. 74].

Барномаҳои мобилӣ ва онлайнӣ, ки барои омӯзиш ва рушди забонҳои хориҷӣ тарҳрезӣ шудаанд, имрӯз як муҳити динамикӣ ва креативӣ барои донишҷӯён фароҳам меоранд. Масалан, барномаҳои Duolingo, Memrise, Rosetta Stone ва Babbel кумак мекунанд, ки хонандагон бо як шеваи интерактивӣ ё худ фаъол забони англисиро омӯзанд.

Барномаи мобилии Duolingo барои омӯзиши забони англисӣ ва дигар забонҳо шаклҳои гуногуни грамматика, лексика ва омӯзишро бо ёрии ҳикояҳо, ташхиси дуруст ва саҳифаҳои маводии интерактив анҷом медиҳад. Duolingo дар самти омӯзиши ибтидоӣ ё шиносоӣ бо забон барои донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ комилан мувофиқ аст.

Барномаи Memrise таълими грамматика ва лексикаро бо сабтҳои видеоие, ки муҳити фарҳангӣ ва вазъияти воқеии зиндагиро намоиш медиҳад, муттаҳид мекунад. Тафсири тасвирии видеоҳо аз ҷониби одамони воқеӣ наворгирӣ шуда, ба донишҷӯён кумак мекунад, ки на танҳо грамматика ва лексикаи забон, балки ҳар як хусусияти фарҳангиро фаҳманд. Ин барнома донишҷӯёнро бо як шеваи эҳтиром ба ҷузъиёти тарзи гуфтори англисӣ шинос менамояд.

Моделҳои воқеии муошират. Ин барнома тамоми баёни таркибҳои забони англисӣ ва фразеологияро ба донишҷӯён пешниҳод намуда, ба онҳо кумак мекунад фаҳманд, ки чӣ тавр забон ва фразеологизмҳо дар

муҳити воқеӣ истифода мешаванд. Дар ин барнома, вазифаҳои муайян барои забономӯзон пешбинӣ шудааст, то ки бо шеваи воқеӣ муошират кунанд. Мақсади ин барнома дар он аст, ки донишҷӯён истифодаи изҳороти расмии ё муқаррарии муоширатро омӯхта, онҳоро ба шаклҳои воқеӣ ва амалии зиндагӣ табдил дода тавонанд.

Барномаи Rosetta Stone бо кумак аз расмҳо, аксу тасвирҳо ва комбинатсияи гуногуни усулҳо барои омӯзиш истифода мешаванд, инчунин таҷрибаҳои муфассалро бо мақсади амалӣ кардани грамматика ва фразеологияи дуруст таъсис медиҳад.

Омӯзиш тибқи барномаи **курсҳои онлайнӣ ва MOOCs (Massive Open Online Courses**). ба монанди Coursera, edX, FutureLearn ва Udemy ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки курсҳои забони англисиро дар заминаи ихтисосҳои гуногун омӯзанд.

Масалан, «дар платформаи Coursera, донишҷӯён метавонанд курсҳои таҳсилоти забонро бо тарзи таҳлили мавзуъҳои фаҳмидану тафсир дар соҳаи касбӣ (монанди омӯзиши забон дар соҳаҳоибизнес, ҳуқуқ, муҳандсӣ ва ғайра) омӯзанд. Воҳидҳои курсҳо акнун дар ҳар як таҳсил барои донишҷӯён қобилияти фаҳмидани калимаву ибора ва матнҳои махсусро фароҳам меоранд. Курсҳои касбӣ дар заминаи забони англисӣ бо мавзуъҳои "In Business English" ё "English for Law" барои кор ва муҳити тиҷоратӣ пешниҳод мекунанд. ки донишҷӯён маҳорати луғавии зарурӣ ва фарҳангӣ худро дар муҳити муносибатҳои корӣ омӯхта, дар бозори ҷаҳонӣ таҳким бахшанд» [268, с. 28].

Намудҳои бозӣ ва мукофотҳо. Ин барнома наудҳои гуногуни бозӣ ва мукофотҳои барандагиро дар бар мегирад. Тибқи он дуруст тартиб додани саволҳо ва додани супоришҳои мураккаб ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ҳар як дурустии масъаларо ҳамчун ифоди муносибат бо забон ҷилавгирӣ кунанд.

Дар мавриди машқ омӯзгор бояд хусусиятҳои инфиродии донишҷӯёнро ба назар гирад, зеро ҳар як донишҷӯ имкониятҳои гуногун ва сабки таълимро талаб мекунад. Масалан, агар як донишҷӯ дар бозсозии грамматика ва калимоти нав қодир бошад, дигаре эҳтиёҷ ба кумак ва такрор бештар дорад. «Муҳимияти махсус дар методологияи машқ дар он аст, ки донишҷӯён то чӣ андоза метавонанд, маълумотро ба ҳолатҳои воқеӣ ё амалии муошират интиқол диҳанд. Ба ин тариқ, барои муваффақият дар хотир нигоҳ доштани фикрҳо ва дуруст истифода кардани онҳо дар муоширати воқеии забони англисӣ муҳим аст» [166, с. 48].

Дар марҳилаи амалӣ, вақте ки донишҷӯён ба истифодаи воқеии мавод ва ҳадафҳои таълимӣ мерасанд, бояд ба онҳо имкониятҳои воқеии муошират дода шавад. Масалан, агар дар марҳилаи аввал ё дар сатҳҳои ибтидоӣ метавон бештар ба тасаввурот ва вазъиятҳои фикрӣ такя кард, пас дар сатҳҳои пешрафта донишҷӯён бояд бо вазъиятҳои воқеии зиндагӣ ва корҳои касбӣ рӯ ба рӯ шаванд. «Усули "реализм" ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки забонро на танҳо ҳамчун воситаи омӯзиш, балки ҳамчун асбобе барои таъмини муошират дар ҳаёти ҳаррӯза истифода баранд» [342, с. 81].

Ба ҳамин тариқ, ҳам воситаҳои техникӣ (компютер, проектор, интерактив, тестҳо) ва ҳам воситаҳои ғайритехникӣ (хрестоматия, грамматика, матнҳои чопӣ) бояд бо ҳам мутобиқ карда шаванд. Воситаҳои таълимӣ бояд дар ҳар як гурӯҳ ба таври самарабахш ва мувофиқ истифода шаванд, то ки донишҷӯён бо ҳама гуна фишор ва нофаҳмиҳои омӯзиш ба воситаҳои ҷустуҷӯ ва такрор рӯ оваранд.

Инчунин, дар таҳқиқотҳои А.П. Панфилов: «шаклҳои гуногуни ташкили кор, ба монанди кори инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ, метавонанд барои таълими самарабахш истифода шаванд. Агар омӯзгор

дар фаъолияти инфиродӣ як донишҷӯро бо маводи таълимӣ таъмин кунад, он гоҳ онҳо имконият доранд, ки корро ба таври дуруст ба анҷом расонанд, пас шаклҳои ҷуфтӣ ва гурӯҳии кор барои омӯзиши муошират ва таҳқиқи вазифаҳои муштарак (масалан, дар муҳокимаи мавзуъҳо) метавонанд хеле муассир бошанд. Шакли оммавӣ, ки ба омӯзиши умумии матн ё масъалаҳои таълимӣ нигаронида шудааст, инчунин нақши муҳим дар мукаммал кардани малакаҳои умумии забонӣ дорад» [176, с. 58].

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки омодагии омӯзгор дар истифодаи дуруст ва самарабахши усулҳои методӣ ва технологияҳои таълимӣ барои омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ муҳим мебошад. Вақте ки ин усулҳо дар якҷоягӣ бо дигар омилҳои таълимӣ, ба монанди воситаҳои техникӣ, вақти таълим ва шаклҳои ташкилӣ истифода мешаванд, онҳо дар беҳтар кардани сифати таълим ва амалӣ кардани малакаҳои муоширатӣ дар донишҷӯён кумак мерасонанд.

Умуман, омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабон як ҷузъи муҳими раванди таълими касбӣ ба шумор меравад, ки бо истифода аз технологияҳои таълимӣ ба мукаммалсозии сифати таълим мусоидат мекунад. Дар ин замина, тақсими дуруст ва самаранокии усулҳои методӣ барои ҳар як марҳалаи таълим аҳамияти зиёд дорад. Омӯзгор бояд дар тамоми равандҳои таълимӣ (шиносоӣ, машқ ва истифодаи маводи таълимӣ) хирадӣ педагогӣ ва стратегияҳои дурустро ба кор барад, то донишҷӯён ҳар чӣ бештар дар шеваи аслӣ ва муоширатии забон пурра мустаҳкам шаванд. Бо истифодаи технологияҳои муосир ва усулҳои дуруст, муҳити самарабахши омӯзиш таъмин карда шавад, то он кумак кунад, ки донишҷӯён беҳтар аз ҳар замона забонро омӯзанд ва онро дар муошират ва муҳити касбӣ истифода кунанд.

Ба андешаи мо, технология ва таҳлилҳои муосир барои омӯзишҳои забони англисӣ аҳамияти зиёде доранд. Омӯзишҳои амалӣ ва тасаввуротии забон бо истифода аз платформаҳои интерактивӣ ва барномаҳои технологӣ барои донишҷӯён беҳтарин роҳҳои омӯхтани забон дар замони муосир мебошанд.

5.2. Таҷрибаи истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ

Ҷомеаи имрӯзаро лозим аст масоили мубрами иҷтимоӣ-сиёсӣ, байниэтникӣ, байнимаданӣ ва коммуникативиро ҳал кунад. Ҳамаи ин масоил водор месозад, ки ҷомеа барои ташаккули шуури таҳаммулгароӣ ва салоҳияти коммуникативӣ кӯшиш намояд. Бинобар ин дар консепсияи навсозии маориф масоили таълими коммуникативии забони англисӣ аҳамияти хосаро доро мегардад, зеро салоҳияти коммуникативӣ ба самти ба даст овардани натиҷаи мусбат дар омӯзиши забони англисӣ равона карда мешавад. Ҳамчунин, дар ҷодаи маориф тарбия ва ташаккули шахсияти донишҷӯён низ яке аз масъалаҳои асосии таълим ба шумор меравад.

Чуноне, ки дар барномаҳои таълимӣ таъкид мегардад, мақсади асосӣ дар раванди дарсҳои забони хориҷӣ бояд дар таълимгиранда чор малака-шунидану дарк кардан, гап задан, хондан ва навиштан ташаккул дода шаванд. Дар ин ҷода аз тарафи мутахассисон барои таълимгирандагони ҳамагуна синну сол бозиҳои гуногуни дидактикӣ пешниҳод гардидаанд. Ин бозиҳо пеша аз ҳама мазмуну мундариҷаи таълим ва тарбияро дар худ дарҷ менамоянд. Бозиҳои дидактикӣ аз ҷиҳати мазмуни таълим, фаъолияти донишҷӯён ва қойидаҳои ташкили бозӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии таълимгирандагон ва аз ҷиҳати тарбиявӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд

Бозиҳоро дар давраҳои гуногуни дарсҳо гузаронидан мумкин аст, вале он аз шароити мусоиде, ки омӯзгор фароҳам меоварад, вобаста мебошад. Онҳо метавонанд вобаста ба мақсадҳои дарс ё дар раванди мустаҳкамкунии дарс ё фаъол гардонидани нутқи донишҷӯён доир карда шаванд ва ё, умуман, худи ҷараёни дарс пурра ба таври бозӣ сурат гирад. Макон ва замони барпо намудани бозиҳо аз як қатор омилҳо, ба амсоли омода намудани хонандагон, маводи омӯхташаванда, мақсад ва шароити дарс вобаста аст. Доир гардидани бозиҳо аз фанни забони хориҷӣ (дар тадқиқоти мо забони англисӣ) дар кадом шароите, ки набошад, танҳо бо мақсади самаранок гардидани раванди таълими фан ва рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ-муоширатии таълимгирандагон ва соҳиб гардидан ба малакаи забономӯзии онҳо равона карда мешавад.

Бояд иброз дошт, яке аз мушкилоти мубраме, ки дар методикаи таълими забони англисӣ ҷой дорад, ин ташаккули малакаи грамматикии (имлоии) таълимгирандагон мебошад. Пажуҳишгарони ин соҳа собит намудаанд, ки барои ташаккули малакаи грамматикӣ бозиҳо, ба ибора бозиҳои дидактикӣ, нақши бориз доранд.

Матлаб аз ташкил намудани бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисӣ ба донишҷӯён омӯхтани ҳиссаҳои нутқ, муҳайё намудани шароити воқеӣ барои истифода бурдани намунаҳои нутқ, ташаккули нутқи фаъол ва фаъолияти мустақилона мебошад. Намудҳои онҳо хеле зиёданд ва ҳар яке бо мақсади дуруст дар муошират кор фармудани ягон ҳиссаи нутқ, чунончи тасрифи дурусти замонҳои феъл ба забони англисӣ, дуруст истифода бурдани ҷонишину пайвандакҳо, тартиб додани ҷумлаҳои соддаву мураккаб, сохтани хелҳои ҷумлаҳои саволӣ, дуруст гузоштани савол, тартиб додани матн, саҳеҳ тарҷума кардани калимаҳо ва ғайра ташкил карда мешаванд.

Инчунин вобаста ба мавзуъҳо дар дарсҳои англисӣ тартиб додани кроссвордҳо, чайнворду сканворд, филвордҳову фанаграммаҳо дар таълими грамматикаи забон ва ҳам аз нуқтаи психологиву педагогии омӯзиш аҳмияти калон дошта, ҳавасмандии хонандагонро ба омӯзиш афзоиш медиҳад.

Бозиҳои дидактикӣ, чуноне ки дар боло зикр карда будем, аз нуқтаи мазмуни таълим, қавоиди ташкили бозиҳо, фаъолияти донишандӯзон, муносибатҳои мутақобилаи онҳо, аз нигоҳи тарбия байни худ тафовут доранд. Барои мисол бозиҳое, ки вазъиятҳои тақлидӣ ё воқеии амсилакардашуда ё тахминкардашудаи ҳаётиро тасвир мекунанд, (ба монандаи нақшбозии иштирок дар анҷуманҳо, сӯҳбатҳо дар атрофи мавзуҳои муҳити атроф, гузаронидани бозиҳо аз фаъолияти соҳаҳои иҷтимоӣ (тартибу интизом, суду полису ақди никоҳ ва ғайра дар назар дошта мешавад), олимпиадаҳо, викторинаҳо ва ғайра) хусусияти ояндадорӣ дошта, ба таълимгирандагон барои минбаъд дар амал истифода бурдан аз манфиат орӣ нестанд. Мусаллам аст, ки бозиҳои мазкур дар баробари хусусияти таълимӣ доштан дар барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва инкишофи шахсияти донишҷӯён нақши бориз доранд.

Бояд таъкид кард, ки бозиҳое, ки ҳолатҳои имитатсионӣ ё ҳолатҳои воқеии моделкардашуда ё фарзкардашудаи ҳаётиро инъикос менамоянд, хароҷот, вақти зиёд ва саъю кӯшиши махсусро талаб мекунанд. Омӯзгор рафти ташкили онро ба таври моделсозӣ пешакӣ омода мекунад ва мушкилоти эҳтимолан ба вуқуъ меомадаро пешакӣ муайян менамояд. Дар синфхона баробари пешниҳод намудани бозии дидактикӣ пурра хонда додани дастуру нишондодҳои бозиро бо мақсади ба вуҷуд овардани ҳолати мушкилотӣ қатъи назар менамояд. Нақшҳоро метавонад омӯзгор ҷудо кунад ё худи таълимгирандагон интихоб намоянд. Барои аз худ кардани нақшҳо вақти муайян лозим аст,

ҳолатҳое талаб карда мешавад, ки ба худи нақш, яъне ба образ ворид шудани иштирокчиро талаб мекунад. Тибқи нақша, муҳокимаи рафти бозӣ ва натиҷаҳои он бояд аз тарафи худи таълимгирандагон сурат гирад.

Дар дарсҳои забони англисӣ ташкил намудани бозиҳои тиҷоратӣ хеле манфиатнок мебошанд. Ин бозиҳо аслан ба таври тақаллуб, моделсозии соҳаҳои истеҳсолот ба роҳ монда мешаванд. Онҳо аслан дар доираи донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, бахусус олии касбӣ доир мегарданд, яъне дар он ҷое, ки таълим ба самти ташаккул ва такмили малакаҳову маҳорати конкретӣ дар ҳаёти воқеӣ равона карда шудааст. Шартҳои он фавран ба таври оҷилӣ дида баромадани ҳолати ягон кор, ҷустуҷӯ намудани иттилооти лозима, ҳалли масъалаҳои баногоҳ ба вуқуъ меомадаро дар бар мегиранд. Махсусияти ин бозиҳо дар пешниҳод намудани маводи таълимӣ, бозсозии сохтор ва ҷузъҳои фаъолияти функсионалии он тавассути модел дарҷ мегардад. Маҳз ба туфайли ин хусусиятҳояшон бозиҳои тиҷоратӣ барои истифода гардиданашон дар фаъолияти воқеӣ имконият пайдо менамоянд.

Дар ин зимн бояд қайд кард, ки доир намудани бозиҳое, ки ба самти касбу кор равона гардидаанд, бештар дар муассисаҳои касбию техникӣ сурат мегиранд ва ҷиҳати асосии усули самаранокии таълимро ташкил медиҳанд. Чунин бозиҳо барои ташаккули салоҳиятҳои касбию коммуникативӣ, худмаърифатнамоӣ, масъулиятшиносӣ нақши назаррасе дошта барои дар оянда ҳамчун мутахассис тарбия ёфтани муҳасиллин мусоидат менамоянд.

Дар назди омӯзгори забони хориҷӣ вазифаи умда, яъне ташаккули шахсияте меистад, ки ҳозир аст дар муошрати байнимаданӣ ширкати фаъол намояд.

Яке аз воситаҳои муфиди ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ин бозиҳои дидактикӣ мебошанд.

Бозӣ бисёр вазифаҳоро дар раванди донишомӯзӣ доро буда, ба раванди таълим сабукӣ бахшида, барои осон азхуд кардани маводи таълимӣ кумак мекунад, рағбати донишҷӯёнро афзуда, малакаҳои муҳими муоширатии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад.

Татбиқи бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисӣ, қабл аз ҳама, дар ташаккули салоҳияти муоширатии таълимгирандагон хеле бориз аст. Дар як вақт бозиҳои дидактикӣ малакаҳо, алалхусус фонетикӣ, лексикӣ, грамматикиро инкишоф дода дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ саҳми муҳимро доро мебошанд.

Инкишофи нутқи монологӣ ва муколамавӣ, яке аз мақсадҳои асосии омӯзгори забони англисӣ маҳсуб меёбад. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ ҳамагуна монеаҳоро аз байн мебарад ва фазои эмотсионалии мусбатро дар рафти таълим фароҳам меорад.

«Дар ҷараёни ташкили бозиҳои дидактикӣ донишҷӯён донишҳои амалиро соҳиб мегарданд, ки ин ба онҳо барои бо шаҳрвандони хориҷӣ муколама кардан, дӯстони нав пайдо кардан дар ҳалли масоили минбаъдаи касбии худ фаъол будан ёрӣ мерасонад» [241, с. 68].

Салоҳияти коммуникативӣ дар худ пеш аз ҳама чунин вазифаҳоро дар бар мегирад:

– бархурдор будан аз маълумотҳо доир ба забони мавриди омӯзиш ва дар асоси ин маълумот соҳиб гардидан ба малакаҳои истифодаи воҳидҳои забон зимни муошират;

– бархурдор будан аз дониш, малака, маҳорате, ки барои муошират кардан бо забони мавриди омӯзиш шароит фароҳам меорад;

– соҳиб будан ба дониш маҳорат ва малакаву қобилиятҳои муошират нутқӣ ва ғайринутқӣ бо намояндагони забони хориҷӣ.

Ҷузъи муҳими салоҳияти муоширатиро маҳорати нутқӣ ташкил медиҳад, ки он дар пояи: а) маҳорат ва малакаи забонӣ; б) донишҳои лингвистӣ ва кишваршиносӣ ташаккул меёбад.

Дар салоҳияти коммуникативӣ чунин маҳоратҳо муҳим дониста мешаванд:

а) хондан ва фаҳмидани матни на он қадар душвор бо забони асил;

б) муошират шифоҳӣ дар вазъҳои таълимӣ-меҳнатӣ, маданӣ, маишӣ ва касбӣ;

в) доир ба худ, гирду атроф нақл карда тавонистан, ақидаи худро бо забони хориҷӣ (бахусус англисӣ) баён кардан;

г) маҳорати иттилоотро бо забони хориҷӣ фаҳмидан дар навбати худ ин иттилоотро пешниҳод кардан [123, с. 122-124].

Мутахассисон чунин ҷузъиёти салоҳияти коммуникативиро нишон додаанд:

– грамматикӣ ё забоншиносӣ, яъне донишҳои мураттаб роҷеъ ба қоидаҳои грамматикӣ, воҳидҳои забонӣ, таркибҳои луғавӣ, ки воҳиди лексикии нутқро тағйир медиҳанд;

– иҷтимоӣ-забоншиносӣ, яъне маҳорати интихоби намуд ё тарзи муошират дар вазъияти воқеӣ;

– диссурсивӣ - яъне қобилияти истифода кардани гуфтори мантиқӣ дар лаҳзаҳои хондан ва гӯш кардани нутқ бо забони хориҷӣ;

– иҷтимоию маданӣ, яъне доро будан ба дониш дар бораи махсусиятҳои соҳиби забон, анъанаҳо, урфу одатҳо, этикет, дар як вақт фаҳмидан ва дар вақти муошират дуруст истифода бурдани дониш [56, с. 84-85].

Принсипи коммуникативӣ дар худ интихоб ва ташкили маводи таълим, дарс, мавзуъ, соҳаҳои муошират, лаҳзаҳои муоширатро инъикос менамояд. Принсипи коммуникативӣ бояд тамоми раванди таълимро дар бар гирад. Як қатор мутахассисон чунин ҷузъиёти салоҳияти коммуникативиро нишон додаанд:

– худро шифоҳӣ ва хаттӣ муаррифӣ карда тавонистан, анкета, ариза, резюме, нома, табрикномаҳоро бо забони англисӣ навиштан шарти асосӣ аст;

– муаррифӣ карда тавонистани донишгоҳ, кишвар истифода бурда тавонистани забони англисӣ зимни муоширати байнифарҳангӣ унсури аосии салоҳиятнокист;

– маҳорат расонидани таъсир ба одамону рӯйдодҳо. Бо иттилооти нутқӣ баромад карда тавонистан дар лаҳзаҳои гуногуни муошират низ шарти муҳим дониста мешавад;

– балад будан ба намудҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ (монологӣ, диологӣ), хондан, нома навиштан, ки салоҳияти лингвистӣ ва забониро дар бар мегирад;

– қодир будан ба фаъолияти гурӯҳӣ ва дар лаҳзаҳои гуногуни муошират фаъол будан низ шарти асосӣ аст.

– қодир будан бо малакаи муоширатӣ дар ҷомеаи бисёрзабонӣ, сермиллатӣ, донистани решаҳои таърихӣ ва анъанаҳои миллатҳои гуногун низ шарти асосӣ маҳсуб меёбад [116].

Дар раванди омӯзиш истифодаи бозиҳои дидактикӣ усули анъанавӣ ва эътирофшудаи таълим ба шумор меравад.

Дар раванди таълим бозиҳо на ҳамчун амали дилхушкунанда, балки амали ҷиддӣ гашта масъалаҳои гуногунро дар рафти таълим ҳал менамоянд.

Ташкили дарс тавассути бозиҳои дидактикӣ аз дигар тарзу усулҳои педагогӣ тафовут дорад, ки он дар хусусиятҳои зерин инъикос меёбад:

– бозӣ машғулияти маъмул буда, ба ҳамагуна намудҳои фаъолияти одамони синну соли мухталиф рост меояд;

– бозӣ яке аз воситаҳои муҳими фаъолгардонӣ ва ҷалби ширкаткунандагон бо фаъолияти пурмазмун ва эҷоди фазои муфиди эҳсосотӣ ва ҷисмонӣ ба шумор меравад. Дар таълим истифодаи бозиҳо мушкилиҳои психологиро ба осонӣ аз байн мебаранд;

– бозӣ табиати ба мақсад равона шуданро доро аст;

– бозӣ дар ҳалли масъалаҳои дониш, малака, маҳорат, ҳамчунин, дар гирифтани иттилоот оид ба табиат, ҷомеа кумак менамояд;

– бозӣ вазифаҳои бисёр дорад, зеро имконияти шахсро дар як ҷанбаъ маҳдуд накарда тамоми намудҳои таълимро фаъол мегардонад;

– бозӣ хусусияти коллективӣ, гурӯҳӣ дошта, ба шакли мусобиқа гузаронида мешавад, ки мусобиқа ширкаткунандагонро ба амали ҷиддӣ маҷбур менамояд;

– бозӣ дар шакли мусобиқа гузаронида шуда, натиҷаи он арзёбӣ карда мешавад. Ҷоизаҳои гуногун ба иштироккунандагон дода мешавад ва ин худ ба арзёбӣ ва ҳолати психологии ширкаткунандагон таъсири мусбӣ мерасонад.

Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун усули таълим аз камбудиҳо низ орӣ нест. Яке аз камбудиҳои бозиҳо ин дар он зуҳур меёбад, ки тамоми таваҷҷуҳи донишҷӯён дар рафти бозӣ ба иҷрои амалҳо равона буда, роҳҳои ба марра расидан барои иштироккунандагон муҳим аст. Дар ин вақт ба мазмуни маводи таълим аз тарафи донишҷӯён камтар таваҷҷуҳ дода мешавад [72, с. 101].

Дар ҷанбаи инкишофи салоҳиятҳои коммуникативӣ истифодаи бозиҳои дидактикии бисёрусула хеле муфиданд. Ба ақидаи А.В. Конишева: «ҷанбаҳои муфиди методии бозиҳои дидактикӣ инҳоянд:

– ҳосил кардани малакаҳои муоширатӣ ва рушди онҳо;
– такмили маҳорату малакаи муошират мутақобилаи байни шахсҳо;
– ковишҳо дар дарёфти иттилооти илмӣ ва таҳияи онҳо;
– кор бо матнҳои таълимӣ;
– истифодаи эҷодкоронаи натиҷаҳои таълим, мустаҳкам намудани проблемаҳо ва вазифаҳои таълимӣ» [116, с. 5-6].

Таркибҳои сохтори бозиҳои дидактикӣ аз ҷониби мо ба таври зайл нишон дода шуд:

– ҳадафи асосии бозӣ дар номи он ифода меёбад;
– тартиби фаъолият ва рафтори бозикунандагон дар қоидаҳои бозӣ баён меёбад;
– бозӣ барои фаъолияти омӯзишии донишандӯзон таъсир расонида, ба онҳо барои қобилияти мутамарказ намудани донишу маҳорати ба дастовардаашонро ба бозӣ мусоидат менамояд;
– мазмуни таълимӣ дошта, барои соҳиб гаштан ба дониш, маҳорату малака ва салоҳият дар ҳалли мушкилоти омӯзиш кумак мекунад;
– муҷаҳҳазӣ, яъне воситаҳо дар вақти дарс ба монанди асбобҳои аёнӣ ва маводҳои дидактикии дар вақти бозӣ истифодашаванда низ шарти муҳим ба ҳисоб меравад;
– натиҷа, яъне ба ҳалли вазифаҳои таълим расидан ва қаноатмандкунонии маънавии донишҷӯёнро таъмин намудан низ муҳим аст [116, с. 114-115].

Бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи мақсад ва вазифаҳои иҷроишии худ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

Бозиҳои фонетикӣ: Ба фикри аксари олимон: «яке аз душвориҳо дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ барои донишҷӯён ин талаффузи калимаҳо мебошад. Дар мавриди забони англисӣ мушкилиҳо дар талаффуз хеле бештар вомехӯранд. Чуноне ки маълум аст, ҳарфҳои англисӣ ба монанди кирилӣ хонда намешаванд ва мушкилии асосӣ дар вақти омӯхтан ин хондан мебошад. Дар вақти хондани матни забони англисӣ овозҳо бо ҳарфҳои навишташуда мувофиқат намекунанд. Бинобар ин, донишҷӯён дар марҳилаи аввал овозҳои забони англисиро аз худ мекунанд» [68, с. 18-23].

Бозиҳои фонетикӣ асосан чунин вазифаҳоро дар раванди таълим иҷро мекунанд:

– аз рӯйи хусусияташон шунидан ва дарк карда тавонистани овозҳои англисиро омӯзонидан;

– ташаккули малакаи талаффузӣ, шунидани оҳанг вадар хотир гирифтани транскрипсия;

– талаффузи воҳидҳои нутқӣ бо суръати оҳиста ва баланд.

Бозиҳои лексикӣ. Дар инкишофи малакаи нутқӣ саҳми бозиҳои лексикӣ хеле зиёд аст. Зеро маҳз фонди луғавӣ ва маҳорати сохтани ҷумлаҳо боиси ташаккули фаъолияти коммуникативӣ мегардад. Азбаски малакаи лексикӣ ба таркиби малакаи нутқӣ дохил мешавад, инкишофи он бо таҷрибаи забонӣ сахт алоқаманд аст. Бозиҳои лексикӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

– ошно кардани забономӯзон бо калимаву ибораҳои нав тибқи мавзуи алоҳида;

– машқҳо барои истифодаи калимаву ибораҳо дар муҳити воқеии забони мавриди омӯзиш;

– фаъол кардани тафаккури нутқию мантиқии донишҷӯён;

– рушди аксуламали нутқи забономӯзон;

– ташаккули қобилияти баёни фикри том.

Бозиҳои грамматикӣ. Маълум аст, ки яке аз мушкилиҳои омӯзиши забони англисӣ ин грамматика мебошад. Сохтори грамматикаи забони англисӣ хусусиятҳоеро доро мебошад, ки дар вақти омӯзиш ба донишҷӯён мушкилиҳо эҷод менамояд. Бинобар ин, дар вақти омӯзонидани донишҳои грамматикӣ бояд раванди таълимро то ҳадди имкон шавқовар, эҷодкорона ва самаранок намуд. Яъне грамматикаи забони англисӣ на бояд ба таври механикӣ омӯзонида шавад, балки омӯзиш дар рафти бозӣ эҷодкорона ва шавқовар бо дар назар гирифтани муносибатҳои муоширатӣ ба роҳ монда шавад. Вазифаҳои бозиҳои грамматикӣ дар раванди таълим аз инҳо иборатанд:

– маҳайё сохтани муҳити воқеӣ барои татбиқи намунаҳои нутқӣ;
– ташаккули қобилиятҳои фаъолнокӣ ва мустақилият дар донишандӯзон.

Бозиҳои орфографӣ. Маводи забони хориҷиро дуруст ба таври хаттӣ пешниҳод карда тавонистани донишҷӯён яке аз вазифаҳои асосии омӯзгори забони англисӣ мебошад. Фарқияти шакли грамматикии забони хориҷӣ (англисӣ) аз забони модарӣ бо кумаки бозиҳои орфографӣ дар дарсҳои забони англисӣ ҳалли худро ёфтааст. Бозиҳои орфографӣ барои ташаккули малакаҳои нутқӣ мусоидат намуда, дар ҷараёни омӯзиш вазифаҳои зеринро ҳал месозанд:

– тарзи навишти вожаҳои англсиро меомӯзонад;
– малакаҳои орфографиро ташаккул ва рушд медиҳад;
– тафаккури зеҳнии забономӯзонро фаъол мегардонад.

Бозиҳо барои инкишофи маданияти нутқ

Инкишофи маданияти нутқ ба мисли грамматика дар омӯзиши забони хориҷӣ муҳим аст, зеро нутқи саҳеҳу бомантиқ асосан ҳамдигарфаҳмии ҳамсӯҳбатон мебошад. Инкишоф додани маҳорати озод

сухан кардан бо забони англисӣ вазифаи асосии омӯзгор мебошад. Ҳангоми таълим додани нутқи шифоҳӣ бозиҳо ба таври васеъ истифода мегарданд. Бисёр методҳо ва роҳҳои омӯзонидани муошират кардан бо забони англисӣ мавҷуданд, вале бозиҳо муфидтарин роҳ мебошанд. Бозиҳои мазкур вазифаҳои муоширатӣ (коммуникативӣ) ва фаъолиятиро ифода мекунанд, ки мақсади онҳо ҳал кардани масъалаҳои лингвистикӣ набуда, балки бошуурона дарк кардани нутқи бегона ва ташаккул додани маҳорати истифода бурдани сохторҳои забонӣ дар муошират мебошад. Чунончи:

– баёни бомантиқи фикрро дар донишомӯзон таълим додан;

– дар амал татбиқ намудани муколамаҳо;

– омӯзонидани истифодаи маҳоратҳои нутқиеро, ки донишҷӯ соҳиб гардидааст;

– омӯзонидани аксуламали нутқ дар рафти муошират.

Бозиҳои дидактикиро дар рафти омӯзонидани забони англисӣ дар ҳамаи синну сол ва дараҷаи дониши донишомӯзон истифода кардан мумкин аст. Он танҳо бо намуди бозӣ ва ҳадафҳои он вобастагӣ дорад. Ҳамаи он вазифаҳои намудҳои бозиҳои дидактикие, ки дар боло ёдрас намудем, дар рафти таълим истифода шуда натиҷабахш ва муҳим мебошанд. Таҷрибаи мо дар истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар курсҳои якуми факултети иқтисодиёти соҳавӣ ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии Данғара мавриди истифода қарор гирифтанд. Аз таҳқиқот бармеояд, ки татбиқи бозиҳо натиҷаи мусбат дода, масъалаҳои гузошташуда то як дараҷа ҳалли худро ёфтанд. Дар идомаи кори худ рафти таҷрибаи худро дар истифодаи бозиҳои дидактикӣ меоварем ва поёнтар натиҷаи ба дастовардашударо ҷамъбаст менамоем.

What is this?

Синф аввалин ҷумлаи англисиро омӯхт, яъне якумин намунаи нутқӣ:

This is a pen ва саволӣ якум -What is this?

Дар курсӣ мешинем ва мегӯем: - «Oh, I'm so tied. Who can help me? Who wants to be a teacher ?»

K: May I ?

Teacher: Yes, you may.

A: May I ?

L: May I ?

Хоҳишмандон хеле зиёд буданд. Бинобар ин қарор додем, ки ду даста – дастаи муаллим ва дастаи донишҷӯёнро ташкил кунем. Дар дасти ҳар як даста предмети гуногуне, ки мазмуни англисии онҳо ба донишҷӯён шинос буд, мавҷуд аст. «Муаллимон» дар рӯ ба рӯйи «донишҷӯён» нишаста бозиро сар мекунанд. Пас аз он ки «муаллимон» суолҳои худро медиҳанд, дастаҳо мавқеи худро иваз мекунанд. Ба ҳарҷавоби дуруст як хол дода мешавад.

Дар бозӣ ҳамчунин намунаҳои нутқии зеринро истифода кардем:

What are these?

What are those?

What? Why? When?

Донишҷӯён акнун ба хатогиҳо камтар роҳ медоданд, алалхусус дар истифодаи шаклҳои замонҳои феълӣ. Аммо маълум мегардад, ки онҳо ин шаклҳои феълиро на бошуурона, балки ба таври механикӣ истифода мекунанд. Асосан дар фарқ гузоштани ду замони ҳозираи гурӯҳи **Continuous** ва **Indefinite** душворӣ мекашанд. Барои ин мо ба донишҷӯён муҳитеро фароҳам овардем, ки он ҷо байни ин ду гурӯҳи феълӣ фарқ гузошта тавонанд. Чунончи:

Teacher: **Sumaya, what am I doing?**

S: **Ah, again you are picking flowers.**

Teacher: Yes, again, and why?

S: Because you like them.

Teacher: Yes, good. And what *season* is it?

L: It is summer.

Teacher: Why do you think it is summer?

A: Because flowers grow in summer.

Ин бозиро дар идома шавқовартар менамоем ва расмеро дар тахтаи синф меовезем:

Halima is eating.

Teacher: What is Halima doing?

J: She is eating.

Teacher: What time of the day is it?

L: It is afternoon. She is eating soup and people eat soup in the afternoon.

Зимни мустаҳкам кардани мавзуъ лаҳзаҳои зеринро ба кор бурдем: The students are watering flowers, drinking hot tea, dressing, skiing, playing snowballs, digging a flowerbed, catching fish, feeding birds, etc.

WHAT HAVE I DONE?

Мо ручкаро гирифтем ва нохост онро афтондем ва ба донишҷӯён муроҷиат намудем: – What have I done?

K: You have fallout the pen.

Боз обро гирифтем ва пурсидем: – What have I done?

M: You have took up the water one?

Ин тарзи аёнии истифодаи Present Perfect мебошад. Донишҷӯён интизор мешаванд, ки омӯзгор боз чӣ амалро иҷро мекунад. Мо тирезаро пӯшида аз донишҷӯён пурсон шудем: – What have I done?

M: You have closed the window.

Дар идома донишҷӯён дар дарс фаъол шуда, яке ҷузвдонашро афтонд, дигаре ҷузвдонро кушод, сеюмӣ шеъреро қироат намуд. Ҳамаи

ин ба он равона шуда буд, ки донишҷӯ дар истифодаи **Present Perfect** малака ҳосил намояд ва дар истифодаи он ба ғалат роҳ надиҳад.

AT THE ZOO

Бозии мазкур ба истифодаи дурусти феъли моделии **can** тааллуқ дорад. Барои ин мо дар синф муҳити боғи ҳайвонотро муҳайё намудем. Дар болои мизи донишҷӯ бозичаҳои ҳайвонҳоро гузоштем. Яке аз донишҷӯ роҳбалад, дигарон тамошобин шуданд:

Student 1: This is a bear. It can run and jump. It can swim and climb but it can't fly.

Student 2: Can it hop?

Student 1: **No, it can't.**

Сипас ҳар як донишҷӯ роҳбалад мешавад ва аз тамошобинҳо суолҳои гуногунро пурсон мегардад. Давомнокии бозиро 10-12 дақиқа муқаррар намудем.

Funny Questions

Мақсади бозии мазкур коркарди ҷумлаҳои саволӣ, инкорӣ ва тасдиқӣ дар замони оянда мебошад.

Рафти бозӣ: Мо ба донишҷӯён саволҳоеро медиҳем, ки ба онҳо тасдиқӣ ҷавоб гуфтан имконпазир нест:

Will you skate in summer?

Student 1: **No, I won't skate in winter. I will ride a bike in summer. Will you swim in winter?**

Student 2: **No, I won't. I won't swim in summer. I will skiing in winter!**

Ҳамин тариқ, ба ғайр аз коркарди замони оянда мақсади бозӣ ба донишҷӯён дар бораи амалҳои дар фаслҳои сол иҷро мегардида маълумот додан аст.

Teacher: **-Will you go to bed in the morning?**

Student 1: **No, I won't. I won't go to bed in the night. I will get up in the morning. Will you have breakfast at night?**

Student 2: No, I won't. I won't have breakfast at night. I will sleep at night!

(Давомнокии бозӣ: 3-5 дақиқа.)

What am I going to do?

Ба синф даромада аз донишҷӯён пурсидем:

- «Students, what am I going to do now?»

Донишҷӯён ба мо нигаристанд. Яке посух дод:

K: You are going to the classroom.

Teacher: Oh, I am not going to the classroom, I am already in the classroom. But what am I going to do now? Am I going to sleep? Am I going to eat? What am I going to do?

K: You are going to give us a *lesson.*

Teacher: Yes, Komron, you are right, I am going to teach you, now I take a piece of chalk. What am I going to do now?

Umar: You are going to write.

Teacher: That's right. Now I am near the window. What am I going to do?

Savsan: You are going to open the window.

Teacher: Right, Savsan. Now I've taken a pen and opened the register.

Jamila: You are going to mark the absenters.

Teacher: Now could you show some actions and I'll try to guess what you are going to do.

Тасвири амал мақсади шахсро нишон медиҳад. Вақте ки донишҷӯ амалро тасвир мекунад, аз тарафи мо як хол дода мешавад. Дар дарс лаҳзахои гуногун коркард шуд ва мо таваҷҷуҳ ва шавқи донишҷӯёнро дар омӯзиши забони англисӣ бештар намудем. Мақсади асосии мо дар ин бозӣ истифодаи дурусти намуд, гурӯҳ ва шакли феълии забони англисӣ ҳам дар шакли нутқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ буд. Рафти бозӣ

барои дар донишҷӯён ташаккул додани малака, маҳорат ва салоҳияти коммуникативӣ мусоидат менамояд [242, с. 18].

Матни грамматикӣ «*Present* Continuous»

Асбобҳои аёнӣ аз 12 варақаҳои таълимӣ иборатанд. 7–тои ин варақачаҳо аз ҷонишинҳо ва 5-тои онҳо аз феъли to be иборат аст. Ташкили дарс бо такя ба варақчаҳо аз ҳудуди маводи грамматикӣ хеле осон ва муфид мешавад.

Чунин бозиро дар азхудкунии ҳамаи мавзуъҳои грамматикӣ, ки ба замонҳои феъли забони англисӣ алоқаманданд, истифода кардан мумкин аст. Масалан, мо бозии грамматикиро дар мавзуи Present Simple чунин ташкил намудем.

Мо калимаҳоро дар шумораи танҳо ва ҷамъ ба донишҷӯён пешниҳод карда, аз онҳо хоҳиш намудем, ки ин исми пешниҳодшударо ба ҷонишини дар замони Past Simple ифодаёфта иваз намоянд. Дар як дарс мо такрори замонҳои феълии англисиро аз рӯйи нақшаи зер иҷро намудем:

Ном

Амал

Мувофиқати замонҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ.

Ба донишҷӯён имконияти истифода кардани намудҳои феъли англисӣ дар лаҳзаҳои гуногун бо муқоиса бо забони модарӣ омӯзонида шуд.

Бозии «Ҷонишини ман»

Ба тахтаи синф донишҷӯро бо варақи ҷонишини «I» даъват кардем. Донишҷӯён, ки дар синф нишастаанд, мувофиқи ҷонишини I бо варақаҳои « do», «do not» аз ҷо мехезанд. Бо навбат донишҷӯён бо ҷонишин ва мувофиқати феълҳо ба назди тахтаи синф даъват карда мешаванд. Донишҷӯёне, ки дар дасташон варақчаҳо бо шаклҳои феълӣ доранд, бояд омода бошанд, то ки бо ҷонишини мувофиқ аз ҷо бихезанд.

Мақсади асосии ин бозӣ истифодаи ҷонишинҳо бо гурӯҳҳо ва замонҳои феълӣ мебошад.

Бозии «Ҷумлаи худро тартиб деҳ»

Барои муайян кардани сохтори ҷумлаи содда мо бо ёрии маводи аёнӣ дар тахтаи синф ҷумлаи соддаи «**He drinks**»-ро навиштем. Ба тахтаи синф донишҷӯ бо варақа (He v) даъват шуд. Барои мураккаб кардани бозӣ мо аз ду донишҷӯ талаб намудем, ки на танҳо ҷумлаи тасдиқиро тартиб диҳанд, балки дар як вақт ҷумлаи саволӣ ва инкориро низ мураттаб созад. Барои тартиб додани ҷумлаи саволӣ варақаҳоро бо калимаҳои **What, Where, When** ворид намудем. Мақсади асосии ин бозӣ тартиб додани ҷумлаҳои дурусти забони англисӣ мебошад.

Феъли дурустро навис

Мо ҷумлаҳоро дар тахтаи синф навишта, баъзе калимаҳоро нанавиштем.

He..... eat.

We....*dance.*

.....she run?

.....they skip?

What .....he like.

Аз донишҷӯён хоҳиш карда шуд, ки ҷумлаҳои нопурраро пурра намоянд. Вазифаи донишҷӯён, яъне 4 нафар бо варақачаи феълҳо (do, Does, Do not, Does not) аз он иборат буд, ки тарзи иҷрои донишҷӯёни дигарро назорат намоянд. Машқ хаттӣ иҷро карда мешавад.

Ҷумларо дуруст интихоб намо

Ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки аз матн аз рӯйи модели пешниҳодшуда ҷумларо интихоб намоянд. Чунончи:

Does he V? (модели ҷумла)

Does he drink milk? (ҷумла)

Ба тахтаи синф донишҷӯён бо варақаҳои пешниҳодшуда даъват карда мешаванд. Донишҷӯён аз рӯйи модел ҷумлаҳои худро тартиб медоданд. Ҷумлаҳо аз тарафи мо ва аз тарафи донишҷӯён хонда шуданд ва тарзи дурусти талаффузи онро мустаҳкам намудем.

Панҷ ҷумла тартиб деҳ

Мо ба донишҷӯён варақчаҳое, ки дар онҳо феълҳои забони англисӣ дарҷ гардида буданд, пешниҳод намудем. Ба назди тахтаи синф як нафар донишҷӯ бо ҷонишини “**He**” даъват карда мешавад. Ин ҷонишин дар ҷумлаҳои аз тарафи донишҷӯён тартиб додашуда ба вазифаи мубтадо меояд. Ҳар як донишҷӯ 5-то ҷумла, ҷумлаи ҳикоягӣ, инкорӣ, саволи умумӣ ва 2 саволи махсусро бо феълҳои худ интихоб намуда тартиб медиҳанд. Чунончи:

(+) He drinks.

(-) He doesn't drink.

(?) Does he drink?

(Wh-q) What does he drink?

Who drinks?

Ин машққоро ба тариқи шифоҳӣ ва хаттӣ иҷро кардан мумкин аст. Дар ин замина вазифаи донишҷӯе, ки варақаи ҷонишинҳоро дар дасташ дорад, аз он иборат аст, ки ба омӯзгор барои тафтиш кардани вазифаи супоридашуда кумак расонад.

Савол тартиб диҳед

Мо ҷумларо қироат мекунем. Калимаҳои саволиро нишон додем. Донишҷӯён бошанд, роҷеъ ба ҷумлаҳо саволҳо тартиб дода пешниҳод карданд. Ин бозиро ҳам ба тариқи шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ гузаронидан мумкин аст. Масалан:

He drinks milk everyday.

Калимаҳои саволӣ: (**Who, What, When**).

Донишҷӯён бо калимаҳои саволӣ ҷумлаҳои саволии худро ба тариқи шифоҳӣ ва хаттӣ тартиб медоданд. Ин машқ хеле осон ва дилгиркунанда набуда, шавқу рағбати донишҷӯёнро ба омӯзиш бештар намуда барои мустаҳкам аз худ кардани феъли забони англисӣ мусоидат менамояд.

Таҳвил

Бозии дигар “Таҳвил” (Трансформатсия), яъне иваз намудани ҷойи калимаву ибора дар ҷумла мебошад. Ташкили ин бозӣ барои донишҷӯён хеле манфиатовар аст. Мақсади ин бозӣ кор карда баромадани суръати модификатсионии таркибҳои грамматикӣ мебошад. Чунончи:

Дараҷаи аввал: “I clean my teeth.” - She → “She cleans her teeth.”- They → “They clean their teeth.” - Not →“They don’t clean teeth.” - He → “He doesn’t clean teeth.” - Why → “Why does he clean teeth?” - Where → “Where does he clean teeth?” - We → “Where do we clean teeth?” -

Дараҷаи дуюм: Now - “Where is he cleaning teeth?”-Yesterday-“Where did he clean teeth ....

Барои ҳар як ҷавоби қанотбахш донишҷӯ сазовори як саққочае мегардад ва ҳар нафаре, ки бештар сақоча ба даст оварад, ғолиб дониста мешавад. Агар модели ё қолаби истифодашуда душворӣ кунад, донишҷӯ метавонад онро иваз намуда, модели дигарро интихоб намуда давом диҳад.

Даҳ ашё

Ин номи шартии бозӣ мебошад. Моҳияти ин бозӣ аз он иборат аст, ки ҳамаи иштироккунандагон расми 3-10 ашёро кашида, зимни мубодилаи расмҳо байни худ менависанд ё мегӯянд, ки рафиқашон бояд чӣ корро иҷро кунад. Бо ин ашёҳо савол гузоштан, бо онҳо ҷумла сохтан мумкин аст. Барои шавқовар гаштан донишҷӯён ҷумлаҳои хандаовар низ тартиб медиҳанд. Саволҳо ё ҷумлаҳои бо ин ашёҳо ба таври шифоҳӣ ё

хаттӣ баён карда мешаванд. Ин амал имкон медиҳад, ки нутқи шифоҳӣ ва хатии донишҷӯён инкишоф ёбад.

Мо шарти бозиро дар байни донишҷӯён душвортар намудем. Як нафар донишҷӯ 3-5 расми ашёҳоро мекашад ва дигар донишҷӯ амали бо ин ашёҳо иҷромешударо тасвир мекунад, яъне менависад. Сипас ҳарду расмро якҷоя карда, ҷумла тартиб медиҳанд. Чунончи: ашёи якум **TV-set**, амали он watch мебошад. Вақте ки ҳардуро якҷоя мекунанд, ҷумлаи I **watch over (on) TV-set with my brother** сохта мешавад.

Шакли дигари бозии мазкур низ гузаронида мешавад. Ҳамаи донишҷӯён 5-7 номгӯйи ашёро менависанд ва мо мепурсем: **“What will you take fo a trip? And why?”** ё **“What did your mother give you as a birthday present and why?”** Суолҳо метавонанд гуногун ва ғайричашмдошт бошанд. Иштирокчиёни бозӣ, яъне донишҷӯён кӯшиш мекарданд, ки ба суолҳо дар асоси он номгуйи ашёҳое, ки дар даст доранд, ҷавобҳои мантиқӣ диҳанд. Дар рафти бозӣ мумкин аст, ки донишҷӯён ба ҷумлаҳои тартиб дода шарҳҳои хушҳолкунанда дода дарсро шавқовар кунанд.

Инчунин мумкин аст донишҷӯён 3-10 амалро (масалан феълҳои дурустро) тасвир кунанд ё нависанд. Сипас вараққҳои худро иваз кунанд ва аз онҳо ҷумла сохта бо ин ҷумлаҳо ояндаро барои якдигар пешгуйӣ намоянд. Чунончи:” **Fore tell the future” “What had he done, before guest came?”, “What did you do on the Moon”.**

Ин бозии хеле муфид буда барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва маҳорату малакаи муоширатии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Бозӣ-диктант

Ба ҷойи диктанти анъанавӣ мо як қатор бозиҳоро барои **Spelling** истифода намудем.Чунончи:

1. Мо ҳарфҳои ҳамоҳанги **sh, ch, a, wh, th, w-**ро навишта, фармудем, ки бо онҳо калима тартиб диҳанд.

2. Дар тахтаи синф ҳарфҳои **s, k, t** ва ғайраро навишта аз донишҷӯён хоҳиш намудем калимаҳоеро, ки бо ин ҳарфҳо сар мешаванд, нависанд.

3. Матнеро хондем ва ба донишҷӯён супориш додем, ки ҳар чи бештар калимаҳои дар хотир гирифтаашонро аз матн нависанд. Албатта ба ҷуз пешояндҳо ва артиклҳо.

4. Матнеро дар бораи хӯрокворӣ (Food) хонда аз донишҷӯён хоҳиш намудем, ки хаёлан хариди номгӯи хурокворирo тасаввур карда, калимаҳоро нависанд. Матни тамошои шаҳрро (City) хонда, талаб кардем, ки ҳар чӣ бештар ҷойҳои тамошобоби шаҳрро нависанд.

Мақсади асосии ин бозӣ аз ба донишҷӯён омӯхтани истифодаи намудҳои гуногуни нутқ, ки мушкилиҳои муайяни грамматикиро доро мебошанд, иборат аст.

Тамдиди ҷумла

Ин бозӣ ба тариқи хаттӣ ва ё шифоҳӣ ба шакли мусобиқа иҷро карда мешавад. Шарти бозӣ ҷумларо мураккаб кардан мебошад. Дар аввал мо ба донишҷӯ усули мураккаб кардани ҷумларо ба забони тоҷикӣ нишон дода, пешниҳод намудем, ки онҳо бо истифода аз ҳиссаҳои нутқ ба ин монанд ҷумлаҳоро ба забони англисӣ тартиб диҳанд; Чунончи:

– тавассути сифатҳо;

– пуркунанда (of, for, with);

– ҳоли макон (where), ҳоли замон (when), ҳоли тарзи амал (willing, quickly), ҳоли шартӣ (if, because);

Мақсади бозӣ аз он иборат аст, ки донишҷӯён бо истифода аз калимаҳои зиёд ҷумлаи мураккаб тартиб диҳанд. Чунончи:

I bought flowers – I bought beautiful flowers – I bought flowers for mysister.

Ин бозиро то ба ҳадде, ки васеъ кардани ҷумла имкон дорад, идома додан мумкин аст.

Ҳикояро иваз намоед

(Change the story)

Ҳикояро ба донишҷӯён нақл намудем. Аз донишҷӯён талаб намудем, ки баъзе калимаҳоро дар ҳикоя иваз намоянд, то ки шакли нави ҳикоя пайдо шавад. Ҳамчунин калимаҳои гуногунро (исм, сифат, феъл) ва баъзе ифодаҳоро, ба монанди (in the morming, at last) **in the morning-in the evening; an old man – a young girl; quickly – slowly, истифода баранд.**

Ба донишҷӯён пешниҳод шуд, ки вазифаи онҳо, пеш аз ҳама, аз навиштани ҳикоя бо такя ба калимаҳо ва ибораҳо иборат аст. Мақсади асосии ин бозӣ дар донишҷӯён такмил додани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад. Дар анҷоми бозӣ нафаре баранда мегардад, ки ҳикояи аз ҳама шавқовар ва ё ҳаҷман калонро эҷод намояд.

Ball-game

«Ball-game» низ ҳамчунин, барои донишҷӯён тавсия карда шуда, он хосияти муоширатӣ дорад. Дар ин бозӣ ду нафар донишҷӯён дар утоқе, ки барои корҳои амалӣ ҷудо карда шудааст, тубчаеро ба якдигар сӯҳбаткунон мепартоянд. Кӯшиш менамоянд, ки муошират таъғир наёбад. Супоришҳо ҳар хел мешаванд-тарҷумаи калимаҳо аз рӯйи мавзуъҳои гуногун аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва ё бараъкс; ҷавобҳо ба саволҳо; тартиб додани ҷумлаҳои содда бо калимаҳое, ки оид ба ин мавзуи грамматикӣ; тартиб додани матн ва ғайраҳо.

Music Passage

Бозии дигаре, ки барои аз худ намудани грамматикаи забони англисӣ хеле ҷолиб аст, **Music Passage** номгузорӣ гардидааст. Ягон нафар донишҷӯ ё омӯзгор фитаеро бо сабти якчанд овози мусиқие, ки мавзуҳои

гуногунро тасвир мекунанд, ба синфхона меорад ва порчае аз он шунавонида мешавад. Ин амал бояд 2-3 дақиқаро фаро гирад. Сипас донишҷӯ нақл мекунад, ки зимни гӯш андохтан кадом образу хотираҳо пеши назараш ҷилвагар гардид. Яъне, бозии мазкур барои инкишофи нутқи мустақилона, инчунин ташаккули салоҳияти коммуникативию дарки эстетикию маънавии хонанда равона карда мешавад.

Лабиринт ё Empty blocks

Барои бозии мазкур кубикчаҳо (кубдонаҳо) ва якчанд муҳрачаҳо лозим аст. Ин бозӣ аз якчанд вариантҳо иборат аст. Ҳар як хоначаи лабиринт бо ягон ҳиссаи нутқ (феъл, сифат пешоянд ва ғайра) ишора карда мешавад ё холӣ монда мешавад. Яке аз вариантҳои бозиро интихоб намуда ба донишҷӯён пешниҳод менамоем. Донишҷӯён ҷуфт-ҷуфт бо навбат кубикро ҳаво дода, аз рӯйи майдоне, ки холҳо он ҷо меафтанд, ҳаракат карда, аз калимаҳои дар хоначаҳо навишташуда ҷумлаҳо тартиб медиҳанд. Ин ҷумлаҳо бояд тибқи мавзӯи грамматикии мавриди омӯзиш қарордошта тартиб дода шаванд. Омӯзгор метавонад супориш диҳад, ки донишҷӯён саволҳо тартиб диҳанд, калимаҳои инкоркунанада ё тасдиққунанда ё ҳардуро истифода баранд. Ин вақт онҳо варақаҳои маркерии рангаи дар наздашон истодаро ба кор мебаранд. Ҳангоми бо хоначаҳои холӣ (Empty blocks) кор кардан аз ҳар сурати рангае, ки аз дастаи варақаҳои дар наздашон будакашида гирифта мешаванд ва ягон мавзуйи лексикиро ифода мекунанд, истифода бурдан мумкин аст. Агар донишҷӯ ба хатогӣ роҳ надиҳад, ба пеш ҳаракат мекунад ва бараъкс, агар ба хатогӣ роҳ диҳад, он гоҳ як қадам қафо мегардад. Шарти бозиро тағйир додан мумкин аст.

Бозӣ бо қартаҳо

Ба ду нафар донишҷӯ қартаҳоро вобаста ба ягон мавзуи грамматикӣ ё лексикӣ месупорем. Қартаҳоро ба ду қисми баробар

тақсим мекунем ва ба бозингарон месупорем. Яке бозиро шуруъ карда, қартаро мегузорад ва аз руйи қартаи худ ҷумла тартиб медиҳад. Нафари дигар гапи ӯро мебурад, қартаи худро гузошта, худаш ҷумла тартиб медиҳад. Хатогиҳо назорат карда мешаванд, вале ба ҳисоб гирифта намешаванд. Нафаре ғолиб мебарояд, ки дар дасташ ягон қарта намонад.

Биёб, кӣ гуфт?

Ин бозӣ ҳангоми омӯхтани мавзуи «Нутқи айнан ё мазмунан нақлкардашуда» истифода бурда мешавад. Як нафар аз синфхона ба берун мебарояд, донишҷӯёни дигар ва омӯзгор яктогӣ ибора талаффуз мекунанд ва ягон барандаи ин бозиро интихоб менамоянд. Донишҷӯйи ба берун баромада ба дохил бармегардад ва баранда ба ӯ мегӯяд: « Касе гуфт, ки…… (яъне он ибораҳоеро, ки иштирокчиёни бозӣ талаффуз карда буданд, тағйир дода, аз нутқи айнан ба мазмунан нақлкардашуда баргардонида пешниҳод менамояд).

Донишҷӯи ба дохил даромадагӣ меёбад, ки кӣ онро гуфтааст ва номбар мекунад: « Фалонӣ гуфт, ки….» .

Ин бозии хеле шавқовар аст, Донишҷӯён саъй мекунанд, ки донишҷӯйи аз берун омадаро ба гумроҳӣ андозанд. Онҳо ибораҳоеро фикр карда мебароянд, ки мантиқан бояд аз забони дигар кас баромада бошад (масалан маълум аст, ки Камол мусиқиро дӯст медорад, бинобар ин Солеҳ мегӯяд, ки ӯ суруд хонданро дӯст медорад. Ҳамин тавр онҳо кӯшиш мекунанд то ин, ки фикри донишҷӯро парешон намоянд.

Дар аввал танҳо калимаҳои тасдиққунандаро ба кор мебаранд, сипас супориш душвортар шудан мегирад, яъне ҷумлаҳои саволӣ ва инкориро истифода бурдан мегиранд. Зимни ин бозӣ вақт ба назар гирифта мешавад.

Дар боло мо рафти гузаронидани бозиҳои дидактикиро овардем. Бозиҳо, аслан, дар байни курсҳои якуми Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд. Бозиҳо дар факултети идораи давлат ва ҳуқуқ, ихтисоси 1240101 – Ҳуқуқи байналмилалӣ бо теъдоди 24 нафар донишҷӯён, ихтисоси 1260101 – Идораи давлатӣ бо теъдоди 25 нафар донишҷӯён; факултети филология ва рӯзноманигорӣ, ихтисоси 121050208 – Забони хориҷӣ (забони англисӣ) бо теъдоди 30 нафар донишҷӯён, ихтисоси 102030601 – Забони англисӣ. Забони олмонӣ 17 нафар донишҷӯён, ихтисоси 1210501 – Филологияи тоҷик бо теъдоди 18 нафар донишҷӯён; факултети молия ва иқтисод, ихтисоси 125010402 – Кори бонкӣ бо теъдоди 24 нафар донишҷӯ, ихтисоси 1020402 – География бо теъдоди 22 нафар донишҷӯён гузаронида шуд. Дар маҷмуъ 160 донишҷӯён дар озмоиш қарор дошт.

Бозиҳо дар муддати як соли таълимӣ аслан дар дарсҳои амалӣ гузаронида шудаанд ва иштироки фаъолонаи донишҷӯён мушоҳида гардид. Акнун дар поён натиҷаи ба даст овардаро аз рафти гузаронидани бозиҳои дидактикӣ меорем.

5.3. Таъсиси озмоиши педагогӣ ва ҷамъбасту хулосабарорӣ аз он

Бозиҳои гузаронида чунин натиҷа доданд:

1. Дар бозии “**What is this**” мақсад асосан ба он равона карда шуд, ки донишҷӯён бо забони англисӣ ба саволҳои омӯзгор ҷавоб диҳанд. Ин ҷо истифодаи шаклҳои феъл муҳим дониста шуда, замонҳо низ муҳиманд.

Натиҷа нишон дод, ки донишҷӯён дар истифодаи шакли феъл ва замонҳо таҷрибаеро гирифта, ба хатоӣ камтар роҳ медоданд. Мо ҳар амалеро, ки иҷро мекардем ва ҳар расмеро, ки ба донишҷӯён нишон медодем, баёни онро аз онҳо талаб менамудем. Донишҷӯён, воқеан, хеле пешдастӣ намуда дар баёни фикр бо забони англисӣ кӯшиши зиёде ба

харҷ медоданд. Ва мо дар ин ҷода муваффақ ҳам гардидем ва маҳорати муоширатӣ низ дар донишҷӯён бештар ташаккул меёфт.

2. Дар бозии “**What have I done**” мо асосан таваҷҷуҳро ба самти иҷро шудани натиҷаи маълум, яъне “Present Perfect” равон намудем. Ҳарчанд ифодаи ин замони феъл хеле душвор аст, ба таври бозӣ гузарониданаш ба он натиҷа овард, ки донишҷӯён дар истифодаи ин замони феъл таҷриба андӯхтанд. Мо амалеро иҷро карда, аз донишҷӯён ифодаи онро бо забони англисӣ пурсон шудем. Худи донишҷӯён амалеро иҷро карда, аз якдигар баёнро ба забони англисӣ талаб намуданд. Натиҷаи ин бозӣ ба он овард, ки дар истифодаи замони Present Perfect донишҷӯён маълумоти грамматикиро аз худ карда, малакаи муоширати худро инкишоф доданд. Натиҷаи бозӣ ба таври мусбат анҷом ёфта мақсади гузошта ба ҳадаф расид.

3. Дар бозии “**At the zoo**?” мақсади ниҳоии мо ба инкишофи малака ва маҳорати муоширатии донишҷӯён равон шуда буд. Вақте ки як донишҷӯ раҳбалад шуд, дигараш тамошобин, байни онҳо муоширати зинда барпо гардид. Донишҷӯён ба ҳамдигар суол дода, посух гирифта сатҳи нутқи шифоҳии худро инкишоф медоданд. Дар ин бозӣ мо кӯшиш намудем, ки рафти бозиро дар шароити ба табиӣ наздик гузаронем. Натиҷаи он хеле мусбат шуда донишҷӯён хеле маълумоти заруриро барҳӯрдор гашта байни худ муошират бомуваффақият мекарданд.

4. Дар бозии “**Funny stories**” мақсад ҷумласозӣ буд. Аз донишҷӯён хоҳиш карда шуд, ки ба суол бо тасдиқ ё бо инкор ҷавоб гардонанд. Дар натиҷаи бозӣ малакаи ҷумласозии донишҷӯён инкишоф ёфта, замонҳои феълӣ аз худ карда шуданд. Натиҷаи мусбат ба даст омад.

5. Дар бозии “**What am I going to do**” мақсад истифода карда тавонистани замони “Present continuous” буд. Амалҳои гуногунро иҷро карда аз донишҷӯён баёни он амалро бо забони англисӣ пурсон шудем.

Ҷавобҳои донишҷӯён хеле мушахас буд ва натиҷаи бозӣ боиси ташаккули салоҳияти коммуникативии онҳо гардид. Ҳамчунин, маҳорат ва малакаи муоширатии донишҷӯён сифатан инкишоф дода шуда, истифодаи замони давомдор коркард гардид.

6. Дар бозии «**Present Continuous**» мо замонҳои феълиро коркард намудем. Донишҷӯён ба натиҷае расиданд ва нозукиҳои замонҳои феълиро фарқ карда, онҳоро дуруст истифода намуданд. Ин бозӣ барои васеъ гардидани дониши грамматикии донишҷӯён мусоидат намуд ва онҳо дар истифода намудани замонҳои феълӣ дар шакли хаттӣ ва ҳам дар шакли шифоҳӣ пешрафт гаштанд.

7. Бозии «**Ҷонишини ман**» низ хусусияти грамматикӣ дошт ва асосан вазифаи он аз худ кардани дониши грамматикӣ аз тарафи донишҷӯён буд. Ин ҷо асосан истифодаи ҷонишин бо феъл коркард карда шуд ва натиҷаи мусбат ба даст омад.

8. Бозии «**Ҷумлаи худро тартиб деҳ**» ба ташаккули маҳорати ҷумласозии донишҷӯён равона гардид. Донишҷӯён бо истифода аз калимаҳои саволӣ ҷумлаҳои саволӣ тартиб доданд. Чунин натиҷа ба даст омад, ки донишҷӯён барои суол гузоштан малакаи зарурӣ ба даст оварданд.

9. Дар бозии «**Ҷонишини манро дуруст навис**» мақсади асосӣ ба нутқи хаттии донишҷӯён ва маҳорати грамматикии онҳо равона гардида буд. Донишҷӯён дар рафти бозӣ ба натиҷае расиданд, ки шакли нопурраи ҷумларо пурра намуда, дониши грамматикии худро аён сохта, дар як вақт сайқал доданд. Натиҷа хеле мусбат буд ва дониши донишҷӯён дар мавриди пурракунии ҷумлаҳо кофӣ буд.

10. Дар бозии «**Ҷумларо дуруст интихоб намо**» мо аз донишҷӯён талаб намудем, ки аз руйи модели пешниҳоднамудаи мо ҷумла тартиб диҳанд. Натиҷа хеле қаноатбахш буд. Қариб ҳар як донишҷӯ аз руйи

модели пешниҳодшуда ҷумлаҳоро тартиб дода, онҳоро ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ баррасӣ намуданд.

11. Мақсади бозии «**Панҷ ҷумларо тартиб деҳ**» асосан ба самти дониши грамматикии донишҷӯён равона гашта буд. Он бо замима ба донишҷӯён пешниҳод гашта, донишҷӯён мебоист ҷумла месохтанд. Натиҷа нишон дод, донишҷӯён дар сохтани ҷумлаҳои гуногун, ҳам тасдиқию ва ҳам инкорӣ ва ҳам саволӣ маҳорати кофӣ доранд.

12. Дар бозии «**Савол тартиб деҳ**» мақсад асосан ба малакаи хаттӣ ва шифоҳӣ дар тартиб додани ҷумлаҳои саволӣ аз тарафи донишҷӯён равона гардида буд. Вақте ки мо калимаҳои саволиро пешниҳод кардем, донишҷӯён ҷумлаҳои саволии худро сохта, ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ пешниҳод намуданд. Натиҷаи бозӣ мусбат буда, дониши кофии донишҷӯёнро дар тартиб додани ҷумлаҳои саволӣ нишон дод. Сохтани ҷумлаҳои саволӣ дар гузаронидани муколамаҳо хеле муҳим аст, бинобар ин дар рафти бозӣ мо бештар басавол додани донишҷӯён таваҷҷуҳ намудем.

13. Бозии “**Таҳви**л” тафтиши дониши грамматикии донишҷӯён буда, хеле судманд аст. Ба донишҷӯён ҷумлаҳо пешниҳод гардид ва супориш он ҷо дар ҷумла иваз кардани калимаҳо ва ибораҳо буд. Натиҷаи бозӣ хеле мусбат ба охир расид ва донишҷӯён дар иваз кардани калимаҳо дар ҷумлаҳои додашуда маҳорати кории грамматикӣ нишон доданд. Ин, албатта, ба баланд гаштани савияи дониши грамматикии донишҷӯён мусоидат намуда ба ташаккули алоҳияти коммуникативӣ боис мегардад.

14. Мақсади бозии “**Даҳ ашё**” ҷумласозии донишҷӯён буда, дар он бо ашёҳои пешниҳодшуда донишҷӯён ҷумла тартиб медиҳанд. Ҷумлаҳоро донишҷӯён ҳам ба таври хаттӣ ва ҳам ба таври шифоҳӣ тартиб дода, дониши лексикии худро нишон дода, нутқи хаттӣ ва

шифоҳии худро инкишоф доданд. Натиҷаи бозӣ хеле судманд буд, зеро донишҷӯён ҷумлаҳои содда ва мураккабро сохта малакаю маҳорати грамматикии худро нишон доданд.

15. Дар “**Бозӣ -диктант**” мо диктанти анъанавиро таҳлили назар намуда, мақсадро ба “Spellng” равон намудем. Ҳарфҳо пешниҳод кардем, то ки донишҷӯён калимаҳои бо ин ҳарфҳо оғоз шударо нависанд. Натиҷа хеле мусбат буд ва донишҷӯён дар “Spelling” таҳрибаи кофӣ андӯхтанд.

16. Бозии “**Тамдиди ҷумла**”-ро бо тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ гузаронидем. Мақсади ин бозӣ асосан ба инкишоф додани дониши лексикӣ ва грамматикии донишҷӯён равон гардида буд. Ҷумлаи соддаро пешниҳод намудем ва донишҷӯён бо истифода аз калимаҳои иловагӣ ҷумларо ба қадри тавоноӣ тамдид намуданд. Бозӣ ба инкишофи маҳорати ҷумласозии донишҷӯён мусоидат намуда, ҳамзамон нутқи хаттӣ ва шифоҳии онҳоро инкишоф медиҳад.

17. Мақсади бозии “**Ҳикояро иваз намо**” ба инкишоф додани нутқи хаттӣ ва шифоҳии донишҷӯён равон гардида, онҳоро водор менамояд, ки фикр кунанд. Ҳикояи пешниҳод кардашудаи моро то дараҷае иваз намоянд. Донишҷӯён дар фаҳмидани мазмуни ҳикоя ва иваз намудани мазмуни он хеле маҳорат нишон доданд. Ин аз дониши кофии лексикию грамматикии онҳо шаҳодат медиҳад.

18. Бозии “**Бинго**” низ ба мавзуи лексикӣ ва грамматикӣ дохил мешавад. Калимаҳоро тавассути расм ба донишҷӯён пешкаш намуда аз онҳо хоҳиш намудем, ки аз калимаҳои додашуда ҷумлаҳои мувофиқро созанд. Ин бозӣ аз донишҷӯён маҳорати грамматикӣ ва лексикиро талаб менамояд ва натиҷаи он хеле қаноатмандкунанда буд, зеро ҷумлаҳои тартиб додаи донишҷӯён ҳам аз нуқтаи лексикӣ ва ҳам грамматикӣ дониши забонии онҳоро нишон доданд.

19. Бозии “**Ball game**” асосан ба инкишофи маҳорати муоширатии донишҷӯён равона карда шуд. Ду донишҷӯ тубро ба якдигар партофта ба ҳамдигар саволу ҷавоб мекарданд, муколама барпо менамуданд. Чуноне ки худ мушоҳид гаштем, донишҷӯён то як андоза бо забони англисӣ сӯҳбат карда метавонанд. Онҳо ба суолу ҷавоб, муколама, сӯҳбати зинда машғул шуда маҳорати муоширатии худро нишон медоданд. Албатта, на ҳамаи донишҷӯён сифатан сӯҳбати зиндаро амалӣ карда метавонистанд, вале дар ҳама донишҷӯён саъю кӯшиш мушоҳида мегардид.

Мо ба хулосае омадем, ки сӯҳбати зинда бештар ба инкишофи маҳорати муоширатӣ ва салоҳияти коммуникативии донишҷӯён мусоидат мекунад.

20. Барои шавқманд шудани дарс ва баланд бардоштани завқи эстетикии донишҷӯён бозии “**Muzic Passage**”-ро гузаронидем. Мо аз сарояндагони машҳури англисзабон сурудеро бо мусиқӣ дар муддати 2-3 дақиқа ба донишҷӯён шунавонидем. Баъд дар бораи матн, мавзуъ ва образҳои суруд аз донишҷӯён пурсон шудем. Бозӣ нишон дод, ки донишҷӯён ба мусиқӣ шавқу ҳаваси зиёд доранд ва ҳама фаъолона дар бозӣ иштирок варзиданд. Ин бозӣ барои баланд бардоштани завқи эстетикию тарбияи маънавӣ, ҳамчунин, барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ мусоидат менамояд.

21. Мақсади бозии “**Лабиринт**” ё “**Empty blocks”** асосан аз ҳиссаҳои нутққумлаҳо тартиб додан буд. Рафти бозӣ хеле шавқовар буда, донишҷӯён бо рағбат ба ҷумласозӣ машғул гардиданд. Тавассути ин бозӣ дониши граматикии донишҷӯён санҷида шуд ва маълум гардид, ки дар ин самт донишҷӯён дониши кофии грамматикиро дороанд.

22. “**Бозӣ бо қартаҳо**” низ ба малакаи ҷумласозӣ равон гардида аз донишҷӯён талаб карда шуд, ки мувофиқи ҳар як қартаи дар даст доштаашон як ҷумла созанд. Дар як вақт ҷумлаҳои тартибдодаи

донишҷӯёнро тафтиш намуда, хатогиҳоро ислоҳ намудем. Рафти бозӣ дониши кории донишҷӯёнро дар доираи маълумоти лексикӣ, грамматикӣ ошкор сохт. Донишҷӯён ба бозӣ хеле рағбат нишон дода, фаъолона ба ҷумласозӣ машғул шуданд ва қариб ҳамаи донишҷӯён мувофиқи қартаҳои дар даст доштаи худ ҷумлаҳо тартиб доданд.

23. Чунонки мушоҳида шуд, мо дар рафти бозиҳо вазифаҳои гуногуни лексикӣ, грамматикӣ ва орфографиро омӯхта, ҳамзамон бо маҳорати муошират донишҷӯён таваҷҷуҳ зоҳир намудем. Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ равон гардида то андозае ба муваффақият ҳам ноил гаштем.

Дар бозии “**Биёб, ки кӣ гуфт**” мо омӯзиши нутқи айнан ё мазмунан нақлшударо ба донишҷӯён пешниҳод намудем. Бозӣ нишон дод, ки донишҷӯён ҷумлаҳои саволӣ, инкорӣ ё тасдиқиро хеле моҳирона сохта истифода менамоянд. Дониши хуби лексикӣ ва грамматикиро нишон доданд.

Чи хеле ки худ мутаваҷҷеҳ гардидем, бозиҳои дидактикӣ вазифаҳои орфографӣ, лексикӣ, фонетикӣ, грамматикӣ ва инкишофи маданияти нутқро дар худ доро буда, татбиқи онҳо дар таълими забони англисӣ самараи хеле хуб доданд. Дар натиҷаи гузаронидани дарсҳо бо истифода аз бозиҳои дидактикӣ худ мушоҳид гаштем, ки донишҷӯён малакаҳои хондан, навиштан, нутқи монологӣ, муколамаҳоро аз худ карда, дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ пешрафт шуданд.

Муҳимтарин шароити педагогии ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, ин пеш аз ҳама, таъмини базаи моддӣ-техникӣ дар рафти таълим, таъмини мавод ва аёнияти таълимӣ, салоҳиятнокии омӯзгор, фаъолияти мустақилонаи забономӯзон, ташкили дастаи тифоқ, моҳирона ба кор бурдани бозиҳои дидактикӣ ба шумор меравад.

Бозиҳои дидактикиро бо назардошти вазифаҳои самаранокии онҳо ва шавқангез будани онҳо ва фазои мусоидат ба воқеияти онҳо ба таври васеъ дар дарсҳои омӯзиши забони англисӣ истифода кардан мумкин аст. Онҳо дар ҳамгироӣ бо дигар усулу методҳо дар инкишофи малакаву маҳорат ва дар маҷмуъ дар ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ натиҷаи судманде медиҳанд.

Таҳқиқоти мо, асосан, дар доираи гузаронидани бозиҳои дидактикӣ ҳамчун шароити ташаккулёбии салоҳияти коммуникативӣ сурат гирифтааст. Бозиҳо, ҳам орфогорафию лексикӣ, ҳам фонетикию грамматикӣ ба ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён равона гардидаанд. Таҳқиқот дар чанд марҳила гузаронида шуд ва дар як вақт сатҳи дониши забондонии донишҷӯён ба назар гирифта шуд.

Теъдоди умумии донишҷӯён 160 нафарро дар бар гирифт. Дар гурӯҳи озмоишӣ 80 нафар ва дар гурӯҳи назоратӣ 80 нафар донишҷӯ қарор дошт. Дар гурӯҳи назоратӣ теъдоди донишҷӯён то 80 нафар буданд ва дар гурӯҳи озмоишӣ асосан 80 нафар донишҷӯён мавриди таҳқиқот қарор гирифтанд. Бо гузаронидани озмоиш дар ҳарду гурӯҳ дараҷаи зарурии дониши корӣ, малака ва маҳорату салоҳияти коммуникативӣ мушоҳида нагашт.

Рафти озмоиш нишон дод, ки гузаронидани бозиҳои дидактикӣ чанд бартарӣ дорад. Зеро ташкили бозӣ ва шавқу рағбати донишҷӯёнро афзуда, онҳо дар фазои табиии, таълимӣ фаъолона иштирок менамуданд.

Бозиҳо ҳаматарафа омӯзиши забони англисиро фаро гирифта барои ба натиҷаи ниҳоӣ, яъне ба даст овардани салоҳияти коммуникативӣ мусоидат намуданд.

Амалисозии таҳқиқот байни донишҷӯёни тахассусии факултети филология ва рӯзноманигорӣ ва ғайритахассусии факултети идораи

давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара сурат гирифтанд. Дар раванди корҳои таҷрибавию озмоишӣ 160 нафар донишҷӯ ширкат дошт, ки аз инҳо 80 нафар донишҷӯёни тахассусӣ ва 80 нафар донишҷӯёни ғайритахасусиро дар бар гирифт.

Дар марҳилаҳои аввали озмоиш таҳқиқот нишон дод, ки дониши забондонии донишҷӯёни факултетҳои мазкур дар Донишгоҳи давлатии Данғара нокифоя буда, донишҷӯён ҳангоми забоназхудкунӣ душворӣ мекашанд. Аммо дар хотимаи тадқиқот мо ба хулосае омадем, ки донишу маҳорати муҳассилин, бахусус салоҳиятҳои муоширатии онҳо дар такя ба технологияи истифодашуда бозиҳои дидактикӣ, усулҳои мубоҳисаву муколама, сӯҳбатҳо, фаъолиятҳои гурӯҳӣ ташаккул ёфт.

Доир ба марҳилаи муқарраркунӣ ташхис анҷом дода шуда, натиҷаҳои он дар ҷадвалҳои 1 ва 2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ

Иштирокчиёни озмоиш	Сатҳҳо		
	Паст	Миёна	Баланд
Гурӯҳи назоратӣ	25%	32%	40%
Гурӯҳи озмоишӣ	18%	24%	32%

Дигараммаи Сатҳи ибтидоии ташакули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ



	Паст	Миёна	Баланд
Гурӯҳи назоратӣ	25%	32%	40%
Гурӯҳи озмоишӣ	18%	24%	32%

Рафти озмоиш нишон дод, ки гузаронидани бозиҳои дидакатикӣ ҳамчун шароити ташаккулёбии салоҳияти коммуникативӣ фазои мусоиди табиии таълимро ба вуҷуд меорад. Зимни машғулиятҳои озмоишӣ бо истифода аз бозиҳои дидактикӣ донишҷӯён бештар ҳавасмандӣ изҳор намуда, дар раванди омӯзиш хеле фаъол буданд. Дар як вақт мо мушоҳиди афзоиш ёфтани маҳорату малака ва донишҳои гуногуни донишҷӯён гардидем. Бозиҳо азхудкунии маводи таълимиро бо муҳайё намудани шароити табиии таълим дучанд намуданд. Чизи дигар ин фаъолона дар рафти гузаронидани бозиҳои дидактикии донишҷӯён иштирок намудан буда, албатта, натиҷа ҳам дилхоҳ мегардид. Бозиҳое, ки дар самтҳои гуногуни дониши забони англисӣ гузаронида мешуданд, ҳаматарафа самарабахш гашта, натиҷаи дилхоҳ ба даст омад.

Ҳамин тариқ, аз тадқиқот муайян гардид, ки татбиқи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун заминаи ташаккули салоҳияти муоширатӣ ҷараёни таълимро босамар ва натиҷабахш мегардонад.

Ҷадвали 2. Натиҷаҳо аз рӯйи сатҳи ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ то ва баъди гузаронидани озмоиш

Иштирокчиёни озмоиш	Сатҳҳо		
	Паст	Миёна	Баланд
Гурӯҳи назоратӣ	45%	55%	65%
Гурӯҳи озмоишӣ	35%	40%	50%

Диаграмма



Имрӯз барои ҳамаи мутахассисони соҳаҳои гуногун донистани забони хориҷӣ нишондиҳандаи касбияти баланд мебошад. Курси донишгоҳ бо барномаи таълимии омӯзиши забони хориҷӣ хусусияти коммуникативӣ ва ба самти касбият равона кардашударо доро мебошад. Омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ бо хусусияти маҳдуди вақти таълимӣ фарқ мекунад. Дар бораи босуръат гардонидани таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳҳо муҳаққиқ В.А.Трайнев изҳори ақида намуда, қайд мекунад, ки: «маҳз зарурати омӯзиши забони хориҷӣ вобаста бо маҳдудияти вақти таълимӣ боло бардоштани сифати омӯзишро тақозо менамояд» [225, с. 20]. Аз ин ҷост, ки ҷузъиёти асосӣ дар самти омӯзиши босуръати забони хориҷӣ зарурати истифодаи методҳои фаъолро ба миён меорад. Аз рӯйи ақидаи В.А Трайнев:

«фаъолгардонии таълим ин истифодаи шаклҳои мазмундор, муносибат ва усулҳои таълимие мебошанд, ки фаъолияти эҷодиро инкишоф дода, азхудкунии донишро босуръат менамоянд» [225, с. 23].

Методҳои фаъол ба тақлидӣ ва ғайритақлидӣ ҷудо мешаванд. Ба методҳои тақлидӣ бозиҳо дохил мешаванд. Ба методҳои бозӣ накшофарӣ, тиҷоратӣ ва таҳқиқотӣ дохил мешаванд, ҳамаи онҳо бомуваффақият дар омӯзиши забони хориҷӣ истифода мешаванд ва вазифаҳои дидактикиро иҷро менамоянд.

Аксари муҳаққиқон: «нақши бозиҳоро дар омӯзиши забони хориҷӣ қайд намудаанд. Технологияи бозӣ имконияти беҳудуди дидактикӣ ва тарбиявиро дорост, зеро он якчанд вазифаҳоро хеле хуб ҳал менамоянд. Бозӣ вазифаҳои иҷтимоикунӣ (иштирок дар муносибатҳои ҷамъиятӣ), муошират байнифарҳангӣ (аз худ кардани арзишҳои иҷтимоию фарҳангӣ умумибашарӣ), худтарбиякунӣ (муайян кардани хусусиятҳои шахсӣ, ташаккули салоҳияти боинтизомӣ), муоширатӣ (идора карда тавонистани вазъияти муошират), ислоҳкунӣ (худшиносӣ, ислоҳи вайронкунии меъёрҳои забон ва фарҳанг), тандурустӣ (бартараф кардани шармгинӣ, хастагии эмотсионалӣ ва душвориҳо), зебоипарастӣ (ҳаловат, зебоипарастӣ аз бозӣ), хушҳолӣ, дараҷаи муҳаёсозии фазои мувофиқи озод)-ро ҳал менамояд» [363, с. 143-144], [225; 248; 142; 110].

Бозии дидактикӣ ба чунин хусусиятҳо фарқ мекунад:

– натиҷабахшӣ (мақсади пеши донишҷӯён гузошташуда дар дараҷаи олӣ ҳал мешавад);

– сарфакорӣ (дар дарс ҳалли зиёди иттилоот дар вақти маҳдуд коркард шуда, кӯшиши кам сарф шуда, натиҷаи назаррас ба даст меояд);

– ҳаловатнокӣ (дарс дар фазои мувофиқ ва озод, бемаҷбуркунӣ гузаронида мешавад);

– ҳавасмандӣ (хонандагон шавқу ҳавас ба дониш нишон дода, имкониятҳои фаъоли худро нишон медиҳанд, муносибати худро ба фаъолият ва натиҷаи онҳо дигар мекунанд).

Бозии дидактикӣ муошират фарҳангӣ ва маҳорати дар коллектив кор карданро ташаккул медиҳад, истифодаи моҳиронаи ҷузъиёти бозӣ донишҷӯёнро ба бозӣ ва муошират омода сохта, таълимро дар ҳамкорӣ амалӣ месозад. Ҳалли якҷои вазифаи коммуникативӣ ва мураккабро шавқовар ва дар як вақт муфид месозад. Дар бозӣ як ширкаткунанда ба натиҷаи он саҳми инфиродии худро мегузорад ва қадру манзалати худро ҳис менамояд.

Меҳнати якҷоя аҳлнокӣ ва муттаҳидкуниро муҳайё намуда, бартараф намудани низоъҳоро меомӯзонад.

Дар бозӣ кумак ба якдигар, маҳорати гӯш кардан, ақидаи худро дуруст ба шунаванда расонидан омӯзонида мешавад [359, с. 161].

Чуноне ки А. Панфилова қайд мекунад: «барои ба даст овардани натиҷаи самарабахш дар таълим бо истифодаи бозӣ омӯзгор бояд як қатор меъёрҳои гурӯҳиро ба инобат гирад:

1. Меъёри фаъолнокӣ. Бояд ширкати фаъол ва доимии донишҷӯёнро ба кори коллективӣ таъмин намуд. Дар як бозӣ ҳар як кас меомӯзад ва дар як вақт меомӯзонад. Омӯзандагӣ дар ҳолате амалӣ мегардад, ки фаъолнокиро дар дарккунии ҳиссиёт, андеша, рафтори худ ва дигарон, аъзоёни гурӯҳ зиёд намуда, дар баёни андеша ҷасур будан лозим аст.

2. Меъёри эмотсионалӣ. Аз ширкаткунандагон талаб карда мешавад, ки дар ошкор намудани ҳиссиёт, намоиши рафтор ва баёни андеша росткор бошанд. Ин меъёр алоқаи дуҷонибаи донишҷӯён ва омӯзгоронро таъмин менамояд.

3. Меъёри шахсикунонӣ. Ин меъёр мушаххаскунии андешаро на ба муносибат ба макон ва замон, балки ба муносибати иштирокчиёни ҳодиса талаб мекунад. Мувофиқи ин меъёр аз иштирокчиён талаб карда мешавад, ки рӯйирост ба аъзоёни гурӯҳ муроҷиат намоянд. Ин меъёр аҳамиятнокии баёни андешаи иштирокчиёнро афзун намуда, аз ҷиҳати эмотсионалӣ оро дода, донишро ба таҷрибаи шахсӣ табдил медиҳад» [176, с. 133].

С.Н. Каземиров баён медорад, ки: «дар адабиёти имрӯза то андозае таснифи бозиҳои дидактикӣ ҳалли худро ёфтааст. Дар асоси он бозиҳои дидактикиро бо назардошти иштирокчиён ба шаклҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, даставӣ, ва оммавӣ, бо назардошти вақт – кӯтоҳмуддат ва давомдор, мувофиқи намуди ташкилиашон – копютерӣ ва ғайрикомпютерӣ, тибқи мақсади таълими забон –фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ, синтаксисӣ, услубӣ, муоширатӣ, аз рӯйи шакли гузаронидан лаҳзавӣ, нақшофарӣ, мусобиқа, зеҳнӣ ҷудо кардан мумкин аст» [358].

Бо такя ба намудҳои фаъолияти бозиҳои дар боло ёдрасшуда, пеш аз ҳама, махсусияти синнусолӣ ва малакаи забонии иштирокчиён ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, дар марҳилаи ибтидоӣ бомақсад аст, бозиҳои донишӣ ва лексикӣ, дар марҳилаи миёна лексикӣ, грамматикӣ ва дар марҳилаи ниҳоӣ бозиҳои эҷодӣ ва тиҷоратӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Чӣ хеле маълум аст, технологияи бозӣ гуногун мешавад. Дар самти омӯзиши забони англисӣ, пеш аза ҳама, нақши бозиҳои лексикӣ ва грамматикӣ хеле калон мебошад.

Аз рӯйи ақидаи М. Ф. Стронин: «бозиҳои грамматикӣ ба ҳалли чунин мақсадҳо равонаанд. Пеш аз ҳама бозиҳои грамматикӣ ба хонандагон истифодаи намунаҳои нутқиро меомӯзанд, ки душвориҳои

муайяни грамматикиро доранд. Ҳамчунин, бозиҳои грамматикӣ вазъияти воқеиро барои истифодабарии намунаҳои нутқӣ муҳайё намуда, фаъолияти эҷодии нутқии донишҷӯёнро инкишоф медиҳанд» [218, с. 9].

Бозиҳои лексикӣ чунин мақсадҳоро ҳал менамоянд. Пеш аз ҳама ба хонандагон истифодаи лексикаро дар вазъияти ба воқеият наздик меомӯзонанд, фаъолияти муоширатии донишҷӯёро рушд медиҳанд, ҳамоҳангии вожаҳоро ба онҳо меомӯзад.

Ташкили бозиҳои грамматикӣ ва лексикӣ муҳити ба худ хосро, ба мисли майдончаи бозӣ, варақаҳо, ашёҳои бозиро барои истифода талаб мекунад.

Имрӯз дар илми педагогика тадриҷан нақши бозиҳои дидактикиро дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ эътироф менамоянд ва дар таҷрибаи амалии таълимӣ бозиҳо барои омӯзгорон ҳамчун воситаи самарабахш гардида истодаанд.

Омӯзиши эпирикии худро оид ба истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар байни донишҷӯёни курсҳои 1 - 2 – и Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд. Бозиҳо дар факултети идораи давлат ва ҳуқуқ, ихтисоси 1240101 – Ҳуқуқи байналмилалӣ бо теъдоди 24 нафар донишҷӯён, ихтисоси 1260101 – Идораи давлатӣ бо теъдоди 25 нафар донишҷӯён; факултети филология ва рӯзноманигорӣ, ихтисоси 121050208 – Забони хориҷӣ (забони англисӣ) бо теъдоди 30 нафар донишҷӯён, ихтисоси 102030601 – Забони англисӣ. Забони олмонӣ бо теъдоди 17 нафар донишҷӯён, ихтисоси 1210501– Филологияи тоҷик бо теъдоди 18 нафар донишҷӯён; факултети молия ва иқтисод, ихтисоси 125010402 – Кори бонкӣ бо теъдоди 24 нафар донишҷӯ, ихтисоси 1020402 – География бо теъдоди 22 нафар донишҷӯён гузаронидем. Бо мақсади муайян намудани лаҳзаҳои бозӣ барои ҳавасмандкунӣ (алалхусус дар омӯзиши

грамматика) дар байни 109 донишҷӯён назарпурсӣ гузаронида шуд. Шартан донишҷӯёнро дар дараҷаҳо Pre-Intermediate (37 нафар), Intermediate (63 нафар), Upper-Intermediate (9 нафар) омӯхтем.

Пеш аз бозӣ назарпурсӣ тариқи саволнома барои муайян кардани муносибати донишҷӯён нисбати методҳои анъанавии омӯзиш дар мавриди азхудкунии маводи грамматикӣ гузаронида шуд. Чунин саволҳо дода шуд:

Аз рӯйи ақидаи Шумо омӯзиши грамматикӣ тавассути методҳои анъанавӣ – ин:

1. Зиқиовар ва бефоида.

2. Зиқиовар, вале муфид.

3. Шавқовар, вале бефоида.

4. Шавқоар ва муфид.

Дар мавриди дигар бозӣ гузаронида шуд ва чунин суол гузошта шуд:

1. Аз нуқтаи назари шумо омӯзиш ва коркарди маводи грамматикӣ тавассути бозӣ – ин:

1. Зиқовар ва бефоида.

2. Шавқовар, вале бефоида.

3. Зиқовар, вале муфид.

4. Шавқовар ва муфид.

2. Оё Шумо мехоҳед дигар маводи грамматикиро тавассути бозӣ коркард намоед?

Се намунаи ҷавоб пешниҳод гардид:

Ҳа, не, эҳтимол.

Ба гурӯҳи дараҷаи забонии Pre-Intermediate варақаи бозӣ Happy Verb Families пешниҳод гардид [289].

Тасвири бозӣ: Ҳар як гурӯҳи 3-4 нафарӣ бо 5-6 варақаҳое, ки дар ҳар яки онҳо ҷумлаҳо бо феълҳои нодуруст навишта шудааст, таъмин гардиданд. Феълҳо дар замони Past Simple ва шакли Past Participle дода шуданд. Ба ҳар донишҷӯ 7 варақ дода мешавад. Мақсади бозӣ ҷамъ кардан ва аз варақчаҳо бо се шакли феълӣ феъли нодуруст ҷудо кардан аст. Донишҷӯи якум аз донишҷӯи дуюм мепурсад, ки оё ӯ варақаи бо шакли муайяни феълиро дорад. Агар донишҷӯи дуюм ин варақаро дошта бошад, онро ба донишҷӯи якум медиҳад. Донишҷӯи якум мепурсад: “Have you got the card that says worn?”

Агар донишҷӯи дуюм калимаҳои wear, wore, worn-ро дошта бошад, варақаро нишон медиҳад. Дар вақти бозӣ истифодаи ҷадвали феълҳои нодуруст иҷозат дода мешавад.

Натиҷае, ки дар расми 1 овардем, нишон медиҳад, ки тарзи бозӣ воқеан муносибати донишҷӯёнро дар омӯзиши грамматика ба самти мусбат иваз менамояд. 62% донишҷӯён шавқмандии худро нишон доданд.

ДИАГРАММАИ 1. Муносибати донишҷӯён ба усулҳои анъанавӣ ва бозии машқ ва таҳкими маводи грамматикӣ



ДИАГРАММАИ 2. *Муносибати донишҷӯён ба усулҳои анъанавӣ ва бозии машқ ва мустаҳкамкунии маводи грамматикӣ.*



Гурӯҳи дорои сатҳи Pre-Intermediate дар донистани забони хориҷӣ (37 нафар) бартарии методи бозиро эътироф намуданд ва танҳо 24 % тарафдори методи анъанавӣ буданд. Хоҳишмандоне, ки боз дигар мавзуи грамматикиро тавассути бозӣ аз худ кардан мехостанд, 81% -ро ташкил намуданд. Гурӯҳ бо маълумоти Intermediate забони хориҷӣ (63 нафар).

Барои гурӯҳҳои дараҷаи забонии Intermediate бозии қадам ба қадами The best plast place in the world пешниҳод гардид [333].

Тавири бозӣ. Донишҷӯ кубикро партофта, ба ҷадвали саволҳо мегузарад. Супориш ба савол чунин аст, ки ягон ҳодисаро дар муддати 30 сония нақл карда, ҷавоб бояд гуфт. Агар бозингар аз уҳдаи супориш набарояд, ба ҷойи худ бармегардад. Ғолиб касе, ки ба марҳилаи ниҳоӣ мерасад. Иштироккунандагони бозӣ 4 нафар, ашёҳо - 4 сангча. 4- танга.

Мавзуи мубрам: коркари малакаи грамматикии истифодабарии дараҷаи олии сифатҳо дар замони Present Perfekt Acttive.

Нишондодҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки афзоиши шавқу ҳавас барои мустаҳкамкунии дониш дар 78% донишҷӯён дида мешавад. Ба ғайр аз ин 60 нафар донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ хоҳиши идомаи коркарди маводи грамматикиро тавассути бозӣ карданд.

Барои гурӯҳи дараҷаи забонии Upper Intermediate бозӣ - скрабл Passive Scrabble пешниҳод гардид [333].

Тасвири бозӣ. ба ҳар як гурӯҳи 3-4 нафарӣ 86 варақ тақсим карда мешавад. Дар ҳар як варақа гурӯҳи калимаҳо: исм, ҷонишин, исм дар шумораи танҳо ва ҷамъ, ҷонишин дар шумораи танҳо ва ҷамъ бо пешоянд ва бе пешоянд зарф, шакли феълии Past Participle, феъли to be дар ҳама шакл шумора ва замон дода мешавад.

Ба ҳар як донишҷӯ 12 варақа тақсим карда мешавад. Донишҷӯён бо навбат аз варақаҳо ҷумлаҳои дурустро дар сиғаи пассив тартиб медиҳад. Дар ҳар як варақа холҳо навишта шуданд, ки дар сурати истифодаи варақаҳо донишҷӯ соҳиби як хол мегардад.

Донишҷӯи якум ҷумларо тартиб дода, аз хазина 12 варақаро мегирад. Донишҷӯи дуюм бояд як варақаи донишҷӯи якумро дар тартиб додани ҷумлаи худ бояд истифода намояд. Бозӣ ҳамин тавр идома меёбад. Агар донишҷӯ аз рӯйи варақаи дар дасташ буда ҷумла тартиб дода натавонад, боз аз хазина 3 варақа мегирад. Агар дар ин ҳолат ҳам донишҷӯ ҷумлае тартиб дода натавонад, аз бозӣ мебарояд ва донишҷӯи навбатӣ ба бозӣ ворид мешавад. Донишҷӯён бозиро то ҳамон лаҳзае давом медиҳанд, ки дигар варақа намонда бошад ё тартиб додани ҷумла имконнопазир гардад. Аз рӯйи холҳои гирифта ғолиб муайян карда мешавад.

ДИАГРАММАИ 3. *Муносибати донишҷӯён ба усулҳои анъанавӣ ва бозии машқ ва таҳкими маводи грамматикӣ. Гурӯҳе, ки дорои сатҳи Upper-intermediate донистани забони хориҷӣ (9 нафар)*



Аз нишондодҳо бармеояд, ки истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълим барои баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ саҳми мусбат мегузоранд. Чунин бетарафӣ ба сифр баробар шуданд ва 78 % - и донишҷӯён ба он ақидаанд, ки истифодаи бозиҳо ҳавасмандиро афзоиш дода, дар раванди омӯзиши муфид мебошад. Воқеият дар он зуҳур меёбад, ки ҳамаи 9 нафар (100%) хоҳиши идомаи омӯзиш ва коркарди грамматикиро тавассути технологияи бозӣ карданд.

Аз рӯйи нишондодҳои диаграммаҳо дар ҳамаи гурӯҳҳо дар омӯзиши грамматикаи забони англисӣ аз самти “зиқовар” ба самти “шавқовар” майл карда мешавад. Ба ғайр аз ин, аз рӯйи ақидаи донишҷӯён коркарди маводи грамматикии тавассути технологияи бозӣ муфид ва шавқовар мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаи назарпурсӣ имкон дод муайян намоем, ки оид ба тарафи мусбати имкониятҳои таълимӣ ва ҳавасмандкунии технологияи бозӣ назари ҷиддӣ дошта бошем. Дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ, ки имконияти маҳдуди омӯзишӣ вобаста ба маҳдуд будани вақти таълимӣ роҳи муфид ва натиҷабахш истифодаи методҳои фаъол дар мисоли технологияи бозӣ мебошад.

Хулосаи боби панҷум

Омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ, ки дар он таҳсил ба самти соҳаҳои илмҳои табиӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва дигар фанҳо равона карда мешавад, вазифаи стратегӣ ва муҳим мебошад. Забони англисӣ имрӯз ҳамчун забони байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла илм, тиҷорат ва сиёсат истифода мешавад ва дар факултетҳои ғайризабонӣ ба як воситаи муҳими муошират ва табодули маълумот табдил ёфтааст.

Бо вуҷуди муҳимияти забони англисӣ омӯзиши он дар муҳити таълимии ғайризабонӣ бо мушкилот, аз ҷумла маҳдудият дар истифодаи усулҳои таълимӣ, камбуди заминаи забонии муҳити таълимӣ ва нокифоя будани вақт барои омӯзиш рӯбарӯ мешавад.

Дар соҳаҳои гуногуни ғайризабонӣ, забони англисӣ ҳамчун воситаи муҳими муошират дар муҳити таълимӣ ва касбӣ истифода мешавад. Омӯзиши ин забон ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ба конференсияҳо, симпозиумҳо ва вебинарҳои байналмилалӣ шомил шаванд ва бо муҳаққиқони дигар кишварҳо ҳамкорӣ кунанд. Ҳамзамон, он барои таҳқиқоти илмӣ, навиштани мақолаҳо, ва иштирок дар таҳқиқот ва ғояҳои нав дар муҳити байналмилалӣ зарур аст.

Технологияҳои муосир ба омӯзгорон ва донишҷӯён кумак мекунанд, ки муҳити таълимиро самараноктар ва интерактивӣ созанд. Мултимедиа, барномаҳои мобилӣ, ва платформаҳои онлайн метавонанд

ба омӯзиши грамматика, калимоти нав, ва малакаҳои забонии гуногун кумак расонанд. Шаклҳои инфиродӣ, дунафара ва гурӯҳии омӯзиш барои ташаккули малакаҳои муоширатии донишҷӯён ва дар амал ба кор бурдани забони англисӣ мусоидат менамоянд.

Омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ на танҳо як талаботи таълимӣ аст, балки як воситаи муҳими рушди касбӣ ва ҳамкории байналмилалӣ мебошад. Омӯзиши ин забон ба донишҷӯён кумак мекунад, ки дар муомила бо муҳаққиқони хориҷӣ, иштирок дар чорабиниҳои таълимӣ ва истифодаи маълумоти илмӣ дар сатҳи глобалӣ саҳмгузор шаванд.

Таълими забони хориҷӣ дар факултетҳои мазкур бояд дар пояи татбиқи методологияи забоншносии касбӣ ва технологияиҳои муосири таълим ба шароити воқеӣ наздик карда, раҳандозӣ гардад, ки мақсад аз он омӯзиши амалии он дар заминаи касб мебошад. Вақте ки донишҷӯён забонро дар муҳити воқеӣ меомӯзанд, онҳо ба муҳити касбӣ ва иҷтимоии худ шинос мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки малакаҳои забонии худро дар шароити аслии корӣ истифода баранд. Бо истифода аз технологиҳои муосир ва симулятсияҳо, донишҷӯён метавонанд забони англисиро дар муҳити воқеии зиндагӣ ва муҳити касбӣ таҷриба кунанд.

Муҳим аст, ки омӯзиш танҳо ба назарияи грамматикӣ ва луғат маҳдуд нагардад, балки, донишҷӯён бояд забонро дар маводҳо ва муносибатҳои касбӣ истифода баранд. Масалан, донишҷӯе, ки мехоҳад дар соҳаи тиҷорат фаъолият кунад, бояд забони англисиро на танҳо барои фаҳмидани назария, балки барои муҳокимаи мавзуъҳо ва муошират бо ҳамкорони байналмилалӣ ё мизоҷон истифода барад.

Барномаҳое, монанди Duolingo, Memrise ва Rosetta Stone, метавонанд барои донишҷӯён як муҳити интерактивӣ ва мукаммали омӯзишии забонро фароҳам оранд. Ба ин тартиб, омӯзиш дар муҳити

амалӣ бо истифода аз технологияи муосир ва платформҳои онлайн ё симулятсияҳо ба донишҷӯён кумак мекунад, ки на танҳо забонро, балки малакаҳои муоширатии касбиро низ такмил диҳанд.

Имрӯзҳо дар таҳсилоти касбӣ ба масоили муоширати байнифарҳангӣ таваҷҷуҳи асосӣ равона карда мешавад. Бо ҳамин мақсад, дар раванди таълим бозиҳои дидактикӣ метавонанд воситаи муфид барои беҳтар кардани малакаи шунидан, гап задан, хондан ва навиштани донишҷӯён бошанд.

Бозиҳои дидактикӣ, ки мақсади асосии онҳо таълим ва тарбия мебошад, аз ҷиҳати мазмун, тарзи ташкил ва фаъолият бо ҳам фарқ мекунанд. Ба таври умумӣ, онҳо ба ду категория тақсим мешаванд: бозиҳои грамматикӣ, ки бо мақсади таҳкими малакаҳои грамматикӣ ва бозиҳои имитатсионӣ, ки равандҳои ҳаётиро тақлид мекунанд. Бозиҳо имконият медиҳанд, ки донишҷӯён дар як муҳити эҷодӣ ва интерактивӣ амал кунанд ва ин ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва равандҳои таълимиро фаъол мекунад.

Шавқу рағбати донишҷӯён дар муошират ва истифодаи забони англисӣ тавассути бозиҳо афзуда, дар раванди таълим самти манфиатнокӣ ва интизороти онҳоро таҳким мебахшад. Хусусияти ҷиддии бозиҳо на танҳо дар рушди муҳити таълимӣ, балки дар омодагӣ ба заминаи ояндаи касбӣ ва иҷтимоии донишҷӯён низ эҳсос мешавад. Бар хилофи таълими анъанавӣ бозиҳо, бинобар хусусияти психологӣ ва ҳавасмандкунанда, талошҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат доштанашон хеле қобили қабул буда, барои ташаккули шахсияти донишҷӯ, инкишофи малакаҳои забономӯзӣ ва муоширатӣ ва салоҳияти ҳалли мушкилот дар муҳити воқеӣ таъсир мерасонанд.

Бояд иброз дошт, ки бозиҳои дидактикӣ бо вуҷуди усули хеле самарабахш дар таълими забон буданашон аз камбудиҳо низ орӣ

нестанд. Яке аз ин камбудиҳо ба он марбут аст, ки дар рафти бозӣ донишҷӯён бештар амалҳои тасвиришударо иҷро мекунанд, на ба мазмуни таълим, ки метавонад ба камтар фаҳмидани матнҳо оварда расонад, таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Бо вуҷуди ин, бозиҳои дидактикӣ як усули муассир барои инкишофи салоҳияти коммуникативии донишҷӯён мебошанд.

Татбиқи бозиҳои дидактикӣ дар донишҷӯён:

- маҳорату малакаи муошират байнишахсиро ташаккул медиҳад;
- барои фаъолияти дуруст дар иҷрои супоришҳои грамматикӣ, лексикӣ ва орфографӣ мусоидаи менамоянд;
- фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва шахсии донишҷӯён беҳтар гардида, малакаҳои шифоҳии онҳо дар равандҳои гуногуни муошират рушд меёбанд.

Бозиҳои дидактикӣ барои забони англисӣ дар барномаҳои таълимии забонҳои хориҷӣ муҳиманд ва метавонанд дар амал тарзи дуруст ва муассирро барои таълим ва омӯзиши грамматика, фонетика ва лексикаи забони англисӣ таъмин намоянд. Вале барои муваффақ шудан дар истифодаи онҳо бояд қайд намуд, ки омӯзгор бояд ба вазъи дарсӣ ва талаботҳои ҳар як донишҷӯ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, то ки онҳо натиҷаҳои олии таълимро ба даст оранд.

Инкишофи маданияти нутқӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба хусус забони англисӣ, аҳамияти калон дорад. Мақсади асосии инкишоф додани маҳорати нутқ бозгашти пурсифати саволҳо ва посухҳо дар замонҳои гуногун мебошад. Тартиб ва ташкил кардани бозиҳои дидактикӣ дар ин раванд хеле муфид ва натиҷабахш мебошад.

Дар бозиҳо таълимоти гуногун дар самти ташаккул додани маҳорати истифодаи феъли дурусти забон ва сӯҳбат бо истифода аз сохторҳои гуногун, масалан, грамматикаи феълҳо ва замонҳои гуногун,

амалӣ мешавад. Бо истифода аз бозиҳо донишҷӯён на танҳо дар бораи сохтори грамматикӣ маълумот мегиранд, балки малакаи дар амал истифода бурдани замони феълро шифоҳӣ ва хаттӣ низ ташаккул медиҳанд.

Намудҳои гуногуни бозиҳои дидактикӣ (ба монанди "What is this?", "What have I done?", "What am I going to do?", ва "At the Zoo") қобилияти донишҷӯёнро барои истифодаи дурусти грамматикаи англисӣ дар лаҳзаҳои мушаххас ва дар муҳитҳои муоширатӣ ифода мекунанд. Ҳамчунин, бозиҳо дар ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ ва қабули муҳтавои нутқ дуруст ва мувофиқ бо сатҳи тафаккури донишҷӯён кумак мерасонанд.

Дар ин бахш ҷараёни гузаронидани бозиҳои дидактикӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара баррасӣ шудааст. Бозиҳо дар муҳити факултетҳои гуногуни донишгоҳ ва барои гурӯҳҳои мушаххаси донишҷӯён бо мақсади омӯзиши забони англисӣ дар заминаи ихтисосҳои гуногун гузаронида шуданд. Дар маҷмуъ, 160 донишҷӯ дар озмоиш иштирок намуданд. Муддати баргузории бозиҳо як сол буд ва донишҷӯён дар дарсҳои амалӣ фаъолона иштирок карданд.

Дар баробари бозиҳои дидактикӣ истифодаи технологияи муосир барои омӯзиш, аз қабили: барномаҳои онлайнӣ, интерактивӣ ва курсҳои он онлайнии MOOCs, Coursera, edX, Future Learn ва Udemy, ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки забони англисиро дар заминаи ихтисосҳои гуногун омӯзанд.

Хусусияти асосии таълими забони хориҷӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ самти касбӣ доштани он аст. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд стратегияҳои дуруст ва самарабахши таълимро истифода барад, то донишҷӯён забонро бо истифодаи он дар муҳити воқеии кор ва муошират омӯзанд.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои муосир, бахусус бозиҳои дидактикӣ дар таълим барои беҳтар кардани малакаҳои забонӣ ва кумак ба донишҷӯён дар амаликунӣ ва муошират дар муҳити касбӣ ва шахсӣ аҳамияти калон дорад. Ин бозиҳо вазифаҳои гуногуни лексикӣ, грамматикӣ ва орфографиро омӯхта, малакаи муошират, хониш, навиштан ва нутқро дар донишҷӯён ташаккул доданд. Чунончи:

Бозиҳои асосӣ, ба мисли "What is this?", "What have I done?" ва "At the zoo?", ба донишҷӯён кумак карданд, ки ба таври фаъол ва табиӣ замонҳои феълро истифода бурда, малакаи муоширатии худро беҳтар кунанд.

Бозиҳо, ба монанди "Funny stories" ва "What am I going to do?", дар пешрафти маҳорати грамматикӣ ва ҷумласозии донишҷӯён кумак расонданд, ки он ба рушди маҳоратҳои аён дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ оварад.

Дар бозии "Present Continuous" донишҷӯён дар бораи замони феъл ва шаклҳои дурустии он маълумоти амиқ ба даст оварданд.

Бозиҳо, мисли "What am I going to do?" ва "Present Continuous", нишон доданд, ки донишҷӯён дар истифодаи замонҳои феълӣ ва дурустии грамматикӣ амал мекунанд.

Бозиҳо, монанди "Ball game" ва "Muzic Passage", ба донишҷӯён имконият доданд, ки бо дигарон ба таври фаъол сӯҳбат кунанд, ки он ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва муоширатии онҳо кумак расонид.

Маҳорати шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯён, инчунин малакаи грамматикӣ ва лексикӣ дар натиҷаи бозиҳо хеле беҳтар шуд. Барои мисол, дар бозии "Bingo", донишҷӯён ҷумлаҳои дуруст ва мувофиқи лексикаи англисиро сохта, малакаи грамматикии худро нишон доданд.

"Spelling" ва "Dictation" ба беҳтар аз худ кардани қоидаҳои орфографӣ ва саводкории донишҷӯён кумак расониданд.

Муҳимтарин шароит барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ин таъмини базаи моддӣ-техникӣ, ороиши иттилоотӣ, малакаи омӯзгор, ва истифодаи дурусти бозиҳои дидактикӣ мебошад. Дар натиҷаи омӯзиш бо бозиҳо, донишҷӯён рушди хуби маърифати грамматикӣ ва муоширатӣ нишон дода метавонанд.

Дар рафти ин таҷриба, мо ба хулосае омадем, ки бозиҳои дидактикӣ як воситаи хеле самаранок барои инкишофи салоҳияти коммуникативии донишҷӯён мебошанд.

Таҳқиқоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки гузаронидани бозиҳо дар ҳамоҳангӣ бо дигар усулҳои таълимӣ таъсири мусбат ба инкишофи малакаҳо ва маҳоратҳои забонии донишҷӯён доранд. Бозиҳо на танҳо дар ташаккули орфографию лексикӣ, балки дар рушди фонетикӣ ва грамматикӣ кумак мекунанд.

Технологияи бозӣ ҳамчун воситаи дидактикӣ ва тарбиявӣ вазифаҳои гуногуни иҷтимоӣ, коммуникативӣ, тарбиявӣ, ислоҳкунӣ ва дигар вазифаҳои тарбиявии шахсро ҳал мекунанд, ки дар натиҷа, муҳити таълимӣ ҳавасманд ва муфид мегардад. Ҳамзамон, бозиҳои дидактикӣ хусусиятҳои манфӣ ва мусбати худро дороанд, ки барои ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва пешрафти донишҷӯён аҳамияти зиёд доранд. Ин бозиҳо ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки дар фазои озод, бидуни маҷбурӣ ширкат намоянд ва инчунин муҳити дарсиро таъмин созанд.

Натиҷаҳои озмоишҳо ва назарпурсиҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи бозиҳо ба ташаккули назарияи грамматика ва лексика кумак мекунад. Дар ҳамаи гурӯҳҳои озмоишӣ, бозиҳо бо мақсади рушди салоҳиятҳои грамматикии донишҷӯён мусоидат карда, шавқу ҳавасро

барои омӯзиши мавод зиёд мекунанд. донишҷӯён ба методҳои бозӣ бо шавқ ва хоҳиш муносибат карда, дар муқоиса бо методҳои анъанавӣ онҳо ҳавасмандтар мегарданд ва бештар фаъолият мекунанд.

Умуман, таҳқиқотҳо ва натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки бозиҳои дидактикӣ воситаи самарабахши таълим буда, барои ташаккули салоҳиятҳои грамматикӣ ва лексикӣ дар таълимӣ забонҳои хориҷӣ муҳим мебошанд.

ХУЛОСАИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Аз ҷамъбасти таҳқиқоти илмӣ ба хулосае омадем, ки бозӣ ба хонандагон имконият медиҳад, фаъолияти зеҳниро амалӣ карда, тавассути муошират ва фаъолиятҳои ҷамъиятӣ малакаҳои таълимиро аз худ кунанд. Тавассути бозӣ хонандагон метавонанд вожаҳоро ёд гиранд, ҳалли мушкилотро биёбанд, шиддати эмотсионалӣ ва ҳолати стрессро кам кунанд.

Бозиҳои дидактикӣ, ки мақсади асосии онҳо таълим ва тарбия мебошад, аз ҷиҳати мазмун, тарзи ташкил ва фаъолият аз ҳам фарқ мекунанд. Ба таври умумӣ, онҳо ба ду категория тақсим мешаванд: «бозиҳои грамматикӣ, ки бо мақсади таҳкими малакаҳои грамматикӣ ва бозиҳои имитатсионӣ, ки равандҳои ҳаётиро тақлид мекунанд. Бозиҳо имконият медиҳанд, ки донишҷӯён дар як муҳити эҷодӣ ва интерактивӣ амал кунанд ва ин ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва равандҳои таълимиро фаъол мекунад» [11-М].

Бозиҳои дидактикӣ, ки мақсади асосии онҳо таълим ва тарбия мебошанд, аз ҷиҳати мазмун, тарзи ташкил ва фаъолият аз ҳам фарқ мекунанд. Ба таври умумӣ онҳо ба ду категория тақсим мешаванд: бозиҳои грамматикӣ, ки бо мақсади таҳкими малакаҳои грамматикӣ ва бозиҳои имитатсионӣ, ки равандҳои ҳаётиро тақлид мекунанд. Бозиҳо имконият медиҳанд, ки донишҷӯён дар як муҳити эҷодӣ ва интерактивӣ амал кунанд ва ин ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва равандҳои таълимиро фаъол мекунад.

Бозиҳои дидактикӣ дар таълим вазифаҳои гуногунро аз қабили: дилхушкунанда, ки ба хонандагон фароғату ҳавасмандӣ ва хушҳолӣ мебахшанд, муошират, ки ба хонандагон дар беҳтар кардани малакаҳои муошратӣ кумак мекунад, иҷтимоӣ, ки ба инкишоф додани қобилияти кор дар гурӯҳ ва иштироки фаъол дар муҳити коллективӣ мусоидат

мекунанд, тарбиявӣ, ки ба тарбияи ҳусни муносибат ва ҳамкориҳои коллективӣ кумак мерасонанд, иҷро мекунанд.

Бозии дидактикӣ ҷиҳатҳои равонии зиёдро дар бар мегирад: «Ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар рафти бозӣ ба таҳлил ва муайян кардани дурустии амалҳо машғул шаванд ва ин ба такрори таҷриба ва тасаввури зеҳнӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз он, бозӣ ба инкишофи қобилиятҳои маърифатию ахлоқӣ ва психологияи шахсият таъсир мерасонад».

Дар омӯзиши забони англисӣ истифодаи бозиҳои дидактикӣ як усули самарабахш ва шавқовар мебошад, ки барои ташаккули малакаҳои коммуникативии хонандагон кумак мекунад. Бозиҳо ба донишандӯзон имконият медиҳанд, ки малакаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикиро дар шароити воқеӣ, бо истифода аз таълимоти амалии забон, аз худ кунанд. Истифодаи бозиҳои гуногун, аз қабили: «What is in my bag?», «Write a story», «Tongue Twisters» ва дигар бозиҳо, ба ташаккули малакаи нутқию хаттӣ ва тафаккури зеҳнии донишандӯзон кумак мерасонад.

Озмоишҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки бозиҳои дидактикӣ ҳамчун як воситаи самарабахш барои баланд бардоштани малакаи забонӣ ва инкишофи салоҳияти коммуникативии донишҷӯён амал карданд. Ин бозиҳо вазифаҳои гуногуни лексикӣ, грамматикӣ ва орфографиро омӯхта, малакаи муошират, хониш, навиштан ва нутқро дар донишҷӯён ташаккул медиҳанд. Аз ҷумла:

Бозиҳои асосӣ. Бозиҳо, мисли "What is this?", "What have I done?" ва "At the zoo?", ба донишҷӯён кумак карданд, ки ба таври фаъол ва табиӣ замонҳои феълро истифода бурда, малакаи муоширатии худро беҳтар кунанд.

Бозиҳо, аз қабили: "Funny stories" ва "What am I going to do?"

маҳорати грамматикӣ ва ҷумласозии донишҷӯёнро ташаккул дода, барои рушди нутқи хаттии донишҷӯён замина гузоштанд.

Тавассути бозии «Present Continuous» донишҷӯён дар бораи замони феъл ва шаклҳои дурустии он маълумоти амиқ ба даст оварданд. Аз истифодаи бозиҳои дидактикии «What am I going to do?» ва «Present Continuous» маълум гардид, ки донишҷӯён замонҳои феълӣ ва грамматикаро дуруст ба кор мебаранд.

Бозиҳо, монанди «Ball game» ва «Muzic Passage», малакаҳои муоширатии донишҷӯёнро инкишоф дода, ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки бо дигарон ба таври фаъол сӯҳбат кунанд ва ин ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва муоширатии онҳо кумак мерасонад.

Маҳорати шифоҳӣ ва хаттии донишҷӯён, инчунин малакаи грамматикӣ ва лексикӣ дар натиҷаи бозиҳо хеле беҳтар мешавад. Барои мисол, дар рафти бозии «Bingo», донишҷӯён ҷумлаҳои дуруст ва мувофиқи лексикаи англисиро сохта, малакаи грамматикии худро нишон доданд.

«Spelling» ва «Dictation» барои беҳтар фаҳмидани мафҳумҳои орфографӣ ва саводкории донишҷӯён кумак расониданд.

Бозиҳо ба донишандӯзон имконият медиҳанд, ки малакаҳои фонетикӣ, лексикӣ ва грамматикиро дар шароити воқеӣ, бо истифода аз таълимоти амалии забон, аз худ кунанд. Истифодаи бозиҳои гуногун, аз қабили: «What is in my bag?», «Write a story», «Tongue Twisters» ва дигар бозиҳо малакаҳои нутқию хаттӣ ва тафаккури зеҳнии донишандӯзонро ташаккул медиҳанд.

Моҳияти асосии бозиҳо дар хусусиятҳои забонии онҳо - оҳанги талаффуз, луғат ва грамматика, масалан ба кор бурдани замонҳои

гуногун дар грамматика, бахусус Present Continuous ва Present Indefinite Tens, зоҳир меёбад.

Тадқиқот нишон дод, ки бо ёрии бозиҳои дидактикӣ хонандагон на танҳо малакаи грамматикӣ ва лексикӣ, балки рафторҳои муоширатиро ҳам омӯхта метавонанд. Бозиҳо муҳити таълимиро шавқовар ва интерактивӣ мекунанд, ки дар он хонандагон ҳисси боварӣ ба худро ба даст меоранд ва ба муҳити омӯзиш ҷалб мешаванд. Аз ин рӯ, бозиҳои дидактикӣ самаранокии омӯзиши забони англисиро дар таҳсилот баланд мебардоранд.

Чуноне ки зикр намудем, бозӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ на танҳо як воситаи дилхушӣ аст, балки барои рушди малакаҳои коммуникативӣ ва нутқии донишандӯзон низ зарур аст. Ба вижа, бозӣ ҳамчун воситаи рушди маҳоратҳои коммуникативии байнифарҳангӣ ва муҳокимаи роҳҳои гуногуни иртибот истифода мешавад. Бозиҳо метавонанд ҳамчун модалитети асосии амалишавии таълим дар гурӯҳҳо ё бо ҷуфтҳо истифода шаванд.

Таълим тавассути бозӣ на танҳо имконият медиҳад, ки донишҷӯён маводи таълимиро амалӣ кунанд, балки ба онҳо дар шодӣ ё эҳсоси дастоварди ҳам кумак расонад. Муҳим он аст, ки бозиҳо бо мазмуни маъмулӣ ва шарти дуруст ташкил шаванд. Бозиҳои коммуникативие, ки дар марҳилаи ибтидоии омӯзиш истифода мешаванд, ба донишандӯзон дар фаҳмидани мушкилоти коммуникативӣ ва қоидаҳои асосии забон кумак мерасонанд.

Барои донишандӯзон бозӣ на танҳо дар муошират ва ташкил кардани муносибатҳои коллективӣ муҳим аст, барои муайян кардани муносибатҳои иҷтимоии байниҳамдигарӣ низ муҳим мебошад. Вақте ки навомӯзон дар бозӣ иштирок мекунанд, онҳо дар ҳақиқат таҷрибаи иҷтимоии худро меомӯзанд, ки барои рушди шахсияти онҳо зарур аст.

Вобаста ба намуди бозӣ он метавонад мусобиқа ё кумак ба ҳамкорӣ дар гурӯҳ бошад.

Бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ, бахусус дар марҳилаи ибтидоӣ, нақши муҳим мебозанд. Нақши онҳо, пеш аз ҳама, дар ангезиши ҳавасмандии забономӯзон ва шавқовар кардани фазои таълимӣ ҳувайдо мегардад.

Ба ғайр аз ин, бозиҳо барои рушди қобилиятҳои нутқӣ, лексикӣ, грамматикӣ ва талаффузи дуруст мусоидат менамоянд. Инчунин, бозиҳо имконияти интихоби намунаҳои нутқиро бо мақсади рушди амалии забон фароҳам меоранд.

Бозиҳо дар раванди омӯзиш барои ташаккули ҳавасмандӣ, эҷодкорӣ ва хислати ахлоқӣ дар хонандагон муҳим мебошанд. Дар амалӣ кардани бозиҳои дидактикӣ омӯзгор бояд ба хусусиятҳои синну сол, хусусиятҳои психологии инфиродӣ ва сатҳи омодагии хонандагон диққат диҳад, то ки ҳар як бозӣ мувофиқи мақсади таълимӣ ва ҳавасмандии хонандагон ташкил карда шавад.

Бозиҳои дидактикӣ ёрӣ мерасонанд, ки хонандагон шавқу ҳавас ба таълимро эҳсос кунанд. Вақте ки хонандагон дар нақшҳо бозӣ мекунанд, онҳо аз ҳар як ҳолат ё вазъияти муайян истифода мебаранд, ки ин ба дониш ва малакаҳои забонӣ мутобиқ аст.

Омӯзгорон дар ин раванд вазифаи муҳим доранд: бо роҳи ташкил ва роҳнамоии бозӣ онҳо кумак мерасонанд, ки хонандагон ба таври фаъол ва дуруст ба муошират шуруъ кунанд.

Омӯзгор бояд нақшҳои ҳар як иштирокчиро дар бозӣ бо маслиҳат интихоб кунад. Чунин ташкили бозиҳо на танҳо барои худомӯзӣ, балки барои фароҳам овардани муҳити мувофиқ ва ташкили раванди таълим хеле самарабахш аст. Чунки бозиҳо метавонанда муҳити таълимиро

шавқовар намуда, малакаи нутқиву тафаккури зеҳнии хонандагонро ташаккул диҳанд.

Муҳаққиқон ба таъкиди таъсири бозӣ бар рушди зеҳнӣ ва равонии кӯдакон аҳамият додаанд. Аз нигоҳи А.Н. Леонтев: «бозӣ як усули ивазкунанда аст, ки кӯдак метавонад тавассути он хаёлу орзуҳои шахсии худро амалӣ кунад». В.Н. Дружинин бошад: «бозиро ҳамчун шакли сохтани амсилаҳои оянда номбар мекунад, ки барои рушди зеҳнӣ муҳим аст». Дар назарияи Виготский ва Пиаже: «бозӣ як воситаи муҳими рушди маърифатӣ ва ассимилятсияи донишҳои нав аст, ки бо тарзи эҷодӣ ва амалӣ анҷом дода мешавад». Л.С. Виготский, «бозиро ба меҳнати табиии кӯдакон нисбат медиҳад, ки дар оянда барои омодасозии онҳо ба зиндагии калонсолон кумак мерасонад».

Мафҳуми "бозии забонӣ" аз ҷониби файласуфи австролӣ Л. Витгейнштейн пешниҳод шудааст, ки ба аксарият ашхос тааллуқ дорад. Ба ақидаи Витгейнштейн: «бозии забонӣ унсури асосии муошират мебошад. Дар ин бозӣ қоидаҳо ва меъёрҳои нутқ ҷойҳои худро иваз мекунанд, ки дар натиҷа шаклҳои нав ва ғайричашмдошти забон ба амал меояд. Бозии мазкур хусусияи маҷозӣ ё ҳаҷвӣ дошта, муошират дар шодиву хурсандӣ сурат мегирад».

Дар ин рисола таъкид гардид, ки бозии забонӣ на танҳо як ҷузъиёти нутқ мебошад, балки барои баён кардани муносибатҳои фарҳангӣ, эмотсионалӣ ва лексикӣ истифода мешавад. Масалан, дар тафсири антонимӣ (муқобилмаъноӣ) ва гипонимӣ (иловаи маъно) муносибатҳои муносиб ва ё номувофиқ метавонанд дар баробари шуҳрат ё ҷинс нишон дода шаванд. Ҳар як дастури нутқ дар муҳити дузабона як шакли нави бозии забонӣ дар муҳити фарҳанги мебошад. Ин ҷо қобил ба таъкид аст, ки инкишофи фарҳанги нутқ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ, аҳамияти калон дорад. Мақсади асосии ин

раванд баланд бардоштани малакаи нутқ, маҳорати гуфтор аст, то донишҷӯён тавонанд ба саволҳо ва посухҳо дар замонҳои гуногун (гузашта, ҳозира, оянда) дуруст изҳорот диҳанд. Тартиб ва ташкил кардани бозиҳои дидактикӣ дар ин раванд хеле муфид ва босамар мебошад.

Аз рӯйи таҳқиқоти муайяншуда бо иштироки донишҷӯён бозиҳои забонӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушоҳида карда шуданд. Маълум гардид, ки намудҳои гуногунии бозии забонӣ, аз ҷумла гузариш аз як забон ба забони дигар, ба кор бурдани ҳар хел идиомаҳо, вожаҳои муқобилмаъно, мавзуҳои фарҳангӣ барои аз худ кардани забони англисӣ бисёр муҳиманд.

Дар бозии забонӣ, мо метавонем намуди антонимӣ (масалан: "cold turkey" ва "hot turkey") ё истифодаи идиомаҳо дар матни гуногунро мушоҳида кунем. Бо истифодаи маъниҳои зиддиятӣ миёни суханҳое, ки дар он байни ду замони гуногун ва ду забони гуногун гузариш карда мешавад, воситаҳои забони амалӣ мегарданд.

Ҳамин тавр, дар бозии забонӣ ду алокаи семантикӣ, масалан, антонимӣ ва гипонимӣ, ҳамчун восита барои сохтани маънои нав ва таъсиргузор истифода мешаванд. Ҳамчунин, дарк кардани аломатҳои забон ва шаклҳои муқаррарии забон барои таъриф ва истифодаи дуруст муҳим аст. Муҳаққиқ Н.И. Жинкина таъкид мекунад, ки: «фаҳмидани забон бояд ҳамчун як воҳиди том ва на танҳо дар воҳидҳои алоҳида (лексикӣ-семантикӣ ва мавзуӣ) гузошта шавад».

Дар даҳсолаҳои аввали асри XXI талабот ба таълими касбии забони хориҷӣ, хусусан англисӣ, дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ афзоиш ёфтааст. Забони англисӣ имрӯз ба як талаботи муҳим барои мутахассисон табдил ёфта, омӯзиши он барои муошират ва фаъолияти касбӣ зарур мебошад. Бо вуҷуди он, дар зинаи ибтидоии таълими забони

англисӣ мушкилиҳо, аз қабили: нокифоя будани усулҳои таълим, ки дар пояи онҳо салоҳиятҳои лингвистию муоширатии донишҷӯён ва нутқи онҳо ташаккул меёбад, ба миён меояд.

Забони англисӣ ҳамчун забони универсалии ҷаҳонӣ ва воситаи асосии табодули илмӣ дар ҷаҳони муосир қабул гардидааст. Дар донишгоҳҳои забоншиносӣ омӯхтани забони англисӣ муҳимтарин восита барои расидан ба мақсади омӯзиши забонҳои дигар ва фаҳмидани равандҳои умумии забоншиносӣ мебошад. Ин забон ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ҷараёни омӯзиши забонҳои гуногун ва таҳқиқи онҳоро дар доираи илмии муосир дарк кунанд.

Омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ дар солҳои охир, бо вуҷуди пешрафтҳои технологӣ ва рушди ҷаҳонишавӣ, як соҳаи муҳими таълимӣ шудааст. Зеро ки забони англисӣ дар доираи байналмилалӣ барои муоширатҳо ва ҳамкориҳо мавқеи барҷаста пайдо карда, дар марбут ба донишгоҳ он ба як воситаи асосии таълиму тарбия табдил ёфтааст. Аз тарафи дигар, платформаҳои онлайн ва воситаҳои электронӣ, чун Moodle, Edmodo ва Duolingo, дар раванди омӯзиш бо мақсади муҳити самарабахши таълимӣ ва мутобиқ ба талаботи замон мусоидат мекунанд.

Дар донишгоҳҳои Тоҷикистон омӯхтани забони англисӣ ҳамчун ҷузъи муҳими таълим ва омодасозии мутахассисон дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дипломатия, тиҷорат ва илм, қарор гирифтааст. Талабот ба омӯзгорони баландихтисос ва маводҳои таълимӣ ҷузъҳои муҳими беҳтар шудани таълим дар самти забонҳои хориҷӣ мебошад.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар факултетҳои забоншиносӣ дар Тоҷикистон инчунин ба усулҳои гуногуни таълимӣ ва стратегияи мутобиқгаштаи дастурдиҳандагӣ дар мувофиқа бо талаботи ҷомеа ва бозори меҳнат такя мекунад. Ин таҳсилот барои беҳтар кардани малакаи

муошират дар забони англисӣ ва дарк кардани фарҳангҳои англисзабонон хеле муҳим аст. Махсусан барои:

1. Фарқияти фарҳангӣ, ки донишҷӯён бо расму оин ва урфу одатҳои ҷомеаҳои англисзабон аз наздик ошно градида, аз мавқеи иҷтимоӣ онҳоро меомӯзанд, ки ин ба онҳо салоҳияти иштирок дар баҳсҳои фарҳангӣву сиёсиро ташаккул дода, тақвият мебахшад.

2. Аз ҷиҳати дигар таълими забони англисӣ барои таҳсили касб хеле муҳим аст. Омӯзиши забони англисӣ донишҷӯёнро барои таҳсил дар хориҷи кишвар ва муошират бо ширкатҳои байналмилалӣ омода месозад. Омодасозӣ барои муҳити таълимӣ дар хориҷ низ муҳим аст.

3. **Равишҳои таълим.** Барои беҳтар кардани маҳорати забонӣ ва шеваҳои муошират усулҳои методологии мухталиф низ истифода мешаванд, ки методологияи коммуникативӣ ва методологияи грамматикиву тарҷума ду ҷабҳаи асосии муҳокима мебошанд. Методологияи коммуникативӣ ба беҳтар кардани маҳорати муошират ва истифодаи забон дар муҳити воқеии зиндагӣ диққат медиҳад, дар ҳоле ки методологияи грамматикиву тарҷума ба омӯзиши грамматика ва тарҷумаи матнҳо равона шудааст. Ин усулҳо ва воситаҳо дар маҷмуъ муҳити таълимиро барои донишҷӯён беҳтар мекунанд ва онҳо метавонанд дар дохил ва берун аз синф ба омӯзиш ва такмили маҳорати забонии худ идома диҳанд.

Аз ин бармеояд, ки муҳим аст дар раванди таълим усулҳои педагогии муосир ва шеваҳои эҷодӣ ба кор бурда шаванд, то донишҷӯён на танҳо забонро, балки фарҳангӣ дигар кишварҳоро низ биомӯзанд ва барои муоширати байнифарҳангӣ қобилияти лозимаро ба даст оранд. Ба ҳамин тартиб, вазифаи муҳими омӯзгор ин аст, ки барои таълими забон ва ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён муҳити таълимии мусоиди психологӣ ва воқеиро муҳайё намояд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими таълими ба касб вобастаи забони англисӣ ин равиши муоширатӣ мебошад. Донишҷӯён забонро дар муҳити амалӣ ва табиӣ омӯхта, ба муошират ва амалкард эҳтимом медиҳанд. Омили асосӣ дар омӯзиши забонҳо ин муошират вобаста ба касб мебошад, ба ташаккули малакаи коммуникативии пурра, малакаи лингвистӣ, нутқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбӣ такя мекунад. Ин ҳама донишҷӯёнро ба муоширати озод бо намояндагаони фарҳангҳои дигар кишварҳо омода менамояд.

Истифода аз усулҳои анъанавии таълим аз қабили: усули триадаи таълим (таълими сегона – омӯзгор, донишҷӯ ва маводи таълимӣ) низ дар омӯзиши забони англисӣ қобили қабул мебошад. Усулҳои фронталӣ, лексионӣ, идоракунӣ ва намоишӣ барои фаҳмидани мавзуъҳои гуногун дар таълим истифода мешаванд.

Таҳсил дар давлатҳои англисзабон ҷузъи асосии касбомӯзӣ бо самти балад будан ба забони англисӣ ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки омӯзиши забони англисӣ дар кишварҳои англисзабон ҳамчун воситаи таълим ва муошират дар арсаи байналмилалӣ зарур буда, ба донишҷӯён барои таҳсил кардан, тадқиқот бурдан ва касб омӯхтан шароит муҳайё менамояд.

Баръакс, омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёне, ки аз кишварҳои гуногун меоянд, метавонад бо мушкилот ва муноқишаҳои фарҳангӣ ва психологӣ ҳамроҳ бошад. Ин гуна чолишҳо аксаран ба фарқиятҳои забонӣ ва шеваи омӯзиш, инчунин ба мушкилоти муошират ва фаҳмидани мазмунҳои мураккаб дар муҳити академӣ шомил мешаванд. Мувофиқи назарияҳои муаллифон шиддат дар муносибатҳои байнифарҳангӣ ва тағйироти фарҳангӣ метавонанд ба раванди таълим ва муошират таъсири манфӣ гузоранд.

Ҳамчунин, навиштани матнҳои таълимии англисӣ ва истифодаи забони англисӣ дар таҳқиқот барои донишҷӯён, ки англисиро ҳамчун забони дувум меомӯзанд, бо мушкилот мувоҷеҳ мешавад. Барои бартараф кардани ин мушкилот зарур аст, ки муҳити таълимӣ ба талаботи фарҳангӣ ва шахсиятӣ мутобиқ шавад. Истифодаи усулҳои бисёрфарҳангӣ, платформаҳои онлайн ва маърифати амиқ барои шодоб кардани раванди таълим муҳим мебошанд.

Донишгоҳҳои ғайризабонӣ (ки дар онҳо таълим асосан бо забони миллӣ ё маҳаллӣ сурат мегирад) низ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққат медиҳанд, зеро забонҳо барои азхудкунии технологиҳои нав ва ба нақша гирифтани фаъолиятҳои касбӣ аҳамияти калон доранд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии донишгоҳҳои мазкур ин аст, ки донишҷӯёнро барои рушди салоҳиятмандии таълимӣ-маърифатӣ, махсусан, дар забонҳои хориҷӣ, омода кунанд.

Таъмини базаи моддиву техникӣ, воситаҳои иттилоотӣ, маҳорату малакаи омӯзгор дар истифодаи бозиҳои дидактикӣ шароити асосӣ барои рушди салоҳиятҳои муоширатии донишҷӯён маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи омӯзиши забони англисӣ тавассути бозиҳои дидактикӣ донишҷӯён на танҳо малакаи истифодаи воҳидҳои грамматикӣ ва лексикиро хуб аз худ мемуданд, балки маҳорати муоширатии худро дар фаҳмиш ва истифодаи забон хеле ривоҷ дода метавонанд.

Дар рафти ин таҷриба, мо ба хулосае омадем, ки бозиҳои дидактикӣ як воситаи хеле самаранок барои инкишофи салоҳияти коммуникативии донишҷӯён мебошанд.

Таҳқиқот дар Донишгоҳи давлатии Данғара бо иштирокии 160 донишҷӯ, аз ҷумла 80 нафар дар гурӯҳи озмоишӣ ва 80 нафар дар гурӯҳи назоратӣ, гузаронида шуда, натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки зимни татбиқи бозиҳои дидактикӣ донишҷӯён дар фаъолиятҳои таълимӣ хеле

фаъолона ширкат варзиданд, ҳавасмандиаашон ба омӯзиши забон зиёд шуд, ки ин дар натиҷа ба ташаккул ёфтани салоҳияти муоширатӣ ва аз бар кардани донишҳои забонӣ оварда мерасонад.

Таҳқиқот нишон дод, ки сатҳи дарки забон ва салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар охири озмоиш ба таври назаррас беҳтар шуд. Дар 160 донишҷӯ, ки дар таҳқиқот ширкат карданд, бозиҳо ба дараҷаи омӯзиш ва таълими онҳо таъсири мусбат расониданд.

Ҳамзамон, бозиҳои дидактикӣ хусусиятҳои манфӣ ва мусбати худро бархӯрдоранд, ки барои ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва пешрафти донишҷӯён аҳамияти зиёд доранд. Ин бозиҳо ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки дар фазои озод ва бидуни маҷбуркунӣ фаъолият намуда, муҳити дарсиро таъмин намоянд.

Аз таҳқиқот ва суолпурсӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Данғара гузаронида шуд, маълум гашт, ки донишҷӯён дар сатҳҳои гуногуни салоҳиятмандии коммуникативии забонҳои хориҷӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани муваффақият дар омузиши забони хориҷӣ шароити педагогӣ (ҷойи таълим, муҳити психологии омӯзишӣ ва методҳои таълимӣ) хеле муҳим аст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки кори мустақилона дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ як унсури муҳими рушди салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён аст. Агар донишҷӯ дар вақти таълим фаъолона ва мустақилона кӯшиш кунад, натиҷаҳо метавонанд назаррас бошанд. Аммо, мушкилоти зиёде, ба монанди майл ва хоҳиш дар омӯзиши забони хориҷӣ, нобаробарии омодагии донишҷӯён ва маҳдудиятҳои маводи таълимӣ вуҷуд доранд, ки бояд онҳоро бартараф кард.

Бо назардошти ин маълумотҳо омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои донишҷӯён дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ вазифаи муҳим ва зарурӣ

буда, барои расидан ба мақсадҳои таълимӣ ва рушди касбӣ бояд таваҷҷуҳ ва кумаки ҷиддӣ фароҳам оварда шавад.

Бо вуҷуди ин, истифодаи бозиҳо бо чанд мушкилот, аз ҷумла маҳдудияти вақт ва захираҳо, рӯбарӯ мешавад. Барои бомуваффақият барпо намудани бозиҳои дидактикӣ омӯзгорон бояд омодагии касбӣ дошта бошанд ва муассисаҳои таълимӣ бояд шароити муносиб фароҳам оранд.

Умуман, тадқиқотҳо ва натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки бозиҳои дидактикӣ воситаи самарабахши таълим буда, барои ташаккули салоҳиятҳои грамматикӣ ва лексикӣ дар таълимӣ забонҳои хориҷӣ муҳим мебошанд.

Технологияи бозӣ дар таълим имкониятҳои мусбат барои ҳавасманд кардани донишҷӯён ва беҳтар кардани фаъолияти таълимӣ дорад. Бо истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар муҳити таълимии маҳдуд, омӯзгор метавонад натиҷаҳои самарабахш ва шавқоварро барои донишҷӯён таъмин намояд.

Тавсияҳо барои омӯзгорон ин аст, ки бозиҳои одӣ ва осонро истифода кунанд, инчунин омодагии касбии худро такмил диҳанд. Бозиҳои дидактикӣ як воситаи самарабахш ва муассир барои такмили малакаҳои забон ва беҳтар кардани сифати таълим мебошанд. Вобаста ба ин мо чанд тавсияро ба омӯзгорон пешниҳод мекунем:

Тавсияҳо барои омӯзгорон

1. **Фаҳмидани мақсади таълим.** Пеш аз ҳама, омӯзгорон бояд мақсади истифодаи бозиҳои дидактикиро муайян намоянд (ин ҷо ба кадом малакаҳо ё фаҳмидани кадом мавзуъҳо ишора мешавад). Масалан, агар мақсад ба малакаи гап задан равона гардида бошад, бозие интихоб кардан лозим аст, ки бештар шинасоии гӯишҳои хурсандиовар ва

гуногунрангии мавзуъҳоро таъмин кунад. Агар мақсад омӯзиши калимаву ибораҳои нав бошад, бозие лозим аст, ки диққати хонандагонро дар хотир нигоҳ доштан ва истифодаи калимаҳои нав ҷалб кунад.

2. Эҷоди муҳити созгор бо истифода аз бозиҳо. Бо таъмин намудани муҳити дӯстона ва фаъол барои омӯзиши забони англисӣ тавассути бозиҳо омӯзгорон метавонанд хонандагонро ба эҳсоси хатоҳо ва ислоҳи он даъват кунанд, хонандагон дар раванди таълим вақти бисёр дошта бошанд. Ин ҳолат барои рушди эътимоднокӣ, ҳозир будан дар муҳити комил барои ҳамкорӣ ва табодули афкору мубоҳиса мусоидат менамояд.

3. Интерактивӣ кардани бозиҳо. Бозиҳо бояд интерактивӣ ва фасеҳ бошанд. Ҳамин тавр, хонандагон метавонанд нақши фаъолро дар бозиҳо иҷро кунанд ва худро чун қисме аз раванди омӯзиш эҳсос намоянд.

4. Истифодаи бозиҳои гурӯҳӣ. Барои тарзи таълими маҷмуӣ бо истифодаи бозиҳои гурӯҳӣ ба хонандагон имконият дода мешавад, ки ба ҳамкорӣ ва мубодилаи фикрҳо дар гурӯҳҳо машғул шаванд.

5. Малакаи хондан бо воситаи бозиҳо. Омӯзгорон метавонанд бозиҳоро барои беҳтар кардани малакаи шиносоии хондан ва фаҳмидани матн истифода баранд.

6. Тартиботи муайян ва осон. Агар бозиҳо барои донишандӯзоне, ки забонро хуб намедонанд, таъйин шуда бошанд, онҳо бояд тибқи тартиботи осонфаҳму зудиҷрошаванда ба роҳ монда шаванд, то ки вақт бо тарзи дуруст ва мақсаднок истифода гардад.

7. Истифодаи технологияҳо. Бозиҳои дидактикӣ на танҳо дар шакли анъанавӣ, балки тавассути барномаҳои мобилӣ ва вебсайтҳо низ метавонанд мавҷуд бошанд. Барномаҳои гуногун, ки дар онҳо бозӣ ва

омӯзиши забон ҳамзамон сурат мегиранд, метавонанд хонандагонро бо технологияи нав таъмин кунанд.

8. Омӯзиши забон дар заминаи фарҳанг. Бозиҳо метавонанд донишҷӯёнро на танҳо бо забон, бо фарҳанги кишвари он забон низ шинос намоянд. Бо истифода аз бозиҳои гуногун, ки фарҳанг ё арзишҳои марзу кишварро нишон медиҳанд, омӯзиши забон дар заминаи фарҳангӣ хеле ҷолиб сурат мегирад.

9. Ташкили фаъолияти мустақилона. Донишҷӯёнро, пеш аз ҳама, бояд бо роҳҳое сафарбар намуд, ки кори мустақилонаро инкишоф диҳанд. Якҷоя маводи таълимиро интихоб намуда, кори синфӣ ва мустақилонаро аниқ муайян намудан лозим аст. Дар вақти дарс корҳои дилгиркунандаро сарфи назар намуда, таваҷҷуҳро ба корҳои эҷодии мустақилона равона бояд намуд. Ба донишҷӯён бояд имконият дод, ки ҳама гуна роҳҳоро мустақилона аз худ намояд. Ба онҳо додани маводи таълимӣ, иттилооти интернетӣ, видеоӣ ва ғайра барои анҷом додани кори мустақилона кумак менамояд.

10. Шинос намудани донишҷӯён бо захираҳои интернетӣ, бо маълумотҳои интернетӣ бо забони хориҷӣ ба роҳ монда шавад.

11. Стратегияи таълимии донишҷӯёнро рушд дода, роҳҳои азхудкунии лексика, грамматикаро омӯзонидан лозим аст.

12. Ҷалби забономӯзон ба фаъолиятҳои гурӯҳӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ хеле умда мебошад. Дар ин шакли фаъолият ҳалли масъала осон ва барои ҳама дастрасу фаҳмо сурат мегирад.

Ба ҳамин тариқ, бозиҳои дидактикӣ як воситаи муҳими таълимӣ мебошанд, ки на танҳо ба азхудкунии забон, ба рушди шахсияти донишҷӯён, малакаҳои иҷтимоӣ ва муошарати байнифарҳангӣ низ кумак мерасонанд. Истифодаи онҳо дар якҷоягӣ бо технологияҳои муосир ва усулҳои бисёрфарҳангӣ метавонад сифати таълими забони англисиро

дар донишгоҳҳо, махсусан дар муассисаҳои ғайризабонӣ, ба таври назаррас баланд бардорад. Барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ омӯзгорон бояд ба ташкили дурусти бозиҳо ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи донишҷӯён диққат диҳанд.

Дар маҷмуъ, дар рисолаи мазкур пешниҳод мешавад, ки таълими забони хориҷӣ бояд дар асоси муносибати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, истифодаи манбаъҳои нав ва тарғиби мустақилияти донишҷӯён ташкил карда шавад, то ки онҳо дар муҳити байналмилалӣ ва касбӣ муваффақ бошанд.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда

1. Адабиёти илмӣ

1. Абрамов А.В. Преподавание иностранных языков на неязыковых факультетах. Педагогические, психологические и социологические вопросы профессионализации личности:материалы III международной научно-практической конференции (Прага 10-11 февраля 2017 года). / А. В. Абрамов. - Чехословакия. - Прага.- 2017. - С. 26-29.

2. Абрамова А. В., Мурнева А. А., Щербакова О. В. Преподавание иностранных языков на неязыковых факультетах. Решение проблем сквозь призму имиджа преподавателя (на основе практических наблюдений студентов вузов России) // Педагогические, психологические и социологические вопросы профессионализации личности: материалы III между- народной научно-практической конференции (Прага, 10-11 февраля 2017 года). Прага. 2017. - С. 26-29.

3. Абрамова Н. В. Коммуникативный подход и коммуникативные цели обучения иностранному языку. // Саратовская государственная академия. Саратов. Россия. - 2018 С. 650-654.

4. Аксенова Н.В., Шепетовский Д.В.Организация внеаудиторной работы студентов как мотивация к изучению английского языка в техническом ВУЗЕ / Н.В. Аксенова,Д.В.Шепетовски -М.: - Молодой ученый, -2014, - №7. - С. 481-483.

5. Активность и самостоятельность учащихся на уроках русского языка. Начальные классы. – М.: -Мысль - 1963. -150 с.

6. Александрова Н. Ш. Родной язык, иностранный язык и языковые феномены, у которых нет названия // Вопросы языкознания. 2006. -№ 3. С. 88–100.

7. Алексеев М.Н. Сущность процесса обучения (в школе). / М. Н. Алексеев. – М.: - Сов. пед. -1965. - №1. - С. 37-47.

8. Амосова И.Н. Этимологические основы словарного состава современного английского языка. / И. Н. Амосова. - М.: - Наука. -1956. -217 с.

9. Аркин В.А. Очерки по истории английского языка. Пособие для преподавателей английского языка. / В. А. Аркин. - М.: - Правда. -1953. -344 с.

10. Арсентьева, Р.П. Игра-ведущий вид деятельности в дошкольном детстве – Форум. -2009. -144 с.

11. Атипова Е.Я. Канаева. Пособие по английской интонации (на английском языке). / Е. Я. Атипова. Канаева. - М.: - Правда. -1986. - 284 с.

12. Ауэрбах Т.Д. Они изучают иностранные языки. / Т. Д. Ауэрбах М.: -Мысль. - 1965. - 60 с.

13. Баграмянц М.Л., Баграмянц Н.Л. Ролевая игра как средство формирования социокультурной компетенции студентов-экономистов в техническом вузе // Известия Московского государственного технического университета МАМИ. 2009. № 1 (7). С. 193–196 ISSN: 2074-0530

14. Багунова Н.В. Современные педагогические технологии на уроках иностранного языка как важное условие повышения качества образовательного процесса/Н.В.Багунова.// IV Международная научно-практическая конференция: научные перспективы XXI века. Достижения и перспективы нового столетия- Новосибирск: международный научный институт «EDUCATION»,-2014.- С. 126-128.

15. Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014, 2020-2030.

16. Березина О.А., Шпилюк Е.М. Английский язык для студентов университетов. Упражнения по грамматике. – СПб.: Изд-во “Союз”. 2001. – 256 с.

17. Берн Э. Игры, в которые играют люди. Люди, которые играют в игры: пер. с англ. Берн Э.Л., Лениздат – 1992

18. Беспалько В.П. Образование и обучение с участием компьютеров. – М., 2001.

19. Бим И.Л. Цели обучения иностранному языку в рамках базового

курса. Иностранные языки в школе. – 1996 № 1 с. 48-52

20. Бим И.Л.Методика обучения иностранным языкам как наука и проблемы школьного учебника. / И. Л. Бим. -М.: - Наука. -1977. -288 с.

21. Блох Марк Яковлевич. Теоретическая грамматика английского языка. / М. Я. Блох. - М:. -1969. -142 с.

22. Боброва Н. Е. Инновационные методы преподавания иностранных языков // Интеграция образования. 2013.

23. Богуславская З.М., Смирнова Е.О. Развивающие игры для детей – М. Просвещение, 1991.

24. Большая Советская Энциклопедия. Под ред. Прохорова А.М. – М., Сов. Энциклопедия – 1972 т. 10 с. 31-32.

25. Борисов, Е. А. Влияние ролевой, коммуникативной игры на обучение английскому языку / Е. А. Борисов // ИЯШ. – 2002. – № 3. – С. 29 – 31.

26. Булина И.Ю., Воробъева А.М. Mind Your Grammar: Учебно-методическое пособие по технике перевода. – СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2001. – 80 с.

27. Булыгина, Т.В. Языковая концептуализация мира (на материале русской грамматики) / Т.В. Булыгина, А.Д. Шмелев. – М.: Школа «Языки русской культуры», 1997. – 576 с.

28. Бурдина, М. И. Игры на уроках английского языка на начальной и средней ступенях обучения / М. И. Бурдина // ИЯШ. – 1996. – № 3. – С. 52 – 55.

29. Бухарова Г.П. Особенности обучения «домашнему чтению» в неязыковом вузе / Г. П. Бухарова. // Технология обучения иностранным языкам в неязыковых вузах: сборник научных статей. - Ульяновск: - УЛГТУ. -2005.- С. 6-9.

30. Бухвалов В.А. Развитие учащихся в процессе творчества и сотрудничества / В. А. Бухвалов. -М.: - Центр. - 200. -144 с.

31. В помощь преподавателя иностранных языков. – Вып.: - 10. –

Новосибирск: - Наука. -1979. -135 с.

32. Василевицкая И.И. Пособие по развитию устной речи на английском языке. / И. И. Василевицкая. - М.: -Искусство. -1981. - 135 с.

33. Васильева Ю. А. Обучение студентов старших курсов педагогических вузов профессиональной речи на английском языке с использованием деловых игр: дис.... канд. пед. наук. Санкт-Петербург. - 2002. 179 с.

34. Верещагина И.Н., Притыкина Т.А. Тетрадь по английскому языку для самостоятельной работы – М., Просвещение – 1992

35. Винникова, И. В. Игры на развитие психических процессов / И. В. Винникова // Начальная школа. – 2002. – № 3. –С. 25 – 28.

36. Винникова, И.В. Игры на развитие психических процессов. Начальная школа – 2002. - № 3. - С. 25 - 28.

37. Виноградов В. А. Язык и культура в их соотношении и взаимодействии // Язык и культура: материалы международной научной конференции. М., 2003. С. 18–19.

38. Витлин Ж.Л Вопросы обучения иностранным языкам.-М.: Искусство. -1967. -71 с.

39. Возрастная и педагогическая психология. Под ред. Петровского А. В. – М., Просвещение – 1973

40. Вопросы методики преподавания иностранных языков. Учпедгиз УЗССР.: -1957. -115 с.

41. Вопросы лингвистики и методики преподавания иностранных языков. –Вып:.- 2 . –М.: -Правда. - 1972. -124 с.

42. Вопросы лингвистики и методики преподавания иностранных языков.-Вып:. -1. –М.:-Мысль-1966. -118 с.

43. Воробьёва, И.М. (2008). *Методика преподавания английского языка в вузе*. Санкт-Петербург: Издательство «Речь».

44. Воронова В.Я. Творческие игры старших дошкольников – М., Просвещение – 1981.

45. Выготский, Л. С. *Мышление и речь*. Издательство «Речь», 1978.

46. Выготский, Л. С. Педагогическая психология – [Текст] / Л. С. Выготский. – М.: Педагогика, 1991. – С. 31 – 42.

47. Гак В. Г. Язык и культура: язык или культура? // Языки культура: материалы II Междунар. науч. конф. М., 2001.

48. Гальперин И.Р. Стилистика английского языка. / И. Р. Гальперин. –М.: - Наука, -1971. -316 с.

49. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: Пособие для учителя. / Н. Д. Гальскова -М.: - АРКТИ. - 2003. - 192 с.

50. Ганина, Н. С. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Н. С. Ганина // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 67 – 68.

51. Ганина, Н.С. Игровые технологии на начальном этапе обучения - Альманах школы, 2007. № 139. - С. 67 - 68.

52. Ганьé, Р. М. (1985). *Условия обучения* (4-е изд.). Холт, Ринхарт и Уинстон.

53. Гарднер, Г. (2006). *Развитие разума*. Нью-Йорк: Basic Books.

54. Гаспаров, Б.М. Язык, память, образ. Лингвистика языкового существования / Б.М. Гаспаров. – М.: Новое литературное обозрение, 1996. – 352 с.

55. Гладилина, И. П. Некоторые приемы работы на уроках английского языка в начальной школе / И. П. Гладилина // ИЯШ. – 2003. – № 3. – С. 41 – 43.

56. Гомза С.Х. Веселый английский(1-2). Рабочая тетрадь для детей дошкольного возраста. – Мн., Вышейшая школа – 1997

57. Горелик Ц.С. Адъективные словосочетания в современном английском языке. / Ц. С. Горелик. - М.: -Мысль. -1967. - 290с.

58. Горелов, С.И. (2005). *Педагогика и методика преподавания иностранных языков в школе и вузе*. Москва: РАН.

59. Гридина, Т. А. Языковая игра в художественном тексте / Т.А.

Гридина. – Екатеринбург: Урал. гос. пед. ун-т, 2008. – 165 с.

60. Гридина, Т. А. Языковая игра: стереотип и творчество / Т.А. Гридина. – Екатеринбург: Урал.гос. пед. ун-т, 1996. – 215 с.

61. Гриценко Л.И. Теория и методика воспитания: Личностно-социальный подход: Учеб.пособие. Академия (Academia), 2008.

62. Гулида В. Б. Петербургская социолингвистика: пятнадцать лет развития // Вопр. языкознания. - 2010, № 2. С. 106–119.

63. Гутарева Н.Ю. Основные вопросы профессионально-ориентированного обучения английскому языку в неязыковом вузе. http: // www.english teachers. ru / forum

64. Дербышева Н.А. Общеевропейские компетенции владения иностранным языкам/Н.А.Дербышева. //Иностранный язык в техническом вузе: -Иваново: -Иван. гос. хим. -технол. ун-т. -2009. -С.8-10.

65. Джамшедов П. Семантика видов в русском, таджикском и английском языках./П.Джамшедов. –Д.: -Маориф. -1969. -173 с.

66. Джиллиан Браун. Восприятие английской речи на слух. Книга для учителя./Б.Джиллиан. - М.: -Наука. -1964.-165 с.

67. Джонсон, К. (2001). *Введение в обучение и преподавание иностранных языков*. Пирсон Эдьюкейшн.

68. Дидактика средней школы. –М.: Просвещение.-1975. -301 с.

69. Димент А.Л. Сборник материалов для работы в школьных кружках английского языка. Пособие для учителей. / А. Л. Димент. М.: -Мысль.-1962. - 155 с.

70. Додхудоев, Ш. (2012). *Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар системаҳои таълимии Тоҷикистон*. Душанбе: "Шарқи Озод".

71. Дубровин М.И. Учебное кино и диафильмы в обучении английскому языку в средней школе.- М.: -Искусство.-1979. -143 с.

72. Евдоксина Н. В. Психологические особенности изучения иностранного языка студентами технических вузов / Н. В. Евдоксина. // Вестник Астраханского государственного технического университета. -

2007.- №2. -С. 273-279.

73. Елухина Н.В. Обучение аудированию в коммуникативно-ориентированной методики / Н. В. Елухина // Иностранные языки в школе. -1989. - №2. -С. 108-110.

74. Жинкин, Н.И. Речь как проводник информации / Н.И. Жинкин. – М., 1982. – 156 с.

75. Жоровля Д.Д., Фрич С.В. Некоторые аспекты преподавания грамматики английского языка в техническом вузе// Филологические науки. Вопросы теории и практики. 2017. №7-3 (73). С. 201–203. ISSN: 1997-2911

76. Жуковская Р.И. Игра и ее педагогическое значение – М., педагогика – 1975

77. Зайнуллина, Г. М. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Г. М. Зайнуллина // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 68 – 69.

78. Занков Л.В. Дидактика и жизнь.- / Л. В. Занков.- М.: - Наука. - 1968. -172 с.

79. Занько С. Т, Тюников Ю.С. Игра и учение. М.: Логос, 1992, ч. 1. – 125 с.

80. Заремская С.И. Слободчиков А.А. Развитие инициативной речи учащихся (на материале английского языка). / С. И. Заремская, А. А. Слободчиков.- М.: -Просвещение. -1983.- 127 с.

81. Земская, Е.А. Веселое словообразование / Е.А. Земская // Логический анализ языка: языковые механизмы комизма. – М., 2007. – С. 642–650.

82. Земская, Е.А. Русская разговорная речь. Фонетика. Морфология. Лексикология. Жест / Е.А. Земская, М.В. Китайгородская, Н.Н. Розанова. – М., 1983. – 404 с.

83. Зеньковский В.В. Проблемы воспитания в свете христианской антропологи - Клин: Фонд "Христианская жизнь", 2002. - 200 с.

84. Зиёӣ Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: Масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ. / Х. М. Зиёи. -Д.: -Ирфон. -2018, -109

85. Зявгарова, Л. А. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Л. А. Зявгарова // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 70 – 73.

86. Иванцова, Т. Ю. Игры на английском языке / Т. Ю. Иванцова // ИЯШ. – 2008. – № 4. – С. 31 – 33.

87. Из опыта повышения эффективности процесса обучения иностранному языку. –М.:-Наука.- 1974. -143 с.

88. Ильиш Б.А.История английского языка./Б.А.Ильиш. –Л.:-Лениздат.-1933. -270 с.

89. Ильчинова О. Английский для маленьких мальчиков и девочек – Казань – 1993

90. Иностранные языки в высшей школе.- М.:-Наука.-1968. -133 с.

91. Иностранные языки в высшей школе. - М.:- Наука. -1969. -189 с.

92. Иностранные языки в Таджикской аудитории (теория и практика) –Д.: -Ирфон. -1978. - 69 с.

93. Иностранные языки в таджикской аудитории. - Д.: - Ирфон. - 1978. -189 с.

94. Иностранный язык для дошкольников – МКО, МИПКРО.Центр инноваций в педагогике. М. – 1997

95. Иностранный язык для специалистов. Психологические, методические, лингвистические аспекты. - М:. – Наука - 1960. - 210с.

96. Исаева, М.М. (2007). *Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон: вазъ ва дурнамои рушд.* Душанбе: Ирфон.

97. Кабанова –Меллер Е.Н. Формирование приемов умственной деятельности и умственное развитие учащихся. / Е. Н. Кабанова-Миллер. -М.: -Правда. -1968. -285 с.

98. Казарцева О.М. Культура речевого общения: теория и практика обучения: Учебное пособие для. -М.: - 1998. -182 с.

99. Кайль Ю.А. Компетентностный подход в процессе подготовки студентов аграрного вуза к использованию знаний иностранного языка: дис. … канд. пед. наук. – Барнаул, 2009.

100. Камынова Т.П. К вопросу о преодолении «коммуникативного барьера» / Т.П.Камынова // Материалы российской конференции «Профессиональное образование в высшей школе: проблемы и перспективы / Коллектив авторов. Под общей редакции проф. В. Е. Шевченко - Воронеж: - ВГАУ. - 2002. -С. 210-213.

101. Камынова Т.П. Формирование учебно-проектной деятельности студентов в образовательном процессе. Дисс. канд. пед. наук. / Т. П. КАмынова. - Оренбург: -Кн. изд-во. -2002. -200 с.

102. Каргаполова, И.А. «Языковая игра» в лексикографическом и научном освещении: концептуально-методологический анализ / И. А. Каргаполова // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. – 2007. – № 47, т. 9. – С. 44–53.

103. Каримова И.Х. Шарифзода Ф. Негматов С.З. Актуальные проблемы поликультурного и полилингвального образования в Республике Таджикистан. / И. Х. Каримова, Ф. Шарифзода, С. З. Негматов. –Д.: -Полиграф. -2018. -173 с.

104. Каримова, Н.Ш. (2014). *Интерактивные методы обучения в обучении иностранным языкам.* Душанбе: Саноат.

105. Каушанская В.Л. и другие. Грамматика английского языка. Для студентов педагогических факультетов. / В. Л. Каушанская. -Л.: - Лениздат. -1967. -316 с.

106. Качалова К. Н. Израилевич Е. Е. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами./ К. Н. Качалова, Е. Е. Израилевич. -М.: - Юнвес. лист. -2000. -716 с.

107. Киселева З.А. Английский без проблем. Грамматика и разговорные темы. – СПб.: Питер, 2014. – 336 с.

108. Киселева З.А., Божик С.Л., Белина Н.В. Об эффективности использования интерактивных технологий при обучении грамматике английского языка в вузе // Инновационные идеи и подходы к интегрированному обучению иностранным языкам и профессиональным дисциплинам в системе высшего образования: сб.междунар. школы-конференции 27–30 марта 2017 г. СПб.: Изд-во Политехнического университета, 2017. ISBN: 978-5-7422-5661-8. –

109. Кларин, М. В. Обучение как игра / М. В. Кларин // Школьные технологии. – 2004. – № 5. – С. 45 – 59.

110. Колесникова И.Е. Игры на уроке английского языка: пособие для учителя. Минск: Народная Асвета. 1990. 120 с.

111. Кондратьева И.Г., Мясникова Л.Г., Рахматуллина Р.К. О результатах обучения английскому языку в вузе в соответствии с новым стандартом// Современные исследования социальных проблем (электронный научный журнал), Modern Research of Social Problems, No10(54), 2015, С. 359-368, www.sisp.nkras.ru

112. Контроль в обучении иностранным языкам в средней школе. Книга для учителя.- М.: -Наука. -1986. -199 с.

113. Концепция коммуникативного обучения иноязычной культуре в средней школе. Поосбие для учителей / под ред. Е. И. Пассова, Н.Б. Царьковой. -М.: -Просвещение. -1993. -127 с.

114. Конышева А.В. Игровой метод в обучении иностранному языку. – СПб.: Каро, Минск: Изд-во “Четыре четверти”, 2006. – 192 с.

115. Конышева, А. В. Игровой метод в обучении иностранным языкам – [Текст] / А. В. Конышев. - СПб.: Каро, Мн.: Издательство «Четыре четверти», 2008. – С. 55 – 89.

116. Конышева, А.В. Игровой метод в обучении иностранному языку - СПб.: КАРО, Мн.: Издательство «Четыре четверти», 2006. -192 с.

117. Корндорф Б.Ф. Методика преподавания английского языка. / Б.Ф. Корндорф. -М.: - Учпедгиз -1934. 240 с.

118. Королькова А.В. Исследование грамматики английского языка на примере овладения ее основами носителями языка и российскими учащимися средней школы // Научно-исследовательские публикации. 2015. №8(28). С.25–29 ISSN: 2308-1732.

119. Краевский В.В. Проблемы теории обучения: Методологический анализ. / В. В. Краевский. -М.: -Наука. -1997. -120 с.

120. Красильщикова В.С., Грошева З.Н. Детские игры в Великобритании – М., 1992.

121. Кристал, Д. Английский язык как глобальный: пер. с англ. / Д. Кристал. – М.: Весь мир, 2001. – 238 с.

122. Кузнец М.Д., Скребнев Ю.М. Стилистика английского языка. / М. Д. Кузнец, Ю. М. Скребнев. -Л.: -Лениздат. -1960. -172 с.

123. Кузнецова Е.П., Девятова С.А. Роль грамматических навыков в системе формирования иноязычной коммуникативной компетенции // Современная филология: сб. ст. V Междунар. науч. конф. (Самара, март 2017г.) – Самара: Изд-во АСГАРД, 2017. ISBN: 978-5-9905791-6-3. – С. 53 –55.

124. Кулагина, И.Ю. Возрастная психология (Развитие ребенка от рождения до 17 лет): Учебное пособие. 4-е изд. - М.: Изд-во Ун-та 1996 - 120 с.

125. Купер Б.Л. Рубальский Б.Г. Пособие по английскому языку./Б.Л.Купер,Б.Г.Рубальский. –М.:-Искусство.-1963. -239 с.

126. Курапов И.К. Занятия по стилистике. Из опыта работы. / И. К. Курапов. - М.: -Мысль. -1960.- 73 с.

127. Курбатова, М. Ю. Игровые приемы обучения английскому языку на начальном этапе / М. Ю. Курбатова // ИЯШ. – 2006. – № 3. – С. 28 – 32.

128. Курбатова, М. Ю. Использование технологии развития критического мышления по теме «Волонтёрское движение» в 9 классе //

– 2014. – С.5.

129. Куриленко Н.С. Игры в обучении, воспитании и социализации / авт. - сост. Н. С. Куриленко В.В. Чечет. -Минск.: - Выш. шк. 2003. -38 с.

130. Куценко. В.Е. Некоторые вопросы методики обучения английскому произношению учащихся 7-8 классов таджикской школы. / В. Е. Куценко.-Д.: -Ирфон. -1972 .- 79 с.

131. Кучерявая Т.Л.Проблемы профессионального ориетированного обучения иностранному языку студентов неязыковых специальностей (текст) //Теория и практика образования в современном мире: материалы международной науч.конф. (г.Санкт-Петербург, февраль 2012 г.)./ Т. Л. Кучерявая. - СПб.:- Реноме.- 2012. - С. 336-337.

132. Лапидус Б. Обучение второму иностранному языку как специальности./Б.Лапидус.-М.: -Наука. -1980. -172 с.

133. Латыпова Э.Р. Преобразование традиционного обучения грамматике английского языка // Историческая и социально-образовательная мысль. 2014. № 2. С. 283–285. ISSN: 2075-9908

134. Лащикова И. И. Игры как приём развития воображения и фантазии на уроках иностранного языка / И. И. Лащикова // Иностранные языки в школе -2003. -№6. - С.18-23.

135. Левковская К.А. Лексикология современного немецкого языка. / К. А. Левковская. -М:. -Правда. -1968. -318 с.

136. Леднев В.С. Содержания образования: сущность, структура, перспективы [Текст]. / В. С. Леднев. - М.: -Высш. шк. 1991. – 224 с.

137. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев [Текст]. - М: -Политиздат. - 1975. - 304 с.

138. Леонтьев, А. Н. (1981). *Психология деятельности.* Москва: Прогресс.

139. Леонтьев, А. Н. Психологические основы дошкольной игры / А. Н. Леонтьев // Сов. педагогика. – 1944. – № 8 – 9. – С. 23.

140. Лернер И.Я. Дидактические основы методов обучения / И.Я.

Лернер [Текст]. - М.: Педагогика. - 1981. - 185 с.

141. Лернер, И. Я. (1992). *Педагогика и методика преподавания иностранных языков*. Москва: Просвещение.

142. Ливингстон К. Ролевые игры в обучении иностранным языкам=Livingstone C. Role Play in Language Learning М.: Высш.шк., 1988. 127 с.

143. Ливингстоун К. Ролевые игры в обучении иностранным языкам – М.: Выс. -шк. 1988.-101 с.

144. Лингвометодические основы преподавания иностранных языков.- М:.-Наука.-1979. -210 с.

145. Логан П.Смит. Фразеология английского языка. / П. Смит Логан. - М.: - Учпедгиз.- 1969.- 205 с.

146. Лурия, А. Р. (1979). *Развитие высшей нервной деятельности у детей*. Кембриджский университет.

147. Лутфуллоев М. Современная дидактика / М. Лутфуллоев [Текст]. – Д.: -Ирфон. - 2005. - 320 с.

148. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир./М.Лутфуллоев. –Д.:-Ирфон.- 2005.-320с.

149. Лутфуллоева П. (бо гурӯҳи корӣ) Замима ва Роҳнамо ба китоби дарсии “Забони англисӣ” – синфҳои 3-4. / П. Лутфуллоева. - Д.: -Ирфон. - сол 2016, 136 с.

150. Лутфуллоева П.Салоҳиятнокӣ ва омӯзиши он дар фанни забони англисӣ. / П. Лутфуллоева. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - №3.- 2018 (23). - С.54-58.

151. Ляховицкий М.В. Методика преподавания иностранных языков. / М. В. Ляховский. - М.: -Выс. - шк. -1981. -157с.

152. Мак Донаф, Дж., & Шоу, К. (1993). *Материалы и методы в обучении иностранным языкам*. Блэквелл.

153. Максаков А.Н., Тумакова Г.А. Учите, играя: Игры и упражнения

со звучащим словом – М., Просвещение – 1979

154. Маркушевская Л.П., Столярова О.И. Грамматические задания по английскому языку для самостоятельной работы студентов. СПб.: Литон, 2000. – 128 с.

155. Менджерицкая Д.В. Воспитателю о детской игре – М., Просвещение – 1982

156. Методика и лингвистика. –М.: -Наука. -1981.-247с.

157. Мильруд Р.П. Компетентность в изучении языка // Иностранные языки в школе. – 2004. – С. 31-34.

158. Мирзаев, А.А. (2014). *Современные тенденции в обучении иностранным языкам в высших учебных заведениях*. Москва: Издательство «Наука».

159. Миронова М.Ю. Применение игрового метода при обучении студентов грамматике английского языка // Проблемы филологии и методики преподавания иностранных языков: сб.науч. ст. Вып. 12. – СПб: Изд-во СПбГУЭФ, 2010. ISBN: 978-5-7310-2596-6. – С. 123–126.

160. Михайленко Н.Я., Короткова Н.А. Как играть с ребенком – М., Педагогика – 1990

161. Могучая Н.В. Веселый алфавит – М., Книга и бизнес – 1992

162. Молодых-Нагаева Е.Г. Обучение иностранному языку: грамматика // Теория и практика общественного развития. 2015. № 21. С. 274–276. ISSN: 1815-4964.

163. Мурнева М. И., Шестакова Н. А. Диагностические функции тестовых методик при обучении английскому языку для студентов неязыковых специальностей // Филологические науки. Вопросы теории и практики. 2017. № 8 (74): в 2-х ч. Ч. 2. С. 199-202.

164. Мюллер В.К. Новый англо-русский словарь./В.К.Мюллер. –М.:-Русский язык медиа.-2005.-945 с.

165. Мюллер. В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. -М., 1961.-912 с.

166. Настащук Н.А. Развитие учебно-познавательной компетенции у будущих экономистов в процессе обучения интеллектуальным информационным технологиям: дис… канд. пед. наук. – Омск, 2009.

167. Наш «взрослый» детский сад. Под.ред. Галаховой П. В. М., Просвещение – 1991

168. Некоторые вопросы грамматики и лексики английского языка. Сталинабад. -1982.- 162 с.

169. Нелидова И.А. Толд Л.Р. Методические указания к учебнику английского языка для 6-го класса. / И. А. Нелидова, Л.Р.Толд.- М.:- 1958.- 97 с.

170. Нестерова С.В. К проблеме обучения коммуникативной грамматике иностранного языка в вузе // Вестник Пермского национального исследовательского политехнического университета. Проблемы языкознания и педагогики. 2016. № 2. С. 128–138. ISSN: 2224-9389

171. Нечаева Т.А. Организационно-педагогические факторы активизации самостоятельной работы студентов: дис. … канд. пед. наук. – СПб., 1992.

172. Низамов, М.Ш. (2009). *Методика преподавания иностранных языков в учебных заведениях*. Душанбе: "Шарқи Озод".

173. Никитина, Т.М. (2010). *Английский язык в преподавании и обучении*. Москва: Институт иностранных языков.

174. Образцов П.И. Ахулкова А.И., Черниченко О.Ф. Проектирование и конструирование профессионально-ориетированной технологии обучения. / П. И. Образцов, А.И. Ахулкова, О. Ф. Черниченко. –Орел.: -ОГУ. - 2005-158с.

175. Обучение устной речи и чтению на иностранных языках.-М-1962.- 208 с.

176. Панфилова А.П. Игровое моделирование в деятельности педагога: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений. 2-е изд. М.:

«Академия», 2007. 368 с.

177. Пассов Е.И. Урок иностранного языкав средней школе. / Е. И. Пассов. -М.: -Наука. -1988. -223 с.

178. Пассов Е.И.Коммуникативные упражнения. Пособие для преподавателей. / Е. И. Пассов. -Л.: -Лениздат.-1967. -98 с.

179. Пассов, Е. И. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению – [Текст] / Е. И. Пассов. – М.: Просвещение, 1991. – С. 67 – 85.

180. Петричук, И. И. Еще раз об игре / И. И. Петричук // ИЯШ. – 2005. – № 2. – С. 37 – 41.

181. Петричук, И.И. Еще раз об игре – ИЯШ, 2005. № 2. – С. 40-41

182. Петров, М.А. (2015). *Методика преподавания иностранных языков в высшей школе*. Москва: Академический проект.

183. Пиаже, Ж. (1950). *Психология интеллекта*. Рутледж.

184. Питер Хэгболдт. Изучение иностранных языков. -Х. Питер. М:. -Наука. -1963. 129 с.

185. Поляков О.Р. Английский язык для специальных целей: теория и практика. М.: НВИ ТЕЗАУРУС, 2003. 188 с.

186. Понятие сознания. Общая научная редакция В. П. Филатова. — М., Идея - Пресс, 2000. //

187. Пособие по развитию навыков устной речи для иностранцев. – М.: -Наука. -1967. -137с.

188. Пособие по развитию навыков устной речи на английском языке.-М.: -Искусство.-1972. -117 с.

189. Преподавание иностранного языка в Великобритании: методические и политические дебаты. Иностранные языки в школе – 1996, № с. 61-65

190. Преподавание иностранных языков. Теория и практика. -М.:-Наука. -1971. - 309 с.

191. Программа «Истоки». Центр «Дошкольное детство» им. Запорожца. МДО. Центр инноваций в педагогике – М., 1995, с 29-31

192. Программа по иностранным языкам с углубленным изучением иностранного языка и гимназией Третья и четвертая модели, М., 1996

193. Прохорова Н.А. Компетентностный подход к совершенствованию самостоятельной работы студентов: дис. … канд. пед. наук. 13. 00.01. – Казань, 2005.

194. Прутченков, А. С. Социально - психологический тренинг межличностного общения – [Текст] / А. С. Прутченков. – М.: Новая школа, 1991. – С. 45.

195. Психология, Словарь Под ред. Петровского А.В., Ярошевского М.Г. – М., Политиздат – 1990

196. Пучкова, Ю. Я. Игры на уроках английского языка – [Текст] / Ю. Я. Пучкова. – М.: АСТ, 2003. – С. 48 – 56.

197. Пучкова, Ю. Я. Современная технология обучения английскому языку на неязыковых факультетах: наука или искуство? // Молодой ученый. – 2020. – № 14 (304). – С. 431-434.

198. Развитие речевой активности на уроках иностранного языка.-М.:-Наука. -1967. 142 с.

199. Расторгуева Т.А. Курс лекций по истории английского языка. Выпуск 1и II. / Т. А. Расторгунва. - М.: -Наука. - 1969. -202 с.

200. Редфорд Э. Почему англичане так говорят. Пособие для педагогических факультетов. / Э. Редфорд. - М.: -Наука. -1964. 162 с.

201. Рогачев В.В. Педагогические условия включения старшеклассников в социальную деятельность: Автореф. дис. … канд. пед. наук. – Ярославль: ЯГПУ им. К.Д. Ушинского 1994. – 18 с.

202. Рогова, Г. В. Методика обучения английскому языку на начальном этапе в общеобразовательных учреждениях (пособие для учителей и студентов педагогических вузов) – [Текст] / И. Н. Верещагина. – М.: Просвещение, 2000. – С. 47 – 56.

203. Рогова, Г. В., Верещагина, И. Н. Методика обучения английскому языку – [Текст] / Г. В. Рогова, И. Н. Верещагина. – М.: Владос, 1998. –

С.87 – 93.

204. Ростовцева О.М. Английский для детей дошкольного возраста – Тула, Ясность – 1992.

205. Самойлова Е. В. Актуальные проблемы преподавания иностранного языка студентам технического вуза // Перевод в меняющемся мире: материалы международной научно-практической конференции (Саранск, 19-20 марта 2015 г.). М.: Азбуковник, 2015. С. 562-564.

206. Сатцкая П.Н. Вопросы методики обучения английскому языку в таджикской школе./П.Н.Сатцкая –Д.: –Маориф.-1992.- 173 с.

207. Сафонова В.В, Соловова Е.Н, Программа начального образования по английскому языку – М.: АСТ: Астрель, 2006. – 47 с.

208. Сафонова В.В. Изучение языков международного общения в матне диалога культур и цивилизаций, Воронеж: Истоки, 1996 237 с.

209. Сафонова В.В. Построение урока иностранного языка/ В.В. Сафонова// Иностранные языки в школе. -2012. -№5. -С. 32-38.

210. Селевко, Г. К. Современные образовательные технологии – [Текст] / Г. К. Селевко. – М.: Просвещение, 1998. – С. 49 – 64.

211. Серафимова М.А. Шаевич А.М. Тематические диалоги. Пособие для студентов педагогических институтов. / М. А. Серафимова, А. М. Шаевич. - Л.: -Лениздат. - 1967. -185 с.

212. Середина К.Г. и другие. Идиоматика в английской речи. / К. Г. Середина, и другие. -Л.: -Лениздат. - 1964.- 130 с.

213. Скаковая методология и методы педагогического исследования. М.: - Педагогика. -1989. -217с.

214. Словарь социолингвистических терминов. – М.: Российская академия наук. Институт языкознания. Российская академия лингвистических наук, 2006. – 312 с.

215. Содержание обучения иностранным языкам в средней школе. М.: -Наука.-1984. -137 с.

216. Соловова, Е.Н. Методика обучения иностранным языкам: продвинутый курс – М.: АСТ: Астрель, 2010. – 272 с.

217. Соркина А. И. Дидактические игры в детском саду (старшие группы) – М., Просвещение – 1982

218. Стронин М.Ф. Обучающие игры на уроке английского языка: (Из опыта работы). Пособие для учителя. Изд. 2-е. – М.: Просвещение, 1984. – 112 с.

219. Стронин, М. Ф. Обучающие игры на уроках английского языка – [Текст] / М. Ф. Стронин. – М.: Просвещение, 1984. – С. 62 – 78.

220. Структурный синтаксис английского языка. –Л.: -Лениздат-1972.-175 с.

221. Стульчин С.Г. Материалы для грамматического разбора на уроках морфологии. / С. Г. Стульчин. - М.: -Дет. -лит. -1967. - 82 с.

222. Теоретические и экспериментальные исследования в области структурной и прикладной лингвистики. Сб. ст. -М:. Из-во Москов. ун-та. -1973. -301с .

223. Теория языка. Методы его исследования и преподавания. Л.: – Наука. - 1981. -290 с.

224. Тимофеева Т. И. Показатели успешного формирования стратегической компетенции студентов // Технологии обучения иностранным языкам в неязыковых вузах: VI межвузовская научно-практическая конференция (Ульяновск, 3 февраля 2010 года): сб. науч. тр. / отв. ред. Н. С. Шарафутдинова. Ульяновск: УлГТУ, 2010. С. 21-26

225. Трайнёв В.А. Интенсивные педагогические игровые технологии в гуманитарном образовании. М.: Дашков и Ко. 282 с.

226. Учиться и играть. Сборник игр на немецком языке.- М.: - Дет. -лит. -1965. -102 с.

227. Ушаков Д.Н. Крючкоф С.Е. Орфографический словарь для учащихся средней школы. / Д. Н. Ушаков, С.Е.Крючкоф. -М.:– Просвещение. -1977. -224 с.

228. Уэст М. Обучение английскому языку в трудных условиях. –М.:-Просвещение. -166. -115с.

229. Фаттахова, Л. Т. Игровые технологии на начальном этапе обучения / Л. Т. Фаттахова // Альманах школы № 139. – 2007. – С. 73 – 75.

230. Фришман, И. Коммуникативные, ситуационно – ролевые игры, конкурсы // Воспитательная работа в школе. – 2005. – № 2. – С. 119 – 126.

231. Ханина, Е. Е., Солопова, А. В. Игровая форма обучения / Е. Е. Ханина, А. В. Солопова // Открытая школа. – 2004. – № 5. – С. 63 – 66.

232. Хидекель С.С. Гинзбург Р.З и другие.Английская лексикология в выдержках и извлечениях. / С. С. Хидекель. -Л.: -Лениздат. -1969. -234 с.

233. Ҳабибуллоев М. Луғатазбаркунӣ -омили муҳим дар раванди таълими забони англисӣ. / М. Хабибуллоев. // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф.- №1.- 2019 (25). -С.140-143.

234. Ҷамшедов П. Фарҳангӣ тоҷикӣ-англисӣ. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 978с.

235. Чахоян Л.П. Синтаксис диалогической речи современного английского языка. / Л. П. Чахоян. –М.:-1979.- 148 с.

236. Чикобава А.С. Проблема языка как предмета языкознания. / А.С.Чикобаева. - М.: -Учпедгиз. -1959. -176 с.

237. Шарафутдинова, Т. М. Обучающие игры на уроках языка, 2005. №8. С. 16-20

238. Шарова, М. П. (2006). *Игры как средство обучения языкам.* Москва: Российский педагогический журнал.

239. Шестакова Н. А. Диагностические функции тестовых методов при обучении английскому языку для студентов неязыковых специальностей/ Н. А. Шестакова. //филологические науки. Вопросы теории и практики. -2017.-№8 (74). Ч.2.-С.199-202.

240. Шехтер М.С. Зрительное опознание. Закономерности и механизмы. / М. С. Шехтер. - М.: -Наука. -1981. -201 с.

241. Шехтман Н.А. Практикум по фразеологии современного английского языка. Пособие для студентов педагогических институтов.

/Н.А.Шехтман.-Л.:- Просвещение.- 1971. -150 с.

242. Шмаков С.А. Ее величество игра. Забавы, потехи, розыгрыши для детей, родителей, воспитателей – М., Магистр – 1992

243. Шмаков, С. А. Игры учащихся – [Текст] / С. А. Шмаков. – М.: Просвещение, 1994. – 211 с.

244. Шмаков, С. А. Игры учащихся – [Текст] / С. А. Шмаков. – М.: Просвещение, 1994. – С. 23-45

245. Шмелев Д.Н. Современный русский язык. Лексика. / Д.Н.Шмелев. -М.: -Наука. -1977. -303 с.

246. Щубин Э.П. Основные принципы методики обучения иностранным языкам. / Э. П. Щубин. - М:. -Правда. -1963. -190 с.

247. Щубин Э.П. Языковая коммуникация и обучение иностранным языкам. / Э. П. Щубин. –М.: -Просвещение. -1972. -348 с.

248. Щукин А.Н. Обучение иностранным языкам: Теория и практика: учебное пособие для преподавателей и студентов. 2-е изд., испр. и доп. М.: Филоматис, 2006. 480 с.

249. Ҳасанов Ф.З. Истифодаи технологияи муосирӣ педагогӣ дар таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ ва мушкилоти татбиқи он, / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе 2023. – №2, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 260-266.

250. Ҳасанов Ф.З. Истифода ва нақши машқҳои эҷодӣ дар омӯзиши грамматикаи забони англисӣ дар донишгоҳҳо, / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе 2024. – №5, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 262-267.

251. Ҳасанов Ф.З. Ташаккули салоҳияти дузабонӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ), /Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Душанбе, 2024 – №6 қисми 1, ISSN 2074-1847. Саҳ. 188-192.

252. Ҳасанов Ф.З. Бозии забонӣ ва муносибати он дар лексикони

дузабонони сунъӣ, / Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, / Ф.З. Ҳасанов // Кӯлоб, 2024 – №2 (35), ISSN 2616-5260. Саҳ. 141-146.

253. Ҳасанов Ф.З. Технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ, / Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, / Ф.З. Ҳасанов // Кӯлоб, 2024 – №2 (35), ISSN 2616-5260. Саҳ 133-140.

254. Хасанов Ф.З. Игровые некоммуникативные и коммуникативные задания, / Ф.З. Ҳасанов// Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон / Душанбе, 2024 – №7, ISSN 2074-1847. Саҳ. 213 -219.

255. Ҳасанов Ф.З. Бартариятҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун методи фаъол дар омӯзиши забони англисӣ, / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Душанбе, 2024 – №11 қисми 2, ISSN 2074-1847. Саҳ. 203-208.

256. Хасанов Ф.З., Рузиева Л.Т. Занимательная работа над синонимами в студенческом научном кружке, / Ф.З. Хасанов., Л.Т. Рузиева // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон/ Душанбе, 2024 – №8, ISSN 2074-1847. Саҳ 221 -227.

257. Ҳасанов Ф.З. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва бозиҳои коммуникативӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ, / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Душанбе, 2024 – №9, ISSN 2074-1847. Саҳ 297-302.

258. Ҳасанов Ф.З. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ, / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Душанбе, 2024 – №10, ISSN 2074-1847. Саҳ 299-304.

259. Ҳасанов Ф.З. Имконияти бозиҳои дидактикӣ ҳамчун намуди фаъолияти таълимӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар давраи ибтидоӣ, / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Душанбе, 2024 – №

3 (47), ISSN 2617-5320. Саҳ 205-211.

260. Ҳасанов Ф.З. Бозӣ ҳамчун фаъолияти таълимӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ, / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф/ Душанбе, 2024 – № 2 (46), ISSN 2617-5320. Саҳ 131-136.

261. Ҳасанов Ф.З. Вижагиҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ, /Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, / Кӯлоб, 2025 – №2(39), ISSN 2616-5260. Саҳ 65-69.

262. Ҳасанов Ф.З. Истифодаи методи таълими бозӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ, /Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, / Кӯлоб, 2025 – № 3-1 (40), ISSN 2616-5260. Саҳ 121-126.

263. Ҳасанов Ф.З. Истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар таълими ба касб нигаронидашудаи забони англисӣ ва махсусиятҳои он, / Ф.З. Ҳасанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Мушкилоти воқеии филологӣ, тарҷума ва методҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҷараёни таълим”, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Бохтар - 2023, – С. 277-280.

264. Ҳасанов Ф.З. Мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ ва роҳҳои бартараф намудани он, / Ф.З. Ҳасанов // Международный конкурс «Лучший молодой учёный». Астана, Қазоқистон 24 декабри 2024, С. 37-44.

265. Эйкерсли К.Е. Универсальный самоучитель английского языка – С-П., Политехника – 1991 (книга !)

266. Эллис, Р. (2003). *Обучение на основе заданий.* Оксфордский университет.

267. Эльконин Д.Б. Психологические игры. М., Педагогика – 1978

268. Эльянова Н.М. Лейн М.Д. Некоторые трудности английского языка. Лексический справочник. / Н. М. Эльянова, М. Д. Лейн. -Л.: -

1963. -247 с.

269. Юнусова, Х.М. (2011). *Английский язык и культура общения*. Душанбе: Ҳикмат.

270. Якушина Л.З. Методика построения урока иностранного языка в средней школе. / Л. З. Якушина. -М.: -Педагогика. -1974. -92 с.

271. Alvin Schwartz. Ten Copycats in a Boat and Other Riddles – New York. Scholastic Book Services – 1980.

272. Animal Nursery Rhymes. Dorling Kindersley, London, New York, Stuttgart – 1994.

273. Axtell, James. The Pleasures of Academe: a Celebration & Defense of Higher Education / J. Axtell. – Lincoln; London: University of Nebraska Press, 1998. – 292 p. – на англ. яз.

274. Bloomfield L. Language. London, 1935.

275. Boileau A. Le probleme du bilinguisme et la theorie des substrats langues vivantes. Bruxelles, 1946.

276. Brown, G., & Smith, H. (2019). *Group Work and Peer Learning in Language Education*. Educational Psychology Journal.

277. Brown, H. D. (2007). *Principles of Language Learning and Teaching* (5th ed.). Pearson Education.

278. Bruner, J. S. (1966). *Toward a Theory of Instruction*. Harvard University Press.

279. Burkhard-Montanari E. Wie Kinder mehrsprachig aufwachsen. Frankfurt-am-Main, 2002.

280. Burns, Paul C. Teaching Reading in Today's Elementary Schools [Текст] / P. C. Burns, B. D. Roe, E. P. Ross. – Boston; Dallas; Geneva (Illinois): Houghton Mifflin Company, 1988. – 640; 18 p. – на англ. яз.

281. Cameron, L. (2003). *Teaching Languages to Young Learners*. Cambridge University Press.

282. Chomsky, N. (1965). *Aspects of the Theory of Syntax*. MIT Press.

283. Conley, Mark. Content Reading Instruction [Текст]: a communication

approach / M. W. Conley. – New York; St. Louis; San Francisco: McGraw-Hill, Inc., 1992. – 416 p. – на англ. яз.

284. Cook, V. (2008). *Second Language Learning and Language Teaching* (4th ed.). Routledge.

285. Coyle, D. (2009). *CLIL and the European Language Portfolio*. European Commission.

286. Coyle, D., Hood, P., & Marsh, D. (2010). *CLIL: Content and Language Integrated Learning*. Cambridge University Press.

287. Cramer L., Hammond WD and others.Words and Skills – Scott, Foresman and Co. – 1981

288. Crystal, D. (2003). English as a Global Language. Cambridge University Press.

289. Cunningham, P. Moore, J. Bygrave. Cutting Edge Pre-Intermediate, Teacher's Resource Disk, 3rd edition, Pearson Education Limited, 2013.

290. Education Indicators [Текст]: an international perspective / Relavin Research Institute, National Center for Education Statistics. – Washington, D C: U. S. Department of Education, 1996. – 312 p. – на англ. яз.

291. Ellis, R. & Shintani, N. (2014). *Exploring Language Pedagogy through Second Language Acquisition Research*. Routledge.

292. Ellis, R. (2003). *Task-based Language Learning and Teaching*. Oxford University Press.

293. Federal support for education [Текст]: fiscal years 1980 to 1996 / C. M. Hoffman; Data Developement Division. – Washington, D C: U. S. Department of Education, 1996. – 49 p. – на англ. яз.

294. Gagne, R. M. (1985). *The Conditions of Learning* (4th ed.). Holt, Rinehart and Winston.

295. Gremmo, M.-J., & Riley, P. (1995). *Language Learning in a Globalized World*. Cambridge University Press.

296. Harmer, J. (2007). *The Practice of English Language Teaching* (4th ed.). Pearson Longman.

297. Harrison, P. (2021). *Technological Advances in Language Education*. Springer.

298. Head, Gay. Hi There, High School! [Текст]: how to make a success of your teen years / G. Head. – New York; Toronto; London: SBS Scholastic Book Services, 1969. – 92 p.: il. – на англ. яз.

299. Hedge, T. (2000). *Teaching and Learning in the Language Classroom*. Oxford University Press.

300. Holliday, A. (2005). The Struggle to Teach English as an International Language. Oxford University Press.

301. Hornby A. Oxford advanced learner's dictionary/ A. Hornby.- Oxford

302. Jack C. Richards and Theodore S. Rodgers Approaches and Methods in Language Teaching. Second Edition. Cambridge University Press, 2003. – 270 c.

303. Jampert K. Sprachforderung entsteht uber Beziehung und Aktivitat Treffpunkt deutsche Sprache Eine Tagungsdocumantation Projektheft 5. Munchen, 2001.

304. Jenkins, J. (2009). English as a Lingua Franca. Oxford University Press.

305. Jenness, Aylette. Who am I? [Текст] / A. Jenness. – Boston: Modern Curriculum Press, 1992. – 23 p.: цв.ил. – (Multicultural Celebrations). – на англ. яз.

306. Johnson, K. (2001). *An Introduction to Foreign Language Learning and Teaching*. Pearson Education.

307. Jones, R. (2021). *The Role of English in Non-Linguistic Faculties*. Oxford Press.

308. Julian G. Elliott, Neil R. Hufton, Wayne Willis and Leonid Illushin Motivation, Engagement and Educational Performance. International Perspectives on the Contexts for Learning. Palgrave Macmillan, 2005. – 272 c.

309. Langefeld, Uelaine. Study Skills Strategies [Текст]: how to Learn more in Less Time / U. Langefeld. – London: Kogan Page, 1987. – 70 p. – на англ. яз.

310. Larsen-Freeman, D. & Anderson, M. (2011). *Techniques and Principles in Language Teaching*. Oxford University Press.

311. Lasagabaster, D., & Sierra, J. (2009). *CLIL in Action: A Case Study Approach*. Cambridge Scholars Publishing.

312. Laslett, Robert. Educating Maladjusted Children [Текст] / R. Laslett. – London; Toronto; Sydney: Granada Publishing Crosby Lockwoodstaples, 1978. – 269 p. – на англ. яз.

313. Lerner, I. Y. (1992). *Pedagogy and Methodology in Language Teaching*. Moscow: Education.

314. Luria, A. R. (1979). *The Development of the Higher Nervous Activity in Children*. Cambridge University Press.

315. Marsh, D. (2002). *CLIL: A New Pedagogical Approach*. University of Jyväskylä.

316. Martin, J. (2002). *Educational Games for Active Learning*. London: Routledge.

317. Miller, P. (2021). *Integrating Technology into Language Education*. Elsevier.

318. Mother Goose Nursery Rhymes. – Pan Books Ltd. 1975

319. Nunan, D. (1999). *Language Teaching Methodology: A Textbook for Teachers*. Prentice Hall.

320. Olshtein E. The attrition of English as a second language with speakers of Hebrew // Language attrition in progress. Dordrecht, 1986.

321. Ornstein, Allan C. Foundations of Education [Текст] / A. C. Ornstein, D. U. Levine. – Boston; Dallas; Geneva (Illinois): Houghton Mifflin Company, 1989. – 641 p.: цв.ил. – на англ. яз.

322. Oxford American dictionary. Colleges Edition, New York, 1986.–1094 p.

323. Pallier C. et al. Brain imaging of languge plasticity in adopted adults: can a second language replace the first? // Cerebral Cortex. 2003. № 13. P. 155–161.

324. Palmer, F.R. A linguistic study of English verb / F.R. Palmer. L.:

Longman and Co., Ltd., 1985. –1779 p.

325. Peas in a Pod. Finger Rhymes. Ed. Kate Ruttle and Richard Brown. Camr.Univ.Press.1996

326. Peterson's Guide to Graduate programs in Business, Education, Health and Law 1993 [Текст]: Peterson's Annual Guides to Graduate Study. Book 6. – 27th ed. – Princeton: Peterson's Guides, 1992. – 1615 p.–на англ. яз.

327. Piaget, J. (1950). *The Psychology of Intelligence*. Routledge.

328. Pladevall-Ballester, E. (2010). *The Impact of CLIL on Educational Success*. Springer.

329. Raymond Murphy – Intermediate English Grammar – UK. Cambridge University Press – 1994. – 152 p.

330. Richards, J. C., & Schmidt, R. (2002). *Longman Dictionary of Language Teaching & Applied Linguistics*. Pearson Education.

331. Richards, J.C., & Rodgers, T.S. (2014). *Approaches and Methods in Language Teaching* (3rd ed.). Cambridge University Press.

332. Ryle, Gilbert. The Concept of Mind. NY, Barnes & Noble, 1949. Райл, Гилберт.

333. S. Cunningham, P. Moore, J. Bygrave. Cutting Edge Intermediate, Teacher's Resource Disk, 3rd edition, Pearson Education Limited, 2013.

334. Schuchardt H. Kreolische Studien. Wien, 1888.

335. Sharova, M. P. (2006). *Games as Tools for Language Teaching*. Moscow: Russian Pedagogical Journal.

336. Simon, Brian. The Two Nations and the Educational Structure 1780–1870 [Текст] / B. Simon. – London: Lawrence & Wishart, 1974. – 375 p. – (Studies in the History of Education). – на англ. яз.

337. Skutnabb-Kangas T., Toukomaa K. Teaching migrant children's mother tongue and learning the language of the host country in the context of the socio-cultural situation of the migrant family. (UNESCOReport). Tampere, 1976.

338. Smith, A. (2022). *Interactive Language Learning Tools*. Cambridge

University Press.

339. Swain, M. (2000). "The Output Hypothesis and Beyond: Mediating Acquisition through Collaborative Dialogue". *In: Sociocultural Theory and Second Language Learning*, Oxford University Press.

340. Sweet, H.A. New English Grammar, Logical and historical / H.A. Sweet. Part I, -Oxford. 1892. – 318 p.

341. This Little Puffin… Ed Elizabeth Matterson/ - Penguin. 1991

342. Thompson, M. (2020). *Real-Life Language Use in Professional Settings*. Routledge.

343. Thorne, S. L. (2008). *Exploring Multiliteracies*. Routledge. University Press, 1987. -139 p.

344. Twaddel, W.F. The English verb Auxiliaries / A.J. Thomsom, A.V. Martinet., W.F. Twaddel. – Brown University Press. – 1960. -32 p.

345. Underwood, Julie K. Legal aspects of special education and pupil services [Текст] / Julie K. Underwood, J. F. Mead. – Boston; London; Toronto: Allyn and Bacon, 1995. – 306 p. – на англ. яз.

346. Voynich E. L. The Gadfly.- M., 1954.- 343 p.

347. Vygotsky, L. S. (1978). *Mind in Society: The Development of Higher Psychological Processes*. Harvard University Press.

348. Waugh E. Prose. Memoirs. Essays. -M., 1980.- 448 p.

349. Weinreich U. Languages in contact: findings and problems. The Hague, 1963.

350. Wilkins, D. A. (1976). *Notional Syllabuses*. Oxford University Press.

351. Willis, J. (1996). *A Framework for Task-Based Learning*. Longman.

2. Манбаъҳои электронӣ:

352. Актуальные проблемы преподавания истории и обществознания в образовательных организациях различных типов: Коллективная монография. Ч. 1 / Под общ. ред. Л. В. Алексеевой. – Нижневартовск: Издательство Нижневартовского государственного университета, 2015. – 119 Режим доступа: http://nvsu.ru/ru/ Intellekt/1531/Aktualnie% 20problemi%

20prepodavaniya%20istorii%20i%20obshchestvoznaniya%20-%20Kol%20mon%20-%20CH2%20-%202015.pdf (санаи муроҷиат: 17.04.2023).

353. Анисимов А.М. Работа в системе дистанционного обучения Moodle: Учеб. пособие. – 2-е изд. испр. и дополн. – Харьков, ХНАГХ, 2009. Режим доступа: https://moodle.org/pluginfile.php/1968229/mod_ resource/content/2/Anisimov_ Book_%20Moodle_2009.pdf (санаи муроҷиат: 16.11.2023).

354. Башкатова, Е.Л. Системно-деятельностный подход – основа стандартов второго поколения [Электрон. ресурс] / Е.Л. Башкатова. – 2015. Режим доступа: https://nsportal.ru/nachalnaya-shkola/materialy-mo/2015/09/28/sistemno – deyatelnostnyy - podhod-osnova-standartov-vtorogo - (санаи муроҷиат: 08.04.2023).

355. В. С. Бернштейн. – Джон Дьюи. / Гуманитарная энциклопедия: Персоналии [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006 – 2020 (последняя редакция: 08.02.2020). URL: https://gtmarket.ru/ personnels/john-dewey (санаи мурочиат: 20.03.2023).

356. Государственный стандарт основного общего образования //URL: https:// drive.google.com/open?id=1TB9ixjm7WaclUdlqG2wR1_7HNMqC8Kei

357. Государственный стандарт среднего общего образования //URL: https://drive.google.com/open?id=19Stt0XTQ1pUVxr4VX3SOo2Nk1ykkay54

358. Казимирова С.Н. Игровая форма в преподавании иностранного языка // Молодой ученый. 2017. № 1. С. 46–48. URL https://moluch.ru/archive/136/34674/ (санаи муроҷиат: 25.01.2022). *Вестник ТВГУ. Серия "Педагогика и психология". 2019. № 4 (49)*

359. Каминская Е.В. Разнообразие современных интерактивных методов обучения иностранному языку в вузе // Язык и мир изучаемого языка: сб. ст. Саратов, 2016. С. 159 – 165. URL https://elibrary.ru/item.asp?id = 27264945 (санаи муроҷиат 25.01.2022).

360. Карабанова, О. Р. Методологические и теоретические основы изучения общепсихологической теории деятельности / О. Р. Карабанова. – Текст: непосредственный, электронный // Молодой

ученый. – 2018. – № 50 (236). - С. 338-342. – URL: https://moluch.ru/archive / 236 / 54819 / (санаи мурочиат: 17.03.2023).

361. Козлова, В. И. Феномен интенсивного обучения в матне теории деятельности / В. И. Козлова, М. А. Бондаренко. – Текст: непосредственный, электронный // Актуальные вопросы современной педагогики: материалы I Междунар. науч. конф. (г. Уфа, июнь 2011 г.). – Уфа: Лето, 2011. – С. 18-23. – URL: https://moluch.ru/conf/ped/ archive/ 18/717/ (санаи мурочиат: 02.03.2023).

362. Малинина, И. А. Применение активных методов обучения как одно из средств повышения эффективности учебного процесса / И. А. Малинина. – Текст: непосредственный, электронный // Молодой ученый. – 2011. – № 11 (34). м Т. 2. м С. 166-168. м URL: https:/ /moluch.ru/archive /34/3909/ (санаи мурочиат: 25.04.2023).

363. Михайленко Т.М. Игровые технологии как вид педагогических технологий // Педагогика: традиции и инновации: материалы междунар. заоч. науч. конф. Челябинск, 2011. Т. I. С. 140–146. URL https://elibrary.ru/item.asp?id=25405058 (санаи мурочиат 25.01.2023).

364. Монтессори, Мария Впитывающий разум ребенка, 2-ое издание - СПб. :Благотворительный фонд «ВОЛОНТЕРЫ». 2011. - 320 с. URL: http://padabum.com/x.php?id=188425 (санаи мурочиат: 16.02.2023).

365. Мороз Б.В. Использование электронной образовательной платформы MoodleCloud в школьном образовании / Б. В. Мороз. – Текст: непосредственный, электронный // Золотые страницы образования. – 2020. – № 1 (90). – URL: https: //docs. google. com/document/ d/1yraSOD2bcKbq7XymMcj S1gcEN5YURdPygUYJMi31KAc/edit#heading=h.gjdgxs (санаи мурочиат: 04.04.2023).

366. Наумова, Н. С. Системно-деятельностный подход в образовании [Электрон. ресурс] / Н. С. Наумова. – Москва, 2011. – Режим доступа: http://pgiro.3dn.ru/SbornikiKonf/2018_12_06_sb_konf_noybr_2017.pdf (санаи мурочиат:

05.03.2023).

367. Николаева О.И., Мельниченко С.Г., Тепляковская А.Н. Настольные игры в обучении английскому языку // Актуальные задачи педагогики: материалы VIII Междунар. науч. конф. (г. Москва, ноябрь 2017 г.). М.: Буки-Веди, 2017. С. 157–161. URL https://moluch.ru/conf/ ped/archive /272/13094/ (санаи муроҷиат: 24.12.2024).

368. Общий толковый словарь русского языка (Электроный ресурс).URL: http://tolkslovar.ru//ja194.html.

369. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://www.president.tj/ru

370. Петруль А.Н. Роль грамматических навыков в коммуникативно ориентированном обучении иноязычному общению // Теория и практика образования в современном мире: сб. ст. V Междунар. науч. конф. (СПб, июль 2014г.). – СПб.: СатисЪ, 2014. – С. 172–176. – URL https://moluch.ru/conf/ped/archive/105/6003/

371. Портал Федеральных государственных образовательных стандартов. - :http://cprsob.ru/Ioad/21-1-0-91.http://Fgosvo/92/91/4/94. санаи муроҷиат 18. 06. 2022.

372. Психологос. Энциклопедия практической психологии : сайт. – Обновляется в течение суток. – URL: https://www.psychologos.ru/articles/view/ intellektualnoe-razvitie-rebenka-dvoe-zn--teoriya-piazhe (санаи муроҷиат: 16.02.2023.).

373. Райл, Гилберт. Понятие сознания. Общая научная редакция В. П. Филатова. – М., Идея-Пресс,2000. // Электронная публикация: Центр гуманитарных технологий. – 21.04.2008. URL: https://gtmarket.ru/laboratory/ basis/3298 (санаи муроҷиат: 06.02.2023).

374. Рябчунова, К. Н. Реализация идей Л. С. Выготского в теории планомерно-поэтапного формирования умственных действий П. Я. Гальперина и в теории развивающего обучения Д. Б. Эльконина – В. В. Давыдова / К. Н. Рябчунова. – Текст: непосредственный, электронный // Молодой ученый. – 2016. – № 27.1 (131.1). – С. 27-30. – URL: https://

moluch.ru/ archive /131/35961/ (санаи мурочиат: 06.02.2023).

375. Савостьянов В.О. Критический подход к образованию в работах бразильского философа и педагога Паулу Фрейре // Педагогический журнал. 2017. Том 7. № 2А. С. 213-221. URL: http://publishing-vak.ru/file/archive-pedagogy-2017-2/21-savostyanov.pdf (санаи мурочиат: 06.02.2023).

376. Системно-деятельностный подход к обучению как наиболее эффективный путь формирования УУД: – Сообщество учителей-предметников «Учительский портал», 2012. – Режим доступа: http://www.uchportal.ru/publ/23-1-0-5813. (санаи мурочиқ: 20.03.2023).

377. Широков, Е. А. Использование информационных технологий в преподавании истории и обществознания / Е. А. Широков. – Текст: непосредственный, электронный // Молодой ученый. – 2014. – № 6.3 (65.3). – С. 49-52. – URL: https://moluch.ru/archive/65/10926/ (санаи мурочиат: 27.02.2023).

378. Шумейко, О. Н. Реализация системно-деятельностного подхода в процессе обучения / О. Н. Шумейко. – Текст: непосредственный, электронный // Актуальные вопросы современной педагогики: материалы VIII Междунар. науч. конф. (г. Самара, март 2016 г.). – Самара: ООО "Издательство АСГАРД", 2016. – С. 18-25. – URL: https://moluch.ru/conf/ ped/archive/188/9804/ (санаи мурочиат2023).

МУНДАРИҶАИ АСОСӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ДАР НАШРИЯҲОИ ЗЕРИН БА ТАБЪ РАСИДААНД:

А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда чоп шудаанд:

[1-М]. Ҳасанов, Ф.З. Истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар таълими забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ ва мушкилоти

татбиқи он / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №2, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 260-266.

[2-М]. Ҳасанов, Ф.З. Истифода ва нақши машқҳои эҷодӣ дар омӯзиши грамматикаи забони англисӣ дар донишгоҳҳо / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №5, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 262-267.

[3-М]. Ҳасанов, Ф.З. Ташаккули салоҳияти дузабонӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №6 қисми 1, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 188-192.

[4-М]. Ҳасанов, Ф.З. Бозии забонӣ ва муносибати он дар лексикони дузабонони сунъӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2024. – №2 (35), ISSN 2616-5260. – Саҳ. 141-146.

[5-М]. Ҳасанов, Ф.З. Технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2024. – №2 (35), ISSN 2616-5260. – Саҳ. 133-140.

[6-М]. Хасанов, Ф.З. Игровые некоммуникативные и коммуникативные задания / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №7, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 213-219.

[7-М]. Ҳасанов, Ф.З. Бартариятҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун методи фаъол дар омӯзиши забони англисӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №11 қисми 2, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 203-208.

[8-М]. Хасанов Ф.З., Рузиева Л.Т. Занимательная работа над синонимами в студенческом научном кружке / Ф.З. Хасанов., Л.Т.

Рузиева // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №8, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 221-227.

[9-М]. Ҳасанов, Ф.З. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва бозиҳои коммуникативӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ дар марҳилаи ибтидоӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №9, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 297-302.

[10-М]. Ҳасанов, Ф.З. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №10, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 299-304.

[11-М]. Ҳасанов, Ф.З. Имконияти бозиҳои дидактикӣ ҳамчун намуди фаъолияти таълимӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар давраи ибтидоӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. – № 3 (47), ISSN 2617-5320. – Саҳ. 205-211.

[12-М]. Ҳасанов, Ф.З. Бозӣ ҳамчун фаъолияти таълимӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. – № 2 (46), ISSN 2617-5320. – Саҳ. 131-136.

[13-М]. Ҳасанов, Ф.З. Вижагиҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2025. – №2 (39), ISSN 2616-5260. – Саҳ. 65-69.

[14-М]. Ҳасанов, Ф.З. Истифодаи методи таълими бозӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ / Ф.З. Ҳасанов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2025. – № 3-1 (40), ISSN 2616-5260. – Саҳ. 121-126.

[15-М]. Зикруллоҳзода, Ф.З. Истифодаи технологияи бозӣ дар омӯзиши забони англисӣ / Ф.З. Зикруллоҳзода // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №6, ISSN 2074-1847. – Саҳ. 285-290.

[16-М]. Зикруллоҳзода, Ф.З. Ҷанбаҳои назариявии истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи таълим дар дарсҳои забони хориҷӣ / Ф.З. Зикруллоҳзода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2025. – № 4 (52), ISSN 2617-5320. – Саҳ. 252-259.

[17-М]. Зикруллоҳзода, Ф.З. Внедрение игровых технологий в процесс обучения английскому языку / Ф.З. Зикруллоҳзода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2025. – № 1 (49), ISSN 2617-5320. – Саҳ. 10-18.

[18-М]. Зикруллоҳзода Ф.З. Асосҳои илмӣ-назариявии истифодабарии машқи таълимӣ дар дарси забони англисӣ бо усули воситаи калима ва калимасозӣ / Ф.З. Зикруллоҳзода // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2026. – № 1 (53), ISSN 2617-5320. – Саҳ. 215-219.

Б. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

[19-М]. **Ҳасанов, Ф.З.** Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ташаккули салоҳияти тарҷумаи матнҳо дар донишҷӯёни факултетҳои ғайризабонӣ” / Ф.З. Ҳасанов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони: “Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ", Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе-2023. – С. 491-494.

[20-М]. **Ҳасанов, Ф.З.** Истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар таълими ба касб нигаронидашудаи забони англисӣ ва махсусиятҳои он / Ф.З. Ҳасанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Мушкилоти воқеии филологӣ, тарҷума ва методҳои

омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҷараёни таълим”, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар. – 2023. – С. 277-280.

[21-М]. **Ҳасанов, Ф.З.** Мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ ва роҳҳои бартараф намудани он / Ф.З. Ҳасанов // Международный конкурс «Лучший молодой учёный». – Астана, Қазоқистон, 24 декабри 2024. – С. 37-44.

[22-М]. **Зикруллоҳзода, Ф.З.** Технические средства поддержки игровых методов / Ф.З. Зикруллоҳзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Методикаи таълими забони русӣ дар ҷаҳони муосир”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – С. 62-64.

В. Китоби дарсӣ

[23-М]. **Ф.З. Ҳасанов., Ш.Ш. Гуламадшоев, English** language for non-specialist students (Забони англисӣ барои донишҷӯёни равияҳои ғайритахассусӣ) (Китоби дарсӣ) / Ф.З. Ҳасанов., Ш.Ш. Гуламадшоев. – Душанбе, 2024. – 273 с.

Г. Монография, дарстурҳои таълимӣ ва методӣ

[24-М]. **Ҳасанов, Ф.З.** Методҳои инноватсионии омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ. Монография / Ф.З. Ҳасанов. – Душанбе: Эрграф, 2023. – 176 с.

[25-М]. **Зикруллоҳзода, Ф.З.** English short stories (Ҳикояҳои англисӣ). Дастури таълимӣ. – Душанбе: Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. 48 саҳ.

[26-М]. **Зикруллоҳзода, Ф.З.** 1212 – The most common English words. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025. – 56 саҳ.

[27-М]. **Зикруллоҳзода, Ф.З.** 1001 – English, russian and tajik popular words with examples. Дастури таълимӣ. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2026. – 56 саҳ.